ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 343.16 (575.3)
ТКБ: 67.99 (2 т)
М–63

МИРЗОЕВ ҚОБИЛҶОН ХОЛМУРОДОВИЧ

ҒОРАТГАРӢ: МАСОИЛИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ – ҶИНОЯТӢ ВА МУҚОВИМАТ БО ОН

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

РОҲБАРИ ИЛМӢ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор **ШАРИПОВ Т.Ш.**

ДУШАНБЕ – 2022

МУНДАРИҶА

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ.....3–4
МУҚАДДИМА.....5–21
БОБИ 1. ТАВСИФИ ҲУҚУҚӢ–ҶИНОЯТИИ ҒОРАТГАРӢ ВА ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ–ҲУҚУҚИИ ОН.....22–52
1.1. Батанзимдарории ҳуқуқии ҷиноятии ғоратгарӣ ҳамчун ҷинояти муқобили моликият ва ҷавобгарӣ барои содиршавии он дар марҳилаҳои гуногуни таърихии ҶТ.....22–34
1.2. Таҳлили тасарруфи молу мулки ғайр бо аломатҳои ҷинояти ғоратгарӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии баъзе давлатҳои хориҷӣ.....34–52
БОБИ 2. ТАРКИБИ ҶИНОЯТИ ҒОРАТГАРӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ БАНДУБАСТШАВАНДАИ ОН.....53–142
2.1. Объект ва тарафи объективи ҷинояти ғоратгарӣ.....52–92
2.2. Субъект ва тарафи субъективии ҷинояти ғоратгарӣ.....92–104
2.3. Аломатҳои вазнинкунандаи ҷинояти ғоратгарӣ ва татбиқи он дар таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ.....104–141
БОБИ 3. ТАШКИЛИ ПЕШГИРИИ СОДИРШАВИИ ҶИНОЯТИ ҒОРАТГАРӢ.....142–192
3.1. Таҳлили сабабҳои содиршавии ҷинояти ғоратгарӣ ва тавсифи ҳуқуқӣ–иҷтимоии онҳо.....142–164
3.2. Чораҳои умумииҷтимоӣ ва махсуси пешгирии ҷинояти ғоратгарӣ.....164–182
3.3. Ташкил ва самтҳои асосии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ оид муқовимат ба ҷинояти ғоратгарӣ.....182–192
ХУЛОСА.....193–201
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.....202-204
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО).....205–229

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

КҶ – Кодекси ҷиноятӣ

КҶ ҶТ – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

КГ ҶТ – Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶШФСР – Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

ҶМШС Тоҷикистон – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

КҶ ҶШС Ӯзбекистон – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Ӯзбекистон

КҶ ҶШС Тоҷикистон – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

КИМУ – Комитети иҷроияи марказии умумироссиягӣ

ШКХ – Шурои комиссарони халқӣ

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

КМҶ ИДМ – Кодекси Моделии ҷиноятии ИДМ

КҶ ФР – Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия

КҶ Қазоқистон – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон

КҶ Қирғизистон – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон

КҶ Ӯзбекистон – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон

КҶ Беларус – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус

КҶ Озарбойҷон – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон

КҶ Молдова – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова

КҶ Литва – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Литва

КҶ Латвия – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Латвия

КҶ Эстония – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Эстония

КҶ Хитой – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Халқии Хитой

КҶ Олмон – Кодекси ҷиноятии Олмон

КҶ Шветсия – Кодекси ҷиноятии Шветсия

КҶ Шветсария – Кодекси ҷиноятии Шветсария

КҶ Испания – Кодекси ҷиноятии Испания

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

ФР – Федератсияи Россия

ВКД ҶТ – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ВАО – Воситаи ахбори омма

ғ. – ғайра

с. – сол

с. – саҳифа

С. – саҳифа

қ. – қисм

б. – банд

м. – модда

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Бояд зикр кард, ки дар асоси меъёрҳои моддаи 32 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[1] ҳуқуқ ба моликият яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд маҳсуб ёфта, ҳамчунин, дар санадҳои муҳимми ҳуқуқии байналмилалӣ инъикос гардидааст. Мутобиқи моддаи мазкур ҳар кас ҳуқуқ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад. Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Дар баробари ин, муқаррароти зикршуда тақвияти худро дар қисми 1 моддаи 17 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар пайдо намудааст, ки тибқи он ҳар як инсон ҳақ дорад амволро чи шахсан ва чи якҷоя бо дигарон ихтиёрдорӣ намояд[2]. Бо назардошти муқаррароти мазкури Конституцсия ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи моликият аз ҷумлаи вазифаҳои қонуни ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, дар қисми 1 моддаи 2 КҶ ҶТ мустаҳкам шуда, боби 26 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» номгузорӣ гардидааст.

Таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла, ҳуқуқ ба моликияти шахс на танҳо аз мустаҳкам шудани ҳифзи онҳо дар КҶ ҶТ, балки аз фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобастагии калон дорад. Вобаста ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26 декабри соли 2018 таъкид намудаанд, ки: «Пешрафти босуботи давлат ва ҷомеа, пеш аз ҳама, ба таъмини амнияти, волоияти қонун, таҳкими тартиботи ҷамъиятӣ ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд асос меёбад. Таъмин намудани тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти давлат, суботу оромии ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, мубориза бо ҷинояткорӣ вазифаи бевоситаи хизматӣ

---

[1] Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 8.

[2] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/index_tj.fwx (санаи муроҷиат: 30.04.2022).

ва қарзи виҷдонии ҳар як корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад»[3].

Дар ҶТ ҷиҳати пешгирии ҷинояткорӣ, аз ҷумла, ҷиноятҳо ба муқобили моликият чораҳои назаррас андешида шуда истодаанд. Қабул гардидани Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ[4], таҳияи Лоиҳаи нави КҶ ҶТ аз ин шаҳодат медиҳад. Вале мувофиқи маълумотҳои оморӣ сатҳи ҷинояткорӣ дар ҶТ ҳоло ҳам рӯ ба афзоиш дорад. Чунончӣ, агар дар соли 2020 дар ҶТ 23460 ҳазор ҷиноят ба қайд гирифта шуда бошад, пас соли 2021 ин шумора қариб ҳазорто зиёд шуда ба 24118 ҳазор расидааст[5]. Дар рӯйхати ҷиноятҳои бақайдгирифташуда сатҳи ҷиноятҳо ба муқобили моликият, аз ҷумла, дуздӣ ва қаллобӣ бештар буда, онҳо вобаста ба шумора дар мавқеъҳои аввалин ҷойгир мебошанд. Сатҳи содиршавии ғоратгарӣ низ назаррас буда, шумораи зиёди содиршавии ин ҷиноят ба назар мерасад. Масалан, соли 2017–145 адад, соли 2018–168 адад, соли 2019–120 адад, 2020–131 адад, 2021–111 ҳолати навӣ содиршавии ҷинояти ғоратгарӣ ба қайд гирифта шудааст[6].

Ғоратгарӣ ҳар чӣ бештар бо ҳолатҳои вазнинкунанда: бо роҳи ғайриқонунӣ ворид шудан ба манзил, аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, ба миқдори калон содир мешаванд. Ҳолатҳои зикршуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки чораҳои пешгирии ғоратгарӣ то ҳанӯз пурра ва самаранок ҳисоб намешаванд.

Аз ин ҷо зарурати омӯзиши вазъи танзими қонунгузории таркиби ҷинояти мазкур ва ҷавобгарӣ барои содирнамоии он, такмил додани

---

[3] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26 декабри соли 2018, шаҳри Душанбе [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/194 (санаи муроҷиат: 24.09.2022)

[4] Ниг.: Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2028 бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ шудааст // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia. tj (санаи муроҷиат: 01.05.2022).

[5] Ниг.: Нишасти матбуотии Вазири корҳои дохилӣ оид ба фаъолияти хизматии кормандони милитсия дар соли 2021 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: // www.vkd.tj/index.php/ tj / 2020–01–18–07–50–18 / khabar–o–bojgon/33433–nishasti–matbuot–oid–ba–fa–oliyati–khizmatii–kormandoni–militsiya–dar–soli–2021 (санаи муроҷиат: 5.03.2022)

[6] Ниг.: Маълумот дар асоси мактуби Сармаркази иттилоотӣ – таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.03.2022, таҳти №02/632–03.

амалияи дахлдори ҳуқуқтатбиқнамоӣ, баланд бардоштани фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба пешгирии ғоратгарӣ зарур мебошад.

Ҳамзамон дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ масъалаҳои зиёди баҳснок вобаста ба бандубасти кирдорҳои дорои аломати ғоратгарӣ пайдо мешаванд. Ин пеш аз ҳама, ба проблемаҳои фарқгузорӣ намудани ғоратгарӣ аз таркиби ҷиноятҳои муҷовир ба монанди дуздӣ, роҳзанӣ ва ғайра дахл дорад. Дар амалия ҳолатҳое дучор мегарданд, ки кирдор дар аввал ҳамчун роҳзанӣ бандубаст гардида баъдан ҳамчун ғоратгарӣ аз сари нав бандубаст карда мешавад ё баръакс. Чунин ҳолат ба таносуби таркиби ғоратгарӣ ва дуздӣ низ тааллуқ дорад. Дар баъзе ҳолатҳо саҳв нисбати бандубаст ҳангоми баҳои нодуруст додан ба шиддатнокиву дараҷаи зӯроварӣ, ки ҳангоми гирифтани молу мулки ғайр истифода мешавад, инчунин нодуруст баҳо додан ба усули содир намудани тасарруф (пинҳонӣ ё ошкоро) ҷой дорад. Дар баробари ин масъалаҳои зӯроварии руҳӣ низ, масалан ҳангоми намоишдиҳии кастетҳо, макети силоҳи оташфишон ба таври гуногун маънидод мешавад. Аз нигоҳи илмӣ таҳлили навро инчунин масъалаҳои муқаррар ва татбиқ намудани аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи ғоратгарӣ талаб месозанд.

Дар соҳаи пешгирии ғоратгарӣ мушкилиҳои зиёд низ ҷой доранд, аз ҷумла то ҳадди кофӣ маълум нест, ки системаи пешгирии ҷиноятҳои молу мулкӣ бояд чӣ тавр бошанд. Бинобар ин, фаъолияти сохторҳои давлатӣ, бахусус фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар самти пешгирии ғоратгарӣ таҳлил ва омӯзиши ҳамаҷонибаро тақозо менамояд. Дар баробари ин, барои ташкили пешгирии ғоратгарӣ омӯзиши тавсифи криминологии он, муайян намудани шакл ва усулҳои чораҳои пешгирии ҷинояти мазкур зарур мебошанд.

Ғайр аз ин бояд зикр намуд, ки дар КҶ ҶТ таҷрибаи батанзимдарории таркиби ҷинояти ғоратгарӣ, ки дар давлатҳои дигар ҷой дорад ба инобат

гирифта шуда, ҷиҳатҳои мусбати он дар такмил додани таркиби ҷинояти мазкур дар КҶ ҶТ истифода шаванд.

Дар асоси гуфтаҳои зикршуда таҳлили ҳамаҷонибаи назариявии масъалаҳои танзими конунгузории ғоратгарӣ, амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғоратгарӣ, коркарди тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати мукаммалнамоии қонунгузории ҷиноятӣ дар замони имрӯза мубрам мебошанд.

Дар умум, ин омилҳо аз мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Масъалаҳои назариявии танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ ва пешгирии ҷиноятҳои молу мулкӣ, аз ҷумла ғоратгарӣ то ин ё он дараҷа дар асарҳои олимони зерин ба монанди У.А. Азиззода[7], С.Э. Баҳриддинзода[8], Н.А. Қудратов[9], Ш.Н. Саидзода[10], К.Ҳ. Солиев[11], Ш.Л. Холиқзода[12], Т.Ш. Шарипов[13] инъикоси худро пайдо намудааст.

Аз олимони хориҷӣ масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва пешгирии ғоратгарӣ дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби олимони зерин ба монанди Г.М. Алишейхов[14], М.М. Вакула[15], И.Ю. Малкова[16], Е.О. Шербакова[17] мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

---

[7] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко–правовое исследование: дис. ... д–ра юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 413 с.

[8]. Ниг.: Баҳриддинзода С.Э. Вопросы соблюдения техники уголовного законодательства в современных условиях в Республике Таджикистан / С.Э. Баҳриддинзода // Правовая жизнь. – 2017. – №2 (18). – С. 98–102.

[9] Ниг.: Кудратов Н.А. Уголовная ответственность за преступления, связанные с банкротством: проблемы теории, практики и законодательства (по материалам Республики Таджикистан): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2012. – 28 с.

[10] Ниг.: Саидзода Ш.Н. Мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ: дис. ... ном. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2018. – 181 с.

[11] Ниг.: Солиев К.Х., Рахимов Р.Х. Комментарий к преступлениям в сфере экономики. Теория и практика уголовного права. – Душанбе, 2001. – 275 с.

[12] Ниг.: Халиков Ш.Л. Причины и условия преступлений в сфере финансово–кредитных отношений / Ш.Л. Халиков // Республиканская научно–теоретическая конференция профессорско–преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященная 700–летию Мир Сайид Алии Хамадони, Год семьи и Международному 10–летию действий «Вода для жизни» 2005–2015 г. – Душанбе, 2015. – С. 559–560.

[13] Ниг.: Шарипов Т.Ш. Концептуальные основы реформирования уголовного законодательства в сфере экономической деятельности / Т.Ш. Шарипов // Материалы республиканской научно–теоретической конференции профессорско–преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной 20–й годовщине Дня национального единства и «Году молодёжи». – Душанбе, 2017. – С. 557–559.

[14] Ниг.: Алишейхов Г.М. Уголовно–правовые и криминологические аспекты грабежа: по материалам Республики Дагестан: дис. ... канд. юрид. наук. – Махачкала, 2006. – 212 с.

Дар умум, муаллифони зикршуда масоилеро мавриди баррасӣ қарор додаанд, ки паҳлуҳои ҷудогонаи падидаи ғоратгариро дар бар мегиранд. Дар баробари ин, қайд кардан ба маврид аст, ки то ҳанӯз таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғоратгарӣ, бандубасти ин ҷиноят, тафовути ин ҷиноят аз ҷиноятҳои ба он монанд ва роҳҳои такмили қонунгузории ҷиноятии ҶТ, масъалаҳои пешгирии ғоратгарӣ ҷой надоранд. Танҳо дар рисолаи докторӣ ва баъзе асарҳову мақолаҳои Р.Ҳ. Раҳимзода[18], М.Ҷ. Раҳмонзода[19], К.Д. Рачабов[20], А.И. Сафарзода[21], Р.И. Шарипов[22] масъалаҳои марбут ба объекти хелии ғоратгарӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Новобаста аз он ки саҳми олимони зикршуда дар инкишофи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти масоили матраҳшаванда назаррас аст, аммо то ҳол баъзе паҳлуҳои масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғоратгарӣ, масъалаҳои бандубасти он ва пешгирии ғоратгарӣ ба таҳқиқоти маҷмуии мушаххас ниёз дорад. Зарурати ба роҳ мондани таҳқиқоти комплексии самтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминологии ғоратгарӣ дар замони муосир беш аз пеш эҳсос мешавад. Аз ҷумла, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ то ҳанӯз мафҳуми тасарруф, оид ба ҷой ва таркиби ҷинояти ғоратгарӣ (м. 248 КҶ ҶТ) нигоҳи ягона вуҷуд надорад; низоми ҳуқуқӣ–ҷиноятии чораҳои пешгирии ғоратгарӣ дар умум коркард нашудаанд.

---

[15] Ниг.: Вакула М.М. Криминологическая характеристика и уголовно–правовые меры противодействия грабежу: дис. ... канд. юрид. наук. – СПб., 2005. – 170 с.

[16] Ниг.: Малькова И.Ю. Грабеж: вопросы квалификации, дифференциации ответственности и индивидуализации наказания: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2009. – 186 с.

[17] Ниг.: Щербакова Е.О. Грабеж чужого имущества: проблемы уголовно–правового регулирования и противодействия: на материалах Южного федерального округа: дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 2008. – 191 с.

[18] Ниг.: Рахимзода Р.Х. Оперативно–розыскная политика по обеспечению экономической безопасности Республики Таджикистан: проблемы теории, методологии и практики (историко–правовой и общетеоретический анализ): дис. ... д–ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 581 с.

[19] Ниг.: Раҳмонзода М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 157 с.

[20] Ниг.: Раджабов К.Д. Уголовно–правовые и криминологические проблемы борьбы с вымогательством: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 175 с.

[21] Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно–правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: дис. ... д–ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 396 с.

[22] Ниг.: Шарипов Р.И. Уголовная ответственность за мошенничество по законодательству Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2012. – 173 с.

Бо дарназардошти ҳолатҳои ҷойдошта, дар шароити кунунӣ масъалаи такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғоратгарӣ ва роҳҳои пешгирӣ намудани он яке аз масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ–таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ки ба мавзуи «Сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосири инкишоф (барои солҳои 2016–2020)» бахшида шудааст, омода гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили маҷмуии аломатҳои таркиби ғоратгарӣ ҳамчун шакли тасарруфи молу мулки ғайр, омӯзиши амалияи тафтишотӣ ва судӣ доир ба бандубасти ин кирдор, шакл ва усулҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти пешгирии ин намуди ҷиноят ва коркарди пешниҳоду тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ мебошад, ки барои баланд бардоштани самаранокии чораҳои пешгирии ғоратгарӣ равона шудаанд.

Вазифаҳои таҳқиқот. Дар робита ба максади тадқиқот, ҳамзамон доираи муайяни вазифаҳо низ муқаррар шудаанд, ки ҳалли назариявӣ ва амалии онҳо мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла:

– омӯзиши батанзимдарории ҳуқуқи ҷинояти ғоратгарӣ ҳамчун ҷинояти муқобили моликият ва ҷавобгарӣ барои содиршавии он дар марҳилаҳои гуногуни таърихи ҶТ;

– гузаронидани таҳлили тасарруфи молу мулки ғайр бо аломатҳои ҷинояти ғоратгарӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии баъзе аз давлатҳои хориҷӣ;

– таҳқиқи аломатҳои объективӣ ва субъективии таркиби ҷинояти ғоратгарӣ;

– баррасии аломатҳои вазнинкунандаи ғоратгарӣ ва татбиқи он дар таҷчрибаи тафтишотӣ ва судӣ;

– таҳлили сабабҳои содиршавии ҷинояти ғоратгарӣ ва тавсифи ҳуқуқӣ–иҷтимоии онҳо;

– коркард ва пешниҳоди чораҳои умумӣ, иҷтимоӣ ва махсуси пешгирии ҷинояти ғоратгарӣ;

– омӯзиши ташкил ва самтҳои асосии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ оид муқовимат ба ҷинояти ғоратгарӣ;

Объекти тадқиқот. Объекти тадқиқот он муносибатҳои ҷамъиятие ба шумор мераванд, ки вобаста ба содиршавии ғоратгарӣ ҳамчун шакли тасарруфи молу мулки ғайр, инчунин такмили конунгузории ҷиноятӣ дар ин самт ба вуҷуд меоянд.

Мавзуи (предмет) таҳқиқот. Мавзуи тадқиқоти диссертатсиониро таҳлил ва арзёбии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарӣ барои ғоратгарӣ, аломатҳои объективӣ ва субъективии ин ҷиноят, тамоили инкишоф ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ марбут ба ғоратгарӣ, такмили конунгузории ҷиноятӣ дар ин самт, инчунин чораҳои пешгирии содиршавии ҷинояти мазкур дар бар мегирад.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот). Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо мақсади низомнок, пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудани масъалаҳои ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқии ҷиноятӣ ва муқовимат бо он ва таърихии падидаи мазкур диққати ҷиддӣ дода шуда, танзими ҳуқуқи ҷиноятии он шуруъ аз соли 1917 то инҷонибро дар бар мегирад. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогирандаи солҳои 2017–2022 мебошад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асосҳои назариявии тадқиқоти диссертатсиониро пажуҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи граждани, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Вобаста ба масъалаҳои тадқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои

конференсияҳои илмӣ–амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтанд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ методологияи он ба принсипҳои усули диалектикии маърифат асос ёфтааст. Дар рафти таҳқиқот методҳои махсуси илмӣ вобаста ба омӯзиши таҷрибаи таърихии батанзимдарории ғоратгарӣ; расмӣ–мантиқӣ, ки дар таҳлили ҷузъии аломатҳои дар қонун нишондодашудаи таркиби ғоратгарӣ ифода гардидаанд; муқоисавию ҳуқуқӣ, ки дар таҳлили қонунгузории баъзе аз давлатҳои хориҷӣ дар масъалаи батанзимдарории ғоратгарӣ ва ҷавобгарӣ барои содиршавии он истифода шудаанд; методи ҳуҷҷатнигорӣ – интихоб кардан ва омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба бандубасти ғоратгарӣ; методи оморӣ, ки аз ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳои оморӣ дар бораи содиршавии ғоратгарӣ иборат мебошад, истифода шудаанд.

Заминаҳои эмпирикӣ. Заминаи эмпирикии диссертатсия ба омори ҷиноятии ВКД ҶТ амалияи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар солҳои 2017–2021, омӯзиши маводи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶТ марбут ба ғоратгарӣ, инчунин парвандаҳои ҷиноятие, ки дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, асос ёфтааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки баъди қабули КҶ ҶТ соли 1998 рисолаи илмии мазкур нахустин тадқиқоти маҷмуие мебошад, ки ба тадқиқоти низомноки масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти ғоратгарӣ, таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии ватанӣ бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷи наздик (давлатҳои аъзои ИДМ) ва кишварҳои хориҷи дур (Олмон, Эстония, Латвия, Литва, Испания,Шветсия, Шветсария, Ҷумҳурии Халқии Хитой ва ғ.) оид ба ҷинояти таҳқиқшаванда, фарқияти ин ҷиноят аз таркибҳои ба он монанд ва такмили минбаъдаи он бахшида шудааст.

Дар диссертатсия таҳлили амиқи мафҳуму моҳияти ғоратгарӣ сурат гирифта, мазмуну муҳтавои аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективии

ҷинояти таҳқиқшаванда муайян карда шуда, ҷиҳати такмили м. 248 КҶ ҶТ тавассути ворид намудани тағйирот ба аломатҳои бандубастшаванда, чораҳои пешгирии содиршавии ҷинояти мазкур пешниҳодҳои асоснок ироа гардидааст. Навгонии дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ, пеш аз ҳама дар пешниҳодҳои илман асосёфта аз ҷониби муаллиф доир ба таҳлили аломатҳои вазнинкунандаи ғоратгарӣ, бахусус бо расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрвандон, такроран содир намудани он, бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил, бино ва дигар анборхона содир намудани ин ҷиноят ифода меёбад. Ба назари эътибор гирифтани навгониҳои диссертатсия имконият медиҳанд, ки хусусияти латентии (руйпӯшшавии) ҷинояти м. 248 КҶ, ҶТ дар воқеияти ҳаёт аз байн равад ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муборизаи шадидро бо ҷиноятқорӣ дар самти ҳифзи моликият тақвият бахшанд. Рисолаи илмӣ аз навгониҳои зерин иборат аст:

– бори аввал дар рисолаи илмӣ масъалаи батанзимдарории ҳуқуқии ҷинояти ғоратгарӣ ҳамчун ҷинояти муқобили моликият ва ҷавобгари барои содиршавии он дар марҳилаҳои гуногуни таърихи ҶТ инъикос гардидааст;

– дар рисолаи илмӣ муаллиф тасарруфи молу мулки ғайр бо аломатҳои ҷинояти ғоратгарӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии баъзе давлатҳои хориҷиро таҳлил намуда, хулосаҳои амиқи илмӣ коркард намудааст.

– ҳамчунин, навгонии дигари рисола дар он мебошад, ки муаллиф объект ва тарафи объективии ҷинояти ғоратгариро баррасӣ намуда, андешаҳои асосноки илмиро пешкаш намудааст;

– дар рисолаи илмӣ субъект ва тарафи субъективии ҷинояти ғоратгарӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, вобаста ба масъалаҳои зикршуда, пешниҳодҳоро дар самти такмили қонунгузории ҷиноятӣ ироа намудааст;

– аломатҳои вазнинкунандаи ҷинояти ғоратгарӣ ва татбиқи он дар таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, оид ба ин қисмат, аз ҷониби муаллиф андешаҳои мукаммал пешниҳод гардидааст.

– дар рисолаи илмӣ сабабҳои содиршавии ҷинояти ғоратгарӣ ва тавсифи ҳуқуқӣ–иҷтимоии он мавриди таҳлил қарор гирифта, дар қисмати хулосавии рисола, пешниҳодҳои муаллиф ироа шудааст;

– дар рисолаи илмӣ чораҳои умумииҷтимоӣ ва махсуси пешгирии ҷинояти ғоратгарӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, аз ҷониби муаллиф роҳҳои муосири пешгирии ҷинояти ғоратгарӣ пешниҳод мегардад.

– муаллиф ташкил ва самтҳои асосии фаъолияти мақомоти корҳои дохилиро оид муқовимат ба ҷинояти ғоратгарӣ мавриди омӯзиш қарор дода, дар ин самт, пешниҳодҳои асоснокро иброз намудааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Таҳқиқоти илмии анҷомпазируфта имкон медиҳад, ки чунин нуқтаҳо ба ҳимоя пешкаш карда шаванд:

I. Пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд:

1. Сабабу шароите, ки ба содир намудани ғоратгарӣ мусоидат мекунанд, аз унсурҳои умумии иҷтимоӣ ва инфиродии тарбиявӣ иборат мебошанд. Вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба шахсият таъсири манфӣ мерасонад (бекорӣ, маоши паст, тахрифи шуури ҳуқуқӣ ва ғайра). Аммо омилҳои инфиродии тарбиявӣ (ҳолати руҳӣ дар оила, майзадагӣ, нашъамандӣ, тарзи ҳаёти паразитӣ) ба шахсияти ҷиноятkори эҳтимолӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Бинобар ин ҳангоми тартиб додани низоми чораҳои пешгирии ғоратгарӣ бештар ба чораҳои фардии пешгирӣ, аз ҷумла, чораҳои тарбиявӣ диққат додан зарур аст. Сабабҳои содир намудани ғоратгарӣ: ташаккули ангезаҳои ғаразнок дар муҳити оилавӣ, дар ҷойи кор ва таҳсил; ташаккул ва паҳн намудани психологияи ашёпарастӣ, пулпарастӣ, тамаъкорӣ; деформатсияи манфиатҳои маишӣ, талаботҳо, одатҳое, ки дар майл доштан ба майзадагӣ, нашъамандӣ, қиморбозӣ зоҳир мегарданд ва натиҷаи ин таназзули шахсият мебошад; муҳити зӯроварӣ; дараҷаи пасти маданият ва шуури ҳуқуқии шахсоне мебошанд, ки ҷиноятҳои ғаразнокро содир намудаанд.

2. Шароитҳои содир гардидани ғоратгарӣ: ба воситаҳои муҳофизатии техникӣ таъмин нагардидани манзили истиқоматӣ ва анборҳо; камбудиҳо

дар мубориза ба муқобили фурӯши амволи бо роҳи ҷиноят бадастомада; муносибати бепарвоёнаи шаҳрвандон нисбат ба нигоҳдории молу мулки худ; рафтори ҷабрдида мебошанд.

3. Тавсифи криминологии шахсияти ҷинояткор – ғоратгар имкон дод, ки он чунин муайян карда шавад: шахси аз 18 то 40 – сола, дорои маълумоти миёна ё тамоман маълумот надошта, мард, бе оила ва фарзанд, бекор ё дар ҷойи музди меҳнаташ паст кор мекунад, аз ҷиҳати молиявӣ таъмин набуда, аксар вақт ҷойи истиқомати доимӣ надошта, худписанд, дорои шуури пасти ҳуқуқӣ ва қобилияти зеҳнӣ.

II. Пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона гардидаанд:

1. Пешниҳод карда мешавад, ки барои такмил додани м. 248 КҶ ҶТ чунин аломати вазнинкунанда, ба монанди ғоратгарии молу мулки шахсони дар ҳолати оҷизӣ қарор дошта муқаррар карда шавад, зеро аз ин сабаб имконияти онҳо барои ҳифз намудани моликияти худ маҳдуд буда, чунин ҳолат дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ғоратгариро зиёд мегардонад.

2. Баҳри такмили қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳод карда мешавад, ки аз фасли XI «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» боби 26 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» хориҷ карда шуда, он дар фасли алоҳида бо номи «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» бо ҷудо намудани ду боби нав (боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият, ки бо тасарруф алоқаманданд» ва боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият бе аломатҳои тасарруф») мустаҳкам карда шавад.

3. Мутобиқи қ. 4 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ баробарии ҳифзи ҳуқуқии ҳама шаклҳои моликият вобаста ба м. 12 Конституцсияи ҶТ чандон риоя нашудааст. Зеро ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ё дастаҷамъӣ (ғайр аз ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ) дар ҳолатҳое ба миён меояд, ки агар арзиши молу мулки тасарруфшуда аз даҳ андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки шахсӣ новобаста аз арзиши он ба миён меояд. Бинобар он, пешниҳод мешавад, ки қ. 4 Эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ хориҷ карда

шуда, ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ё дастҷамъӣ новобастаи андозаи молу мулки тасарруфшуда муқаррар карда шавад.

4. Пешниҳод менамоем, бо мақсади риоя шудани принсипи гунаҳкоркунии субъективӣ қ. 2 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, андозаи зарари ба моликияти шахсӣ расонидашуда (андозаи ҷиддӣ, калон ва махсусан калон) аз ҷониби қонунгузор мушаххасан вобаста ба андозаи муайяни нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шавад. Зеро муайян намудани андозаи зарари ба моликияти шахси расонидашуда (ҷиддӣ, калон ва махсусан калон) танҳо аз рӯйи аҳволи моддии ҷабрдида, бе назардошти муносибати руҳии шахс ба чунин зарар амалан гунаҳкории объективиро ифода менамояд, ки ба принсипи гунаҳкорӣ (қ. 3 м. 7 КҶ ҶТ) мухолифат мекунад.

5. Пешниҳод карда мешавад, ки чунин аломати вазнинкунандаи ғоратгарӣ, ба монанди содир намудани ҷиноят дар ҳолати ретсиди хавфнок ва махсусан хавфнок аз б «г» қ. 3, б «а» қ. 4 м. 248 КҶ ҶТ хориҷ карда шавад, зеро он ба чунин талаботи принсипи адолат «Ҳеҷ касро барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест» (қ. 2 м. 8 КҶ ҶТ) мухолифат менамояд.

6. Бо мақсади дуруст фарқгузорӣ карда шудани ғоратгарӣ вобаста ба дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ пешниҳод мегардад, ки аломати содир намудани ҷиноят аз ҷониби гуруҳи муташаккил, ки дар қ. 3 м. 248 КҶ ҶТ мустаҳкам шудааст, дар қ. 4 м. 248 КҶ ҶТ ҷойгир карда шавад, зеро дар таҳрири ҷойдошта он назар ба содир намудани ғоратгарӣ ба миқдори махсусан калон ё дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок камтар ҷазо дода мешавад.

7. Ҳам аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо ва ҳам бо аломати вазнинкунандаи такроран бандубаст намудани ҷиноятҳо дар мавриди ҷой доштани такрории хелӣ боиси халалдор гаштани принсипи адолат мегардад. Зеро

ҳамон як кирдори содир намудаи шахс ҳангоми ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва таъин намудани ҷазо ду бор ба ҳисоб гирифта мешавад, ҳол он ки мутобиқи қ. 2 м. 8 КҶ ҶТ «Ҳеҷ касро барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест». Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки б. 3. эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, ҳангоми аз ҷониби шахс содир гардидани шаклҳои гуногуни тасарруф кирдор аз рӯйи танҳо маҷмуи ҷиноятҳо бандубаст карда шавад.

8. Дараҷаи хавфнокии тасарруф бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил ва ғайриқонунӣ дохил шудан ба бино ё дигар анборхона гуногун мебошад. Бинобар он ба мақсад мувофиқ аст, ки бо назардошти ин ҳолатҳо ҷавобгариро барои содир намудани тасарруф бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба объектҳои мазкур фарқгузорӣ карда шавад. Бо ин мақсад ғоратгарӣ бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба манзил аз б «д» қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, ҳамчун аломати махсусан вазнинкунанда дар қ. 3 м. 248 КҶ ҶТ муқаррар карда шавад.

III. Пешниҳодҳое, ки хусусияти амалӣ доранд:

1. Ба Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 июни соли 2004 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» илова ворид карда шуда, дар он маҳз кадом молу мулк ба сифати предмети тасарруф баромад карда метавонад, муайян карда шавад. Чунин илова мумкин аст бо мазмуни зайл ворид шавад: Предмети тасарруф молу мулки ғайр эътироф мешавад, ва зери он молу мулке фаҳмида мешавад, ки дар моликият ё соҳибии қонунии гунаҳгор қарор надорад. Молу мулки ғайриманқули шахси дигар мумкин аст предмети тасарруф эътироф шавад, танҳо дар ҳолатҳое ки ҷойивазнамоии он дар фазо бе зиён ба таъиноти он амалӣ шавад».

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷударо оид ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғоратгарӣ, фарқияти ин ҷиноят аз таркиби дигар ҷиноятҳо ҷамъбаст ва

густариш медиҳад. Гузашта аз ин, муқаррароти назариявии таҳияшуда ҳангоми тадқиқоти минбаъдаи масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғоратгарӣ аз ҷониби дигар муҳаққиқон истифода шуда метавонад. Хамин тавр, аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳми сазовор гузошта, дар баробари ин баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ёрӣ расонад. Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф метавонанд оид ба такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҳифзи муносибаҳои моликиятӣ ҳангоми татбиқи м. 248 КҶ ҶТ дар амалияи мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд оид ба ошкор, таҳқиқ ва таснифоти ҷинояти мазкур мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳамчунин, тадқиқоти мазкур метавонад дар раванди пешгирии ғоратгарӣ ва интихоб намудани чораҳои мубориза ба он мусоидат намояд.

Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқшиносӣ–ҳуқуқи ҷиноятӣ, бандубасти ҷиноятҳо ба муқобили моликият, асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо, криминология истифода шавад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи таҳқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар бораи ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқии ҷиноятӣ ва муқовимат бо он инъикос менамоянд, ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида, дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудааст.

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия, инчунин, аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти

маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра ба даст омадаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2017, таҳти №1/4 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот бо он муайян карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, метавонанд дар ҷодаи рушду такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқии ҷиноятӣ ва муқовимат бо он, инчунин амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ саҳми назаррас дошта бошанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгохи миллии Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳои кафедра мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаву маҷмуаҳо ба нашр расидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин ба тариқи маъруза аз ҷониби муаллифи рисола пешниҳод гардидаанд:

а) байналмилалӣ:

– бахшида ба 20–солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва «Сиёсати ҷиноятӣ дар ҷодаи

тамоюлҳои муосири ҷаҳонӣ» дар мавзуи «Ғоратгарӣ ҳамчун як шакли тасарруф» (Душанбе, 2018);

– «Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25–солагии қабули Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70–солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» дар мавзуи «Субъект ва тарафи субъективии ҷинояти ғоратгарии молу мулки ғайр» (Душанбе, 2019);

– «Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо» дар мавзуи «Мафҳум ва моҳияти ҷиноятӣ ғоратгари тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2019).

б) ҷумҳуриявӣ:

– Даҳсолаи байналмиллалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018–2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140–солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70–солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ–ҷиноятии ғоратгарӣ» (Душанбе, 2018);

– «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019–2021)» ва «400–солагии Миробид Сайидои Насафӣ» дар мавзуи «Таҳлили ҳуқуқӣ–ҷиноятии ғоратгарӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия». Ҷилди II. (Душанбе, 2019);

– «5500 – солагии Саразми бостонӣ», «700–солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020–2040)» дар мавзуи «Таҳлили ҳуқуқӣ–ҷиноятии ғоратгарӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Белорус» (Душанбе, 2020);

– «Муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: роҳҳо ва натиҷаҳои он» дар мавзуи «Масоили муайян намудани объекти ҷиноятӣ ғоратгарӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2020);

– «Роҳҳои муосири мубориза бо коррупсия дар Тоҷикистон» дар мавзуи «Фарқи ҷинояти ғоратгарӣ аз дигар ҷиноятҳо ба муқобили моликият» (Душанбе, 2021).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Оид ба муҳтавои диссертатсия мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар нашрияҳои ватанӣ бо забонӣ тоҷикӣ интишор гардидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, мукаддима, се боб ва ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 229 саҳифаро дар бар мегирад.

БОБИ 1. ТАВСИФИ ҲУҚУҚӢ–ҶИНОЯТИИ ҒОРАТГАРӢ ВА ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ–ҲУҚУҚИИ ОН

1.1. Батанзимдарории ҳуқуқии ҷиноятии ғоратгарӣ ҳамчун ҷинояти муқобили моликият ва ҷавобгарӣ барои содиршавии он дар марҳилаҳои гуногуни таърихии ҶТ

Танзими ҳуқуқӣ–ҷиноятии ғоратгарӣ, ҳамчун ҷиноят дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза аз қонунгузории шуравӣ сарчашма мегирад, ки асоси онро Инқилоби октябр (с. 1917) ташкил медиҳад. Махсусан, дар солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ санадҳои меъёрии зиёде амал мекарданд, ки масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятиро барои ғоратгарӣ танзим мекарданд. Дар аввал системаи ягонаи меъёрҳо дар бораи ҷиноятҳо ба муқобили моликият ҷой надошт, аммо аллакай дар декретҳои аввали ҳокимияти шуравӣ кушиши пешбинӣ намудани таркиби ҷиноятҳои мушаххас ҷой доштанд[23]. Масалан, дар Декрети КИМ Умумируссиягӣ аз 20–уми июни соли 1919 «Дар бораи аз тобеияти умумии судӣ гирифтан дар маҳалҳое, ки дар онҳо ҳолати ҷангӣ эълон гардидааст» ба мақомоти Комиссияи Фавқулоддаи Умумирусиягӣ ҳуқуқи бевоситаи ҷазодиҳӣ (то ҳадди парондан) барои як қатор ҷиноятҳо, аз ҷумла барои ғоратгарии мусаллаҳона муқаррар мегашт[24].

Мутобиқи низомнома дар бораи Трибуналҳои Ҳарбии Инқилобӣ аз 20 ноябри соли 1919 хизматчиёни ҳарбии ҷиноятҳои хусусияти умумидошта, аз ҷумла ғоратгарӣ содир намуда, ба судҳои Трибуналҳои Ҳарбии Инқилобӣ супорида мешуданд[25].

Дар шароити мушаххаси ҳамон давра, тавре В.В. Ераксин иброз медорад, ғоратгарии мусалаҳона, бештар на ҷинояти молу мулкӣ, балки ҷиноят ба муқобили тартиботи идоракунӣ ва амнияти шахсии шаҳрвандон

---

[23] Ниг.: Севрюков А.П. Хищение имущества: криминологические и уголовно–правовые аспекты. – М., 2004. – С. 14.
[24] Ниг.: Собрание узаконений (далее – СУ) РСФСР. – 1919. – №27. – Ст. 301.
[25] Ниг.: СУ РСФСР. –1919. – №58. – Ст. 549.

ба ҳисоб мерафт. Бинобар он, қонунгузории ҷиноятии ҳамон солҳо ҳолатҳои махсусан хавфноки содиршавии чунин ҷиноятҳоро ба тобеияти трибуналҳои ҳарбии инқилобӣ мегузошт. Декретҳои аввалини ҳокимияти Шуравӣ, ки ҷавобгариро барои дуздӣ, роҳзанӣ, ғоратгарӣ муқаррар менамуданд, чун қоида аломатҳои ин ҷиноятҳо ва санксияти мушаххасро барои содир намудани онҳо муайян намекарданд. Ҳангоми муайян намудани ҷазо судҳо шуури инқилобии худро ба роҳбарӣ гирифта, ба шахси гунаҳкор вобаста ба мансубияти синфии ӯ ва ба ҷамъият хавфнокии кирдор бо назардошти ҳама ҳолатҳои кор ҷазоро интихоб менамуданд[26].

Мутобиқи Декрети КИМУ ва ШКХ аз 1 – уми июни соли 1921 «Дар бораи чораҳои мубориза бар зидди тассаруф аз анборҳои давлатӣ ва ҷиноятҳои мансабии барои тассаруф мусоидаткунанда» ҷиноят эътироф мешуданд, аз ҷумла аз ҷониби шахсоне, ки дар устохонаҳои либосдузӣ, коргоҳҳои либосҳои расмӣ, артел ва кооперативҳо роҳбарикунанда, ки масолеҳи аз ҷониби мақомоти давлатӣ ба онҳо додашударо тасарруф менамоянд, шахсони чи дар корхонаҳои давлатӣ ва чӣ дар корхонаҳои хусусӣ роҳбарикунанда, ки дар тасарруфи молу маводи аз ҷониби мақомоти давлатӣ ба онҳо барои иҷрои фармоишоти давлатӣ пешниҳодшуда фош мешаванд, шахсони дар тасарруфи масолеҳ ҳангоми интиқоли он бо роҳи хушкӣ, обӣ ва аспу ароба фошгардида[27]. Ба ғорагарӣ ҳамчун шакли тассаруф ишора намешуд.

Консепсияи ҷиноятҳои молу мулкӣ танҳо бо қабули КҶ ҶШФСР аз соли 1922[28] ба вуҷуд омад, ки дар он қонунгузор то андозае ҷиноятҳои молу мулкӣ, аз ҷумла ғоратгариро муайян месохт. Ғоратгарӣ ҳамчун «тассаруфи ошкорои молу мулки ғайр дар ҳузури шахси соҳиби молу мулк, шахси онро

[26] Ниг.: Ераснн В.В. Ответственность за грабеж. – М., 1972. – С. 8.
[27] Ниг.: Сборник документов по истории уголовного законодательство СССР и РСФСР, 1917–1952 гг. / Сост.: проф. А.А. Герцензон; Под ред. [и с предисл.] проф. И.Т. Голякова. – Москва: Госюриздат, 1953. – С. 96.
[28] Ниг.: Сборник документов по истории уголовного законодательство СССР и РСФСР, 1917–1952 гг. / Сост.: проф. А.А. Герцензон; Под ред. [и с предисл.] проф. И.Т. Голякова. – Москва: Госюриздат, 1953. – С. 116.

истифодабаранда ё ихтиёрдорикунанда, аммо бе истифодаи зӯроварӣ ба шахсияти ӯ» (м. 182) муайян карда мешуд.

Ғоратгарӣ нисбати ҳам молу мулки сотсиалистӣ ва ҳам моликияти шахсии шаҳрвандон тавассути бо ҳамин як модда ҷазо дода мешуд.

Маънидодкунии таҳтуллафзии меъёре, ки мафҳуми ғоратгариро муайян месохт (м. 182) аз он гувоҳӣ медиҳад, ки тассаруфи молу мулк дар ҳузури шахсе, ки ҳуқуқи соҳибӣ, ихтиёрдорӣ ё истифодабарии молу мулки тассаруфшавандаро надошт, ҳамчун ғоратгарӣ баҳо дода намешавад. Чунин маънидоднамоӣ аз фаҳмиши мавқеи қонунгузории ҷиноятии муосир фарқ менамояд, ки барои он дар ҳузури кӣ содир шудани тассаруф аҳаммият надорад[29].

Аломатҳои вазнинкунандаи ғоратгарӣ дар моддаи алоҳида (м. 183) КҶ ҶШФСР соли 1922 муқаррар шуда буданд. Ба сифати чунин аломатҳо пешбинӣ гардида буданд: 1) зӯроварӣ, ки барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавфнок нест; 2) ҷиноят аз ҷониби ретсидивист ё 3) гуруҳи шахсон (шайка) содир шуда бошад.

Ғояи дар моддаи алоҳида мустаҳакам намудани намудҳои вазнинкунандаи ғоратгарӣ минбаъд аз ҷониби қонунгузор дастгирӣ наёфта аллакай аз чунин тарз КҶ ҶШФСР соли 1926 даст кашид. Аммо дар замони муосир ғояи мазкур дар байни олимон боз предмети муҳокима гардидааст, аз ҷумла В.И. Ярмолик пешниҳод менамояд, ки ҷавобгарӣ барои ғоратгарӣ бо истифодаи зӯроварӣ дар моддаи алоҳида бо муайян намудани аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи он мустаҳкам гардад[30].

Қонунгузории минбаъда – КҶ ҶШФСР соли 1926 тағйиротҳои ҷиддиро нисбати таркиби ҷинояти ғоратгарӣ ворид насохта дар м. 165 ғоратгариро чунин муайян месохт: «Ошкоро тассаруф намудани молу мулки ғайр дар

---

[29] Ниг.:Малькова И.Ю. Грабеж: вопросы квалификации, дифференциации ответственности и индивидуализации наказания : дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2009. – С. 39.

[30] Ниг.: Ярмолик В.И. Ответственность за имущественные хищения, сопряженные с насилием: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2005 – С.15.

ҳузури соҳиб, истифодабаранда ё ихтиёрдорикунандаи он (ғоратгарӣ), ки бе истифодаи зӯроварӣ содир мегардад».

Дар баробари ин баъзе хусусиятҳои тафовуткунанда низ ҷой доштанд.

Қонунгузор дар моддаи алоҳида муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои ғоратгарӣ бо ҳолатҳои вазнинкунанда даст кашида, онро дар ҳамон қисмҳои алоҳидаи м. 165 муайян менамуд. Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанди ғоратгарӣ дохил мешуданд: 1) ғоратгарӣ бо истифодаи зӯроварӣ (қ. 2 м. 165); 2) ғоратгарие, ки аз ҷониби гуруҳи шахсон ё такроран содир мешавад (қ. 3 м. 165) .

Бояд тазаккур дод, ки дар як давраи муайян меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии Кодекси ҷиноятии ҶШС Ӯзбекистон дар ҳудуди Тоҷикистон амал мекард. Дар байни сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон ҷойи махсусро КҶ ҶШС Ӯзбекистон ишғол менамуд, ки бо Қарори Президиуми КМИ Шуроҳои ҶШС Ӯзбекистон аз 16–уми июни соли 1926 дар ҳудуди ҶМШС Тоҷикистон амал менамуд[31]. Меъёрҳое, ки ҷавобгариро барои ғоратгарӣ муқаррар менамуданд бо КҶ ҶШФСР соли 1922 шабоҳат доштанд. Аз ҷумла, дар м. 230 КҶ ҶШС Ӯзбекистон таркиби ҷинояти ғоратгарӣ ҳамчун «ошкоро тасарруф намудани молу молки ғайр дар ҳузури шахси соҳибикунанда, истифодабаранда ё ихтиёрдорикунандаи он, ки бе истифодаи зӯроварӣ содир шудааст» муайян карда мешуд.

Ҷавобгарӣ барои содир намудани ғоратгарӣ бо аломатҳои вазнинкунанда дар моддаи алоҳида (м. 230) мустаҳакам гардида чунин ҳолатҳоро дар бар мегирифт: 1) ғоратгарӣ бо истифодаи зӯроварӣ, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок нест (қ. 1 м. 230); 2) ҳамин кирдорҳо, ки такроран (ретсидив) содир шудаанд ё аз ҷониби гуруҳи шахсон (шайка) содир шуда бошад (қ. 2 м. 230).

Дар давраи амали КҶ ҶШС Ӯзбекистон ва КҶ ҶШФСР соли 1926 проблемаи ҷудосозии дуздӣ ва ғоратгарӣ ҷой дошт, ки аз ин аз ҷумла м.

[31] Уголовный кодекс Узб. ССР 1926 г. // Собрание Узаконений УзССР. – №11 – 12. – Ст. 54.

230[1] КҶ ҶШС Узбекистон дарак медиҳад. Дар моддаи мазкур ҷавобгарӣ барои ниҳонӣ ё ошкоро тассаруф намудани асп ё дигар чорвои калони шохдор аз аҳолии меҳнатии заминдор ба танзим дароварда мешуд. Усули содир намудани ҷиноят барои тасарруф аз рӯйи моддаи мазкур ҷавобгариро тафриқабандӣ намесохт. Аломати асосии таркиби ҷиноят предмет – асп ва дигар чорвои калони шохдор баромад менамуд.

Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон, бо Қарори Президиуми КМИ Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон аз 9–уми майи 1935 қабул гардида, 15 июни соли 1935 дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба қувваи амал даромад, ки давраи муҳим дар инкишофи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бо ин қарор амали КҶ ҶШС Ӯзбекистон дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон бекор карда шуд[32]. Ин нахустин КҶ ҶШС Тоҷикистон мебошад, ки нақш ва аҳамияти муҳимро дар таърихи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебозад[33]. Кодекси мазкур мутобиқи қонунҳои умумииттифоқӣ бо инъикоси хусусиятҳои ҷомеаи Тоҷикистон сохта шуда буд[34].

Дар м. 200 КҶ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1935 ғоратгарӣ, яъне ошкоро дуздидани молу мулки дигарон дар ҳузури касе ки соҳиби он бошад, ё ин ки аз он истифода мекунад ва ё ин ки онро идора мекунад, агар бо кор фармудани зӯрӣ ва таҷовуз набошад, муқаррар мегардид.

Ҳамчун аломати вазнинкунанда: 1) ғоратгарӣ ки бо зӯрӣ содир карда шавад (қ. 2 м. 200 КҶ); 2) Худи ҳамин кирдорҳо агар такроран (гаштабаргашта) ё аз тарафи гуруҳи касон (шайка–дастаи ғоратгарон) содир шавад (қ. 3 м. 200 КҶ) пешбинӣ мешуданд.

Барои ошкор намудан ва фаҳмиши амиқи қонуниятҳои инкишофёбии қонунгузорӣ дар бораи ғоратгарӣ Укази Президиуми Совети Олии ИҶШС

---

[32] Ниг.: Халиков Ш.Л. Уголовная ответственность за умышленное причинение тяжкого вреда здоровью по законодательству Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2017. – С. 31.
[33] Ниг.: Муллаев М.М. История уголовного права Таджикской ССР. – Сталинабад: Изд–во Таджик. гос. Ун-та, 1960. – С. 122.
[34] Ниг.: Муллаев М.М. Асари ишорашуда. – С. 122 – 123.

аз 4 июни соли 1947 «Дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тассаруфи молу мулки давлатӣ ва ҷамъиятӣ»[35] аҳаммияти калон дорад.

Дар Укази мазкур қонунгузор чунин муқаррар менамуд: «Бо мақсади муқаррар намудани ягонагии қонунгузорӣ дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ва пурзӯр намудани мубориза бо чунин ҷиноятҳо, Президиуми Совети Олии ИҶШС қарор мекунад:

1. Дуздӣ, азонихудкунӣ, исрофкорӣ ё дигар тасарруфи моликияти давлатӣ – ҷазо дода мешавад бо маҳбаснамоӣ дар лагерҳои ислоҳӣ–меҳнатӣ ба муҳлати аз ҳафт то даҳ сол бо мусодираи молу мулк ё бидуни он.

2. Тасарруфи моликияти давлатӣ, ки такроран, ҳамчунин аз ҷониби гуруҳ (шайка) ё ба андозаи калон содир шудааст – ҷазо дода мешавад бо ҷойгир кардан дар лагерҳои ислоҳӣ–меҳнатӣ ба муҳлати аз даҳ то бист сол бо мусодираи молу мулк .

3. Дуздӣ, азонихудкунӣ, исрофкорӣ ё дигар тасарруфи моликияти колхозӣ, кооперативӣ ё дигар моликияти ҷамъиятӣ – ҷазо дода мешавад бо ҷойгир кардан дар лагерҳои ислоҳӣ–меҳнатӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо мусодираи молу мулк ё бидуни он.

4. Тасарруфи моликияти колхозӣ, кооперативӣ ё дигар моликияти ҷамъиятӣ, ки такроран, ҳамчунин аз ҷониби гуруҳи мутташаккил (шайка) ё ба андозаи калон содир мешавад – ҷазо дода мешавад бо ҷойгир кардан дар лагерҳои ислоҳӣ–меҳнатӣ ба муҳлати аз ҳашт то бист сол бо мусодираи молу мулк.

5. Хабар надодан ба мақомоти ҳокимият дар бораи тасарруфи аниқ маълуми тайёршудаистода ё тасарруфи содиршудаи моликияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ, ки дар моддаҳои 2 ва 4 – и Укази мазкур пешбинӣ шудаанд –

[35] Ведомости Верховного Совета СССР. – 1947. – №19.

ҷазо дода мешавад бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то се сол ё бадарға ба муҳлати аз панҷ то ҳафт сол»[36].

Бояд таъкид намуд, ки Укази мазкур номгӯйи пурраи шаклҳои тасарруфро муқаррар наменамуд. Ба сифати шаклҳои тасарруф қонунгузор танҳо дуздӣ, азонихудкунӣ ва исрофкориро номбар менамуд. Чунин сохти қонунгузории меъёри мазкур имкон медод, ки ғоратгарӣ ҳамчун шакли тассаруфнамоӣ эътироф шавад. Ин аз ҷумла тасдиқи он ҳолат аст, ки дар ин давра қиёси қонун ҷой дошт. Қонуни мазкурро маънидод намуда З.А. Вишинская иброз менамуд, ки бо роҳи ҷинояти ба даст овардани молу мулки сотсиалистӣ мумкин аст, бо роҳи дуздӣ, қаллобӣ, азонихудкунӣ, исрофкорӣ, ҳуҷуми зӯроварона (роҳзанӣ), бо роҳи суиистифодаи шахси мансабдор аз мақоми хизматӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳои қалбакӣ содир шавад[37]. Тавре ба назар мерасад, ғоратгарӣ аз номгӯйи шаклҳои тассаруф ҳам дар сатҳи қонунгузорӣ ва ҳам назариявӣ дур мегардад. Назариячиёни ҳуқуқи ҷиноятӣ бештар ҷонибдори он мавқеъ буданд, ки ғоратгарӣ ва дуздӣ бо ҳам муттаҳид карда шуда, мафҳуми дуздӣ ҳамчун тасарруфи ниҳонӣ ва ошкоро мустаҳакам гардад[38].

Мавқеи мазкур аз он асос мегирифт, ки дар Укази Президиуми Совети Олии ИҶШС аз 4 июни соли 1947 «Дар бораи пурзӯр намудани ҳифзи моликияти шахсии шаҳрвандон»[39] дуздӣ мутобиқи м. 1–и он ҳамчун ниҳонӣ ё ошкоро тасарруф намудани моликияти шахсии шаҳрвандон муайян мегашт.

Дар Укази Президиуми Совети Олии ИҶШС «Дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ва ҷамъиятӣ» то андозае мухолифат ҷой дошт. Аз як тараф умуман тақсим намудани тасарруф ба шаклҳои гуногун пешбинӣ намешуд, яъне ҳама шаклҳои тасарруф ба як

[36] Ведомости Верховного Совета СССР. – 1947. – №19. – С. 176 – 177.
[37] Ниг.: Вышинская З.А. Об уголовной ответственности за хищение государственного и общественного имущества. – М., 1948. – С. 10.
[38] Ниг.: Советское уголовное право. Часть Особенная: Учебник / Под ред. А.А. Герцензона и З.А. Вышинской. – М., 1951. – С. 150.
[39] Ведомости Верховного Совета СССР. – 1947. – №19.

шакл – «тасарруф» пайваст мегардиданд. Аз тарафи дигар сухан дар Указ танҳо дар бораи моликияти давлатӣ, колхозӣ, кооперативӣ ва ҷамъиятӣ мерафт ва барои тасарруфи моликияти давлатӣ назар ба дигар намудҳои моликият ҷазои вазнинтар муқаррар мегашт. Дар бораи моликияти шахсӣ қонунгузор ҳарфе намезад. Охирон, мухолифат дар он ифода меёфт, ки новобаста аз қувваи қонунии Указ, минбаъд даровардани тағйироту иловаҳо ба қонуни ҷиноятии амалкунанда суръат нагирифт ва моддаҳои дахлдори дар қонуни ҷиноятии амалкунанда боқимонда, тавассути Қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС аз 22 августи соли 1947 «Дар бораи пурзӯр намудани ҳифзи моликияти шахсии шаҳрвандон»[40] ҳамчун татбиқнашаванда муайян гардиданд. Мухолифат инчунин дар он ифода мегардид, ки новобаста аз муттаҳид гардидани ҳама шаклҳои тасарруф ба як намуд, амалияи то ин дам ҷойдоштаи тақсими тасарруф ба шаклҳои анъанавӣ нигоҳ дошта шуданд, яъне мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда ба ин нигоҳ накарда тасарруфро дар шаклҳои ҷойдошта (дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва ғайра) ошкор намуда, танҳо баъд ба Указ мазкур аз соли 1947 ишора менамуданд[41].

Чунин мухолифат танҳо пас аз қабули қонуни ҷиноятии нав, яъне Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқ аз соли 1958[42] бартараф гардид.

17–уми августи соли 1961 КҶ ҶШС Тоҷикистон қабул гардид, ки аз 1–уми декабри соли 1961 мавриди амал қарор дода шуд. КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 аз принсипҳо ва муқаррароти умумии Асосҳои

---

[40] Постановление Пленума Верховного Суда СССР «Об усилении охраны личной собственности граждан» от 22 августа 1947 г. // Сборник постановлений Верховного Суда СССР и Верховного Суда РСФСР, 1946 – 1957. – М., 1958. – С. 47 – 48.

[41] Ниг.: Щербакова Е.О. Грабеж чужого имущества: проблемы уголовно–правового регулирования и противодействия: на материалах Южного федерального округа: дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2008. – С. 51 – 52.

[42] Ниг.: Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР (1953–1991 г.г.). – Казань. – Ч. 1. – 1992. – С. 37.

қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, ки 25 декабри соли 1958 қабул гардидааст, бармеояд[43].

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 он чӣ ба ҳисоб мерафт, ки он ҷиноятҳо ба муқобили моликияти сотсиалистӣ ва ҷиноятҳо ба муқобили моликияти шахсии шаҳрвандонро ҷудо намуда ҷавобгариро барои онҳо дар бобҳои алоҳида муқаррар менамуд. Чунин мавқеъ тасодуфӣ набуда, ба асоси он ғояи зарурияти ҳифзи бештари моликияти сотсиалистӣ гузошта шуда буд. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғоратгарӣ дар м. 90, ки дар боби дуюм «Ҷиноятҳо ба муқобили моликияти сотсиалистӣ» ва м.155, ки дар боби панҷуми КҶ «Ҷиноятҳо ба муқобили моликияти шахсии шаҳрвандон» ҷойгир буданд, пешбинӣ мегардид.

Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон ғоратгарӣ ҳамчун дуздидани молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ бо роҳи ғоратгарӣ (м. 90) ва ғоратгарӣ ба тариқи ошкоро тасарруф кардани молу мулки шахсии шаҳрвандон (м. 155) муқаррар мешуд.

Дар ҳолати аввал ғоратгарӣ (таркиби асосӣ) бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то чор сол, дар ҳолати дуюм – бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешуд, яъне барои тасарруфи моликияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ муҳлати бештари ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ муқаррар мегардид.

Таркиби ғоратгариро қонунгузор ба таври анъанавӣ ҳамчун ошкоро тасарруф кардани молу мулк бе кор фармудани зӯрӣ муайян менамуд.

Тарафи объективии ғоратгарӣ (м. 90 КҶ ҶШС Тоҷикистон) аз ғайриқонунӣ, ройгон ба таври ошкоро гирифтани молу мулки ба ташкилотҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ мансуб буда ва ҳамчун моликияти худ муносибат намудан ба онҳо иборат буд. Хусусияти аломати ғоратгарӣ он чӣ ба ҳисоб мерафт, ки он ошкор содир мешуд, яъне дар ҳузури шахсе, ки

[43] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко–правовое исследования: дис. ... д–ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – С. 297.

молу мулк дар соҳибияти ӯ қарор дорад ё дар ҳузури шахсони дигар. Дар ин маврид гунаҳкор медонад, ки тасарруфи содирнамудаистодаи ӯро шахсони дигар мебинанд, аммо ба ин нигоҳ накарда нияти ҷиноятқоронаи худро то ба охир идома медиҳад.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғоратгарӣ аз синни 14–солагӣ муқаррар мешуд[44].

Дар КҶ соли 1961 дар фарқият аз қонунҳои қаблӣ аломатҳои вазнинкунандаи ғоратгарӣ возеҳтар муайян шуда буданд. Нисбати ғоратгарии молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ аломатҳои мазкур чунин ифода мегардиданд:» Ғоратгарӣ бо кор фармудани зурии барои ҳаёт ва тандурустии шахсии ҷабрдида бехавф ё бо таҳдиди кор фармудани чунин зӯрӣ ё аз тарафи гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, ё такроран ғоратгарӣ кардан, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муддати то ҳафт сол ҷазо дода мешуд.

Ғоратгарӣ кардани ретсидивисти махсусан хавфнок ё ғоратгарӣ ба миқдори калон, – бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муддати аз шаш то понздаҳ солу бо мусодираи молу мулк ё бе мусодира ҷазо дода мешавад».

Ғоратгарии молу мулки шахсии шаҳрвандон бошад (м. 155 КҶ), бе нишон додани аломати «бе кор фармудани зӯрӣ « танҳо ҳамчун «ба тариқи ошкоро тасарруф кардани молу мулки шахсии шаҳрвандон» муайян карда мешуд[45].

Минбаъд низ мавқеи қонунгузор доир ба муайян намудани диспозитсияи ғоратгарӣ ба таври назаррас тағйир наёфтааст. Тағйироти нисбатан ҷиддӣ танҳо бо Укази Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон аз 30 декабри соли 1982 ворид мегарданд. Мутобиқи Укази мазкур ба қатори ҳолатҳои вазнинкунандаи м. 90 (Дуздидани молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ бо роҳи ғоратгарӣ) дуздӣ бо даромадан ба бино ё дигар хазина

---

[44] Ниг.: Муллаев М. Комментарий к Уголовному кодексу Таджикской ССР (Особенная часть). – Душанбе: Ирфон, 1988. – С. 13 – 14.

[45] Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон бо тағйироту иловаҳо то 1 июни соли 1975. – Душанбе, 1975. – С. 77.

(қ. 3 м. 90 КҶ) ва ба м. 155 (Ғоратгарӣ) қисми 3 «Ғоратгарӣ бо даромадан ба истиқоматгоҳ» илова карда мешавад[46]. Хусусиятҳои муайяни аломатҳои мазкури вазнинкунанда аз шаклҳои моликият вобастагӣ дошт.

Баъдан 30–уми ноябри соли 1992 Қонуни ҶТ «Дар хусуси тадбирҳои пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ – барои содир кардани ҷиноятҳои вазнине, ки бар зидди саломатӣ ва ҳаёти шаҳрвандон, ҳуқуқи молу мулки онҳо ва барои хароб кардани пояҳои иқтисодию сиёсии ҶТ нигаронида шудаанд» қабул мегардад[47]. Дар асоси қонуни мазкур ба КҶ ҶТ, ки аз 17 августи соли 1961 амал менамуд, аз ҷумла ба м.м. 90 ва 155 тағйиротҳои муайян ворид карда шуданд, ки асосан бо пурзӯр намудани ҷазо вобастагӣ доштанд. Вобаста ба тағйиротҳои воридшуда, барои таркиби асосии ғоратгарӣ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт, ҳангоми ҷой доштани ҳолатҳои вазнинкунанда ба муҳлати аз ҳафт то даҳ сол бо мусодираи молу мулк (қ. 2 м. 155) ва ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз даҳ то дувоздаҳ сол бо мусодираи молу мулк (қ. 3 м. 155), барои қ. 4 м. 155 КҶ маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз дувоздаҳ то понздаҳ сол бо мусодираи молу мулк муқаррар мешуд.

17 – уми феврали соли 1996 бо қарори Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳо – иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Кодекси моделии ҷиноятии[48] давлатҳои аъзои ИДМ қабул гардид, ки он санади қонунгузории тавсиявӣ ба ҳисоб мерафт. Кодекси мазкур ҷавобгариро барои ғоратгарӣ чун дигар шаклҳои тасарруф новобаста аз шакли моликият дар як модда муқаррар менамуд. Ғоратгарӣ дар м. 245 Кодекси моделии ҷиноятӣ ҳамчун ошкоро тасарруф кардани молу мулки ғайр

[46] Ниг.: Ведемостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон аз соли 1982. – №3 (812).
[47] Ниг.: Ведимостҳои Совети Олии ҶТ. – 1992. – №24 (1033). – м. 345.
[48] Ниг.: Модельный Уголовный Кодекс. Рекомендательный законодательный акт для Содружества Независимых Государств (с изменениями от 16 ноября 2006 г.) / Принят на шестом пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств – участников Содружества Независимых Государств 17 февр. 1996 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://docs.cntd.ru/document/901781490 (дата обращения: 22.06.2022).

муайян мешуд. Дар қ. 2 моддаи мазкур чунин ҳолатҳои вазнинкунанда: а) аз ба шаҳрванд; в) бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок нест ва ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ, дар қ. 3 м. 245 бошад: а) бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба манзил; б) бо истифода аз шароити офати ҷамъиятӣ; в) ба миқдори калон; г) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил муқаррар мешуданд.

Минбаъд меъёри мазкури Кодекси моделии ҷиноятӣ, бо баъзе аз тағйиротҳо дар КҶ ҶТ соли 1998 ифодаи худро пайдо намуд.

Чунончӣ, дар КҶ ҶТ, ки 21 майи соли 1998[49] қабул гардида, аз 1 сентябри соли 1998 ба қувваи қонунӣ даромадааст, таркиби ҷинояти ғоратгарӣ дар м. 248 КҶ ҶТ чунин муайян шудааст: «Ғоратгарӣ, яъне ошкоро тасарруф намудани амволи ғайр – бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол ҷазо дода мешавад». Моддаи 248 КҶ ҶТ дар фарқият аз Кодекси моделии ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ аз чор қисм иборат буда, дар он ба ғайр аз ҳолатҳои вазнинкунандаи дар қ.қ. 2 – 3, м. 245 Кодекси моделии муқарраршуда ҳолатҳои дигар низ ба чунин сифат нишон дода шудаанд: такроран, дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок, ба миқдори махсусан калон содир шудани ғоратгарӣ.

Тағйиротҳои минбаъдае, ки ба м. 248 КҶ ҶТ ворид карда мешаванд, асосан ба иваз намудани калимаҳо ва сабук намудани ҷазо барои ин ҷиноят вобаста буданд. Масалан, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 17 – уми майи 2004[50] ба м. 248 КҶ ҶТ тағйирот ворид карда шуда, дар санксияи қ. 1 калимаи «аз панҷ то ҳашт» бо калимаҳои «аз се то панҷ», дар б. «г» қ. 2 калимаҳои «ва саломатӣ» бо калимаҳои «ё саломатӣ», дар санксияи қ. 2 калимаҳои «аз ҳафт то дувоздаҳ» бо калимаҳои «аз панҷ то даҳ», дар санксияи қ. 3 «аз дувоздаҳ то

[49] Ниг: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – №9. – м. 68.
[50] Ниг: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2004. – №5 (1342). – м. 346.

понздаҳ» бо « аз даҳ то дувоздаҳ» дар санксияи қ. 4 «аз понздаҳ то бист» бо калимаҳои «аз дувоздаҳ то понздаҳ» иваз карда шуданд.

Баъдан, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 18.06.2008, таҳти №386[51] дар матни КҶ ҶТ калимаҳои «амвол» бо калимаи «молу мулк» иваз карда мешавад.

Ҳамин тавр дар натиҷаи таҳлили зербоби мазкур чунин хулосаҳоро қайд намудан мумкин аст.

1. Дар давраҳои аввали ҳокимияти шуравӣ консепсияи ягонаи ҷиноятҳои молу мулкӣ ҷой надошт. Дар давраи амали КҶ ҶШФСР аз соли 1922, КҶ ҶШС Ӯзбекистон аз соли 1926 ва КҶ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1935 масъалаи аз ҳам ҷудо намудани ғоратгарӣ ва дуздӣ мушаххасан ҳалли худро пайдо накарда ин ду таркиби ҷиноят бо ҳам омехта карда мешуданд.

2. Сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии давлати шуравӣ дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳо ба муқобили моликият, аз ҷумла бо ғоратгарӣ сиёсати ба таври афзалиятнок ҳифз намудани моликияти сотсиалистиро бо роҳи муқаррар намудани ҷазоҳои нисбатан вазнин барои таҷовуз ба онҳо пеша карда буд. Чунин самти сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ дар сатҳи қонунгузорӣ то қабули КҶ ҶТ соли 1998 идома меёбад.

1.2. Таҳлили тасарруфи молу мулки ғайр бо аломатҳои ҷинояти ғоратгарӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии баъзе давлатҳои хориҷӣ

Таҷрибаи танзими ғоратгарӣ дар давлатҳои хориҷӣ, метавонад дар ҳангоми такмил додани қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ аз ҷониби қонунгузории ҶТ ба назар гирифта шавад. Дар ҳар як давлат хусусиятҳои хоси батанзимдарории шаклҳои алоҳидаи тасарруф вобаста ба дохил будани он ба ин ё он оилаи ҳуқуқӣ, анъанаҳои таърихӣ ва фарҳангӣ ба назар мерасад. Барои ҶТ бо ин маъно бештар ҷумҳуриҳои пасошуравӣ

[51] Ниг: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008. – №6 (1391). – м. 445.

наздикӣ доранд. Зеро дар тули даҳсолаҳо давлатҳои мазкур дар асоси низоми ягонаи ҳуқуқӣ инкишоф меёфтанд. Дар баробари ин новобаста аз он ки аз пош хӯрдани ИҶШС зиёда аз сӣ сол гузашта бошад ҳам қонунгузории давлатҳои мазкур бо ҳам наздик мебошанд.

Бинобар он аввал лозим мешуморем, ки қонунгузории давлатҳои пасошуравиро дар самти муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои ҷинояти ғоратгарӣ мавриди таҳлил қарор диҳем.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Озарбойҷон дар қ. 1 м. 180 КҶ[52] ғоратгарӣ ҳамчун ошкоро тасарруф намудани молу мулки шахси дигар муайян карда мешавад, ки ин пурра бо диспозитсияи қ. 1 м. 248 КҶ ҶТ мувофиқат менамояд. Барои қ. 1 м. 180 КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон ҷазоро дар намуди маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то се сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол муқаррар месозад. Муқоисаи санксияҳо нишон медиҳад, ки қонунгузории Тоҷикистон барои ғоратгарӣ ҷазодиҳии вазнинтарро пешбинӣ намудааст (маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол).

Умумиятҳои зиёд доир ба мазмуни аломатҳои вазнинкунанда низ ба назар мерасад. Аломатҳои вазнинкунандаи дар қ. 2 м. 180 КҶ Озарбойҷон пешбинишуда ба пуррагӣ бо қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ мувофиқат менамоянд. Дар қ. 3 КҶ Озарбойҷон чунин аломатҳои вазнинкунанда ба монанди: содир шудани ғоратгарӣ 1) аз ҷониби гуруҳи муташаккил ва 2) бо расонидани зарари калон ба ҷабрдида муқаррар шудааст. Ба сифати ҳолати махсусан вазнинкунанда дар қ. 4 м. 180 КҶ Озарбойҷон содир шудани ғорагарӣ бо расонидани зарари махсусан калон муқаррар шудааст.

[52] Уголовный кодекс Азербайджанской Республики. Утвержден Законом Азербайджанской Республики от 30 декабря 1999 года, №787–IQ (с изменениями и дополнениями по состоянию на 27.12.2021 г.). [Электронный ресурс]. – режим доступа: https: // online.zakon.kz/Documenкодект/?oc_id=30420353&doc_id2=30420353#pos=251;–110&pos2=2113;–101 (дата обращение: 19.10.2021).

Дар КҶ Ҷумҳурии Белорус[53] низ ғоратгарӣ ҳамчун «ошкоро тасарруф намудани молу мулк (ғоратгарӣ)» (қ. 1 м. 206) муайян карда шуда, дар он мансубияти молу мулк нишон дода нашудааст. Дар фарқият аз санксияи қ. 1 м. 248 КҶ ҶТ қонунгузории Белорус барои ғорагарии одӣ дар баробари ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ доираи васеи ҷазоҳои алтернативиро пешбинӣ намудааст: корҳои ҷамъиятӣ, ҷарима ё корҳои ислоҳӣ ё ҳабс ё маҳдуд кардани озодӣ. Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанда дар қ. 2 м. 206 КҶ Белорус содир намудани ғоратгарӣ, ки бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавфнок набуда, ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ ё такроран ё аз ҷониби гуруҳи шахсон ё бо дохил шудан ба манзил пешбинӣ шудааст. Барои чунин кирдорҳо низ қонунгузории Белорус ҷазои алтернативиро дар намуди ҷарима, ҳабс ё маҳдуд кардани озодӣ муқаррар намудааст.

Содир намудани ғоратгарӣ ба андозаи калон дар қ. 3 м. 206 ва ғоратгарии аз ҷониби гуруҳи муташаккил ё ба андозаи махсусан калон содир шуда ба сифати аломати махсусан вазнинкунанда дар қ. 4 м. 206 КҶ Белорус мустаҳкам шудааст. Хусусияти фарқкунандаи санксияи қ. 3 ва қ. 4 м. 206 КҶ Белорус дар он ифода меёбад, ки якҷоя бо ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба сифати ҷазои иловагӣ ҷарима муқаррар мегардад.

Дар м. 191 КҶ Казоқистон[54] низ ғоратгарӣ ҳамчун ошкоро тасарруф намудани молу мулк муайян шудааст. Санксияи модда чун КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон барои содир намудани ғоратгарии одӣ доираи васеи ҷазоҳои алтернативиро ба монанди ҷарима, корҳои ислоҳӣ, ҷалб намудан ба корҳои ҷамъиятӣ ё маҳдуд кардани озодӣ пешбинӣ месозад. Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанда дар қ. 2 м. 191 КҶ Қазоқистон содир намудани ғоратгарӣ 1) бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида

[53] Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 года, №275–З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 05.01.2022 г.) [Электроный ресус]. – Режим доступа: https: // online.zakon.kz/ Document/?doc_id=30414984&doc_id2=30414984#activate _doc=2&pos= 46;–87& pos2=1874;–97 (дата обращение: 19.10.2021).

[54] Уголовный кодекс Республики Казахстан [Электроный ресус]. – Режим доступа: URL: https: // online. Zakon. Kz/ document/ ? Doc _id= 31575252#pos=66;–45 (дата обращение: 19.10.2021).

хавфнок набуда ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ; 2) гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ пешбинӣ шудааст, ки бо маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати аз се то ҳафт сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад. Чунин ҳолатҳои вазнинкунанда ба монанди ба миқдори калон, такроран, бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил, бинои хизматӣ, истеҳсолӣ ё анборхона дар қ. 3 м. 191 КҶ Қазоқистон мустаҳкам гардида, он бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад. Ба сифати аломатҳои махсусан вазнинкунанда дар КҶ Қазоқистон 1) содир намудани ғорагарӣ аз ҷониби гуруҳи ҷиноятӣ ва ба миқдори махсусан калон мустаҳакам шудааст (қ. 4 м. 191 КҶ).

Дар КҶ Ҷумҳурии Кирғизистон[55] ғоратгарӣ ҳамчун ошкоро ситонидани (завладение) молу мулки ғайр муайян карда мешавад, яъне қонунгузории Қирғизистон дар қатори ҷиноятҳои роҳзанӣ ва қаллобӣ ҳангоми муайян намудани таркиби ҷинояти ғоратгарӣ аз калимаи тасарруф истифода накарда танҳо ба ситонидани молу мулки ғайр ишора намудааст. Дар қ. 2 м. 206 КҶ Қирғизистон ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанда содир намудани ғоратгарӣ ба андозаи назаррас, аз ҷониби гуруҳи шахсон, гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, дар қ. 3 м. 206 содир намудани ғоратгарӣ ба миқдори калон, бо дохил шудан ба манзил, бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок набуда ё таҳдиди истифодаи чунин зуроварӣ, дар қ. 4 м. 206 ба андозаи махсусан калон, гуруҳи муташаккил, дар ҳайати иттиҳодияи ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст. КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон чи тавре мебинем дар фарқият аз м. 248 КҶ ҶТ ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанда, содир намудани ҷиноят аз ҷониби гуруҳи шахсонро, яъне бе ҷой доштани маслиҳати пешакӣ ва ба сифати ҳолати махсусан вазнинкунанда содир шудани ғоратгариро дар ҳайати иттиҳоди ҷиноятӣ низ дохил намудааст. Ғайр аз ин ба андешаи мо тафриқабандии

[55] Уголовный кодекс Кыргызской Республики от 2 февраля 2017 года, №19 [Электроный ресус]. – Режим доступа: URL: http: // cbd. Minjust.gov.kg/act/view/ru–ru/111527?Cl=ru–ru (дата обращение: 19.10.2022).

ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба чунин аломати вазнинкунанда ба монанди содир намудани ҷиноят аз ҷониби гуруҳи муташаккил дар КҶ Қирғизистон бештар асоснок ба назар мерасад. Зеро аломати мазкур дар қ. 4 м. 206 КҶ Қирғизистон дар қатори аломатҳои махсусан вазнинкунанда мустаҳкам шуда боиси таъини ҷазои сахттар мегардад. Дар КҶ ҶТ бошад аломати содир намудани ҷиноят аз ҷониби гуруҳи муташаккил дар қ. 3 м. 248 КҶ ҶТ мустаҳкам шуда, он назар ба содир намудани ғоратгарӣ ба миқдори махсусан калон ё дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок камтар ҷазо дода мешавад.

Дар КҶ Ҷумҳурии Молдова[56] дар қисмати танзими таркиби ғоратгарӣ ва ҷавобгарӣ барои он меъёрҳои монанд ба КҶ ҶТ ҷой доранд. Аммо КҶ Молдова хусусиятҳои хоси худро низ доро мебошад. Дар қ. 1 м. 187 КҶ Молдова ғоратгарӣ чунин муайян шудааст: «Ғоратгарӣ, яъне ошкоро тасарруф намудани молу мулки шахси дигар». Санксияи модда ҷазоро дар намуди ҷарима, меҳнати пардохтнашаванда ба фоидаи ҷамъият ё маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ менамояд. Дар фарқият аз аломатҳои вазнинкунандаи м. 248 КҶ ҶТ м. 187 КҶ Молдова чунин ҳолатҳоро муқаррар намудааст: 1) содир намудани ғоратгарӣ аз ҷониби ду ё зиёда шахсон (б. «b»қ. 2 м. 187 КҶ), бо истифода аз ниқоб ё бо иваз намудани либос, ҳамчун шахси ҷинси дигар вонамуд кардани худ (б.» С» қ. 2 м. 187 КҶ), ғоратгарӣ бо мақсади тасарруф намудани арзишҳои мероси фарҳангӣ аз пайкараҳои археологӣ ё аз минтақаҳои археологӣ (қ. 2–1 м. 187 КҶ), аз ҷониби ташкилоти ҷиноятӣ (қ. 3 б. «b» м. 187 КҶ).

Дар м. 166 КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон[57] низ ба монандӣ давлатҳои дигари пасошуравӣ ғоратгарӣ ҳамчун тасарруфи ошкорои молу мулки ғайр муайян шудааст. Санксияи модда дар қатори маҳрум сохтан аз озодӣ

[56] Уголовный кодекс Республики Молдова от 18 апреля 2002 года, №985–XV (с изменениями и дополнениями по состоянию на 11.11.2021 г.) [Электроный ресус]. – Режим доступа: https: // online.zakon.kz/ Document/ doc_id=30394923&docid2=30394923# activate_doc =2&pos=264;–110&pos2=2378;–78 (дата обращение: 06.10.2022).

[57] Уголовный кодекс Республики Узбекистан (с изменениями и дополнениями по состоянию на 12.09.2019 г. [Электроный ресус]. – Режим доступа: URL: http: // continent–online.com/Document/? Doc_id=30421110 (дата обращение: 19.10.2022).

ҷазоҳои дигари алтернативиро ба монандӣ корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардани озодӣ муқаррар намудааст. Сохт ва пайдарҳамии ифода гардидани аломатҳои вазнинкунанда мутобиқи қонуни ҷиноятии Ӯзбекистон диққатҷалбкунанда мебошад. Аввал аз чунин аломатҳо содир намудани ғоратгарӣ бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнокнабуда ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ нишон дода шудааст. Ба андешаи мо чунин мавқеъ ҷолибтар мебошад. Зеро, чун анъана ғоратгарӣ ҳамчун тасарруфи ошкоро, баъдан ҳамчун ошкоро тасарруф намудан бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнокнабуда ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ фаҳмида мешавад. Ба таври дигар, аломати мазкур (истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнокнабуда ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ) барои таркиби ғоратгарӣ аломати муҳим ба ҳисоб меравад, аммо қонуни ҷиноятии ҶТ чун аксарияти давлатҳои дигари баррасишуда, ин аломати муайянкунандаи моҳиятро аз чи сабаб бошад, дар қатори наздик ба охирон пас аз дигар аломатҳои вазнинкунанда, ки моҳияти ғоратгариро ифода намекунанд, ҷойгир намудааст. Бинобар он, ба андешаи мо мавқеи қонунгузории Ӯзбекистон дар ин самт бештар ба мантиқи батанзимдарории ҳуқуқи ҷиноятии таркиби ғоратгарӣ ҳамчун ҷинояти молу мулкӣ мувофиқ мебошад.

Дар баробари ин, чунин аломати вазнинкунанда содир намудани ғоратгарӣ аз ҷониби гуруҳи муташаккил (б «в» қ. 3 м. 248 КҶ ҶТ), дар КҶ Ҷумҳурии Узбекистон ба таври васеътар муқаррар шудааст, яъне содир намудани ғоратгарӣ на танҳо аз ҷониби гуруҳи муташаккил, инчунин «ба манфиатҳои он» (б. «г» қ. 4 м. 166 КҶ Ӯзбекистон), ки ин диққатҷалбкунанда мебошад. Чунин мавқеъ метавонад, зери мадди назари қонунгузории Тоҷикистон қарор гирад.

Дар КҶ ФР[58] дар қ. 1 м. 161 ғоратгарӣ ҳамчун тасарруфи ошкорои молу мулки ғайр муайян шудааст. Чун дигар давлатҳои пасошуравии баррасишуда санксияи қ. 1 м. 161 КҶ ФР дар қатори маҳрум сохтан аз озодӣ чунин ҷазоҳои алтернативиро муайян намудааст: корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардани озодӣ, корҳои маҷбурӣ, ҳабс. Доираи ҳолатҳои бандубастшаванда мутобиқи м. 161 нисбатан маҳдудтар буда ба чунин сифат содир намудани ғоратгарӣ аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил, бино ё дигар анборхона, бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнокнабуда ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ, ба андозаи калон (қ. 2 м. 167 КҶ ФР), аз ҷониби гуруҳи муташаккил, ба миқдори махсусан калон (қ. 3 м. 167 КҶ ФР) баромад менамоянд.

Қонунгузориҳои Ҷумҳуриҳои назди Балтика – Эстония, Латвия ва Литва дар самти муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои ғоратгарӣ дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд, ки аз дигар давлатҳои пасошуравӣ фарқ мекунанд. Дар Кодекси пенитенсиарии Эстония[59] таркиби бевоситаи ғоратгарӣ ҷой надорад. Қонунгузории пенитенсиарии Эстония ба таври ошкоро ситонидани ашёи манқули ғайрро бо мақсади ғайриқонунӣ азонихудкардан ба таркиби ҷинояти дуздӣ мансуб донистааст, яъне тасарруфи молу мулки шахси дигар новобаста аз ошкоро ё ниҳонӣ содир шудани он ҳамчун ҷинояти дуздӣ баррасӣ мегардад. Мутобиқи м.199 Кодекси пенитенсиарии Эстония ситонидани ашёи манқули шахси дигар бо мақсади ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба он дуздӣ эътироф шуда, ошкоро содир шудани чунин кирдорҳо, аммо бе истифодаи зӯроварӣ ҳамчун аломати вазнинкунандаи дуздӣ (қ. 5 м. 199) муқаррар мешавад.

---

[58] Уголовный кодекс Российской Федерации от 13.06.1996, №63–ФЗ (ред. От 16.10.2019) [Электроный ресус]. – Режим доступа: URL: http: // www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_10699 / (дата обращение: 19.10.2022).

[59] Пенитенциарный кодекс Эстонии от 20.07.2020 [Электроный ресус]. – Режим доступа: https: //docs.yandex. ru/docs/ view?tm=1644942200&tld= u&lang=ru&name= ПЕНИТЕНЦИАРНЫЙ% 20 КОДЕКС% (дата обращение: 19.10.2021).

Агар ситонидани ашёи манқули шахси дигар бо мақсади ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба он бо истифодаи зӯроварӣ содир шавад, чунин кирдор таркиби роҳзаниро ташкил медиҳад (м. 200), яъне барои таркиби роҳзанӣ барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок будан ё набудани зӯроварӣ аҳаммият надорад. Ҳамин тавр, мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Эстония ошкоро ситонидани молу мулки шахси дигар бе истифодаи зӯроварӣ ҳамчун дуздӣ ва ошкоро ситонидани чунин молу мулк бо истифодаи зӯроварӣ, ҳатто бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок набуда ҳамчун роҳзанӣ баррасӣ мешавад.

Дар қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Латвия[60] низ дар м. 175 дуздӣ ҳамчун ниҳонӣ ё ошкоро тасарруф намудани молу мулки манқули ғайр муайян карда шудааст. Тасарруфи молу мулки манқули шахси дигар, ки бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он содир шудааст, ҳамчун роҳзанӣ баррасӣ мешавад (м. 176 КҶ Латвия).

Дар идома таҷрибаи батанзимдарории қонунгузории таркиби ғоратгариро дар давлатҳои дигар баррасӣ менамоем. Қонунгузории ҷиноятии Олмон дар фарқият аз қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва дигар давлатҳои пасошуравӣ бевосита таркиби ҷиноятҳои бо тасарруф алоқаманд бударо ошкор намесозад. Ғайр аз ин, ҳуқуқи ҷиноятии Олмон[61] ибораи «ғоратгарӣ»–ро истифода намебарад. Аммо қонунгузории давлати мазкур ҷавобгарии ҷиноятиро барои ошкоро тасарруф намудани молу мулк, аз ҷумла бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок набударо истисно намекунад. Дар КҶ Олмон таркиби ғоратгарӣ бо он фаҳмише, ки дар қонунгузории ҶТ ҷой дорад, ба ду қисм ҷудо карда шудааст: қисми аввалро шартан метавон ҳамчун дуздии дараҷаи хавфнокиаш вазнинтар ва дуюмро ҳамчун роҳзании дараҷаи хавфнокиаш

[60] Уголовный закон Латвии [Электроный ресус]. – Режим доступа: olovnij zakon latvii rus. Pd f//https:// docs.yandex.ru/docs/ view?tm=1644987356&tld=ru&lang=ru&name=golovnijzakonlatviirus.pdf&t (дата обращение: 19.10.2021).

[61] Ниг.: Головненков П.В. Уголовное уложение Федеративной Республики Германия – Strafgesetzbuch (StGB) – Научно–практический комментарий и перевод текста [Электроный ресус]. – Режим доступа: ile:///C:/ Users/user /Downloads/ Neuauflage_der_k ommentierten_StGB–Übersetzung_von_Pavel_Golovnenkov.pdf (дата обращение: 05.03.2022).

камтар ифода намуд. Дар КҶ ҶТ ин ду қисм бо ҳам муттаҳид шуда таркиби мустақили таҷовузи ҷиноятӣ ба муқобили моликиятро ташкил медиҳанд. Дар КҶ Олмон мутаносибан ғоратгарӣ ба таркиби дуздӣ ва роҳзанӣ дохил карда шудааст.

Таркиби асосии кирдори барассишаванда дар қонунгузории Олмон § 242 (Дуздӣ) ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо қонунгузор диспозитсияи дуздиро дигар хел назар ба КҶ ҶТ ифода намудааст, яъне ҳамчун «касе ки ашёи манқули ғайрро аз шахси дигар бо нияти ғайриқонунӣ азонихуднамудани ин ашё ё додани он ба соҳибияти каси дигарро мегирад». Ҳамин тавр, дуздии одӣ таркибҳои одии дуздӣ ва ғоратгариро, ки дар КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, дар бар мегирад.

Дар § 249 КҶ Олмон таркиби роҳзанӣ чунин муайян шудааст: «Касе ки бо истифодаи зӯроварӣ ба муқобили шахси дигар ё бо таҳдиди хавфи мавҷудбуда барои томияти ҷисмонӣ ё ҳаёт, ашё ва манқули ғайрро аз шахси дигар бо нияти ғайриқонунӣ азонихудкардан ё додани ин ашъё ба соҳибияти шахси дигар мегирад». Аз ин ҷо қонунгузории Олмон дараҷаи истифода шудани зӯровариро дар фарқият аз қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ, ки дар онҳо чунин дараҷа ғоратгарӣ ва роҳзаниро ҳамчун таркибҳои мустақили ҷиноят ҷудо месозад, тафриқабандӣ наменамояд. Ҳамин тавр, қонунгузории Олмон таркиби ғоратгариро дар доираи ду таркиб тақсимбандӣ намудааст: дуздӣ (бе истифодаи зӯроварӣ) ва роҳзанӣ (бо истифодаи зуроварӣ).

Дар баробари ин дар КҶ Олмон як қатор аломатҳои вазнинкунанда муқаррар шудаанд. Масалан, дар § 243 таркиби ҳолатҳои махсусан вазнини дуздӣ муайян шудааст. Ҳолатҳои махсусан вазнини дуздӣ дар мавридҳои зерин ҷой дорад, агар иҷрокунанда: барои содир намудани кирдор бо роҳи шикаста даромадан дохил шавад, ё бо ёрии калиди интихобшуда ё дигар олоте, ки барои кушодани мувофиқ пешбинӣ нашудааст, бинои хизматӣ ё соҳибкорӣ ё дигар фазои маҳдуд дохил шавад ё дар бино руст шавад;

1) ашёеро тасарруф намояд, ки ба воситаи анборхонаҳои қулфшаванда ё дигар воситаҳои муҳофизатӣ аз дуздӣ ҳифз карда мешаванд;

2) ҳамчун касб содир намудани дуздӣ;

3) аз калисо ё дигар бино ё иншоотҳои барои анҷом додани маросимҳои динӣ пешбинишуда, ашёҳои барои ибодат кардан ё объекти эътиқоди динӣ хизматкунандаро дуздӣ кардан;

4) дуздидани ашёҳои барои илм, санъат ё таърих ё барои инкишофи техникӣ аҳаммиятдошта, ки дар коллексияҳои дастраси умум ҷойгир ҳастанд ё ба таври оммавӣ намоиш дода мешаванд;

5) оҷизии шахси дигар, ҳодисаи нохуш ё хавфнокии умумро истифода бурда содир намудани дуздӣ;

6) дуздидани силоҳи оташфишон.

Чи тавре маълум мешавад, аломатҳои вазнинкунандаи дуздӣ муфассал баён мешаванд.Мавқеи қонунгузории Олмон нисбати предметҳои махсуси тасарруф назар ба КҶ ҶТ дигархелтар мебошад, зеро қонунгузории ҷиноятии ҶТ тасарруфи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркишро новобаста аз шакли тасарруф таркиби мустақили ҷиноят мустаҳакам намудааст (м.199 КҶ ҶТ). Ғайр аз ин қонунгузории Олмон доираи нисбатан васеи ҳолатҳои вазнинкунандадаро муқаррар намудааст. Баъзе аз ин ҳолатҳо барои қонунгузории ҷиноятии ҶТ шинос нестанд, ба монанди дуздӣ аз калисо ё дигар бино ё иншоотҳои барои анҷом додани маросимҳои динӣ пешбинишуда, ашёҳои барои ибодат кардан ё объекти этиқоди динӣ хизматкунанда, дуздидани ашёҳои барои илм, санъат ё таърих ё барои инкишофи техникӣ аҳамиятдошта, ки дар коллексияҳои дастраси умум ҷойгир ҳастанд ё ба таври оммавӣ намоиш дода мешаванд, оҷизии шахси дигар, ҳодисаи нохуш ё хавфнокии умумро истифода бурда содир намудани дуздӣ.

Чи тавре ба назар мерасад, баъзе аз ин ҳолатҳо мумкин аст аз ҷониби қонунгузории ҷиноятии ҶТ ба назар гирифта шаванд, масалан вақте ки ғоратгар молу мулки шахсони пиронсол, хурдсолро тасарруф менамояд).

Дигар аломатҳои вазнинкунандадаи дуздӣ дар дигар моддаҳои КҶ Олмон дарҷ гардидаанд. Масалан, § 244 (Дуздии мусаллаҳона, дуздӣ аз ҷониби даста, дуздӣ аз хона) бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз шаш моҳ то даҳ сол ҷазо дода мешавад, агар:

1. Дуздиро худи ӯ ё дигар шарик, ки:

а) дар худ силоҳ ё дигар олоти хавфнок дошта бошад;

б) дар худ олоти дигар ё воситае дорад, ки зуран ё бо роҳи таҳдиди татбиқи зуроварӣ муқобилияти шахси дигарро бартараф созад;

2. Дуздиро ҳангоми дар ҳайати даста будан, ки барои дурудароз содир намудани роҳзанӣ ё дуздӣ ташкил шудааст, ҳангоми мусоидати аъзои дигари ин банда содир менамояд,

3. Дуздӣ содир менамояд, ки барои амали намудани он бо роҳи шикаста даромадан ба манзил дохил мегардад, ё ба он бо ёрии калиди омодашуда ё дигар воситаи дигар ворид мешавад, ё дар манзил пинҳон мешавад.

Чи тавре маълум мешавад, қонунгузории Олмон аниқ нишон медиҳад, ки зӯроварӣ (ё таҳдиди истифодаи он) бо маъное истифода мешавад, ки агар зӯроварӣ барои монеъ шудан ба муқобилияти шахси дигар истифода шавад. Агар муқобилияти ҷабрдида ё шахси дигар ҷой надошта бошад, истифодаи зӯроварӣ ҳамчун роҳзанӣ баҳо дода мешавад. Мутобиқи қонунгузории ҶТ барои бандубасти ғоратгарӣ аҳаммият надорад, ки зӯроварӣ барои ғасби молу мулк ё барои бартараф намудани муқобилият анҷом дода мешавад.

Дар қонунгузории Испания[62] таркиби ҷиноятҳои дорои аломатҳои ғоратгарӣ дар Фасли XIII «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият ва тартиботи

[62] Уголовный кодекс Испании [Электроный ресус]. – Режим доступа: https: // docs.yandex.ru/ docs/view? tm=1648887999&tld =ru&lang= (дата обращение: 19.10.2021).

иҷтимоиву иқтисодӣ» ҷойгир шудаанд, ки дар он боби 1 «Дар бораи майдадуздӣ» ва боби 11 «Дар бораи дуздӣ» дохил мешаванд. Қонунгузории Испания низ чун қонунгузории Олмон ғоратгариро ба сифати таркиби мустақили ҷиноят ҷудо накарда таркиби мазкурро дар доираи дуздӣ ва роҳзанӣ пешбинӣ намудааст.

Дар баробари ин дар КҶ Испания сарҳади тасарруфи молу мулк ва истифодаи зӯроварӣ ба ашё (ин ҷо сухан маҳз дар бораи зӯроварии молу мулкӣ на ин ки ҷисмонӣ меравад) ва бе истифодаи чунин зӯроварӣ муайян шудааст. Масалан, дар м. 235 КҶ Испания меъёри зерин муқаррар шудааст: «Касе, ки бо мақсади ба даст овардани фоида молу мулки манқули ғайро бе розигии соҳиби он соҳиб мешавад». Ин ҷо қонунгузор байни ниҳонӣ ва ошкоро тасарруф намудан фарқият нагузоштааст, яъне ин меъёр дуздӣ ва ғоратгарии бе истифодаи зӯроварӣ ба шахси воқеӣ дар қонунгузории ҶТ пешбинишударо дар бар мегирад. Дар қонунгузории Испания чунин кирдори барои ҷамъият хавфнок ҳамчун «майдадуздӣ» номгузорӣ шудааст.

Ба ғайр аз «майдадуздӣ» қонунгузории Испания мафҳуми «дуздӣ»–ро низ ҷудо менамояд, ки дар худ дуздӣ бо истифодаи зӯроварӣ ба ашё, ҳолатҳои ғоратгарӣ бо истифодаи зуроварӣ ва роҳзаниро дар бар мегирад. Меъёри мазкур дар м. 238 КҶ оварда шудааст: «Дар содир намудани дуздӣ шахсе гунаҳкор дониста мешавад, ки бо мақсади ба даст овардани фоида ашъёи манқули ғайрро бо истифодаи зӯроварӣ ба ашё барои дастрас намудани он ё татбиқи зӯроварӣ ё тарсонидани шахс соҳиб мешавад». Дар баробари ин қонунгузор мушаххасан ба он ҳолате ишора менамояд, ки ҳангоми он кирдор мумкин аст ҳамчун дуздии бо истифодаи зӯроварӣ ба ашё содиршуда бандубаст карда шавад. Ҳолати мазкур дар м. 239 КҶ Испания ба танзим дароварда шудааст: «Гунаҳкор дар дуздӣ бо истифодаи зӯроварӣ шахсе эътироф мешавад, ки бо мақсади ба даст овардани фоида ашёи манқули ғайр бо истифодаи зӯроварӣ ба ашё барои дастрасии он ё

татбиқи зӯроварӣ ё тарсонидани шахс ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои зерин соҳиб мешавад:

1. Дуздона ворид шудан.

2. Вайрон кардани девор, шифт ё фарш ё шикастани дар ё тиреза.

3. Шикастани ҷевонҳо, сейфҳо, дигар предметҳои мебел ё объектҳои пӯшида ё муҳргузошташуда, инчунин бо калид кушодани онҳо бо мақсади дастрас намудани чизҳои нигоҳдошташаванда (дар ҷои дуздӣ ё берун аз он).

4. Истифодаи калидҳои интихоб ё сохташуда.

5. Зарар расонидан ба системаи махуси огоҳнамоӣ ва муҳофизатӣ»

Дар м. 240 КҶ Испания сухан дар бораи «ғоратгарӣ» меравад (аммо ибораи мазкур бо ғоратгарӣ, ки дар КҶ ҶТ омадааст ҳаммаъно набуда бештар ба «тасарруф» наздикӣ дорад) ва дар он нишон дода мешавад, ки гунаҳкор дар ғоратгарӣ бо истифодаи қувва ба ашё бо маҳбаснамоӣ ба муҳлати аз як сол то се сол ҷазо дода мешавад.

Дар қонуни ҷиноятии Испания ба таври алоҳида масъалаҳои истифодаи зӯроварӣ ба шахси воқеӣ ҳангоми тасарруф ба танзим дароварда шудааст. Дар м. 241 КҶ Испания чунин муқаррарот ҷой дорад, ки мувофиқи он « 1. Гунаҳкор дар ғоратгарӣ, ки бо зӯроварӣ ё тарсонидани шахс алоқаманд мебошад, бо маҳбаснамоӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад».

2. Ҷазо наздиктар ба ҳадди болоии санксия таъин карда мешавад, агар гунаҳкор олот ё дигар воситаи хавфнокро барои содир намудани ҷиноят истифода бурда бошад...

3. Агар аҳаммияти зӯроварӣ ё тарсонидан назаррас набошад, ҷазо камтар аз ҷазои дар б. 1 моддаи мазкур пешбинишуда таъин карда мешавад».

Хусусияти фарқкунандаи қонунгузории ҷиноятии Испания дар он ифода мегардад, ки расонидани зарар ба саломатӣ ҳангоми тасарруф мустақилона бандубаст карда мешавад (қ. 1.м. 241 КҶ Испания).

Қонунгузории ҷиноятии Шветсия[63] мафҳуми ғоратгариро мустаҳкам намуда, ҷавобгариро барои он вобаста аз дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ тафриқабандӣ намудааст. Аз як тараф ғоратгарӣ ҳамчун намуди дуздӣ баррасӣ мешавад, аз тарафи дигар ҳамчун ҷинояти мустақил. Дар бораи намуди дуздӣ будани ғоратгарӣ муқаррароти м. 5 КҶ боби 8 шаҳодат медиҳад, ки мувофиқи он «агар шахсе, ки аз шахси дигар бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдид, ки ба шахси дигар хавфи бевосита дорад дуздӣ содир намояд, ё пас аз содир намудани дуздӣ ва бо чизи дуздидашуда дастгир шуда ба шахси ба баргардонидани чизи дуздидашуда кушишкунанда зӯроварӣ ё таҳдид намояд, пас маҳбаснамоӣ ба муҳлати на камтар аз як сол ва на зиёда аз шаш сол бояд барои ғоратгарӣ таъин гардад».

Мутобиқи м. 6 КҶ Шветсия ҷавобгарӣ барои ғоратгарии вазнин муқаррар шудааст. Ҳангми муайян намудани ғоратгарии вазнин бояд муайян карда шавад, ки оё зоӯроварӣ барои ҳаёт хавфнок аст ё айбдоршаванда зарари вазнини ҷисмонӣ расонидааст ё боиси бемории вазнин гардидааст, ё бо тарзи дигар бераҳмии зиёд зоҳир намудааст, аз вазъи беҳимоя ё кушоди ҷабрдида истифода намудааст. Масъала дар бораи ҷавобгарӣ барои ғоратгарии нотамом низ дар доираи боби 8 ҳал гардидааст.

Мутобиқи КҶ Шветсария[64] байни ниҳонӣ ва ошкоро тасарруф намудани молу мулки ғайр фарқгузорӣ гузошта нашудааст. Бинобар он ғоратгарӣ байни дуздӣ ва роҳзанӣ «тақсимбандӣ» гаштааст. Мафҳуми дуздӣ дар м. 139 КҶ Шветсария чунин омадааст: «1. Касе, ки аз каси дигар ашёи ғайриманқулро бо мақсади аз они худ кардан, барои ғайриқонунӣ бой шудани худ ё бой намудани шахси дигар мегирад, ҷазо дода мешавад». Ба сифати аломатҳои вазнинкунандаи дуздӣ дар қ. 3 м. 139 КҶ Шветсария ҳолатҳои зерин муқаррар шудаанд:

---

[63] Уголовный кодекс Шветции [Электроный ресус]. – Режим доступа: http: // lawlibrary.ru/izdanie2068051.html (дата обращение: 19.10.2021).

[64] Уголовный кодекс Швейцарии [Электроный ресус]. – Режим доступа: https: // www.studmed.ru/ugolovnyy–kodeks–shveycarii_1a1ab322d3f.html (дата обращение: 19.10.2021).

– агар шахс аъзои даста, ки барои доими содир намудани роҳзанӣ ё дуздӣ ташкил шудааст, буда дуздӣ содир намояд;

– агар дар худ бо мақсади содир намудани дуздӣ силоҳи оташфишон ё дигар силоҳи хавфнок дошта бошад;

– агар шахс бо ин ё он усул ҳангоми содир намудани дуздӣ хавфнокии махсус нишон диҳад.

Дуздӣ ба зиёни хешовандон ё аъзоёни оила танҳо бо шикояти онҳо таъқиб карда мешавад (қ. 3 м. 139 КҶ).

Чунин техникаи қонунгузорӣ ҳангоми сохтани таркиби асосӣ ва вазнинкунандаи роҳзанӣ дар м. 140 КҶ Шветсария истифода мешавад: «Касе, ки дуздиро бо истифодаи зӯроварӣ ба муқобили шахс ё таҳдиди хавфи мавҷудбуда барои ҳаёт ё саломатӣ ё пас аз пахш намудани муқобилияти ҷабрдида содир менамояд – ҷазо дода мешавад.

Касеро ки ҳангоми содир намудани дуздӣ дар ҷойи ҷиноят медоранд ва ӯ ҳаракатҳои зӯроваронаи дар қ. 1 м. 140 пешбинишударо барои нигоҳ доштани ашёи тасарруфшуда истифода мебарад, ҷазо дода мешавад».

Аз муқаррароти мазкури қонунгузории Шветсария бармеояд, ки агар дар КҶ ҶТ ҳолати вазнинкунанда танҳо истифодаи силоҳ баромад намояд, пас қонунгузории Шветсария дар қатори ҳолатҳои пурзӯркунандаи ҷавобгарӣ барои содир намудани кирдори ҷиноятии мазкур худи далели дар гунаҳкор мавҷуд будани силоҳи оташфишон ва дигар «силоҳи хавфнок» ба шумор меравад. Ҷинояти молу мулкӣ дар намуди дуздӣ нисбати хешовандон танҳо дар ҳолатҳое сабаби таъқиби ҷиноятӣ мегардад, ки агар аризаи ҷабрдида ҷой дошта бошад. Дар КҶ ҶТ чунин муқаррарот ҷой надорад.

Чи тавре ба назар мерасад ҳуқуқи ҷиноятии Шветсария ба муайян намудани хавфнокии ҷамъиятии ғайриқонунӣ ситонидани молу мулк ҳангоми дуздӣ нисбатан ҷиддӣ муносибат менамояд. Ин бо он маънидод мешавад, ки дар ин давлат асрҳои зиёд арзишҳои фундаменталӣ дар ҷомеа

шахсият ва моликият баромад менамоянд, ки ин инъикоси худро дар сохти Қисми махсуси КҶ Шветсария пайдо намудааст ва дар он номгуйи объектҳои ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ҷойи аввал маҳз шахсият ва моликият гузошта шудааст.

Танзими ҳуқуқи ҷиноятии ҷиноятҳои молу мулкӣ ва ҷавобгарӣ барои содир намудани онҳо дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Халқии Хитой диққатҷалбкунанда мебошад. Дар КҶ ҶХХ[65] кирдори дахлдор дар боби 5 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» пешбинӣ шудааст. Қонунгузории ҷиноятии Хитой на ба намудҳои тасарруф, балки бештар ба усулҳо ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунанда фаҳмида мешаванд ва оқибатҳои дахлдори ба ҷамъият хавфнок такя намудааст.

Дар м. 263 КҶ Ҷумҳурии Халқии Хитой чунин муайян карда шудааст: «Роҳзанӣ нисбати молу мулки давлатӣ ва хусусӣ, ки бо истифодаи зӯроварӣ, таҳдид ва дигар усулҳо содир шудааст, ҷазо дода мешавад». Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунадаи роҳзанӣ ҳолатҳои зерин мустаҳкам шудаанд, ки ба муҳлати зиёда аз даҳ сол, якумра маҳрум сохтан аз озодӣ ё ҷазои қатл ва иловатан бо ҷарима ё мусодираи молу мулк ҷазо дода мешаванд:

1) бо роҳи дохил шудан ба манзил;

2) дар воситаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ;

3) роҳзанӣ дар бонк ё дигар сохтори молиявӣ;

4) такроран содир намудани роҳзанӣ ё ба миқдори калон содир намудани он;

5) боиси расонидани зарари вазнин ё марг гардида бошад;

6) роҳзание, ки бо вонамуд намудани корманди полис ё хизматчии ҳарбӣ содир шудааст;

---

[65] Уголовный кодекс Китая / Под ред. проф. А.И. Коробеева и проф. А.И. Чучаева, пер. с китайского проф. Хуан Даосю. – М.: ООО «КОНТРАКТ», 2017 [Электроный ресус]. – Режим доступа: https: // docs.yandex.ru/docs/view?tm=1645117466&tld=ru&lang=ru&name=УК–Китая_PDF (дата обращение:19.10.2021).

7) роҳзании мусаллаҳона;

8) роҳзанӣ нисбати маводҳои ҳарбӣ ё маводҳои ҳангоми садама, офатҳои табиӣ, расонидани ёрии моддӣ истифодашаванда

Чи тавре мебинем, қонунгузории Ҷумҳурии Халқии Хитой истифодаи зӯроварии дилхоҳ ё таҳдиди содир намудани онро ба таркиби ҷинояти роҳзанӣ дохил намудааст, яъне дар фарқият аз КҶ ҶТ аз ҷумла истифода шудани зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок набуда низ ҳамчун роҳзанӣ муайян шудааст.

Қонунгузории Ҷумҳурии Халқии Хитой дар м. 267 КҶ ғоратгариро чунин муайян намудааст: «ғоратгарии моликияти ҷамъиятӣ ё хусусӣ ба миқдори назаррас ё такроран содиршуда ҷазо дода мешавад... ҳамин кирдорҳо агар ба миқдори калон ё ҳангоми ҳолатҳои дигари вазнинкунанда содир шуда бошад, ҳамин кирдор ба миқдори махсусан калон ё ҳангоми дигар ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда содир шуда бошад...»

Дар фарқият аз роҳзанӣ ҳангоми муайян намудани ғоратгарӣ қонунгузор аломатҳои тавсифдиҳандаи онро бевосита муайян насохтааст.

Дар моддаи алоҳида ҷавобгарӣ барои ғоратгарии оммавӣ муқаррар шудааст, ки мутобиқи он роҳбарон ва иштирокчиёни ғоратгарии оммавии моликияти ҷамъиятӣ ё хусусӣ, ки чунин кирдорро ба андозаи назаррас ё ҳангоми дигар ҳолатҳои вазнинкунанда, ба андозаи калон ё бо дигар ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда содир намудаанд, ҷазо дода мешаванд.

Дар моддаҳои алоҳидаи КҶ Ҷумҳурии Халқии Хитой қонунгузор муқаррар намудааст, ки ҳангоми ҷой доштани ҳолатҳои махсус ғоратгарӣ ҳамчун роҳзанӣ ҷазо дода мешавад. Масалан, дар қ. 2 м. 267 КҶ омадааст, ки ғоратгарие, ки бо истифодаи силоҳ содир шуда бошад мутобиқи м. 263 КҶ Ҷумҳурии Халқии Хитой (Роҳзанӣ) ҷазо дода мешавад. Дар м. 269 КҶ Ҷумҳурии Халқии Хитой муайян мегардад, ки шахсони дуздӣ, қаллобӣ ё ғоратгарӣ содирнамуда ва дар ҷойи содиршавии ҷиноят зӯроварӣ ё

таҳдиди истифодаи зӯровариро бо мақсади пинҳон намудани молу мулки бо роҳи ҷиноятӣ ба даст овардашуда, барои монеъ шудан ба дасгирнамоӣ ё барои несту нобуд намудани далели ҷиноят истифодабаранда мутобиқи м. 263 КҶ ҶХ Хитой ҷазо дода мешаванд.

Ҳамин тавр, қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Халқии Хитой бевосита мафҳуми ғоратгариро муайян насохтааст. Аз мазмуни м. 267 КҶ Ҷумҳурии Халқии Хитой бармояд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғоратгарӣ, танҳо ҳангоми ба миқдори назаррас ё такроран содир шудани он ба вуҷуд меояд.

Ҳамин тавр қонунгузории давлатҳои хориҷиро дар самти танзими қонунгузории ғоратгарӣ таҳлил намуда ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Қонунгузории ҷиноятҳои аксарияти давлатҳои пасошуравӣ таркиби асосии ҷинояти ғоратгариро асосан ба таври якхела муайян менамоянд. Фарқияти асосӣ дар хусусиятҳои аломатҳои вазнинкунанда ба назар мерасад. Масалан, дар КҶ Қирғизистон, содир намудани ҷиноят аз ҷониби гуруҳи шахсонро, яъне бе ҷой доштани маслиҳати пешакӣ ва ба сифати ҳолати махсусан вазнинкунанда содир шудани ғоратгариро дар ҳайати иттиҳоди ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст.

2. Фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба чунин аломати бандубастшаванда ба монанди содир намудани ҷиноят аз ҷониби гуруҳи муташаккил дар КҶ Қирғизистон бештар асоснок ба назар мерасад. Зеро аломати мазкур дар қ. 4 м. 206 КҶ Қирғизистон дар қатори аломатҳои махсусан вазнинкунанда мустаҳкам шуда боиси таъини ҷазои сахттар мегардад. Дар КҶ ҶТ бошад аломати содир намудани ҷиноят аз ҷониби гуруҳи муташаккил дар қ. 3 м. 248 КҶ ҶТ мустаҳакам шуда, он назар ба содир намудани ғоратгарӣ ба миқдори махсусан калон ё дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок камтар ҷазо дода мешавад.

3. Муқоисаи санксияҳо нишон медиҳад, ки қонунгузории Тоҷикистон барои таркиби асосии ғоратгарӣ нисбат ба дигар давлатҳои хориҷӣ, бахусус давлатҳои аъзои ИДМ ҷазои вазнинтарро пешбинӣ намудааст (маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол).

4. Дар фарқият аз санксияи қ. 1 м. 248 КҶ ҶТ қонунгузории аксарияти давлатҳои пасошуравӣ (Ҷумҳурии Белорус, Қазоқистон, ФР) барои ғоратгарии одӣ дар баробари ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ доираи васеи ҷазоҳои алтернативиро пешбинӣ намудааст, ки ин имкон медиҳад бо назардошти ҳолатҳои содир намудани ҷиноят принсипи фардикунонидани ҷазо амалӣ гардонида шавад.

5. Дар аксарияти давлатҳои хориҷа (Эстония, Латвия, Олмон, Испания, Шветсария) ғоратгарӣ ҳамчун кирдори ҷиноятии мустақили ба муқобили моликият равонашуда одатан ҷудо карда нашудааст ва аломатҳои дахлдоре, ки аз рӯйи КҶ ҶТ ба ғоратгарӣ мансуб мебошанд, дар қонунгузории давлатҳои мазкур байни таркиби ҷиноятҳои дуздӣ ва роҳзанӣ тақсим карда шудааст. Ошкоро ситонидани молу мулки шахси дигар бе истифодаи зӯроварӣ ҳамчун дуздӣ ва ошкоро ситонидани чунин молу мулк бо истифодаи зӯроварӣ, ҳатто бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок набуда ҳамчун роҳзанӣ баррасӣ мешавад.

6. Дар қонунгузории ҷиноятии як қатор давлатҳои хориҷӣ аломатҳои вазнинкунандае муқаррар шудаанд, ки мумкин аст, барои такмил додани м. 248 КҶ ҶТ истифода шаванд, масалан ғоратгарии молу мулки шахсони пиронсол, хурдсол, ки дар КҶ Олмон, содир намудани ғоратгарӣ «аз ҷониби гуруҳи муташаккил ё ба манфиатҳои он», ки дар КҶ Ӯзбекистон мустаҳкам шудааст.

БОБИ 2. ТАРКИБИ ҶИНОЯТИ ҒОРАТГАРӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ БАНДУБАСТШАВАНДАИ ОН

2.1. Объект ва тарафи объективи ҷинояти ғоратгарӣ

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар м. 248 ҷавобгарии ҷиноятиро барои ғоратгарӣ, яъне ошкоро тасарруф кардани молу мулки ғайр муқаррар намудааст. Барои асоснок намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва бандубасти дуруст ва ҳаматарафаи кирдор зарур аст, ки ҳама унсурҳо ва аломатҳои таркиби ҷиноят муайян ва мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд. Мутобиқи м. 11 КҶ ҶТ асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар ҳамин Кодекс пешбинигардида аст. Дар кирдор мавҷуд набудани ҳатто яке аз аломатҳои ҳатмии таркиби ҷиноят ҷавобгарии ҷиноятиро барои амали содиршуда истисно месозад, зеро кирдоре, ки дар он таркиби ҷиноят ҷой надорад, ҷиноят маҳсуб намешавад[66].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ чор унсури таркиби ҷиноятро номбар менамоянд, ки дар маҷмуъ кирдори барои ҷамъият хавфнокро ҳамчун ҷиноят тавсиф медиҳад[67]. Ба шумули чунин унсурҳо дохил мешаванд: объект, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективии ҷиноят.

Яке аз унсурҳои таркиби ҷиноят объекти ҷиноят мебошад, ки он имкон медиҳад, хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор муайян карда шавад ва мазмуну моҳияти иҷтимоӣ–сиёсии он кушода шавад. Объекти ҷиноят мазмуни иҷтимоии ҷиноятро муайян менамояд ва барои бандубасти ҷинояти мушаххас хеле муҳим мебошад[68].

---

[66] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И, Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2020. – С. 49.

[67] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). Китоби дарстӣ / Зери таҳрири Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе, 2011. – С. 81.

[68] Ниг.: Раҳмонзода М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 66.

Объекти ҷиноят унсури ҳатмии дилхоҳ ҷиноят буда, бидуни он дар хусуси ҷиноят ҳарф задан ғайриимкон аст. Дар қ. 2 м. 2 КҶ ҶТ вобаста ба дараҷаи муҳим будан, доираи муносибатҳои ҷамъиятие нишон дода шудаанд, ки онҳо ба сифати объектҳои ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ баромад менамоянд.

Дар адабиёт одатан аз таснифоти чорунсура (объекти умумӣ, объекти хелӣ, объекти намудӣ ва объекти бевосита) истифода мебаранд[69], ки ин бештар қобили қабул мебошад. Зеро сохтори КҶ ҶТ соли 1998 бо тақсим намудани Қисми махсус на танҳо ба бобҳо, балки, инчунин ба фаслҳо ба таснифоти чорунсураи объекти ҷиноят мувофиқат менамояд[70]. Ғайр аз ин таснифоти чорунсураи объекти ҷиноят бештар мушаххастар моҳияти мафҳуми мазкурро дар қонунгузории ҷиноятии амалкунанда инъикос месозад.

Объекти умумии ҷиноят ин маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие ба ҳисоб мераванд, ки бо қонуни ҷиноятӣ ҳифз карда мешаванд[71].

Объекти хелии аз муносибатҳои ҷамъиятии якхела иборатбуда дар фасли Қисми махсуси КҶ вобаста аз арзиши объект нишон дода шудааст[72].

Объекти намудии ҷиноят қисми объекти хелӣ ба ҳисоб рафта, гуруҳҳои боз ҳам маҳдуд ва бо ҳам наздики муносибатҳоро муттаҳид месозад. Гуруҳи мазкури муносибатҳои ҷамъиятӣ дар бобҳои Қисми махсуси КҶ дар доираи объекти хелӣ вобаста ба критерияҳои муайяни умумият муттаҳид гардидаанд[73].

Ва ниҳоятан объекти бевосита – ин муносибатҳои ҷамъиятие ба ҳисоб мераванд, ки бо меъёрҳои мушаххаси Қисми махсуси КҶ ҶТ ҳифз карда

---

[69] Ниг.: Уголовное право. Общая часть. Учебник для бакалавров / Отв. ред. А.Н. Тарбагаев. – М., 2016. – С. 105.
[70] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Раҳимзода Р.Ҳ., Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе, 2019. – С. 126.
[71] Ниг.: Иванов Н.Г. Уголовное право. Общая часть. Учебник для академического бакалавриата. – М., 2016. – С. 164.
[72] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И, Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2020. – С. 58.
[73] Ниг.: Уголовное право. Общая часть. Учебник для бакалавров / Отв. ред. А.Н.Тарбагаев. – М., 2016. – С. 106.

мешаванд. Объекти бевосита бо номгузории моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ мувофиқат намуда барои аз ҳам ҷудо намудани таркиби ҷиноятҳои муҷовир аҳаммияти калон дорад[74].

Вобаста ба таснифоти зикршудаи объекти ҷиноят доираи объекти ғоратгариро баррасӣ менамоем.

Ғоратгарӣ дар фасли XI КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» ҷойгир шудааст. Бинобар он ба сифати объекти хелии он муносибатҳо дар соҳаи иқтисодиёт баромад менамоянд. Бояд иброз дошт, ки объекти хелии ғоратгарӣ ва дигар ҷиноятҳои дар фасли XI КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» ҷойгиршуда аз ҷониби олимон ба таври гуногун муайян карда мешавад. Масалан, ҳамчун гуруҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки фаъолияти муътадили иқтисодиётро ҳамчун системаи том таъмин менамоянд[75], системаи иқтисодӣ, яъне маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба истеҳсол, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддӣ[76].

Ба андешаи М.Ҷ. Раҳмонзода аз рӯйи мантиқӣ қонунгузорӣ объекти хелии ҷиноятҳои иктисодӣ, ки дар фасли XI КҶ ҶТ муқаррар карда шудааст, ин иктисодиёт мебошад[77]. Олимони дигар низ иброз медоранд, ки объекти хелии ҷиноятҳои иқтисодиро бо дарназардошти фасли XI КҶ ҶТ чун муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иқтисодиёт муқаррар кардан мумкин аст, ки онҳо ба истеҳсолот, мубодилот, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддию ғайримоддӣ равона карда шудаанд[78].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба объекти хелии ҷиноятҳо ба муқобили моликият андешаҳои дигар низ ҷой доранд. Масалан, ба ақидаи Д.Е. Савкин асоснокии ҷойгирнамоии ҷиноятҳо ба муқобили моликият дар

---

[74] Ниг.: Иванов Н.Г. Уголовное право. Общая часть. Учебник для академического бакалавриата. – М., 2016. – С. 165 – 166.

[75] Ниг.: Рузевич О.Р., Андрюхин С.В. Преступления против собственности: проблема определения объекта / О.Р. Рузевич, С.В. Андрюхин // Вестник Владимировского юридического института. – 2013. – №2 (27). – С. 117.

[76] Ниг.: Вакула М.М. Криминологическая характеристика и уголовно–правовые меры противодействия грабежу: дис. … канд. юрид. наук. – СПб., 2005. – С. 86.

[77] Ниг.: Раҳмонзода М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 65.

[78] Ниг.: Сафаров А.И., Саидов Ш.Н. Кудратов Н.А. Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ. – Душанбе, 2015. – С. 6.

Фасли XI КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» шубҳаовар мебошад. Чунки аксарияти чунин ҷиноятҳо ба муқобили молкият, ба монанди азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ, таъмаҷӯӣ ангезаи ғаразнокӣ дошта ба ҳуқуқҳои молу мулкии шаҳрвандон ва ташкилотҳо таҷовуз оварда, дар баробари ин ба иқтисодиёт ҳамчун фаъолияти хоҷагидориву иқтисодӣ дар бисёр ҳолатҳо муносибати бевосита надоранд. Бинобар он мувофиқи мақсад, илман ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ асоснок шуморида мешавад, ки ҷиноятҳои ба муқобили молкиятро, ки берун аз фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар фаъолияти хоҷагиву иқтисодӣ содир мешаванд аз фасли «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» ҷудо карда шуда дар фасли мустақил мустаҳакам карда шаванд[79]. Олимони дигар низ чунин мавқеъро ишғол намуда қайд месозанд, ки муносибатҳои ҷамъиятие, ки объекти хелии ҷиноятҳои дар Фасли XI КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт»–ро ташкилкунанада моҳиятан муносибатҳои соҳибкорӣ (хоҷагидорӣ) ба ҳисоб рафта, субъектони асосии онҳо мутаносибан бояд шахсони чунин фаъолиятро анҷомдиҳанда баромад намоянд. Бинобар он, ба фасли VIII КҶ ФР (фасли XI КҶ ҶТ) дохил намудани боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» ҳифзи моликиятро то ҳадди муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар онҳо иштирокчиёни ҳатмӣ танҳо субъектони фаъолияти соҳибкорӣ (хоҷагидорӣ) мебошанд, маҳдуд месозад. Дар чунин ҳолат аз доираи ҳифзи қонуни ҷиноятӣ беасос муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки субъекти онҳо шахсони фаъолияти соҳибкориро анҷомнадиҳанда ба ҳисоб мераванд, берун мемонад[80].

Андешаҳои зикршударо тарафдорӣ намуда, иброз медорем, ки ба ҷиноятҳои иқтисодӣ ҷиноятҳои молу мулкии хусусиятӣ анъанави – дошта

---

[79] Ниг.: Савкин Д.Е. Хищение в формах присвоения и растраты: уголовно–правовые и криминологические аспекты: дис. … канд. юрид. наук. – Уфа, 2006. – С. 104 – 105.

[80] Ниг.: Бодаевский Д.П., Сафонов Д.В. О проблеме понятийного аппарата объектов преступлений против собственности / Д.П. Бодаевский, Д.В. Сафонов // Уголовно–правовые и криминологические направления противодействия преступности (Материалы I региональной научно–практической конференции профессорско–преподавательского состава, аспирантов и студентов). – М., 2018. – С. 279.

(масалан, дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ), ки бо фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар фаъолияти хоҷагӣ–иқтисодӣ алоқаманд нестанд, дохил намешаванд.

Бинобар он барои такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ ҳангоми сохтани таркиби ҷиноятҳо дар Қисми махсуси КҶ ҶТ вобаста ба хусусиятҳои махсуси ҷиноятҳо ба муқобили моликият ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки ба КҶ ҶТ тағйироти зерин ворид карда шавад: аз фасли XI «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» боби 26 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» хориҷ карда шуда, он дар фасли алоҳида бо номи «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» бо ҷудо намудани ду боби нав (боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият, ки бо тасарруфи молу мулки ғайр алоқаманданд» ва боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият бе аломатҳои тасарруф») мустаҳкам карда шавад.

Объекти дигари ҷиноят ин объекти намудӣ мебошад. Объекти намудӣ чун қисми объекти хелӣ баромад намуда, намуди гуногунхели онҳо мебошад[81]. Ба сифати объекти намудии ҷиноятҳои дар боби 26 пешбинигардида муносибатҳои моликиятӣ новобаста аз шаклҳои он баромад менамояд.

Мутобиқи м. 12 Конституцсияи ҶТ «Асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад».

Андешаи аз ҳама паҳншуда ин муйян намудани объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили моликият тавассути истифодаи категорияи «моликият» ба ҳисоб меравад. Аммо баъзе олимон ба муқобили муносибатҳои моликиятиро ва худи категорияи «моликият»–ро ба сифати объекти намудии ин ҷиноятҳо шуморидан баромад менамоянд. Масалан, Ю.Н. Шаповалов пешниҳод месозад, ки ба сифати объекти гуруҳи мазкури ҷиноятҳо муносибатҳои молу мулкӣ, яъне муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба

[81] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И, Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2020. – С. 58.

молу мулк, ки тавассути меъёрҳои ҳуқуқ ба танзим дароварда мешаванд, эътироф шаванд[82]. И.А.Клепиский баръакс ба сифати объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили моликият тамоми маҷмуи ҳуқуқ ва манфиатҳои молу мулкии бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшавандаро баррасӣ менамояд[83].

Ба андешаи мо аз сабаби он ки боби 26 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» номгузорӣ шудааст, бинобар он ба сифати объекти намудии ин гуруҳи ҷиноятҳо муносибатҳои моликиятӣ баромад менамоянд.

Аммо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми «моликият» ба таври гуногун маънидод карда мешавад. Андешаҳои иброзшударо дар ин самт метавон ба якчанд гуруҳ ҷудо намуд. Мутобиқи мавқеи аввал моликият бо муносибатҳои иқтисодӣ доир ба истеҳсол ва тақсимоти неъматҳои моддӣ омехта мегардад, яъне объекти хелии таҷовуз ба моликият то сатҳи муносибатҳои иқтисодӣ васеъ маънидод карда мешавад. Дар ин ҳангом ҳуқуқи моликият ба мафҳуми моликият дохил карда намешавад. Масалан, Г.Н. Борзенков чунин мешуморад, ки моликият «муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тақсими неъматҳои моддӣ, ки барои истеъмоли дастаҷамъӣ ё фардӣ ё барои амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ таъин шудаанд» дар бар мегирад[84].

Ба андешаи Ю.И. Ляпунов ҷиноятҳои ба боби 21 КҶ ФР (боби 26 КҶ ҶТ) дохилшаванда ба «муносибатҳои моликиятӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ» таҷовуз меоваранд. Лаҳзаҳои статикӣ ва динамикии моликият ҷудо карда мешаванд. Лаҳзаи аввал ҳолати воқеии тақсимот, азхудкунӣ, мансубияти олот ва воситаҳои истеҳсолот, арзишҳои дигари моддӣ (ашъёҳо)–ро ба давлат, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ифода менамояд. Маҳз бо

---

[82] Ниг.: Шаповалов Ю.Н. К вопросу об объекте и предмете хищения / Ю.Н. Шаповалов // Рос. следователь. – 2008. – №20. – С. 4.
[83] Ниг.: Клепицкий И.А. Собственность и имущество в уголовном праве / И.А. Клепицкий // Государство и право. – 1997. – №5. – С. 74 – 80.
[84] Ниг.: Уголовное право Российской Федерации. Особенная часть: учеб. / Под ред. Г.Н. Борзенкова, В.С. Комиссарова. – М., 1997. – С. 65.

чунин фаҳмиш молкият ҳамчун объекти ҷиноятҳои дар боби 21 КҶ ФР (боби 26 КҶ ҶТ) пешбинишуда баромад мекунад[85].

А.В. Бриллиантов ва И.А. Клепиский низ мавқеи монандро ишғол намуда чунин меҳисобанд, ки «Объекти намудии ҷиноятҳои дар боби 21 КҶ ФР муттаҳидгардида муносибатҳои моликиятӣ эътироф мешаванд. Аммо ин бояд бо он мазмуне фаҳмида нашавад, ки ҷиноятҳои мазкур ҳатман ҳуқуқи моликиятиро халалдор месозанд. Ҳуқуқи моликиятӣ умуман мумкин аст, ки бо ҷиноятҳои ба муқобили моликият халалдор нагардад. Аз ин бармеояд, ки ҷиноятҳо ба муқобили моликият муносибатҳои моликиятиро на дар мазмуни ҳуқуқӣ, балки дар мазмуни иқтисодӣ халалдор месозанд. Моҳияти ин ҷиноятҳо бо объекти онҳо муайян карда мешаванд–онҳо вобаста ба азонихудкунӣ ва муомилоти неъматҳои моддӣ (мушаххасан–неъматҳои молу мулкӣ, яъне тавассути маблағи пулӣ баҳододашаванда) ба вуҷуд меоянд[86].

Объекти ҷиноятҳо ба муқобили моликият, менависад, А.В. Шулга, муносибатҳои иқтисодии (воқеии) моликияти доир ба неъматҳои моддӣ (молу мулк), ки барои истифодаи фардӣ ва дастҷамъӣ ё фаъолияти истеҳсолӣ таъин гардидаанд ҳисоб мешавад. Объекти ҷиноятҳо ба муқобили моликиятро баррасӣ намудан аз нуқтаи назари иқтисодӣ имкон медиҳад, муносибатҳои мазкури ҷамъиятиро ба таври назаррас инкишоф диҳем. Ин имкон медиҳад ба қатори ҷиноятҳое, ки ба манфиатҳои молу мулкӣ дахл менамоянд, на фақат таҷовуз ба молу мулкро балки дигар неъматҳои ғайри моддиро (маълумот, моликияти зеҳнӣ ва ғ–ра) дохил намуда ба мазмуни предмети ҷиноят ба таври дигар назар андозем[87].

Мавқеи олимони гуруҳи дигар низ ба мазмуни иқтисодии моликият такя менамояд, гарчанде муносибатҳои иқтисодиро аллакай на ба таври

---

[85] Ниг.: Уголовное право: Особенная часть: учеб. / Под ред. Н.И. Ветрова, Ю.И. Ляпунова. – М., 1998. – С. 196.
[86] Ниг.: Уголовное право России: части Общая и Особенная: учеб. / Под ред. А.В. Бриллиантова. – М., 2010. – С. 531.
[87] Ниг.: Шульга А.В. Объект и предмет преступлений против собственности в условиях рыночных отношений и информационного общества: дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2008. – С. 42.

глобалӣ, балки дар доираи қонунгузории граждани, ба истиснои он ки ҳуқуқи моликиятӣ аз ҷониби намояндагони ин гуруҳ аз мафҳуми объекти хелии ҷиноятҳо ба муқобили моликият хориҷ гардидааст, маънидод мегардад. Масалан, О.А. Адоевская чунин менависад: «Моликият ин низоми муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки оид ба соҳибӣ, ихтиёрдорӣ ё истифодабарии молу мулки молик ё дигар соҳиби ин молу мулк ба вуҷуд меоянд»[88].

Мавқеи А.Г. Безверхов низ ба ин гуруҳ мансуб мебошад, ки чунин меҳисобад: объекти ҷиноятҳои баррасишавандаро муносибатҳои молу мулки баромад менамояд, ки «ҳамчун муносибатҳои иқтисодии мушаххаси моликиятӣ, ки дар соҳаи истеҳсол, тақсимот, ивазнамоӣ ва истеъмол оид ба истифодабарии неъматҳои иқтисодӣ зоҳир мегарданд. Муносибатҳои молу мулкӣ объекти намуди махсуси таҷовуз – ҷиноятҳои молу мулкиро ташкил медиҳанд, ки дар КҶ «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» номгузорӣ шудаанд. Ҷиноятҳои мазкур дар шароити иқтисоди бозоргонӣ одатан ба муносибатҳои молу мулкӣ, ки хусусияти арзишӣ доранд, вобаста ба неъматҳои моддӣ ба вуҷуд меоянд, шакли иқтисодии молро доро мебошанд ва субъектони онҳо шахсони аз нигоҳи ҳуқуқӣ баробар ва аз якдигар вобастагӣ надошта ҳисоб мешаванд». Олими мазкур пешниҳод месозад, ки боби 21 КҶ ФР (боби 26 КҶ ҶТ) «Ҷиноятҳои молу мулкӣ» номгузорӣ шавад[89].

Гуруҳи сеюми олимон ба он ақидаанд, ки объекти ҷиноят бояд тавассути мафҳуми моликият, ки дар қонунгузории граждани дода шудааст, муайян гардад. Объекти тасарруф ва дигар шаклҳои таҷовузро ба моликият намояндагони ин гуруҳ бо категорияи ҳуқуқии моликият вобаста медонанд. Масалан, З.А. Незнамова чунин тасдиқ месозад, ки объекти ҷиноятҳо ба муқобили моликият муносибатҳои моликиятӣ баромад мекунад. Дар ин ҳангом моликият вобаста ба КГ ҳамчун «категорияи

[88] Ниг.: Адоевская О.А. Дифференциация ответственности за кражу по уголовному праву России. – Самара, 2009. – С.71 – 72.
[89] Ниг.: Безверхов А.Г. Имущественные преступления. – Самара, 2002. – С. 53 – 54.

ҳуқуқӣ, муносибати ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки байни молики молу мулк ва аъзоёни дигари ҷомеа (ғайри молик) доир ба соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулки ба ӯ мансуббуда ба вуҷуд меояд»[90].

В.В. Малсев низ қайд месозад, ки объекти намудии ҷиноятҳои дар боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» муттаҳидшуда «муносибатҳои моликиятӣ, яъне ҳуқуқи молик ба соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдории молу мулки худ» ба ҳисоб меравад[91].

Гуруҳи чоруми олимон ҳангоми маънидод намудани моликият ҳамчун объекти ҷиноят ҳам аз фаҳмиши иқтисодӣ ва ҳам ҳуқуқии он истифода мебаранд. Масалан, О.Ф. Шишов менависад: «Аз он сабаб ки моликият мафҳуми иқтисодӣ–ҳуқуқӣ мебошад, бинобар он соф аз назари иқтисодӣ қабул намудани он бе заминаи ҳуқуқӣ ба як чизи хушку холӣ табдил меёбад. Ҳама гуна таҷовуз ба моликият дар як вақт таҷовуз ба ҳуқуқи моликиятӣ ҳисоб мешавад»[92].

Ба андешаи С.М. Кочои ба муносибатҳои моликиятӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ таҷовуз намудан, ба он зарар расонидан бе халалдор намудани муносибатҳои моликиятӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ ва баръакс ғайри имкон аст. Ба сифати объекти ҷиноят эътироф намудани моликият танҳо ҳамчун категорияи иқтисодӣ сарфи назар намудани далели халалдор сохтани ваколатҳои бо қонун муқарраршудаи моликро ифода менамояд. Агар ба чунин сифат танҳо ҳуқуқи моликиятиро ҳисоб созем, пас мантиқан бояд ҷиноятҳо ба муқобили моликият ба гуруҳи ҷиноятҳо ба муқобили шахсият, мушаххасан ба ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дохил шаванд[93].

А.И. Бойсов, низ объекти тасарруфро ҳамчун моликият, яъне муносбатҳои ҷамъиятӣ оид ба молу мулк муайян месозад, ки аз нигоҳи

---

[90] Уголовное право: Особенная часть: учеб. для вузов / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова, Г.П. Новоселов. – М., 2001. – С. 257.
[91] Ниг.: Мальцев В.В. Ответственность за преступления против собственности. – Волгоград, 1999. – С. 23.
[92] Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации: в 2 х т. / Под ред. О.Ф. Шишова. – М., 1998. – Т. 2. – С. 4.
[93] Ниг.: Кочои С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности. – М., 2000. – С. 82.

ҳуқуқӣ дар намуди ҳуқуқҳои соҳибӣ кардан, истифодабарӣ ва ихтиёрдории ин молу мулк ифода мегарданд[94].

Дар м. 232 КГ ҶТ мафҳум ва мазмуни ҳуқуқи моликият муайян шудааст. Дар моддаи мазкур муқаррар шудааст, ки ҳуқуқи моликият ҳуқуқи қонунан эътирофгардида ва ҳифзшавандаи субъект оид ба тибқи салоҳдиди худ соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулкаш мебошад. Молик ҳақ дорад мутобиқи салоҳдиди худ нисбати молу мулкаш ҳама гуна амалро раво бинад, аз ҷумла онро ба дигар шахс фурӯшад, худ молик монаду ҳуқуқҳояшро дар мавриди соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани молу мулк ба онҳо вогузорад, молу мулкро ба иҷора диҳад ва аз он бо усули дигар истифода барад ё онро ба тарзи дигар ихтиёрдорӣ кунад (қ. 3 м. 232 КГ ҶТ).

Ҳуқуқи соҳибият аз имконияти ҳуқуқии таъминшударо ҳақиқатан татбиқ гардидани моликияти ҳуқуқи молу мулк иборат мебошад (қ. 2 м. 232 КГ ҶТ).

Соҳиби ин ҳукмронии воқеии шахс аз болои ашё ба ҳисоб меравад.

Ҳуқуқи истифодаи молу мулк имконияти қонунан аз молу мулк ба даст овардани хосиятҳои табиии фоиданоки он ва ҳамчунин аз он фоида гирифтан аст. Фоида метавонад ба тариқи даромад, афзоиши самара, насл ё шаклҳои дигар ба даст ояд (қ. 2 м. 232 КГ ҶТ).

Ҳуқуқи ихтиёрдорӣ – ин имконияти аз ҷиҳати ҳуқуқӣ таъминшудаи муайян намудани тақдири ҳуқуқии молу мулк иборат мебошад (қ. 2 м. 232 КГ ҶТ).

Вобаста ба муқарраротҳои зикршудаи қонунгузории граждани ба хулоса омадан мумкин аст, ки тамоми ваколатҳои молик нисбати молу мулк пайдо мешаванд.

Моликият пеш аз ҳама воқеан аз худ намудани молу мулкро аз тарафи шахси мушаххас (ҳуқуқӣ ё воқеӣ) ифода менамояд. Дар ин бора Р.

---

[94] Ниг.: Бойцов А.И. Преступления против собственности. – СПб., 2002. – С. 106.

Исмагилов чунин менависад: «Дар намуди умумӣ моликиятро мумкин аст ҳамчун аз они худ муносибат намудани фард (коллектив) ба ашёи ба ӯ тааллуқдошта муайян намуд. Аз ин ҷо, атрофиён муносибати худро нисбати чунин ашё ҳамчун ба ашёи бегона ба роҳ мемонанд. Ҳамин тавр, дар як тарафи ин муносибатҳо молик қарор дорад, ки ба чунин ашё ҳамчун аз они худ муносибат мекунад, дар тарафи дигар атрофиён, ки муносибати худро нисбати ашёи ба дигар шахс мансубдошта ҳамчун ба ашёи бегона ба роҳ мемонанд, ки чунин рафтор боиси худдории онҳо аз суиқасд кардан ба ашёи ғайр мегардад»[95].

Ҳамин тавр, моликият дар мазмуни ҳуқуқи граждани дар худ ҳам мазмуни иқтисодӣ – молу мулк ва аз они худ кардани он аз ҷониби молик (молкият ки бо қонунгузории граждани ба ҳуқуқҳои ашёӣ ва молу мулкӣ дохил шудааст) ва мазмуни ҳуқуқӣ – ваколатҳои молик, маҳз ҳуқуқ ба соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдори намудани ин молу мулк, инчунин ҳуқуқи истисноии танҳо ба молик мансуб будаи додани чунин ваколатҳо ба шахсони дигар (воқеӣ ва ҳуқуқӣ) –ро дар бар мегирад.

Муносбатҳои молкиятӣ ин пеш аз ҳама муносибати байни одамон аст, ки дорои хусусиятҳои молу мулкӣ буда, оид ба неъматҳои моддӣ ба миён меояд[96].

Дар асоси гуфтаҳои боло, чунин меҳисобем, ки объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили моликият – молкият ҳамчун мафҳуми иқтисодиву ҳуқуқӣ баромад менамояд, ки он азонихудкунии воқеӣ ва ҳуқуқии молу мулк аз ҷониби шахси мушаххаси ҳуқуқӣ ё воқеӣ, ки нисбати чунин молу мулк ваколатҳои соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ кардан ва ҳуқуқи истисноии додани чунин ваколатҳоро ба шахси дигар дорад, иборат мебошад.

---

[95] Ниг.: Исмагилов Р. Объект и предмет кражи / Р. Исмагилов // Законность. –1999. – №8. – С. 49 – 51.
[96] Ниг.: Қурбонов Қ.Ш., Ғаффорзода И.Ғ. Ҳуқуқи граждани. Қисми 1. – Душанбе, 2017. – С. 327.

Шаклҳои моликият барои бандубасти кирдор аҳаммият надорад. Ба чунин сифат метавонад шакли дилхоҳи моликияти дар қонун пешбинишуда баромад намояд.

Муайян намудани объекти бевоситаи ҷиноят яке аз давраҳои муҳим ва ниҳоии бандубасти ҷиноят ба ҳисоб меравад. Маҳз ҳангоми муайян намудани он имконпазир мегардад, ки муносибатҳои ҷамъиятии мушаххас, ки ба он ҳангоми содир гардидани кирдори ҷиноятӣ, зарар ё таҳдиди расонидани зарар ба вуҷуд меояд, муқаррар карда шаванд.

Дар бораи муайян намудани объекти бевоситаи ҷиноятҳо ба муқобили моликият дар байни олимон андешаи ягона ҷой надорад. Масалан, А.И. Рарог чунин меҳисобад, ки муайян намудани объекти бевоситаи ҷиноятҳо ба муқобили моликият барои бандубасти ҷиноят аҳаммият надоранд. Он танҳо барои ҳалли масъала дар бораи ҷабрдида эътироф намудан, тартиби барқарор намудани зарар ва ғайра зарур аст[97].

Вале бо чунин андеша мо розӣ буда наметавонем. Аниқ муайян намудани объекти бевосита барои бандубасти дурусти ҷиноят аҳаммияти калон дорад, маҳз тавассути аниқ муайян намудани объекти бевосита, муқаррар карда мешавад, ки ҷиноят бо мақсади ба кадом муносибатҳои ҷамъиятӣ зарар расонидан пеш аз ҳама равона шудааст[98].

Объекти бевоситаи тасарруф дар адабиётҳои ҳуқуқӣ бештар ҳамчун шакли моликият, ки дар он молу мулки тасарруфшаванда қарор дорад, муайян карда мешавад[99].

Андешаҳои дигар низ дар ин самт иброз мешаванд. Масалан, объекти бевоситаи ҷиноятҳо ба муқобили моликият бо объекти хелӣ мувофиқат

---

[97] Ниг.: Уголовное право Российской Федерации. Особенная часть: учебник / Ю.В. Грачева [и др.]; Под ред. Л.В. Иногамовой Хегай, А.И. Рарога, А.И. Чучаева. 2–е изд., испр. и доп. – М., 2009. – С. 150.

[98] Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И. Бобоҷонзода. – Душанбе: «Эр граф», 2019. – С. 126.

[99] Ниг.: Вакула М.М. Криминологическая характеристика и уголовно–правовые меры противодействия грабежу: дис. … канд. юрид. наук. – Санкт–Петербург, 2005. – С. 91; Анисимов В.Ф. Ответственность за преступления против собственности с признаками хищения: состояние, сущность и проблемы квалификации: дис. ... канд. юрид. наук. – Санкт–Петербург, 2007. – С. 89; Кошаева Т.О. Судебная практика по уголовным делам о краже чужого имущества / Т.О. Кошаева // Комментарий судебной практики / Под ред. К.Б. Ярошенко. – М., 2012. – Вып. 17. – С. 217.

намуда, аз муносибатҳои ҷамъиятии молкиятии бо муқаррар намудани тартиби тақсимоти неъматҳои моддӣ дар давлат байни субъектони алоҳидаи хоҷагидорӣ алоқаманд буда иборат мебошад[100].

Объекти бевоситаи ғоратгарӣ ҳуқуқи моликиятии шахси мушаххас нисбати молу мулки муайян[101], муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба соҳибӣ, истифодабаранда ва ихтиёрдории молу мулк[102], муносибатҳое, ки байни молик ва атрофиён (аъзоёни дигари ҷомеа) вобаста ба молу мулки ба ӯ мансуббуда ба вуҷуд меоянд[103], ба ҳисоб меравад.

Албата ин ҷо мо ба сифати объекти бевоситаи ғоратгарӣ эътироф намудани ҳуқуқи моликиятӣ розӣ буда наметавонем. Чунки, ҳуқуқ танҳо болосохт (надстройка), ифодаи ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар он, ҳангоми содир гардидани тасарруф ҳуқуқ худ аз худ зарар намебинад. Дар натиҷаи содир гардидани тасарруф зарар на ба ҳуқуқи моликиятӣ, балки ба муносибатҳои ҷамъиятии аз он асосгиранда расонида мешавад.

Ба андешаи Г. Борзенков дар ҷиноятҳо ба муқобили моликият объекти бевоситаи намудҳои алоҳидаи таҷовуз (дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва ғайра) бо объекти хелӣ мувофиқат менамоянд. Ба сифати объекти бевосита шакли мушаххаси моликиятро баррасӣ намудан мумкин нест. Чунки Конституцсияи ФР (Конституцсияи ҶТ – м. 12) баробарии ҳифзи ҳуқуқии ҳама шаклҳои моликиятро кафолат медиҳад[104].

Мо бо чунин андеша розӣ ҳастем, вале дар баробари ин қайд намудан бамаврид аст, ки мутобиқи қ. 4 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ баробарии ҳифзи ҳуқуқии ҳама шаклҳои моликият чандон риоя нашудааст. Зеро ҷавобгарии

---

[100] Ниг.: Скрипников Д.Ю. Присвоение и растрата как способ изъятия и обращения чужого имущества, вверенного виновному: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2009. – С. 89.
[101] Ниг.: Алишейхов Г.М. Уголовно–правовые и криминологические аспекты грабежа (по материалам Республики Дагестан): дис. … канд. юрид. наук. – Махачкала, 2006. – С. 21.
[102] Ниг.: Щербакова Е.О. Грабеж чужого имущества: проблемы уголовно–правового регулирования и противодействия (на материалах Южного федерального округа): дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2008. – С. 80.
[103] Ниг.: Уголовное право. Особенная часть / Под ред. И.Я. Козаченко, Г.П. Новоселова. – М., 2016. – С. 190.
[104] Ниг.: Борзенков Г. Преступления против собственности / Г. Борзенков // Человек и закон. – 1998. – №7. – С. 26 – 31.

ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ё дастаҷамъӣ (ғайр аз ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва тамаъҷӯй) дар ҳолатҳое ба миён меояд, ки агар арзиши молу мулки тасарруфшуда аз даҳ андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки шахсӣ новобаста аз арзиши он ба миён меояд.

Аз ин ҷо ба сифати объекти бевоситаи ғоратгарӣ муайян намудани шакли моликият ягон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ надорад. Чунки доираи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғоратгарӣ аз муайян намудани шакли молкият вобастагӣ надорад. Аз ин танҳо содир намудани ғоратгарӣ бо чунин аломати вазнинкунанда ба монанди бо расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрвандон (б «в» қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ) истисно мебошад, зеро ҷой доштани ин аломат зарурияти ба ҳисоб гирифтани тааллуқ доштани молу мулкро танҳо ба шаҳрвандон талаб месозад.

Дар мавриди бо ҳам рост омадани объекти намудӣ ва бевоситаи ҷиноятҳо ба муқобили моликият олимони дигар низ ишора менамоянд[105]. Ақидаи мазкур ба андешаи мо онро ба назар намегирад, ки объекти бевосита танҳо қисми объекти намудӣ ё хелӣ ба ҳисоб рафта вобаста ба ин ҳолат бо онҳо як хел буда наметавонад.

Бинобар он объекти бевоситаи ғоратгарӣ муносибатҳои ҷамъиятие ба ҳисоб мераванд, ки дар доираи он шахс қонунан ваколатҳои воқеии соҳибӣ кардан, истифодабарӣ ва ихтиёрдории молу мулки худро татбиқ месозад, ки онҳо дар натиҷаи таҷовузи мушаххаси ҷиноятӣ поймол карда мешаванд.

Ғоратгарӣ инчунин метавонад дорои объекти иловагӣ бошад. Масалан, ҳангоми ғоратгарӣ бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба манзил (б «д» қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ) ба сифати объекти иловагӣ дахлнопазирии манзил баромад менамояд. Ҳангоми содир шудани ғоратгарӣ бо чунин аломати бандубастшаванда ба монанди бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё

[105] Ниг.: Пинаев А.А. Проблемы дальнейшего совершенствования советского уголовного законодательства об ответственности за хищения: автореф. дис. ... д–ра юрид. наук. – Киев, 1984. – С. 4.

саломатӣ хавфнок нест ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ объекти иловагӣ ҳаёт ва саломатии ҷабрдида ба ҳисоб меравад.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ақидае иброз шуда буд, ки мувофиқи он объекти иловагӣ ҳангоми содиршавии ғоратгарӣ бо истифодаи зуроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок нест ё таҳдиди истифодаи зуроварӣ шахсияти ҷабрдида, дахлнопазирии ҷисмонӣ ва озодии шахсият баромад менамояд[106].

Бо чунин андеша мо бо сабабҳои зерин розӣ буда наметавонем. Аввал, шахсияти ҷабрдида ин объекти хелии таҷовуз ба ҳисоб меравад, ки мутобиқи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба сифати объекти иловагӣ ҳисоб шуда наметавонад. Чунки объекти иловагӣ метавонад танҳо яке аз объектҳои бевоситаи таҷовуз ҳангоми ғоратгарӣ шуда тавонад, аз он сабаб ки зӯроварӣ ҳангоми ғоратгарӣ ҳамчун усули таъсиррасонӣ ба ҷабрдида на ба озодӣ, балки ба саломатии ҷабрдида таҳдид менамояд.

Бо объекти ҷиноят масъалаҳои муайян намудани предмети ҷиноят алоқамандии зич дорад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ предмети ҷиноят асосан ҳамчун ашёҳои олами моддӣ маънидод карда мешавад, ки ба онҳо таъсир расонида ҷиноятkор ба муносибатҳои ҷамъиятии бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарар мерасонад[107]. Ба андешаи И.Ҳ. Бобоҷонзода предмети ҷиноят ин ашёи олами моддӣ мебошад, ки ба онҳо ҳаракати (беҳаракатии) шахс равона шудааст[108].

Дар баробари ин дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидаҳои дигаре низ ҷой доранд, ки предмети ҷиноятро ба таври васеъ маънидод менамоянд. Масалан, Л.Л. Кругликов ва О.Е. Спиридонова ба предмети ҷиноят ҳама

---

[106] Ниг.: Владимиров В.А., Холостое А.И. Ответственность за грабеж и личность грабителя. – М.: ВНИИ МВД СССР, 1975. – С. 13.
[107] Ниг.: Уголовное право. Общая часть. Учебник для бакалавров / Отв. ред. А.Н. Тарбагаев. – М., 2016. – С. 108 –109.
[108] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. – Душанбе: «Эр граф», 2019. – С. 123.

чизи олами моддиро, ки ба мазмуни материя ҳамчун воқеияти объективӣ мансуб мебошанд, дохил менамоянд[109].

Тасарруф дар умум ва аз ҷумла ғоратгарӣ ба ҷиноятҳои дорои предмет мансуб мебошанд, яъне таркиби ҷиноятҳои мазкур чунин сохта шудааст, ки барои нисбати чунин кирдорҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан муқаррар намудани аломатҳои предмети он зарур мебошад. Ба сифати аломати ҳатмии таркиби тасарруф баромад намуда, предмет ҳамчун лаҳзаи муайянкунанда ҳангоми ҳалли масъала дар барои ҷой доштан ё надоштани тасарруф, ҷудо намудани тасарруф аз дигар ҷиноятҳо ба муқобили моликият, инчунин аз дигар ҷиноятҳои дар бобҳои дигари КҶ ҶТ муқарраршуда баромад менамояд.

Моддаҳои КҶ ҶТ, ки ҷавобгариро барои тасарруф муқаррар месозанд ду предмети тасарруфро номбар менамоянд: молу мулк ва ҳуқуқ ба молу мулк. Аммо бо назардошти объекти таҳқиқотии худ мо танҳо ба предмети ғоратгарӣ ҳамчун ошкоро тасарруф намудани молу мулки ғайр истода мегузарем.

Молу мулки ғайр молу мулке ҳисоб мешаванд, ки дар моликият ё дар соҳибии қонунии гунаҳкор қарор надорад[110]. Молу мулк ба андешаи В.В. Хилюта барои гунаҳкор молу мулки ғайр ҳисоб мешавад, вақте ки гунаҳкор нисбати он на ҳуқуқи воқеӣ ва на ҳуқуқи эҳтимолӣ дорад ва чунин молу мулк вобаста ба ҳуқуқи моликият (ё асоси дигар) на ба гунаҳкор балки ба шахси дигар мансуб мебошад[111].

Ба монанди ҳама гуна предмети ҷиноятҳои дигар предмети ғоратгарӣ низ бояд дорои аломатҳои ҷисмонӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ бошад. Аломати ашёии предмети тасарруф дар он ифода мегардад, ки он ҳама вақт моддӣ мебошад, яъне қисми олами моддӣ ба ҳисоб меравад.

---

[109] Ниг.: Кругликов Л.Л., Спиридонова О.Е. Юридические конструкции и символы в уголовном праве. – СПб., 2005. – С. 185.

[110] Ниг.: Вакула М.М. Криминологическая характеристика и уголовно–правовые меры противодействия грабежу: дис. … канд. юрид. наук. – Санкт–Петербург, 2005. – С. 92.

[111] Ниг.: Хилюта В.В. Толкование гражданского законодательства при установлении юридического признака предмета хищения / В.В. Хилюта // Вектор науки ТГУ. – 2010. – №2. – С. 176 – 178.

Мутобиқи қ. 2 м. 140 КГ ҶТ ба неъмату ҳуқуқи молу мулкӣ (молу мулк) инҳо дохил мешаванд: чизу чора, пул, аз ҷумла асъори хориҷӣ, коғазҳои қиматнок, кору хизматҳо, иттилоот, амал, натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, номи фирма, тамғаи мол ва воситаҳои дигари фардикунонии маҳсулот, ҳуқуқи молу мулкӣ ва молу мулки дигар. Чи тавре ба назар мерасад, мазмуни мафҳуми ҳуқуқи граждании молу мулк васеъ буда, ба он қонунгузор на танҳо ашёҳои олами моддӣ, балки ҳуқуқ ба молу мулк, кору хизматрасониҳо, натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ва ғайраро дохил намудааст. Мавриди зикр аст, ки дар бештари ҳолатҳои ғоратгарӣ ба сифати предмети ҷиноят телефонҳои мобилӣ баромад мекунанд. Ҳамин тавр масалан: А. бо ҳукми суди н. Сино дар содир намудаии ҷиноят бо моддаҳои 248 қ. 2 бандҳои «б, в, г» КҶ ҶТ гунаҳкор дониста шуд. Тавре аз маводҳои парванда ба назар мерасад А., шаби 6 – уми январи соли 2018. тахминан соатҳои 20.05 дақиқа, бо маслиҳати пешакӣ бо ҳамроҳии рафиқаш М, ном шахсе бо мақсади ошкоро тасарруф намудани молу мулки ғайр, ҳангоми дар назди ошхонаи «Пелменная», воқеъ дар кӯчаи Гипроземи шаҳри Душанбе, қарор доштанашон шаҳрванд М. –ро латукӯб намуда, аз дасти охирин як адад телефони мобилии тамғаи «Самсунг С–6» бо арзиши 1100 сомониро бо тариқи ошкоро тасарруф намуда, аз ҷои ҳодиса ғайб мезананд, ки дар натиҷаи ин кирдори ҷиноятиаш ба шаҳрванд М, ба маблағи умумии 1300 (як ҳазору сесад) сомонӣ зарари ҷиддии молу мулкӣ ва ҷароҳати ҷисмонии безарар ба саломатиаш мерасонад[112]. Дар ҳолати дигар Ҳ, бо мақсади ғоратгарӣ, яъне тасарруфи ошкорои молу мулки ғайр, аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ шаби 23 ноябри соли 2017 соати 22:00 дақиқа бо ҳамроҳии рафикаш А. ном шахс ҳангоми дар дохили автомошинаи кироя, ки ба шаҳрванд С. тааллуқ дошт бо ҳамроҳии А. Ш. ва М. дар назди нуқтаи фурӯши сӯзишвории «Сим – Сим»« воқеъ дар кӯчаи С. Шерозии шаҳри Душанбе, автомошинаро дар роҳи калони мошингард

[112] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1–208/18 // Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2018.

нигоҳ дошта, Ҳ. бо А. ба назди З. рафта аз ҷайби шими охирин як адад телефони мобилии тамғаи «МИ» бо арзиши 1300 сомониро бо тариқи ошкоро тасарруф намуда аз ҷои ҳодиса ғайб мезанад, ки дар натиҷаи ин кирдори ҷиноятиаш ба шаҳрванд З. ба маблағи умумии 1300 сомонӣ зарари ҷиддии молу мулкӣ мерасонанд[113].

Дар КҶ ҶТ дар меъёрҳои боби 26 КҶ ҶТ молу мулк ба ду маъно фаҳмида мешавад: маънои маҳдуд (молу мулк ҳамчун ашё) ва васеъ (молу мулк ба пуррагӣ). Одатан зери мафҳуми молу мулк ҳамчун предмети ҷиноятҳо ба муқобили моликият ашёҳои олами моддӣ фаҳмида мешаванд[114], ки чунин фаҳмиш, аз ҷумла барои м. 248 КҶ ҶТ хос мебошад. Фаҳмиши васеи молу мулк ҳамчун предмети тасарруф бошад, барои ҷиноятҳои м.м. 247, 250 КҶ ҶТ хос мебошад. Чӣ тавре аз диспозитсияи моддаҳои мазкур маълум мешавад, қонунгузор ба сифати предмети ин ҷиноятҳо на фақат молу мулки ғайрро, балки инчунин ба даст овардани ҳуқуқ ба молу мулки ғайрро низ номбар намудааст.

Вобаста ба чунин тарзи гуногун муайян шудани предмети тасарруфӣ дар адабиётҳои ҳуқуқӣ пешниҳод мешавад, ки дар худи қонуни ҷиноятӣ мафҳуми молу мулк ҳамчун предмети ҷинояҳо ба муқобили моликият мустаҳакам карда шавад. Масалан, Э.С. Тенчов пешниҳод месозад, ки дар қонуни ҷиноятӣ мафҳуми молу мулк ҳамчун «арзишҳои моддӣ, маблағҳои пулӣ ва қоғазҳои қимматнок « муайян карда шавад[115].

М.А. Желудков пешниҳод менамояд, ки дар эзоҳи м. 158 КҶ ФР (м. 244 КҶ ҶТ) мафҳуми зерини молу мулк мустаҳкам карда шавад: зери мафҳуми молу мулк дар моддаҳои ҳамин Кодекс таҷассуми моддии объектҳои

---

[113] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1–20390/18 // Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2018.
[114] Ниг.: Мазуренко Е.А. Объект и предмет уголовано–правовой охраны преступлений против собственности: современные проблемы квалификации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2003. – С. 81.
[115] Ниг.: Тенчов Э.С. Охрана собственности – институт уголовного права: социальная обусловленность, структура, функционирование: дис. ... д–ра юрид. наук. – Иваново, 1990. – С. 174.

моликият баромад менамоянд, ки ба муомилоти ҳуқуқи граждании соҳибӣ, истифодабарӣ ё ихтиёрдорӣ фарогир мебошанд[116].

С.И. Кочои баръакс чунин ҳисоб мекунад, ки дар қонуни ҷиноятӣ набояд таърифи дигари молу мулк назар ба қонуни граждани ҷой дошта бошад. Бинобар он мафҳуми «ҳуқуқ ба молу мулк» бояд аз диспозитсияи м. м. 159, 163 КҶ ФР (м.м. 247, 250 КҶ ҶТ) хориҷ карда шавад, зеро онро мафҳуми молу мулк дар бар мегирад[117].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ақидаҳое иброз мешаванд, ки мувофиқи он аз аломати ҷисмонӣ(ашёӣ) предмети тасарруф бояд даст кашид. Чунин мавқеъ бо он асоснок карда мешавад, ки мазмуни аломати моддии (ҷисмонии) предмети тасарруф бояд на дар ламсшавии ҷисмонӣ балки аз дохил намудани предмет ба молу мулк, ки объекти ҳуқуқи моликиятӣ ҳисоб мешавад, вобаста бошад[118]. Ҳангоми чунин муносибат зери тасарруф объектҳои зиёди ғайри моддӣ, кор, хизматрасонӣ ва ғайра дохил мешаванд, ки ин доираи предмети тасарруфро беасос васеъ менамояд.

А.И. Бойсов муқобили чунин фаҳмиши васеи молу мулк баромад намуда, дуруст иброз медорад, ки «бепарвоёна васеъ намудани» мафҳуми тасарруф аз ҳисоби ба он дохил намудани кор, хизматрасонӣ, натиҷаҳои фаъолияти эҷодӣ ва ғ–ра, ки баръало аломати ашёӣ надоранд ба оқибатҳои ногувор расонида метавонад. Дар чунин ҳолат аз ҳам ҷудо намудани тасарруф ва расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё суиистифода аз боварӣ (м. 253 КҶ ҶТ) мушкил гардида, инчунин фарқгузорӣ намудани тасарруфи майда аз тасарруф ҳамчун ҷиноят, масъалаҳои ҳисоб кардани

---

[116] Ниг.: Желудков М.А. Содержание дефиниции «собственность», «право собственности» и «имущество» в аспекте выявления объекта защиты от корыстных преступлений против собственности / М.А. Желудков // Современное право. – 2010. – №11. – С. 65.

[117] Ниг.: Кочои С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности по законодательству России: дис. ... д–ра юрид. наук. – М., 2000. – С. 311.

[118] Ниг.: Вишнякова Н.В. Объект и предмет преступлений против собственности: автореф. дис. канд. юрид. наук. – Омск, 2003. – С. 12 – 13. Шульга А.В. Объект и предмет преступлений против собственности в условиях рыночных отношений и информационного общества: автореф. дис. д–ра юрид. наук. – Волгоград, 2008. – С. 27.

андозаи тасарруф вобаста ба худи молу мулк ё фоидаи аздастрафта ба вуҷуд меоянд[119].

Аз объектҳои зикршудаи ҳуқуқи граждани ба сифати предмети ғоратгарӣ танҳо чизу чора, пул, аз ҷумла асъори хориҷӣ, коғазҳои қиматнок ва молу мулки дигар баромад карда метавонанд. Объектҳои дигари дар моддаи мазкур зикршуда ба сифати предмети ғоратгарӣ ҳисоб шуда наметавонанд, зеро онҳо предметҳои олами моддӣ набуда ошкоро тасарруф шуданашон ғайри имкон аст.

Аломати ҷисмонии молу мулк ҳамчун предмети ғоратгарӣ онро ифода менамояд, ки ба чунин сифат танҳо ашё, предметҳои олами беруна баромад менамоянд, ки дар фазои муайян ҷойгир буда, объективан инсон онҳоро мушоҳида карда метавонад, дорои вазн, андоза ва ҳаҷм мебошанд. Бинобар он, моликияти зеҳнӣ, маълумот, қувваи барқ, гармидиҳӣ ва дигар намудҳои энергия наметавонанд ба сифати предмети ғоратгарӣ баромад намоянд.

Қонунгузории ҷиноятӣ бевосита намуди молу мулкро ки ба сифати предмети ғоратгарӣ баромад карда метавонанд, номбар намесозад. Танҳо ба сифати предмети ҷиноят молу мулки ғайрро номбар мекунад. Ҳол он ки мутобиқи КГ ҶТ молу мулк, аз ҷумла ба молу мулки манқул ва ғайри манқул (м. 142 КГ ҶТ) ҷудо карда мешавад. Вобаста ба ин дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидае иброз мешавад, ки дар қонуни ҷиноятӣ норасоии бо ҷой надоштани ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ситонидани молу мулки ғайриманқул алоқаманд ҷой дорад[120].

Дар ҳақиқат таҳлили мантиқии таркиби ғоратгарӣ нишон медиҳад, ки дар он қонунгузор ба сифати предмети ҷиноят танҳо молу мулки манқули ғайрро дар назар дорад, яъне молу мулке, ки мумкин аст бе аз даст додани хусусиятҳои истеъмолӣ ва таъинот аз як ҷо ба ҷои дигар интиқол дода

---

[119] Ниг.: Бойцов А.И. Преступления против собственности. – СПб, 2002. – С. 230 – 232.

[120] Ниг.: Скляров С. Уголовная ответственность за хищение недвижимого имущества / С. Скляров // Российская юстиция. – 2001. – №6. – С. 23; Шульга А.В. Объект и предмет преступлений, посягающих на собственность в условиях рыночных отношений и информационного общества: автореф. дис. … д–ра юрид. наук. – Краснодар, 2009. – С. 11.

шавад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ низ ба чунин хусусияти тасарруф ишора мешавад, ки мувофиқи он ҳангоми тасарруф ҷойивазнамоии молу мулк дар фазо аз ҷои исти доимӣ ё муваққатӣ сурат мегирад, ки дар натиҷаи он молик ё соҳиби дигари молу мулк назоратро, соҳибиро аз болои он аз даст медиҳад, гунаҳкор бошад соҳиби воқеии молу мулк мегардад[121]. Олимон, А.В., Бондарь инчунин ба дигар хусусиятҳои тасарруфи молу мулк бо роҳи ғоратгарӣ ишора менамоянд. Масалан, предмети ҷиноят дар намуди ғоратгарӣ мумкин аст танҳо он молу мулке бошад, ки инсон тавонад онро ҳамроҳи худ ё тавассути ин ё он нақлиёт барад, ки ин предмети ғоратгариро аз қаллобӣ ё азонихудкунии молу мулки ғайр фарқ месозад, ва предмети онҳо мумкин аст дигар молу мулк низ эътироф шаванд[122].

Албатта, таҷовуз ба як қатор ашёҳои ғайриманқул ба воситаи на ҳама шаклҳои тасарруф имконпазир аст. Масалан, хонаи истиқоматиро бо роҳи дуздӣ, қаллобӣ ё роҳзанӣ тасарруф намудан ғайри имкон аст, аммо ҳангоми қаллобӣ ё таъмаҷӯӣ мумкин аст чунин молу мулк ба сифати предмети ҷиноят баромад намоянд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло зарур мешуморем, ки ба Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 – уми июни соли 2004 таҳти №3 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» тавзеҳоти зерин илова карда шавад: Предмети тасарруф молу мулки ғайр эътироф мешавад ва зери он молу мулке фаҳмида мешавад, ки дар моликият ё соҳибии қонунии гунаҳкор қарор надорад. Молу мулки ғайриманқули шахси дигар мумкин аст, предмети тасарруф эътироф гардад, дар ҳолатҳое ки ҷойивазнамоии он дар фазо бе зиён ба таъиноти он амалӣ шавад».

---

[121] Ниг.: Клепицкий И.А. Недвижимость как предмет хищения и вымогательства / И.А. Клепицкий // Государство и право. – 2000. – №12. – С. 18.

[122] Ниг.: Бондарь А.В., Старков О.В., Упоров И.В. Мошенничество как вид преступного посягательства против собственности и особенности его проявления в сфере банковской деятельности. – Сыктывкар, 2003. – С. 122.

Аломати дигари предмети тасарруф ин аломати иқтисодии он мебошад. Аломати иқтисодии молу мулк ҳамчун предмети ғоратгарӣ онро ифода месозад, ки ба чунин сифат танҳо ашёҳое ҳисоб мешаванд, ки арзиши иқтисодӣ доранд. Чи тавре З.А.Незнамова баён менамоянд, агар предмети олами моддӣ ин ё он талаботи инсонро қонеъ карда натавонад, он ба сабаби нодаркорӣ, нолозимӣ предмети таҷовузҳои ҷиноятӣ шуда наметавонад[123]. Предмети ғоратгарӣ мумкин аст танҳо ашёе шавад, ки арзиши муайяни иқтисодӣ доштан, дар баҳодиҳии пулӣ (арзиш) ифода гардад. Критерияи муайянкунандаи арзиш меҳнати инсон ҳисоб мешавад, ки барои тайёр карда, истеҳсоли молу мулки намуди мушаххас масраф шудааст. Бинобар он объектҳои табиӣ наметавонанд ба сифати предмети тасарруф эътироф шаванд, чунки нисбати онҳо меҳнати инсон сарф нашудааст.

Предмети тасарруф танҳо молу мулке шуда метавонад, ки дар моликияти ягон нафар қарор дошта бошад. Аз ин сабаб молу мулки бесоҳиб, тасодуфан пайдо кардашуда, инчунин ашёҳои дар қабр ё руйи қабр буда предмети тасарруф ба ҳисоб намераванд.

Аломати сеюми предмети тасарруф ин аломати ҳуқуқӣ мебошад. Ба сифати предмети ҷиноятҳои мазкур танҳо молу мулке баромад менамояд, ки ба гунаҳкор аз руйи ҳуқуқи моликиятӣ тааллуқ надорад. Гунаҳкор ба чунин молу мулк на ҳуқуқи воқеӣ ва на эҳтимолӣ дорад, чунки молу мулк дар асоси ҳуқуқи моликиятӣ ба шахси дигар мансуб мебошад. Тасарруфи молу мулки худ муносибатҳои моликиятиро вайрон намекунад. Ҳангоми ҷой доштани шароитҳои муайян чунин кирдор мумкин аст ҳамчун худсарӣ ҷавобагариро аз рӯйи м. 334 КҶ ҶТ ба вуҷуд оранд.

Дар ҳолатҳои тасарруф намудани ҳуҷҷатҳое, ки на арзиши моддӣ балки дигар арзиш доранд (масалан, шиносномаи шахсӣ, диплом,

---

[123] Ниг.: Уголовное право. Особенная часть / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова, Г.П. Новоселов. – М.: ИНФРАМ–НОРМА, 2001. – С. 194.; Семик, А.А. Уголовно–правовая характеристика предмета хищения чужого имущества в форме грабежа / А.А. Семик // Экономика. Право. Печать. Вестник КСЭИ. – 2019. – №4 (84). – С. 16.

шаҳодатномаи ақди никоҳ ва ғ–ра) бандубасти кирдор аз рӯйи м. 339 КҶ ҶТ анҷом дода мешавад.

Ғайр аз ин предмети тасарруф, аз ҷумла ғоратгарӣ танҳо он молу мулке шуда метавонанд, ки дар муомилоти озоди граждани бошанд. Бинобар он тасарруф намудани масалан, силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш вобаста ба м. 199 КҶ ҶТ, тасарруфи воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ аз рӯйи м. 202 КҶ ҶТ, тасарруфи маводҳои радиоактивӣ аз руйи м. 194 КҶ ҶТ бандубаст карда мешаванд.

Аз ҳама предмети паҳншудаи ғоратгарӣ ин маблағҳои пулӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр, масалан судшаванда М, санаи 23–юми июни соли 2018–ум тахминан соатҳои 14:00 дақиқа ҳангоми дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, кучаи Гипрозем назди бинои истиқоматии №10, қарор доштанаш бо роҳи ошкоро аз ҷайби пеши тарафи чапи куртаи С, 1 (як) адад кашелоки рангаш сиёҳро, ки дар дохили кашелоки номбурда 910 (нуҳсаду даҳ) сомонӣ ва як адад купюраи 50 (панҷоҳ) доллари ИМА–ро, ки бо курби асъори ҳамонрӯза баробар ба 456 (чорсаду панҷову шаш) сомонӣ бударо ошкоро тасарруф намуда, аз ҷои ҳодиса ғайб мезанад, ки худи ҳамон лаҳза аз тарафи корманди милитсия дастгир карда мешавад. Бо ин кирдораш ба шаҳрванд С, зарари ҷиддӣ мерасонад[124].

Ба сифати пул ҳам асъори миллӣ ва ҳам асъори хориҷӣ баромад менамояд. Бинобар он ҳамчун предмети ғоратгарӣ мумкин аст асъори миллӣ ва ҳам асъори хориҷӣ, ки дар муомилот ба сифати воситаи қонунии пардохт ҷой дорад эътироф шавад. Асъоре, ки аз муомилот гирифта шудааст, танҳо дар ҳолате предмети ғоратгарӣ ҳисоб мешавад, ки агар он арзиши таърихӣ ё илмӣ дошта бошад.

[124] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии № 1–512/18 // Бойгонии суди ноҳияи Сино шаҳри Душанбе. – Соли 2018.

Ба андешаи З.А. Незнамова пул мумкин аст ба сифати предмети тасарруф ҳам дар шакли нақд ва ҳам ғайринақдӣ баромад намояд[125]. М.М. Вакула бошад чунин эътироф менамояд, ки ин ба пуррагӣ ба ғоратгарӣ низ тааллуқ дорад[126]. Бо чунин тасдиқот ба пуррагӣ розӣ буда наметавонем. Чунки тасарруфи пул дар шакли ғайринақдӣ пеш аз ҳама барои қаллобӣ хос мебошад. Тасарруфи маблағи пулӣ дар шакли ғайринақдӣ бо роҳи ғоратгарӣ ё роҳзанӣ вобаста ба хусусиятҳои тарафи объективии онҳо ғайриимкон ба назар мерасад. Ба таври назариявӣ мумкин аст ҳолатҳое руҳ диҳанд, ки вақте масалан, гунаҳкор корти пластикиро ҳамроҳи пинкоди он тасарруф менамояд ва имконияти ба таври нақд гирифтани маблағи пулиро ба даст меорад. Аммо дар чунин маврид низ моҳиятан корти пластикӣ воситаи дастрас намудани пули ғайринақдӣ ба ҳисоб рафта, худ қиёси пули ғайринақдӣ ҳисоб намешавад[127].

Ба сифати предмети ғоратгарӣ инчунин қоғазҳои қимматнок баромад менамоянд. Мутобиқи КГ ҶТ қоғази қиматнок ҳуҷҷате мебошад, ки бо риояи шакли муқарраргардида ва реквизитҳои ҳатмӣ ҳуқуқи молу мулкиеро тасдиқ менамояд, ки татбиқ ё гузашт кардани онҳо танҳо дар сурати нишон додани он имконпазир аст (қ. 1 м. 157). Дар ҳуқуқи граждани якчанд намудҳои қоғазҳои қиматнокро фарқ мекунанд: вомбарг, вексел, чек, сертификати бонкӣ, коносамент, саҳмия ва ҳуҷҷатҳои дигаре, ки мутобиқи санади қонунгузорӣ дар бораи коғазҳои қиматнок ё мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи онҳо ба ҷумлаи коғазҳои қиматнок мансуб дониста шудаанд. Коғазҳои қиматнок метавонанд манзурӣ, ордерӣ ва номӣ бошанд. Мутобиқи қ. 2 м. 158 КГ ҶТ ҳуқуқи тасдиқнамудаи коғази қиматноки номӣ ба шахси дар он зикршуда тааллуқ дорад. Ҳуқуқи

---

[125] Ниг.: Уголовное право. Особенная часть: учебник для вузов / Под ред. И.Я. Козаченко. – М.: ИНФРА М – НОРМА, 1998. – С. 97.
[126] Ниг.: Вакула М.М. Криминологическая характеристика и уголовно–правовые меры противодействия грабежу: дис. … канд. юрид. наук – СПб., 2005. – С. 95.
[127] Ниг.: Чернышева Л.В. Уголовно–правовая харатеристика предмета грабежа / Л.В. Чернышева // Юридическая наука и правоохранительная практика. – 2010. – №2 (12). – С. 74.

тасдиқнамудаи коғази қиматноки манзурӣ ба шахси манзуркунандаи коғази қиматнок тааллуқ дорад.

Ҳуқуқи тасдиқнамудаи коғази қиматноки ордерӣ ба шахси дар он номбаршуда ва дар сурати мувофиқи тартиби пешбининамудаи қ. 3 м. 160 ҳамин Кодекс ин ҳуқуқро гузашт кардани ӯ ба шахси ваколатдор тааллуқ дорад.

М.М. Вакула баён медорад, ки ғоратгарии қоғазҳои қиматнок ҷинояти то андозае паҳнгардида ба ҳисоб меравад[128].

Вале мо дар таҷрибаи судӣ ягон ҳолати бо роҳи ғоратагарӣ тасарруф гардидани қоғазҳои қиматнокро пайдо накардем. Бо роҳи ғоратгарӣ тасарруф намудани қоғазҳои қиматнок мумкин аст дар ҳолатҳое содир шавад, ки вақте қоғази қиматнок бо ҳамроҳии ҷабрдида бошад. Андозаи тасарруф ҳангоми ситонидани қоғазҳои қиматнок аз рӯйи қоидаи умумӣ вобаста ба номинали онҳо муайян карда мешавад. Агар арзиши бозории қоғази қиматнок аз номинали он фарқ намояд, андозаи тасарруф вобаста ба арзиши бозории он муайян мегардад.

Ғайр аз ин, аз байни намудҳои зикршудаи қоғазҳои қиматнок ба сифати предмети ғоратгарӣ мумкин аст танҳо коғази қиматноки манзурӣ баромад намоянд. Қоғазҳои қиматноки номӣ ва ордерӣ низ мумкин аст ғайриқонунӣ ситонида шаванд, вале шахси ғайри молик (бегона) дар чунин ҳолат имконияти ба даст овардани ҳуқуқи молу мулкиро надорад. Бинобар он чунин қоғазҳои қиматнок наметавонанд ба сифати предмети ғоратгарӣ баромад намоянд.

Ба ғайр аз қоғазҳои қиматнок ба сифати предмети тасарруф мумкин аст, қоғазҳои қиматноке, ки мутобиқи КГ ҶТ қоғазҳои қиматнок эътироф нашуда, вале ҳуқуқҳои муайяни молу мулкии дорандаи онро, ҳуқуқ ба молу мулки муайян ва корро тасдиқ менамоянд, ҳисоб шаванд. Дар баъзе мавридҳо қоғазҳои мазкур ба сифати воситаи пардохтнамоии суррогатӣ

[128] Ниг.: Вакула М.М. Криминологическая характеристика и уголовно–правовые меры противодействия грабежу: дис. … канд. юрид. наук. – 2005. – С. 95.

баромад менамоянд, ки танҳо дар соҳаи муайян мавриди гардиш қарор доранд. Масалан, талонҳо барои маводҳои сӯзишворӣ, абонементҳо, чиптаи нақлиёт, билетҳои лотерея ва ғайра. Қоғазҳое, ки худ аз худ бе даровардани тағйиротҳои дахлдор барандаи арзишҳои муайяни моддӣ, кор ва хизматрасонӣ нестанд, ба сифати предмети тасарруф баромад намуда наметавонанд. Ба қатори онҳо мумкин аст инҳо дохил шаванд: чипта барои сафар дар нақлиёт, бланкаҳои чиптаи роҳ, ваколатнома ва ғ–ра. Ситонидани онҳо мумкин аст, аз ҷониби ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври гуногун баҳогузорӣ шавад, аммо ба сифати предмети ғоратгарӣ онҳо баромад карда наметавонанд.

Тарафи объективии ҷиноят ин тарафи зоҳирии кирдори ба ҷамъият хавфнок мебошад. Ин амалест, ки дар олами объективӣ таҷассум ёфта, ба объекти аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзкунанда зарар мерасонад ё чунин таҳдидро ба миён меорад[129]. Тарафи объективии ҷиноят аз кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ), оқибати барои ҷамъият хавфнок ва аз робитаи сабабии байни кирдор ва оқибати барои ҷамъият хавфнок иборат аст.

Тарафи объективии ғоратгарӣ мутобиқи қ. 1 м. 248 КҶ ҶТ ҳамчун ошкоро тасарруф кардани молу мулки ғайр муайян гардидааст.

Масъала дар бораи мафҳуми тасарруф солҳои охир дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ боиси баҳсҳои гуногун гардидааст. Аммо аксарияти олимон бар он ақидаанд, ки дар қонуни ҷиноятӣ мустаҳакам шудани чунин мафҳум ба фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда таъсири мусбӣ мерасонад. Дар КҶ ҶТ дар қ. 1 эзоҳи м. 244 муайян мешавад, ки таҳти мафҳуми тасарруф дар моддаҳои Кодекси мазкур ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳкор ё дигар шахсон дар назар дошта шудааст.

Дар баробари ин дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба чунин тарзи муайян намудани мафҳуми тасарруф олимон бо назари танқидӣ муносибат намуда

[129] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. – Душанбе: «Эр граф», 2019. – С. 128.

иброз медоранд, ки дар он баъзе аз эродҳои вобаста ба аломатҳо ва мафҳуми тасарруф, ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ баён шудаанд ба назар гирифта нашудааст.

Аз ҷумла чунин назари танқидӣ ба аломати аввали тасарруф– ғайриқонунӣ гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр тааллуқ дорад. Дар адабиёти соҳавӣ мазкур одатан ҳамчун дар гунаҳкор мавҷуд набудани ҳуқуқ ба молу мулки тасарруфшаванда ва манъ карда шудани чунин кирдорҳо бо қонуни ҷиноятӣ маънидод мегардад[130]. Аммо, аз ҷой надошани ҳуқуқи гунаҳкор ба молу мулки тасарруфшаванда худи дар мафҳуми тасарруф нишон дода шудани «молу мулки ғайр» шаҳодат медиҳад. Манъ карда шудани содир намудани чунин кирдорҳо бошад ин аломати ҷинояти дилхоҳ на ин ки танҳо тасарруф ба ҳисоб меравад. Ба андешаи М.Д. Лисова аломати ғайриқонунӣ, ки ба мафҳуми тасарруф ворид шудааст, ягон мазмун надорад, зеро аз таърифи он маълум мешавад, ҳатто агар аломати ғайриқонуниро аз он ихтисор созем ҳам тасарруф қонунӣ буда наметавонад[131]. Аломати мазкур масалан ҳатто дар мафҳуми одамкушӣ (қ. 1 м. 104 КҶ ҶТ) номбар нашудааст. Ҳамин тавр, аломати ғайриқонунӣ дар мафҳуми тасарруф изофагӣ мебошад.

Чунин эрод ба аломати дигари тасарруф – ройгон гирфтани молу мулки ғайр низ тааллуқ дорад. Ба андешаи мо зарурияти дар мафҳуми тасарруф дохил намудани аломати ройгон гирифтани молу мулк эҳтиёҷот нест зеро: мафҳуми луғавии ройгон «муфт ба даст даровардан», «муфт», «бепул»[132]–ро ифода мекунад, вале дар амалияи судӣ чунин аломат ҳангоми қисман пардохт намудани молу мулки тасарруфшуда низ мавҷуд буда метавонад; аломати ройгониро аломати дигари тасарруф, ба монанди

---

[130] Ниг.: Российское уголовное право. Особенная часть – М., СПАРК, 1998. – С. 141; Российское уголовное право. Особенная часть / Под ред. В.Н. Кудрявцева, А.В. Наумова. – М., Юристь, 1997. – С. 142.

[131] Ниг.: Лысов М.Д. Логико–структурный анализ понятий и признаков преступлений в действующем Уголовном кодексе РФ / М.Д. Лысов // Государство и право. – 1997. – №12. – С. 74 – 78.

[132] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – Душанбе, 2008. – С. 329 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ravshanfikr.tj/lu-atnoma-o.raw?task=download&fid=222 (санаи мурочиат: 27.11.2022).

боғараз, дар бар мегирад, яъне ройгон яке аз паҳлуҳои мақсади ғаразнок ба ҳисоб меравад.

Аломати сеюми тасарруф ин гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳкор ё дигар шахсон шуморида мешавад. Ба шарофати аломати мазкур тарафи объективии тасарруф аз рӯйи қонун акнун бе асосҳои кофӣ тавассути се ҳаракат тавсиф мегардад: 1) гирифтани молу мулк; 2) ситонидани молу мулк; 3) гирифтан ва ситонидани молу мулк ба фоидаи гунаҳкор ё шахси дигар.

Вобаста ба ин тасдиқи мазкур оид ба он ки усули асосии тасарруф «гирифтани мулу мулк аз молик ё соҳиби дигар»[133] ба ҳисоб меравад, бо қонун мувофиқ нест. Гирифтан ин на усули тасарруф балки ҳаракате мебошад, ки ҳангоми тасарруф ҷой дорад.

Инчунин ақидаи он олимоне, ки ба аломати тарафи объективии тасарруф танҳо «гирифтан»–и молу мулкро мансуб медонад[134], ба матни эзоҳи қ. 1 м. 244 КҶ ҶТ мувофиқат намекунад. Ақидае низ иброз мешавад, ки «гирифтан ҳама вақт бо ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳкор алоқаманд мебошад»[135]. Агар ин чунин мебуд қонунгузор ҳангоми муайян намудани мафҳуми тасарруф пайвандаки «ё»–ро байни калимаҳои «гирифтан» ва «ситонидан» истифода намебурд.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ андешае низ ҷой дорад, ки мувофиқи он «гирифтан» ва «ситонидан»–и молу мулки ғайр барои дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ҳатмӣ буда, ҳангоми азонихудкунӣ ё исрофкорӣ танҳо «гирифтан»–и молу мулк ба фоидаи шахсони мазкур хос мебошад[136]. Аммо дар чунин ҳолат мумкин аст ба хулоса омад, ки танҳо «гирифтан»–и молу

---

[133] Уголовный кодекс Российской Федерации. Научно–практический комментарий / Под общей ред. Х.Д. Аликперова, Э.Ф. Побегайло. – М., Юридическая литература, 1998. – С. 349

[134] Ниг.: И.Я. Козаченко, З.А. Наумова. Уголовное право. Особенная часть. – М., ИНФРА–НОРМА, 1998. – С. 199.

[135] Гаухман Л.Д., Максимов С.В. Уголовная ответственность за преступления в сфере экономики. – М.: ЮрИнфоР, 1996. – С. 75.

[136] Ниг.: Постатейный Комментарий к Уголовному кодексу РФ 1996 г. / Под ред. Наумова А.В. – М.: «Гардарика», Фонд «Правовая культура», 1996 г. – С. 398; Уголовное право Российской Федерации. Особенная часть / Под ред. Л.В. Иногамовой-Хегай. – М., Юристъ, 2005. – С. 140; Владимиров В.А., Ляпунов Ю.И. Ответственность за корыстные посягательства на социалистическую собственность. – М., Юридическая литература, 1986. – С. 28.

мулк ҳангоми тасарруф бархилофи муқаррароти қ. 1 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ ҷой дошта наметавонад.

Мувофиқи боз як ақидаи дигар «гирифтан»–и молу мулк ҳангоми ҳам азонихудкунӣ ва исрофкорӣ ва ҳам қаллобӣ сурат мегирад[137]. Аммо аз чунин ҳолат низ бармоеяд ки ягон то аз шакли тасарруф танҳо бо «ситонидан»–и молу мулки ғайр тавсиф шуда наметавонад. Чунин хулоса низ бо муқаррароти дар қ. 1 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ муайяншуда дуруст намеояд.

Ҳамин тавр, дар қ. 1 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ барои тавсиф намудани тарафи объективии тасарруф истифода шудани «гирифтан ва (ё) ситонидан» ба гумон аст ки ба таври кофӣ асоснок бошад.

Ҳангоми таҳлили аломатҳои тасарруф дар қ. 1 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ ибораи дигар «ба фоидаи гунаҳкор ё дигар шахсон» низ омадааст. Қонунгузор мехоҳад ё намехоҳад аммо ибораи мазкур аввалан ҳадди байни тасарруф ва мувақатан гирифтани молу мулки ғайрро, ки дар ин маврид низ молу мулк «ба фоидаи гунаҳкор ё дигар шахсон» мегузарад, аз байн мебарад. Дуюм, ифодаи дар матни қонун истифодашуда « ё дигар шахсон» бемаъно ба назар мерасад. Барои бандубасти тасарруф аҳаммият надорад, ки кадом шахс аз тасарруфи молу мулк «фоида» ба даст меоварад – шахси тасарруфро содир намуда ё дигар шахсон.

Аломати ҳатмии субъективии тасарруф мувофиқи қ. 1 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ мақсади ғаразнок ба ҳисоб меравад. Аммо ҳатмӣ будани чунин аломат барои баъзе аз намудаҳои тасарруф шубҳаовар мебошад. Чунки дар КҶ ҶТ як қатор меъёрҳои дигар оид ба тасарруф муқаррар шудаанд, ки аломатҳои тасарруф барои онҳо низ ба пуррагӣ татбиқ мегардад. Масалан, ба онҳо метавон тасарруфи маводи радиоактивӣ (м. 194 КҶ ҶТ), тасарруфи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш (м. 199 КҶ ҶТ), тасарруфи воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ ё ҳаммонанди

[137] Ниг.: Кладков В.А. Уголовно–правовая охрана права собственности / В.А. Кладков // Труды МГЮА. – 1999. – №4. – С. 109 –110.

(аналоги) онҳо (м. 202 КҶ ҶТ)–ро дохил намуд. Расман чи тавре аз қ. 1 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ бармеояд мақсади ғаразнок ба монанди дигар аломатҳои тасарруф барои ҷиноятҳои зикршуда низ ҳатмӣ мебошанд. Бо чунин назардошт аз ҷумла дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 23 ноябри соли 2012, таҳти №38 «Дар бораи таҷрибаи судӣ доир ба парвандаҳои марбут ба тасарруф ва гардиши ғайриқонунии силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, воситаҳои таркиш ҳамчунин маҳлулҳои оташангез ва модаҳои зуддаргиранда, ки барои ба сифати силоҳ истифода бурдан таъинанд ё мувофиқ карда шудаанд, инчунин воситаи марговар ва маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ) (бо тағиротҳое, ки бо қарори Пленум аз 14 июни соли 2013, таҳти №7 ворид карда шудаанд) омадааст, ки «Мувофиқи қонун таҳти мафҳуми тасарруфи силоҳи оташфишон, қисмҳои такмилкунандаи он, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш ва силоҳи заррави, химиявӣ, биологӣ (бактериологӣ) ва дигар намуди силоҳи қатли ом, ҳамчунин мавод ё таҷҳизотҳое, ки ҳангоми сохтани силоҳи қатли ом истифода шуданашон мумкин аст ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон гирифтан ва (ё) ситонидани предмети зикршуда ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахс фаҳмида шавад» (б. 15)[138]. Аммо баъзе аз олимон андеша доранд, ки мақсади ғаразнок ҳангоми содир шудани тасарруфи силоҳ, маводҳои радиоактивӣ ҳатмӣ намебошад[139].

Ғайр аз ин мақсади ғаразнок ба сифати аломати ҳатмӣ дар таркиби тасарруфи ҳуҷҷат, штамп, муҳр (м. 339 КҶ ҶТ) номбар нашудааст.

Ҳамин тавр, на ҳама аломатҳои тасарруф, ки дар қонун зик ршудаанд, барои ҳама ҳолатҳои тасарруф ягона ва умумӣ мебошанд. Масалан, мақсади ғаразнок ҳангоми дуздӣ ҳатмӣ буда, он на ҳама вақт дар мавриди

---

[138] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 211.

[139] Ниг.: Постатейный Комментарий к Уголовному кодексу РФ 1996 г. / Под ред. Наумова А.В. – М.: «Гардарика», Фонд «Правовая культура», 1996 г. – М.: Юристъ. – С. 527 – 538; Головко Н.В. Практикум по уголовному праву. – М.: Изд–во «Логос», 2020. – С. 293; В.П. Тихий. Ответственность за хищение огнестрельного оружия, боевых припасов и взрывчатых веществ по советскому уголовному праву. – Харьков: Вища школа, 1976. – С. 90 – 91.

тасарруфи воситаҳои нашъадор ҳатмӣ ҳаст; ройгон ҳангоми қаллобӣ ҳатмӣ буда, аммо ҳангоми тасарруфи маводҳои радиоактивӣ шарт нест.

Чи тавре маълум мешавад, аломатҳои дар қонунгузорӣ муайяншудаи тасарруф чандон муккамал ва асоснок нестанд. Бинобар он ба андешаи мо хуб мебуд, агар қонунгузор аз тариқи умумӣ муайян намудани мафҳуми тасарруф даст мекашид. Бар ивази кӯшиши дар қонунгузорӣ муайян намудани мафҳуми умумии тасарруф маҳдуд сохтани он бо мафҳуми ҷиноятҳои мушаххас: дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва ғайра ба мақсад мувофиқ мебуд. Дар баробари ин имконияти дар қонун истифода шудани «тасарруф» ҳамчун мафҳуми хелие, ки асосан ҷиноятҳоеро, ки тарафи объективии онҳо тасарруфи молу мулки ғайрро дар бар мегирад, мумкин мебуд.

Тарафи объективии ғоратгарӣ кирдореро дар бар мегирад, ки ҳангоми он тасарруф ба таври ошкоро сурат мегирад. Тарафи объективии ғоратгарӣ аз тарафи қонунгузор ҳамчун таркиби моддии ҷиноят сохта шудааст, яъне он аз ҳаракати барои ҷамъият хавфнок ва оқибати барои ҷамъият хавфнок, инчунин робитаи сабабии байни ҳаракат ва оқибат иборат мебошад. Хусусияти тарафи объективии ғоратгарӣ усули содир намудани он ба ҳисоб меравад. Дар қонун ғоратгарӣ ҳамчун ошкоро тасарруф намудани молу мулки ғайр муайян шудааст.

Мафҳуми ошкоро содир намудани тасарруф ҳамчун усули содир намудани ҷиноят аломати асосии фарқкунандаи ғоратгарӣ ба ҳисоб меравад. В.А. Владимиров баён медорад, ки ошкоро усули гирифтани молу мулк аз соҳибии ҷабрдида ба ҳисоб меравад, вақте тасарруф дидаву дониста баръало барои ҷабрдида ё дигар шахсони ҳузурдошта содир мешавад[140].

Мафҳуми ошкоро ҳангоми тасарруф дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 июни соли 2004, таҳти №3 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» дода

[140] Ниг.: Владимиров В.А. Квалификация похищений личного имущества. – М., Юрид, лит., 1974. – С. 23.

шудааст, ки мутобиқи он «ошкоро тасарруф кардани молу мулки ғайр, ки дар м. 248 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст, (ғоратгарӣ) – ин чунин тасарруфе мебошад, ки дар ҳузури соҳибмулк ё дигар шахсе, ки молу мулк дар ихтиёраш мебошад, ё ин ки дар пеши назари шахсони бегона содир шуда, шахси содиркунандаи ин ҷиноят дарк намояд, ки шахсони дар ин маврид ҳузурдошта хусусияти ғайриқонунӣ будани ҳаракатҳои ӯро фаҳмиданд, новобаста аз он ки оё онҳо дар пешгирӣ намудани ин ҳаракатҳо чора меандешиданд ё не (б. 4)[141].

Агар шахси дар вақти ғайриқонунӣ кашида гирифтани молу мулки ғайр ҳузурдошта, ғайриқонунӣ будани ин ҳаракатҳоро намефаҳмид, ё ин ки вай хеши наздики гунаҳкор буда, аз ҳамин сабаб охирин чунин ҳисоб мекард, ки дар рафти гирифтани молу мулк аз тарафи ин шахс ба муқобилият дучор намешавад, ҳаракатҳои содиршуда бояд чун дуздии молу мулки ғайр бандубаст карда шавад. Агар шахси номбаршуда барои пешгирӣ намудани тасарруф чора андешида бошад (масалан, қатъ кардани ин ҳарактаҳои ғайриқонуниро талаб карда бошад), дар ин ҳолат ҷавобгарии гунаҳкор барои ҳаракатҳои содиршуда бо м. 248 КҶ ҶТ ба амал меояд(б. 5)[142].

Ҳамин тавр, ошкоро тасарруф намудани молу мулки ғайр бо се лаҳзаи асосӣ муайян мешавад:

1) тасарруф ҳама вақт дар ҳузури ҷабрдида ё шахси сеюм, шахсони бегона нисбат ба молу мулки тасарруфшаванда содир мешавад;

2) гунаҳкор дарк менамояд, ки ошкоро амал намуда истодааст, яъне мефаҳмад, ки ҳолати содир намудани ҷиноят ба ҷабрдида ё шахсони сеюм имконият медиҳад ки на фақат хусусиятҳои зиддиҳуқуқӣ будани кирдорҳои ӯро дарк намоянд, балки барои тасарруфи молу мулк монеъ шаванд, ӯро дастгир намоянд, аммо инро сарфи назар месозад;

---

[141] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 36.
[142] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 36.

3) ҷабрдида ё шахсони сеюм, шахсони бегона нисбат ба молу мулки тасарруфшаванда ва шарики гунаҳкор ҳисобнашаванда дарк менамоянд, ки молу мулк тасарруф шуда истодааст.

Ду аломати аввал асосӣ, нақши ҳалкунанда дошта, аломати сеюм бошад нақши иловагӣ дорад ва дар як қатор ҳолатҳо мумкин аст умуман ҷой надошта бошад.

Ғоратгарӣ инчунин ошкоро ҳисобида мешавад, вақте ки то ба охир расидани тасарруфи пинҳони оғозгардида ҷабрдида далели тасарруф шуда истодани молу мулкро дарк менамояд, ки ин барои гунаҳкор ҳам аён мебошад[143]. Масалан: суд муайян намуд, ки шаҳрванд Д, санаи 20. 12. 2017 сол тахминан соати 17:00 ҳангоми дар назди маркази дилхушии «Шоҳона» воқеъ, дар суроғаи шаҳри Душанбе, кучаи Қазоқон, карор доштанаш бо мақсади ғоратгарӣ, яъне ошкоро тасарруф намудани молу мулки ғайр аз дасти ноболиғ «Ю», як адад телефони мобилии тамғаи «Самсунг Гранд Прайма», арзиши 400 сомонӣ бударо тасарруф намуда, аз ҷойи ҳодиса ғайб задааст, ки дар натиҷа ба шаҳрванд Н. маблаги 400 (чорсад) сомонӣ зарари моддӣ расонидааст. Кирдори шаҳрванд Д., вобаста ба қ. 1 м. 248 КҶ ҶТ бандубаст шудааст[144].

Ҳамчун ғоратгарӣ тасарруф мумкин аст танҳо дар ҳолатҳое бандубаст карда шавад, ки вақте он дар ҳузури ҷабрдида ё шахси молу мулк дар ихтиёри ӯ буда, ё шахсони бегона содир гардида, гунаҳкор дарк намояд, ки шахсони мазкур хусусиятҳои ҳаракатҳои ӯро дарк менамоянд, аммо ӯ чунин ҳолатро сарфи назар менамояд.

Ҳангоми ғоратгарӣ ҷабрдида дар фарқият масалан, аз қаллобӣ хусусиятҳои зиддиҳуқуқӣ будани ҳаракатҳои ҷиноятқорро дарк месозад, ҳангоми қаллобӣ бошад ҷабрдида дар натиҷаи гумроҳӣ худ ихтиёран молу мулкро дода чунин мешуморад, ки гунаҳкор дар асоси қонун амал намуда истодааст.

---

[143] Ниг.: Ераксин В.В. Ответственность за грабеж. – М., Юрид, лит., 1972. – С. 33.
[144] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1–105/18 // Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2018.

Аломати дигари ҳатмии тарафи объективии ғоратгарӣ ин оқибати барои ҷамъият хавфнок ба ҳисоб меравад. Вазнинии воқеии оқибати ҷиноят, яъне зарари бо ҷиноят расонидашуда яке аз омилҳои муҳимми муайянкунандаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят баромад менамояд. Расман оқибати кирдор мумкин аст ба се намуд ҷудо карда шавад:

1) оқибатҳои бевосита дар қонун зикршуда;

2) оқибатҳое, ки гарчанде дар қонун номбар нашуда бошанд ҳам аммо ба ҷавобгарии гунаҳкор таъсир мерасонанд;

3) оқибатҳое, ки аз нуқтаи назари қонуни ҷиноятӣ барои баҳои ҳуқуқии ғоратгарӣ аҳаммият надоранд.

Барои таҳлили мо намуди аввали оқибат аҳаммият дорад, чунки ғоратгарӣ бо расонидани зарар алоқаманд мебошад. Агар зарар ба миқдори калон расонида шуда бошад он ҳамчун аломати вазнинкунандаӣ қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ ҳисоб мешавад.

Аломати сеюми тарафи объективии ғоратгарӣ ин робитаи сабабӣ байни кирдор ва оқибат мебошад. Он ҳамчун шарти зарурии ҷавобгарии ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Робитаи сабабӣ – ин робитаи объективан мавҷудбудаи байни кирдори ғоратгар ва оқибатҳои фарорасида мебошад, ки он ҳангоми ҷой доштани се критерия муқаррар карда мешавад:

1) доираи вақт – кирдори содиршуда аз рӯйи вақт пеш аз фаро расидани оқибати хавфнок содир мешавад;

2) критерияи имконпазирӣ– оқибатҳои хавфноки чунин намуд ҳангоми содиршавии кирдорҳои чунин хусусият имконпазир аст;

3) критерияи зарурият – маҳз содир гардидани кирдор бо ногузирӣ ҳангоми шароитҳои мазкур боиси фаро расидани оқибатҳои хавфнок дар намуди зарари фарорасида мегардад.

Ба қатори аломатҳои ҳатмии тарафи объективии ғоратгарӣ қонунгузор чунин аломатҳо ба монанди ҷой, вақт, восита ва олот, шароити

содиршавии ҷиноятро дохил накардааст. Аммо муайян намудани ин аломатҳо дар ҳар як ҳолати мушаххаси содиршавии ғоратгарӣ тасаввуроти пурратарро дар бораи дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят ва гунаҳкор ба вуҷуд оварда метавонад ва мумкин аст ҳангоми таъин намудани ҷазо ба инобат гирифта шавад.

Мутобиқи Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 июни соли 2004, таҳти №3 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» ғоратгарӣ дар мавриде тамомшуда эътироф мешавад, ки агар молу мулк гирифта шуда бошад ва гунаҳкор барои аз рӯйи салоҳдиди худ истифода бурдан ё ихтиёрдорӣ намудани он (масалан, молу мулки тасарруфшударо ба манфиати худ ё ба манфиати дигарон равона кунад, ё аз рӯйи ғараз бо дигар тарз онро ихтиёрдорӣ намояд) имконияти воқеӣ дошта бошад (б. 8)[145].

Ҳаракатҳои ғайриқонуние, ки барои гирифтани молу мулки ғайр бе мақсадҳои ғаразнок, балки, масалан, бо мақсади муваққатан истифода бурдану минбаъд ба соҳибмулк баргардонидан ё ин ки бинобар ҳуқуқи воқеӣ ё эҳтимолӣ доштан ба ин молу мулк, равона карда шудаанд, таркиби ҷинояти ғоратгариро ташкил намедиҳад. Бо назардошти ҳолатҳои кор чунин ҳаракатҳо ҳангоми ҷой доштани асосҳо бояд бо м. 334 КҶ ҶТ ва дигар моддаҳои он бандубаст карда шаванд.

Дар ҳолатҳое ки, агар ғайриқонунӣ кашида гирифтани молу мулк ҳангоми авбошӣ, таҷовуз ба номус ё ин ки дигар ҳаракатҳои ҷиноятқорона, содир шуда бошад, бояд муайян карда шавад, ки шахс бо кадом мақсад ин молу мулкро кашида гирифтааст.

Агар шахс мақсади ғаразнокро пеша карда бошад, ҳаракатҳои содиркардаи ӯ вобаста ба тарзи гирифтани молу мулк бояд, барои маҷмуи ҷиноятҳо мувофиқан чун ҷинояти муқобили моликият ва авбошӣ, таҷовуз ба номус ё дигар ҷиноят бандубаст карда шаванд.

---

[145] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 36.

Хавфнокии баланди ҷамъиятии ғоратгарӣ нисбат ба дуздӣ, азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ё қаллобӣ дар даҳаливу густхоҳии он ифода мегардад, аз ин ҷо хавфнокии ҳам кирдор ва ҳам шахсияти ғоратгар зиёдтар мебошад. Молу мулки ғайрро тасарруф намуда гунаҳкор дарк менамояд, ки атрофиён хусусиятҳои ҷиноятии кирдори ӯро дарк месозанд, аммо ба ин нигоҳ накарда ӯ аз идомаи содир намудани ҷиноят бознаистода бештар ногаҳонӣ будани кирдори худ, имконияти зуд ғайб задан аз ҷойи ҷиноят, беҷуръатии шоҳидони кирдор, ки барои монеъ шудан ба содиршавии ҷиноят метарсанд, ба инобат мегирад. Даҳалии ҷинояткор ҳам дар ҳолатҳое, ки тасарруфи молу мулк дар ҳузури ҷабрдида ва ҳам дар ҳолатҳое ки ғоратгарӣ дар ҳузури шахсони сеюм, шахсони бегона нисбат ба молу мулки тасарруфшаванда содир мешавад, як тарз зоҳир мешавад. Ғайр аз ин, бояд онро ба назар гирифт, ки ошкоро тасарруф намудани молу мулк имконияти нисбати ҷабрдида ва шахсони дигар истифода шудани зӯровариро истисно наменамояд. Ҳангоми ошкоро тасарруф намудан ҷабрдида одатан дарк менамояд, ки аз молу мулкашро гирифта истодаанд. Мавҷуд будани чунин дарксозӣ дар ҷабрдида мумкин аст дар ӯ хоҳиши монеъ шудан ба тасарруфро ба вуҷуд орад. Чунин монеъшавӣ дар навбати худ метавонад боиси аз тарафи ғоратгар истифода шудани зуроварӣ нисбати дорандаи молу мулк бо мақсади гирифтани он гардад[146].

Ҳарактаҳои ғоратгар одатан бо беҳаёӣ, муносибати беэҳтиромона ба ҷабрдида ва шоҳидони имконпазир фарқ мекунад, ки ин аз густохии махсуси ҷинояткор дарак медиҳад. Гунаҳкор дар содир намудани ғоратгарӣ дарк месозад, ки ҳаракатҳои ӯ барои ҷабрдида ва шахсони дигар, ки метавонанд ба ӯ монеагӣ намоянд, ё ӯро дар ҷойи ҷиноят дастгир созанд, аён аст. Бар замми ин шоҳидони содиршавии ғоратгарӣ мумкин аст гунаҳкорро фош намоянд, ба сифати шоҳид баромад кунанд. Ҳамаи инро дарк намуда ғоратгар боз имконияти истифода шудани зӯровариро барои

[146] Ниг.: Ераксин В.В. Ответственность за грабеж. – М.: Юрид, лит., 1972. – С. 24 – 25.

гирифтани молу мулки ғайр ё бартараф намудани монеагии шоҳидони содиршавии ҷиноят истисно наменамояд[147].

Дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти барассишаванда аз бисёр ҷиҳат бо имконияти воқеии истифодашавии зӯроварӣ вобастагӣ дорад. Аммо зӯроварӣ ё таҳдиди истифода шудани он ҳама вақт амалӣ намешавад. Зӯроварай аз ҷониби ғоратгар одатан барои бартараф намудани муқобилияти ҷабрдида бо роҳи таъсиррасонии ҷисмонӣ ё руҳӣ ба ӯ ё шахсони дигар истифода мешавад. Масалан ҳамин тавр, судшаванда А, бо ҳамроҳии рафиқаш Ш., санаи 01 – уми апрели соли 2018 тахминан соати 21:40 дақиқа аз рӯйи маслиҳати пешакӣ ва нақшаи таҳрезикардаашон, ҳайати гуруҳи шахсонро ташкил дода, бо мақсади ғоратгарӣ, яъне ошкоро тасарруф намудани молу мулки ғайр бо истифодаи зуроварӣ барои саломатӣ ва ҳаёт хавфнок нест, дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Гипрозем ру ба рӯйи бинои 9 ошёнаҳо қарор доштанашон мебинанд, ки шаҳрванд М, дар истгоҳи автомобилгард истодааст. Сипас, аз фурсати муносиб истифода бурда, бо роҳи фиреб бо охирин ҳамсуҳбат шуда, бо баҳонаи ба хизмати ҳарбӣ бурдан ӯро ба ҷойи торикӣ бурда, нисбати шахрванд М, зуроварӣ истифода намуда, аз кисааш як адад телефони мобилии тамғаи «Самсунг 4–1», як адад телефони мобилии тамғаи Нокиа–Х–1 ва маблағи пулии 1300 сомониро тасарруф намуда, аз ҷойи ҳодиса ғайб мезананд, ки дар натиҷа бо ин кирдорашон ба шаҳрванд М, ба маблағи 2300 сомонӣ зарари ҷиддии молу мулки расонидаанд. Бо ҳукми суд нисбати Ш, ва А, бо м. 248 қ. 2 б.б. «б, в, г» КҶ ҶТ ҷазои ҷиноятӣ таъин гардид[148].

Ошкоро тасарруф намудани молу мулки ғайр аломати ҳатмии ғоратгарӣ ба ҳисоб меравад. Тасарруф ошкоро эътироф мешавад, агар он дар ҳузури молик ё дигар шахсе, ки молу мулк дар ихтиёраш мебошад содир гардида, онҳо далели содиршавии ҷиноятро дарк намоянд. Усули

---

[147] Ниг.: Севрюков А.П. Хищения имущества: криминологические и уголовно–правовые аспекты. – М., 2004. – С. 138.

[148] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1–383/2018 // Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2018.

ошкоро тасарруф намудан дар ҳолатҳое ҷой дорад, ки вақте на танҳо гунаҳкор, балки ҷабрдида, инчунин, дигар шахсони ҳузурдошта баръало самти ҷинояткорона доштани кирдорҳои дар ҳузури онҳо содиршавандаро дарк намоянд.

Агар ҳолатҳои кор чунин бошад, ки ҷинояткор бо роҳи фиреб ё суиистифода аз боварӣ молик ё соҳиби дигари молу мулкро бовар кунонад, ки ихтиёран ба ӯ молу мулкро диҳанд, ин ҷо низ таркиби ғоратгарӣ ҷой надорад. Бо ин ғоратгарӣ аз қаллобӣ фарқ менамояд, ки ҳангоми содиршавии охирин қаллоб бо роҳи фиреб ё суиистифодаи боварӣ ҷабрдидаро ба қонунӣ будани талаботҳои худ бовар мекунонад. Баръакс, агар ҷабрдида баръало барои гунаҳкор дарк намояд, ки шахси додани молу мулкро талабкунанда дар асл бархилофи боваркунонии ӯ нисбат ба молу мулк ягон ҳуқуқ надорад, аммо бо сабаби тарси зери зӯроварӣ қарор гирифтан молу мулкро диҳад чунин ҳолат таркиби ғоратгариро дорад, чунки молу мулк ба соҳибии гунаҳкор бархилофи иродаи ҷабрида мегузарад.

Масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёрӣ ба ғоратгарӣ ва суйиқасд ба он дар асоси муқаррароти умумии қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои тайёрӣ ва суйиқасд ба ҷиноят ба вуҷуд меоянд.

Ҳамин тавар, аломатҳои объективии ғоратгариро дида баромада мо ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Баҳри такмили қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳод карда мешавад, ки аз фасли XI «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» боби 26 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» хориҷ карда шуда, он дар фасли алоҳида бо номи «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» бо ҷудо намудани ду боби нав (боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият, ки бо тасарруф алоқаманданд» ва боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият бе аломатҳои тасарруф») мустаҳкам карда шавад.

2. Объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили моликият – моликият ҳамчун мафҳуми иқтисодиву ҳуқуқӣ баромад менамояд, ки он аз соҳибшавии воқеӣ ва ҳуқуқии молу мулк аз ҷониби шахси мушаххаси ҳуқуқӣ ё воқеӣ, ки нисбати чунин молу мулк ваколатҳои соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ кардан ва ҳуқуқи истисноии додани чунин ваколатҳоро ба шахси дигар дорад, иборат мебошад.

Шаклҳои моликият барои бандубасти кирдор аҳаммият надорад. Ба чунин сифат метавонад шакли дилхоҳи моликияти дар қонун пешбинишуда баромад намояд.

3. Мутобиқи қ. 4 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ баробарии ҳифзи ҳуқуқии ҳама шаклҳои моликият вобаста ба м. 12 Конституцсияи ҶТ чандон риоя нашудааст. Зеро ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ё дастаҷамъӣ (ғайр аз ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ) дар ҳолатҳое ба миён меояд, ки агар арзиши молу мулки тасарруфшуда аз даҳ андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки шахсӣ новобаста аз арзиши он ба миён меояд. Бинобар он, пешниҳод мешавад, ки қ. 4 Эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ё дастҷамъи новобаста аз андозаи молу мулки тасарруфшуда муқаррар карда шавад.

4. Объекти бевоситаи ҷиноятҳо ба муқобили моликият аз ҷумла ғоратгарӣ муносибатҳои ҷамъиятие ба ҳисоб мераванд, ки дар доираи он шахс вобаста ба қонун ваколатҳои воқеии соҳибӣ кардан, истифодабарӣ ва ихтиёрдории молу мулки худро татбиқ месозад, ки онҳо дар натиҷаи содир гардидани таҷовузи мушаххаси ҷиноятӣ халалдор мегарданд.

5. Ба Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 – уми июни соли 2004 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» илова ворид карда шуда, дар он маҳз кадом молу мулк ба сифати предмети тасарруф баромад карда метавонад, муайян

карда шавад. Чунин илова мумкин аст бо мазмуни зайл ворид шавад: Предмети тасарруф молу мулки ғайр эътироф мешавад ва зери он молу мулке фаҳмида мешавад, ки дар моликият ё соҳибии қонунии гунаҳкор қарор надорад. Молу мулки ғайриманқули шахси дигар мумкин аст, предмети тасарруф эътироф гардад, дар ҳолатҳое ки ҷойивазнамоии он дар фазо бе зиён ба таъиноти он амалӣ шавад».

6. Ба андешаи мо зарурияти дар мафҳуми тасарруф дохил намудани аломати ройгон гирифтани молу мулк эҳтиёҷот нест зеро: мафҳуми луғавии ройгон «муфт ба даст даровардан», «муфт», «бупул»–ро ифода мекунад, вале дар амалияи судӣ чунин аломат ҳангоми қисман пардохт намудани молу мулки тасарруфшуда низ мавҷуд буда метавонад; аломати ройгонро аломати дигари тасарруф, ба монанди боғараз, дар бар мегирад, яъне ройгон яке аз паҳлуҳои мақсади ғаразнок ба ҳисоб меравад.

7. Аломатҳои дар қонунгузорӣ муайяншудаи тасарруф чандон мукаммал ва асоснок нестанд. Бинобар он ба андешаи мо хуб мебуд агар қонунгузор аз тариқи умумӣ муайян намудани мафҳуми тасарруф даст мекашид. Бар ивази кӯшиши дар қонунгузорӣ муайян намудани мафҳуми умумии тасарруф маҳдуд сохтани он бо мафҳуми ҷиноятҳои мушаххас: дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва ғ–ра ба мақсад мувофиқ мебуд. Дар баробари ин имконияти дар қонун истифода шудани «тасарруф» ҳамчун мафҳуми хелие, ки асосан ҷиноятҳоеро, ки тарафи объективии онҳо тасарруфи молу мулки ғайрро дар бар мегирад, мумкин мебуд.

2.2. Субъект ва тарафи субъективии ҷинояти ғоратгарӣ

Субъекти ҷиноят ин мафҳуми ҳуқуқии ҷиноятӣ мебошад. Масъалаи субъекти ҷиноят ба таври ногусастанӣ бо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс алоқаманд аст. Гузашта аз он, шахсияти субъекти ҷиноят дорои аҳаммияти криминологӣ низ мебошад.

Субъекти ҷиноят ин шахси воқеии мукаллаф мебошад, ки ба синни муқарраркардаи қонуни ҷиноятӣ расида, дар содир намудани ҷиноят гунаҳкор мебошад. Субъекти ҷиноят унсури ҷудонашавандаи таркиби ҷиноят мебошад.

Субъекти ҷиноят ва аломатҳои он дар моддаҳои 22–26 боби 4 КҶ ҶТ ва як қатор моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ муайян карда шудааст.

Аломатҳое, ки дар моддаҳои зикршудаи КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, барои тамоми субъектони ҷиноятҳо ҳатмӣ мебошад. Набудани аломате, ки дар моддаҳои 22–26 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, боиси истисно гардидани субъекти ҷиноят ва таркиби ҷиноят дар маҷмуъ мегардад.

Қабул шудааст, ки муқаррароти дар моддаҳои 22, 23 ва 24 КҶ ҶТ тавсифёфта дар умум аломатҳои субъекти умумии ҷиноятро ифода мекунанд.

Мувофиқи моддаи 22 КҶ ҶТ «Танҳо шахси воқеии мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ба синну соли муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс расидааст».

Аз меъёри мазкур бармеояд, ки субъекти умумии ҷиноят дорои се аломати ҳатмӣ мебошад:

1) шахси воқеӣ;

2) шахси мукаллаф;

3) шахсе, ки ба синни муқарраркардаи КҶ ҶТ расидааст.

Мафҳуми шахси воқеӣ (ҷисмонӣ) дар КҶ ҶТ кушода нашудааст.

Мутобиқи қ. 1 м. 17 Кодекси граждании ҶТ таҳти мафҳуми шахси воқеӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони давлатҳои дигар, инчунин шахси бешаҳрвандӣ фаҳмида мешавад.

Воқеан кирдори барои ҷамъият хавфнокро ҳангоми ҳолатҳои муайян мумкин аст шахси дилхоҳ содир намояд, аммо субъекти ҷиноят мумкин аст танҳо шахсе шавад, ки дорои аломатҳои дар қонун пешбинишуда бошад, яъне мукаллафӣ ва расидан ба синну соли муайян, ки аз он ҷавобгарии

ҷиноятӣ фаро мерасад. Мафҳуми субъекти ҷиноят, – баён менамояд Н.С. Лейкина, – пеш аз ҳама маҷмуи аломатҳоеро ифода месозад, ки дар асоси онҳо шахси воқеии кирдори барои ҷамъият хавфнокро содир намуда, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Аломатҳои доимӣ ва умумӣ, мукаллафӣ ва расидан ба синну соли муайян ба шумор мераванд[149].

Пеш аз ҳама ба сифати субъекти ҷиноят шахси воқеӣ, яъне инсон баромад мекунад. Аз ибтидои кодификатсияи қонунгузории ҷиноятӣ дар Тоҷикистон (дар замони шуравӣ) ба сифати субъекти ҷиноят шахси ҷисмонӣ баромад мекард, ҳарчанд бевосита ин дар тафовут аз КҶ ҶТ–и ҳоло амалкунанда қайд нагардида буд. Дар таҷрибаи дигар давлатҳо ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст (Англия, Олмон, Канада, Ҷумҳурии Халқии Чин, Нидерландия, ИМА, Фаронса ва ғайра)[150].

Имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баъзан оид ба муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ масъалагузорӣ карда мешавад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ низ тадқиқот ва пешниҳодҳои судманд шудааст[151].

Дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ ба таври аниқ аломатҳои субъекти ҷиноят (мукаллафӣ ва синну сол) муқаррар шудаанд, ки ҳангоми ҷой доштани онҳо шахси воқеии ҷиноят содирнамуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Дар мавриди ҷой надоштани ҳатто яке аз ин аломатҳо шахс ба сифати субъекти ҷиноят эътироф намешавад.

Дар баробари ин асоси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мутобиқи м. 11 КҶ ҶТ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар ҳамин Кодекс пешбинигардида аст.

Аломати ҳатмии субъекти ҷинояти дилохоҳ, аз ҷумла ғоратгарӣ мукаллафӣ, яъне мавҷуд будани солимии руҳӣ, ки ҳангоми он шахс дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят қобилияти дарк карда тавонистани

---

[149] Ниг.: Лейкина Н.С. Личность преступника и уголовная ответственность. – Л., 1968. – С. 37.
[150] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. – Душанбе: «Эр граф», 2019. – С. 202.
[151] Ниг.: Рарог А.И. Настольная книга судьи по квалификации преступлений. – М., 2006. – С. 192.

хусусиятҳои кирдори худ ва роҳбарӣ намудан ба онро дар ҳолатҳои муайян дорад[152].

Мукаллафӣ ба монанди синну сол аломати ҷудонашавандаи субъекти ҷиноят ҳисоб мешавад. Дар баробари ин мафҳуми мукаллафӣ дар КҶ ҶТ муайян нашудааст. Мафҳуми мукаллафӣ баръакси мафҳуми номукаллафӣ мебошад, ки он ифодаи худро дар м. 24 КҶ ҶТ пайдо намудааст. Мутобиқи моддаи мазкур «шахсе, ки ҳангоми содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок дар ҳолати номукаллафӣ буд, яъне бар асари бемории рӯҳии доимӣ, парешонии муваққатии руҳӣ, заъфи ақл ва ё ҳолати дигари бемории руҳӣ хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк ё онро идора карда наметавонист, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад». Аммо, мукаллафӣ ҳамчун хусусияти инсонӣ дилхоҳ мафҳуми то андозае мураккаб ва бисёрҷабҳа мебошад, ки татқиқоти маҷмуиро аз ҷониби намояндагони илмҳои гуногун, аз ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ талаб месозад[153].

Муккалафӣ на танҳо шарти зарурӣ барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси ҷиноят содирнамуда, балки замина барои муқаррар кардани гунаҳкории ӯ низ ба ҳисоб меравад. Агар масъалаи мазкурро аз назари методологӣ баррасӣ намоем, пас дар асоси таълимот дар бораи озодии ирода мафҳуми мукаллафӣ меистад. Дорои қобилияти фикрронӣ буда, инсон бо руҳияи солим метавонад кирдори худро дуруст баҳогузорӣ намояд, инчунин тарзҳои гуногуни рафторро интихоб кунад, ки ба ангеза, талабот, мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузошта мувофиқат менамоянд.

Мутассифона, чи тавре В.Г. Павлов иброз медорад, ба самтҳои назариявӣ ва методологии проблемаи мазкур таҳқиқотҳои кам бахшида шудаанд, бахусус дар ҳуқуқи ҷиноятӣ. Вобаста ба ин на танҳо коркард ва

---

[152] Ниг.: Уголовное право. Общая часть / Под ред. В.И. Радченко. – М., 2004. – С. 165 – 166.
[153] Ниг.: Назаренко Г.В. Невменяемость: Уголовно–релевантные психические состояния. – СПб., 2002. – С. 92.

асоснок намудани критерияҳои мукаллафӣ, балки дар қонуни ҷиноятӣ мустаҳакам намудани онҳо ба мақсад мувофиқ мебошад[154].

Ба ғайр аз, мукаллафӣ яке аз аломатҳои муҳимми ҳуқуқии субъекти ҷиноят ин расидани шахс ба синну соли муайян ба ҳисоб меравад, ки сар карда аз он имконияти ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷой дорад. Шахси воқеӣ ва мукаллафе, ки ба синни 14–16 солагӣ нарасидааст, агар кирдори барои ҷамъият хавфнок содир намояд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

Синну солро моҳиятан аломати зарурӣ барои субъекти ҷиноят эътироф намудан ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси кирдори барои ҷамъият хавфнок содир намуда ба ҳисоб меравад. Қонуни ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноят сарҳади синну соли ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар намуд (м. 23 КҶ ҶТ).

Субъекти ғоратгарӣ шахси воқеии мукаллафи ба синни 14–солагӣ расида баромад менамояд. Чунки, мутобиқи қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ синну соле, ки бо фарорасии он мумкин аст ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғоратгарӣ ба вуҷуд ояд, 14–солагӣ муқаррар шудааст.

Аз тарафи қонунгузор нишон додани зарурияти расидан ба синни муайян, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад, ифодагари он аст, ки субъекти ҷиноят мумкин аст танҳо шахсе эътироф шавад, ки дар чунин дараҷаи инкишофи зеҳнии синнусолӣ қарор дорад, ки ин ба ӯ имкон медиҳад, хусусият ва хавфнокии ҷамъиятии кирдори худ ва имконияти фаро расидани оқибатҳои хавфноки онро дарк намояд ва ба кирдори худ роҳбарӣ карда тавонад.

Дар давраҳои гуногуни инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ синну соле, ки бо фаро расидани он ноболиғ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғоратгарӣ кашида шуданаш имконпазир мегашт, ба таври гуногун муайян мешуд. Масалан, аз рӯйи КҶ ҶШФСР соли 1922, КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935

[154] Ниг.: Павлов В.Г. Субъект преступления. – СПб., 2001. – С. 23.

ҷавобгарӣ барои ғоратгарӣ аз синни 16 солагӣ муқаррар мешуд. Он чи дар назар дошта мешуд, ки дар навраси синни то 16 шуурнокии ӯ то дараҷаи кофӣ ташаккул наёфтааст. Онҳо вобаста ба ин қобилияти пурра дарк намудани ҳаракатҳои худро надоштанд. Дар бисёр ҳолатҳо чунин ноболиғон ҷиноятро зери таъсири калонсолон ё аз рӯйи ҳавову ҳавас содир менамуданд. Ҳолатҳои алоҳидаи аз ҷониби наврасони то синни 16 содир шудани ғоратгарӣ ҳамчун зоҳиршавии нопухтагии иҷтимоӣ баррасӣ шуда он чун ҳолати на таъсиррасонии ҷиноятӣ балки таъсиррасонии тарбиявиро талабкунанда баҳо дода мешуд. Дар баробари ин дар айни замон вобаста ба инкишофи тамаддун ва дигар сабабҳо феномени инкишофи умумии босуръати наврасон ба назар мерасад. Бинобар он, бо назардошти хусусиятҳои инкишофи ҷисмонӣ ва руҳии ноболиғон, амалияи татбиқи қонунгузории қаблан амалкунанда, зиёдшавии нақши мубориза бо ҷинояткории ноболиғон, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғоратгарӣ аз синни камтар, яъне 14–солагӣ муқаррар шудааст[155].

Тарафи субъективии ҷиноят дар адабиётҳо ҳамчун муносибати руҳии шахси гунаҳкор ба кирдори ба ҷамъият хавфнокаш мебошад, ки дар қонуни ҷиноятӣ ба сифати ҷиноят пешбинӣ шудааст[156], маҷмуи аломатҳое мебошад, ки тарафи дохила (руҳии) таҷовузи ҷинояткоронро тавсиф медиҳанд[157], муайян мешавад. Таърифи бештар пурраи тарафи субъективӣ дар яке аз китобҳои дарсӣ чунин муайян шудааст: тарафи субъективии ҷиноят – ин муносибати руҳӣ, муносибати субъективии шахс нисбати кирдори барои ҷамъият хавфноки содир намудаи ӯ ва оқибатҳои он ба ҳисоб меравад, ки он бо шакли мушаххаси гуноҳ, ангеза ва мақсад тавсиф меёбад[158].

---

[155] Ниг.: Вакула М.М. Криминологическая характеристика и уголовно–правовые меры противодействия грабежу: дис. … канд. Юрид., наук. – Санкт–Петербург, 2005. – С. 120.
[156] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. – Душанбе: «Эр граф», 2019. – С. 218.
[157] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И, Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи Ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2020. – С. 75.
[158] Ниг.: Н.Г. Иванов Уголовное право. Общая часть. Учебник для академического бакалавриата. – М., 2016. – С. 237.

Тарафи субъективии ҷиноят ин фаъолияти руҳии (психикӣ) шахс буда, бевосита бо содиршавии ҷиноят алоқаманд мебошад. Тарафи субъективии ҷиноят мазмуни психологии ба ҷамъият хавфнокии кирдорро дорад, аз ин рӯ, он (дар муносибат бо тарафи объективӣ) унсури дохилии ҷиноят ба ҳисоб меравад. Тарафи объективии ҷиноят, ки мазмуни воқеии ҷиноятро ташкил медиҳад, мумкин аст, ки ҳамеша аз ҷониби ҷабрдида, шоҳид ва дигар ашхос бевосита дарк шавад. Лекин тарафи субъективии ҷиноят, азбаски дар руҳиёти (психикаи) гунаҳгор ҷараён меёбад, узвҳои ҳискунандаи одамон бевосита қобилияти дарк намудани онро надоранд. Вай танҳо ба воситаи таҳлилу баҳодиҳии рафтори шахси ҳуқуқвайронкунанда ва ҳолатҳои содиршавии ҷиноят дарк карда мешавад. Мазмуни тарафи субъективии ҷиноят бо ёрии чунин аломатҳои ҳуқуқӣ, ба монанди гуноҳ, ангеза, мақсад ва ҳаяҷон (эмотсия) ошкор мегардад. Аломатҳои ҳуқуқии мазкур аз ҷиҳати органикӣ байни худ дар алоқамандӣ қарор доранд[159].

Гуноҳ аломати асосии (ҳатмӣ) тарафи субъективии ҷиноят ба ҳисоб меравад. Бе гуноҳ таркиби ҷиноят мавҷуд буда наметавонад. Аз рӯйи гуноҳ мо кирдори ҷиноятиро аз ғайриҷиноятӣ фарқ менамоем. Қонунгузор ба гуноҳ чунон аҳаммияти хоса додааст, ки онро то ҳадди принсипи қонуни ҷиноятӣ мустаҳкам намудааст (принсипи гунаҳкорӣ – м. 7 КҶ ҶТ). Мутобиқи қ. 2 м. 7 КҶ ҶТ шахс танҳо барои он кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибати хавфнокии ҷамъиятии ба вуқуъ пайвастани он, ки гуноҳи ӯ нисбати он муайян шудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Дар қ. 3 моддаи мазкур қайд мешавад, ки гунаҳкоркунии объективӣ, яъне барои зарари бегуноҳона расонидашуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи судӣ аз он бармеоянд, ки принсипи гунаҳкорӣ танҳо бо баҳисобгирифтани муносибати руҳӣ (дар

---

[159] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). Китоби дарстӣ / Зери таҳрири Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе, 2011. – С. 119.

шакли қасд ва беэҳтиётӣ) ба кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибати хавфнокии ҷамъиятии ба вуқуъ пайвастани он маҳдуд намешавад. Ҳолатҳои дилхоҳи содиршавии ҷиноят (бахусус вазнинкунанда) мумкин аст ба гуноҳи шахс танҳо вақте ба ҳисоб гирифта шаванд, ки агар суд нисбати он муносибати гунаҳкоронаи шахсро муқаррар созад, яъне муносибати руҳии дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ (вобаста аз хусусиятҳои сохти қонунгузории ин ҳолатҳо дар меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ).

Мутобиқи қонуни ҷиноятӣ гуноҳ дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ ифода мегардад. Дар асоси қ. 1 м. 27 КҶ ҶТ танҳо шахсе дар содир кардани ҷиноят гунаҳкор эътироф мешавад, ки ӯ ин кирдорро қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир карда бошад. Ҳам қасд ва ҳам беэҳтиётӣ шаклҳои гунаҳкоронаи муносибати руҳӣ ба кирдори содиршуда ва оқибатҳои он ба ҳисоб мераванд.

Тибқи қ. 1 м. 28 КҶ ҶТ ҷинояти қасдан содиршуда кирдоре эътироф мешавад, ки бо қасди бевосита ё бавосита содир шудааст. Аз ин муқаррароти КҶ ҶТ ба хулосае омадан мумкин аст, ки қонунгузор мафҳуми умумии қасдро надода, онро тавассути ишора ба намудҳои он муайян намудааст.

Қасд худ яке аз шаклҳои гуноҳ мебошад. Ҷинояти қасдона назар ба ҷинояти аз беэҳтиётӣ содиршуда хавфноктар аст. Беҳуда нест, ки дар қ. 4 ва 5 м. 18 КҶ ҶТ ба сифати ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин танҳо ҷиноятҳои қасдона содиршуда эътироф карда мешаванд.

Қасд вобаста ба намуд ба қасди бевосита ва қасди бавосита ҷудо мешавад.

Мувофиқи қ. 2 м. 28 КҶ ҶТ ҷиноят бо қасди бевосита содиршуда эътироф мешавад, агар шахс ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк карда, имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ намуда, хоҳони фаро расидани он бошад.

Таърифи қонунгузории қасди бевосита дорои се аломат мебошад:

1) дарк кардани ба ҷамъият хавфнок будани кирдори худ;
2) пешбинӣ намудани имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнок;
3) хоҳони фаро расидани ин оқибат будан.

Ду аломати аввал – дарк кардан ва пешбинӣ кардан лаҳзаҳои зеҳнии қасди бевоситаро тавсиф медиҳанд. Аломати сеюм – хоҳони фаро расидани ин оқибат бошад, ба лаҳзаи иродавӣ мансуб аст.

Дарк намудани ба ҷамъият хавфнок будани кирдор фаҳмиши гунаҳгорро оид ба хусусияти воқеӣ ва ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракат ё беҳаракатиаш ифода мекунад.

Пешбинӣ намудани оқибати барои ҷамъият хавфнокӣ – ин тасаввуроти шахс оид ба натиҷаҳои ҳаракат ё беҳаракатиаш мебошад. Хусусияти пешбинӣ намудани оқибат мумкин аст, гуногун бошад: субъект имконият ё ногузирии фаро расидани онро пешбинӣ менамояд.

Пешбинӣ намудани имконияти фаро расидани оқибат дар ҳолатҳое ҷой дорад, ки субъект оқибатро на ҳамчун натиҷаи ягонаи кирдори худ, балки ҳамчун натиҷаи эҳтимолии он тасаввур мекунад.

Пешбинӣ намудани ногузирии фаро расидани оқибат бошад, дар ҳолатҳое ҷой дорад, ки вақте субъект оқибатро ҳамчун натиҷаи ногузир, яъне натиҷаи ягонаи кирдори худ тасаввур мекунад.

Хоҳони фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнок кӯшиши бошуурона–иродавии субъектро ҷиҳати ноил шудан ба оқибати ҷиноят ифода менамояд.

Мувофиқи қ. 3 м. 28 КҶ «ҷиноят бо қасди бавосита содиршуда эътироф мешавад, агар шахс ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракат (беҳаракатии) худро дарк карда, имконияти фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнокии онро пешбинӣ намуда, фаро расидани оқибатро нахоста, вале дидаву дониста ба ин оқибатҳо роҳ дода бошад ё ба онҳо беэътино муносибат карда бошад».

Таърифи қонунгузории қасди бавосита низ ҳамчун қасди бевосита дорои се аломат мебошад:

1) дарк намудани барои ҷамъият хавфнок будани кирдори худ;
2) пешгирӣ намудани имконияти фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнок;
3) нахоста, вале дидаву дониста ба ин оқибатҳо роҳ додан ё ба онҳо беэътиноёна муносибат кардан.

Вобаста ба лаҳзаи зеҳнӣ қасди бавосита тақрибан бо қасди бевосита мувофиқат менамояд.

Баъзе фарқият дар хусусияти пешбининамоӣ ҷой дорад: ҳангоми қасди бевосита пешбининамоӣ имконияти фаро расидани оқибатро дар бар мегирад, дар ҳолати қасди бевосита бошад – имконият ва ногузирии фаро расидани оқибатро. Фарқи асосии байни қасди бевосита ва қасди бавосита аз рӯйи лаҳзаи иродавӣ қасди бавоситаи субъект сурат мегирад: ҳангоми хоҳони фаро расидани оқибати ҷиноят мебошад, ҳангоми қасди бавосита бошад – фаро расидани оқибатро нахоста, вале дидаву дониста ба оқибат роҳ медиҳад ё ба онҳо беэътиноёна муносибат менамояд.

Ҳангоми дидаву дониста ба оқибат роҳ додан субъект ба фаро нарасидани оқибати хавфнок умед мебандад. Ҳангоми беэътиноёна муносибат кардан – ӯ умуман фаро расидан ё нарасидани оқибатро ба ҳисоб намегирад[160].

Дар фарқият аз гуноҳ мақсад, ангеза ва ҳаяҷон ҳангоми содир намудани ҷиноят аломатҳои ҳатмӣ ба ҳисоб намераванд. Вале дар таркибҳое, ки ин аломатҳо нишон дода шудаанд, ба сифати аломатҳои ҳатмии ин таркибҳо баромад мекунанд.

Ангезаи ҷиноят ин нияти фаҳмидашудае мебошад, ки субъект онро ба роҳбарӣ гирифта ҷиноят содир мекунад.

[160] Ниг: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокирзода З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ): курси мухтассари лексияҳо. – Душанбе, 2020. – С. 111 – 112.

Мақсади ҷиноят ин аз тарафи гунаҳкор тасаввурот дар бораи оқибат мебошад, ки гунаҳкор ҳангоми содиркунии ҷиноят ҳосил шудани онро мехоҳад[161].

Ангеза ва мақсад метавонанд мисли дигар аломатҳои факултативии таркиби ҷиноят маънои (аҳамияти) сегонаро дошта бошанд.

Аввалан, онҳо метавонанд мақоми аломати ҳатмии тарафи субъективии таркиби ҷиноятро соҳиб шаванд, агар ба таркиби ҷинояти мушаххас ҳамчун шарти зарури ҷавобгарии ҷиноятӣ дохил карда шуда бошанд.

Сониян, ангеза ва мақсад ба сифати аломати вазнинкунандаи ҷиноят баромад карда метавонанд. Дар ин маврид қонунгузор онҳоро дар таркиби асосии ҷиноят ном набурда, вале бо ёрии онҳо таркиби вазнинкунандаи ҳамон ҷиноятро, ки ҷазои сахтарро пешбинӣ мекунад, ташкил медиҳад.

Дар мавриде, ки ангеза ва мақсад ба таркиби асосии ҷиноят дохил намешавад ва ба сифати аломати вазнинкунандаи ҷиноят пешбинӣ намудаанд, онҳо метавонанд ба сифати ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ё вазнин мекунанд, ба вуҷуди оне, ки ба бандубаст таъсир надорад, хизмат намоянд.

Ғоратгарӣ чунин ҷинояти қасдонае мебошад, ки ҳангоми содиршавии он гуноҳи шахс танҳо дар намуди қасди бевосита ифода мегардад. Ғоратгариро содир намуда гунаҳкор ба ҷамъият хавфнокии ҳаракатҳои худро, ки барои ба таври ошкоро тасарруф намудани молу мулки ғайр равона шудаанд дарк менамояд, оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокии чунин ҳаракатҳоро дар намуди расонидани зарар ба молик ё дигар шахс пешбинӣ мекунад ва фаро расидани чунин оқибатҳоро мехоҳад. Дар ҳамин ягонагии лаҳзаи зеҳнӣ ва иродавии гуноҳи гунаҳкор зоҳир мешавад, ки ин шарти зарурии мавҷуд будани тарафи субъективии ғоратгарӣ ба ҳисоб меравад.

Қасд ҳангоми ғоратгарӣ дар худ дарк намудани онро ки молу мулки ғайр тасарруф мешавад дар бар мегирад. Лаҳзаи иродавии қасди гунаҳкор

---

[161] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). Китоби дарстӣ / Зери таҳрири Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе, 2011. – С. 145.

дар хоҳиши гирифтани молу мулки ғайр ва мақсади чунин ҳаракатҳо таҷассум мешавад. Шахси ғоратгарӣ содиркунанда ҳама вақт бо мақсади ғаразнок амал менамояд. Мақсади ғаразнок аломати ҳатмии тасарруф, аз ҷумла ғоратгарӣ ба ҳисоб меравад.

Амалияи судӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки на танҳо ғоратгарӣ, балки ҳаракатҳои дигари ҷинояткорона низ масалан, авбошӣ бо гирифтани молу мули ғайр вобаста буда метавонанд. Дар чунин ҳолатҳо муқаррар сохтани он чи муҳим аст, ки гунаҳкор бо кадом мақсад кӯшиши гирифтани молу мулки ғайрро анҷом медиҳад. Агар ӯ чунин амалро бо мақсади бойшавии ғайриқонунӣ анҷом диҳад, яъне бо мақсади ба даст овардани фоидаи моддӣ дар чунин ҳолат кирдори ӯ аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо ҳамчун ғоратгарӣ ва дигар ҷинояти содиршуда бандубаст карда мешавад. Агар дар вақти ғоратгарӣ тасарруфи предметҳои арзиши махсусдошта сурат гирад, яъне бо қасди гунаҳкор ин предметҳои арзиши махсусдошта фаро гирифта шаванд пас чунин ҷиноят бояд аз рӯйи м. 251 (тасарруфи ашё ё асноди дорои арзиши махсус) на ин ки аз рӯйи м. 248 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Аз рӯйи тарафи субъективӣ ғоратгарӣ ҳама вақт дар гунаҳкор ҷой доштани қасди бевоситаро барои гирифтани молу мулки ғайр бо мақсади ғаразнок талаб менамояд. Ба ғайр аз мақсад муайян намудани ангезаи мушаххаси ҷиноятӣ мазкур низ муҳим мебошад. Муқаррар намудани ангезаи ғоратгарӣ гарчанде хусусияти ҳатмӣ надошта бошад ҳам, аммо он барои ошкор сохтани сабаб ва шароитҳои барои содиршавии ҷиноят мусоидаткунанда ва коркарди чораҳои мушаххаси пешгирӣ ва бартараф намудани он аҳаммияти калон дорад. Ғоратгарӣ ҷинояти қасдона буда ба мазмуни қасди гунаҳкор ҳангоми ғоратгарӣ бояд ба таври ҳатмӣ дарк намудани он ки ӯ ошкоро молу мулки ғайрро тасарруф намуда истодааст, дохил шавад.

Таҳлили аломатҳои субъективии таркиби ҷинояти ғоратгарӣ имкон медиҳад, ки ба хулосаҳои зерин оем:

1. Аломати ҳатмии субъекти ҷинояти дилхоҳ, аз ҷумла ғоратгарӣ мукаллафӣ, яъне мавҷуд будани солимии руҳӣ, ки ҳангоми он шахс дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят қобилияти дарк карда тавонистани хусусиятҳои кирдори худ ва роҳбарӣ намудан ба онро дар ҳолатҳои муайян дорад

2. Ғоратгарӣ чунин ҷинояти қасдонае мебошад, ки ҳангоми содиршавии он гуноҳи шахс танҳо дар намуди қасди бевосита ифода мегардад. Ғоратгариро содир намуда, гунаҳкор ба ҷамъият хавфнокии ҳаракатҳои худро, ки барои ба таври ошкоро тасарруф намудани молу мулки ғайр равона шудаанд дарк менамояд, оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокии чунин ҳаракатҳоро дар намуди расонидани зарар ба молик ё дигар шахс пешбинӣ мекунад ва фаро расидани чунин оқибатҳоро мехоҳад. Дар ҳамин ягонагии лаҳзаи зеҳнӣ ва иродавии гуноҳи гунаҳкор зоҳир мешавад, ки ин шарти зарурии мавҷуд будани тарафи субъективии ғоратгарӣ ба ҳисоб меравад.

3. Қасди гунаҳкор ҳангоми ғоратгарӣ бояд дарк намудани онро ки молу мулки ғайр тасарруф мешавад, дар бар гирад. Лаҳзаи иродавии қасди гунаҳкор дар хоҳиши гирифтани молу мулки ғайр ва мақсади чунин ҳаракатҳо таҷассум мешавад. Шахси ҷинояти ғоратгариро содиркунанда ҳама вақт бо мақсади ғаразнок амал менамояд. Мақсади ғаразнок аломати ҳатмии ғоратгарӣ ҳамчун шакли тасарруф ба ҳисоб меравад.

2.3. Аломатҳои вазнинкунандаи ҷинояти ғоратгарӣ ва татбиқи он дар таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ

Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати ҷиноятӣ ин таъмин намудани фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Зери мафҳуми фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ ин ҷудосозии ҷавобгарӣ дар қонуни ҷиноятӣ фаҳмида мешавад, ки дар натиҷаи он қонунгузор оқибатҳои

гуногуни ҳуқуқи ҷиноятиро вобаста ба дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят ва шахсияти гунаҳкор муқаррар месозад[162].

Аломатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷиноят воситаи муҳимми фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳисоб шуда, дар онҳо тағйироти назарраси ҳолатҳои дахлдори дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор таҷассум меёбанд.

Ба сифати аломатҳои вазнинкунандаи ғоратгарӣ дар қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ ҳолатҳои зерин муқаррар шудаанд:

а) такроран;

б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

в) бо расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрванд;

г) бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок нест ва ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ.

Аломатҳои вазнинкунандаи ғоратгариро муфассалтар таҳлил менамоем.

Ғоратгарие, ки такроран содир шудааст (б «а» қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ). Такроран ҳамчун аломати вазнинкунандаи ғоратгарӣ ин яке аз намудҳои институти сершуморагии ҷиноятҳо ба ҳисоб меравад, ки шаклҳои он дар Қисми умумии КҶ ҶТ ошкор шудаанд. Яке аз шаклҳои мушаххаси сершуморагии ҷиноятҳо ин такрори ҷиноят ба ҳисоб меравад, ки он дар қ. 1 м. 19 КҶ ҶТ чунин муайян карда шудааст: «Такрори ҷиноят кирдоре эътироф мешавад, ки шахс дар вақти гуногун ду ё зиёда ҷинояти дар ҳамон як модда ё қисми моддаи ҳамин Кодекс пешбинишударо содир намудааст». Ба таври истисно дар қ. 2 м. 19 КҶ ҶТ омадааст, ки содир кардани ду ва ё зиёда аз он ҷинояти дар моддаҳои мухталифи ҳамин Кодекс пешбинигардидаро танҳо дар ҳолатҳое такрори ҷиноят ҳисобидан мумкин аст, ки агар он дар Қисми махсуси ҳамин Кодекс зикр гардида бошад. Дар амалия ҳолатҳои такрори ҷиноят зиёд ба назар мерасанд. Масалан М, бо

[162] Ниг.: Голоднюк М.Н., Костарева Т.А. Квалифицирующие признаки в новом уголовном законодательстве / М.Н. Голоднюк, Т.А. Костарева // Вестник Моск. ун–та. – 1995. – Серия 11. – №5. – С. 54.

ҳукми суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аз 20 майи соли 2015 бо моддаҳои 247 қ. 4 банди «б» ва 248 қисми 2, бандҳои «а, б, в. г» КҶ ҶТ гунахгор дониста шуда, бо татбиқи моддаҳои 63, 67 қисми 3 ва 69 қ. 1 КҶ ҶТ ба ӯ аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо бо роҳи пурра зам кардани ҷазоҳои таъиншуда, ҷазои ниҳоӣ дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 2 (ду) солу 20 (бист) рӯз, бо адо намудани чазо дар калонияҳои тарбиявии дорои низомашон умумӣ таъин кардашуда, санаи 31 августи соли 2016 дар асоси м. 1 б. 2 Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи авф» аз 24 августи соли 2016, таҳти №1355 озод гардида, баъди ба озодӣ баромаданаш аз ин ба худ хулосаи лозими набароварда, такроран боз дар ҳолати зерин даст ба содир намудани чинояти касдона задааст. Чунончӣ у аввалҳои моҳи апрели соли 2018 бо мақсади ғоратгарӣ, яъне ошкоро тасарруф намудани молу мулки ғайр, ҳангоми дар назди хонаи истиқоматии ноболиғ М, санаи таваллудаш 04.10.2000, воқеъ дар суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ ҷамоати Сарикиштӣ, деҳаи Нишони Ленин кӯчаи Наврӯз карор доштанаш, аз дасти охирин як адад телефони мобилии тамгаи «Линова» арзишаш 800 (ҳашт сад) сомонӣ бударо бо тариқи ошкоро тасарруф намуда аз ҷойи ҳодиса ғайб задааст. Боз ӯ такроран, кирдори ҷиноятқоронаи худро давом дода, бо мақсади ғоратгарӣ, яъне ошкоро тасарруф намудани молу мулки ғайр, моҳи апрели соли 2018 ҳангоми дар назди Литсеии касбии алоқа воқеъ дар суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Мирзо Турсунзода қарор доштанаш, сари роҳи ноболиғ М. – ро гирифта, ба рӯяш ду шапотӣ зада, бо истифодаи зӯроварӣ, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок нест аз дасташ як адад ангуштарини тиллоӣ арзишаш 500 (панҷсад) сомонӣ бударо бо тариқи ошкоро тасарруф намуда, аз ҷойи ҳодиса ғайб задааст. Дар маҷмуъ М. бо ин кирдори қасдонаи худ ба ноболиғ М. ба маблаги 1300 сомони зарари ҷиддӣ расонидааст. Боз у такроран санаи 16 – уми апрели соли 2018 тахминан соатҳои 18:30 дақиқа ҳангоми дар назди маркази савдои «Саодат» воқеъ дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шамсӣ–23,

қарор доштанаш бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр бо роҳи фиреб ба боварии шаҳрванд Т, санаи таваллудаш 29 октябри соли 1999 истиқоматкунандаи ноҳияи Рӯдакӣ ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Нишони Ленин, кӯчаи Наврӯз, хонаи 381 даромада, аз охирин 1 адад телефони мобилии тамгаи «hTC»рангаш сиёҳу зард, арзишаш 1400 (як ҳазору чорсад) сомонӣ бударо гирифтааст. Чунин кирдорҳои ноболиғ М., аз ҷониби мақомоти корҳои дохила бо м. м. 247 қ. 4 б. «б» ва 248 қ. 2, б.б. «а, б, в. г» КҶ ҶТ бандубаст карда шудааст[163].

Мутобиқи қ. 3 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ «Таҳти мафҳуми такроран (такрорӣ) дар моддаҳои 244–251, 254 ва 257 ҳамин Кодекс ҷинояте дар назар дошта шудааст, ки агар қабл аз он як ё якчанд ҷинояти пешбининамудаи ҳамин моддаҳо, ҳамчунин дар моддаҳои 186, 194, 199, 202 ҳамин Кодекс пешбинишуда, содир шуда бошад».

Мувофиқи қ. 3 м. 19 КҶ ҶТ бо аломати зикршуда бояд ҳаракатҳои шахсоне, ки дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ё роҳзаниро содир кардааанду дар сурате, ки агар дар лаҳзаи содир кардани ҷиноят доғи судиашон барои ҷиноятҳои дар б. 3 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ қайдгардида барҳам нахӯрда ё бардошта нашуда бошад, низ бандубаст карда мешаванд.

Тасарруфи давомдор, ки аз як қатор ҳаракатҳои ҷиноятии ҳаммонанд иборат буда, бо роҳи аз худи ҳамон як манбаъ кашида гирифтани молу мулки ғайр содир шудаасту ба қасди умумӣ равона шудааст ва дар маҷмуъ ҷинояти давомдорро ташкил мекунад, бояд аз тасарруфи такроран содиршуда фарқ карда шавад.

Ҳангоми содир намудани ду ва ё зиёда тасарруфи мустақилонаи молу мулки ғайр дар худи ҳамон як шакл бе нишонаҳои вазнинкунанда (масалан, якчанд ғоратгарӣ аз соҳибмулкони гуногун), ки барои онҳо шахс маҳкум карда нашудааст, ё ин ки барои онҳо муҳлатҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан нагузаштааст, ҳаракатҳои зикргардида мутобиқи қ.қ. 1, 2 м. 19 КҶ ҶТ бояд чун такроран содиршуда бо б «а» қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ

[163] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1–4429/19 // Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2019.

бандубаст карда шаванд. Дар чунин ҳолатҳо кирдорҳои содиршуда маҷмуи ҷиноятҳоро ташкил намедиҳанд.

Мутобиқи Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» аз 25 июни соли 2004, таҳти №3 «Дар ҳолатҳое ки, агар шахс якчанд тасарруфи молу мулки ғайрро дар шаклҳои гуногун содир карда бошад (масалан, дуздӣ ва ғоратгарӣ) ё якчанд дуздиҳо, қаллобиҳо, ғоратгариҳо ё роҳзаниҳо содир карда бошад, ки мувофиқан бо қисмҳои гуногуни м.м. 244, 247, 248, 249 КҶ ҶТ бандубаст карда мешаванду барои онҳо шахс маҳкум карда нашудааст, ҳаракатҳои содиршуда маҷмуи ҷиноятҳои зикршударо ташкил медиҳад. Дар ин маврид ҷиноятҳои дуюм ва баъдан аз рӯйи вақти лаҳзаҳо содиршуда низ бо нишонаи «такроран» бандубаст карда мешаванд»[164].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ дар мавриди бо чунин тарз бандубаст намудани кирдор эродҳои асоснок ҷой доранд. Масалан, А.И. Бойсов қайд менамояд, ки дар чунин ҳолатҳо аз рӯйи ҳам маҷмуи ҷиноятҳо ва ҳам такроран бандубаст намудани кирдор татбиқи яквақтинаи маҷмуи санксияҳоро ифода мекунад, ки яке аз онҳо аз ҳисоби такроран содир намудани ҷиноят зиёд карда шудааст. Минбаъд муайян намудани ҷазо аз вобаста ба қоидаҳои таъини ҷазо аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо пурзӯрнамоии дубораи санксияро дар асоси сершуморагии ҷиноятҳои содиршуда ифода мекунад, ки ин ба принсипи адолат мухолифат менамояд»[165].

Дар ҳақиқат ба андешаи мо низ ҳам аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо ва ҳам бо аломати вазнинкунандаи такроран содир намудани ҷиноят бандубаст намудани ҷиноятҳо дар мавриди ҷой доштани такрории хелӣ халалдор гаштани принсипи адолат ба назар мерасад. Зеро ҳамон як кирдори содирнамудаи шахс ҳангоми ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва таъин намудани ҷазо ду бор ба ҳисоб гирифта мешавад, ҳол он ки мутобиқи қ. 2

---

[164] Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 39.
[165] Бойцов А.И. Преступление против собственности. – СПб., 2002. – С. 593.

м. 8 КҶ ҶТ «Ҳеҷ касро барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест». Бинобар он пешниҳод менамоем, ки б. 3. эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, ҳангоми аз ҷониби шахс содир гардидани шаклҳои гуногуни тасарруф кирдор аз рӯйи танҳо маҷмуи ҷиноятҳо бандубаст карда шавад.

Дар мавриди бо ҳолатҳои вазнинкунандаи дар якчанд қисмҳои м.м. 244, 247, 248, 249 КҶ пешбинишуда содир намудани дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ё роҳзанӣ, дар ҳолати набудани маҷмуи воқеии ҷиноятҳо, ҳарактаҳои гунаҳкор бояд танҳо бо он қисми моддаҳои КҶ ҶТ, ки ҷазои нисбатан вазнинро пешбинӣ менамоянд, бандубаст карда шаванд. Дар ин маврид дар қисми баёнии ҳукм бояд ҳамаи нишонаҳои вазнинкунандаи ҳаракат нишон дода шаванд»[166].

Аломати дигари вазнинкунандаи ғоратгарӣ ин содир намудани он аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ (б «б» қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ) ба ҳисоб меравад. Аломати мазкур бояд ба якчанд талаботҳо ҷавобгӯ бошад: 1) мавҷуд будани ду ё зиёда шахсон, ки ба сифати субъекти тасарруф баромад намуда метавонанд; 2) иштирокчиёни гуруҳ бояд тасарруфро якҷоя содир намоянд; 3) байни аъзоёни гуруҳ бояд маслиҳати пешакӣ дар бораи якҷоя содир намудани ҷиноят мавҷуд бошад[167].

Р.Р. Галиакабаров чунин аломатҳои гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакиро ҳангоми тасарруф фарқ менамояд: дар содир намудани ҷиноят иштирок намудани ду ё зиёда шахс; аз ҷониби ҳар кадоми онҳо иҷро намудани кирдоре (пурра ё қисман), ки аломатҳои объективии таркиби мушаххаси ҷиноятро фаро мегирад; амалӣ намудани таҷовуз ба моликият тавассути кӯшиши муттаҳидшуда – якҷоя; қасди ҳар яке аз шарикони якҷоя содиркунандаи кирдор, ба гирифтани моликият равона шудааст; мувофиқати кирдори иштирокчиёни гуруҳ, ки дар бохабарии байни ҳам

[166] Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 39.
[167] Ниг. Бойцов А.И. Преступления против собственности. – СПб., 2002. – С. 564 – 565.

дар бораи якҷоя содир намудани ҷиноят инъикос мегардад; мавҷуд будани маслиҳати пешакӣ дар бораи содир намудани ҷиноят аз ҷониби гуруҳ[168].

Аломати аввали гуруҳ ин аломати миқдорӣ, яъне мавҷуд будани ду ва ё зиёда шахсон ба ҳисоб меравад. Гуруҳ ҳадди ақал бояд аз ду нафар иборат бошад, ки ба сифати субъекти ҷиноят баромад намуда тавонанд.

Ҳадди аксари аъзоёни гуруҳ бошад, маҳдудият надорад.

Ҷинояти аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содиршавандаро тавсиф дода истода, қонуни ҷиноятӣ танҳо дар бораи шахсоне сухан меронад, ки дар содир намудани ҷиноят иштирок намудаанд (қ.2 м. 39 КҶ ҶТ). Аммо дар қиёс бо ин дар қ. 1 м. 39 КҶ ҶТ қонун ба иҷрокунандагони ҷиноят ишора менамояд, яъне муқаррар месозад, ки ҷиноят бе маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон содиршуда эътироф мешавад, агар дар он иҷрокунандагоне иштирок карда бошанд, ки дар хусуси якҷоя содир намудани он пешакӣ маслиҳат накардаанд. Маънидоднамоии системавӣ нишон медиҳад, ки дар қ. 2 м. 39 КҶ ҶТ низ сухан дар бораи иҷрокунандагони ҷиноят меравад.

Вобаста ба ин дар адабиётҳои ҳуқуқӣ дуруст ишора мешавад, ки барои мафҳуми гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ мафҳуми гуруҳи шахсон, ки дар қ.1 м. 39 КҶ ҶТ дода шудааст, асосӣ (базавӣ) ба ҳисоб меравад ва фарқияти байни онҳо танҳо аз ҷой доштан ё надоштани маслиҳати пешакӣ, на ин ки дар маънидоднамоии гуногуни субъектони гуруҳ иборат аст[169].

Бинобар он мафҳуми гуруҳи шахсон бе маслиҳати пешкӣ, ки дар қ. 1 м. 39 КҶ ҶТ муқаррар шудааст ҳама гуна шубҳаро дар бораи он ки зери мафҳуми гуруҳ бояд мавҷуд будани ду ва ё зиёда шахсоне, ки дорои ҳама аломатҳои субъекти ҷинояти барои таркиби ҷинояти дахлдор бошанд: ҳам аломатҳои умумии субъект (синну сол ва мукаллафӣ) ва ҳам аломатҳои махсуси субъект аз байн мебарад. Аз ин ҷо бандубаст намудани ҷиноят бо

---

[168] Ниг.: Галиакбаров Р.Р. Борьба с групповыми преступлениями. Вопросы квалификации. – Краснодар, 2000. – С. 138.
[169] Ниг.: Бойцов А.И. Преступления против собственности. – СПб., 2002. – С. 567.

аломати содиршавии он аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, ҳангоми мавҷуд будани як иҷрокунанда, ки ҷиноятро бо истифодаи шахсони дигари вобаста ба синну сол, номукаллафӣ ва дигар ҳолатҳои дар КҶ муқарраршуда қобилияти бурдани ҷавобгарии ҷиноятиро надошта, имконнопазир мебошад.

Чунин хулоса инчунин таҳвияти худро дар қ. 2 м. 36 КҶ ҶТ пайдо намудааст, ки мувофиқи он «иҷрокунанда шахсе эътироф мешавад, ки бевосита ҷиноятро содир намудааст ё якҷоя бо шахсони дигар (ҳамиҷрокунандагон) бевосита дар содир намудани он иштирок кардааст, инчунин шахсе, ки бо роҳи истифодаи шахсони дигаре, ки мувофиқи қонун ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд, ҷиноят содир кардааст». Аз ин мафҳуми иҷрокунанда чунин бармеояд, ки шахсони вобаста ба ҳолатҳои зикршуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданашаванда наметавонанд на иҷрокунанда, на ҳамиҷрокунандаи тасарруф шаванд, онҳо танҳо барои иҷрокунанда нақши олотро ҳангоми содир намудани ҷиноят иҷро менамоянд.

Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 – уми июни соли 2004, таҳти №3 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» омадааст, ки «гуруҳи шахсони бо маслиҳати пешакиро танҳо шахсоне ташкил карда метавонанд, ки бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Шахсони номукаллаф ва шахсоне, ки синну солашон барои ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан нарасидааст, ҳуқуқан, яъне аз нуқтаи назари талаботи қонуни ҷиноятӣ, ба ҳайати гуруҳ дохил шуда наметавонад, гарчанде ки онҳо амалан дар ниҳоӣ гирифтани молу мулки ғайр бевосита иштирок карда бошанд ҳам (б. 13).

Шахсе, ки ҷиноятро ташкил кардааст ё дидаву дониста иштирокчии ҷиноятро, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад, ба содир намудани дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ё роҳзанӣ моил кардааст, мутобиқи қ. 2 м. 36 КҶ ҶТ чун иҷрокунандаи ҳаракати содиршуда ба ҷавобгарии

ҷиноятӣ кашида мешавад. Дар мавриди ҷой доштани асосҳое, ки бо қонун пешбинӣ шудаанд, ҳаракатҳои шахси зикршуда бояд ба таври иловагӣ бо м. 165 КҶ ҶТ барои ҷалби шахси ноболиғ ба содир намудани ҷиноят бандубаст карда шаванд (б. 14)[170].

Ҳамин тавр, аломати тавсифдиҳандаи шахсони ҷиноятро дар ҳайати гуруҳ бо маслиҳати пешакӣ содиркунанда он чӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳар яки онҳо бояд аломатҳои зарур ва кофиро барои иҷрокунандаи ҷинояти мазкур эътироф шудан дошта бошанд.

Иштирокчиёни гуруҳ бояд ҷиноятро якҷоя содир намоянд. Ин аломати сифатӣ онро ифода менамояд, ки ҳама шахсони ба гуруҳ дохилшаванда бояд ҳамиҷрокунанда бошанд[171].

Ҳамиҷрокунандагӣ дар навбати худ онро ифода мекунад, ки шахсон кирдорҳоеро содир менамоянд, ки ба тарафи объективии таркиби ҷиноят мансуб мебошад. Дар баробари ин зарур нест, ки ҳар як иштирочии гуруҳ тамоми тарафи объективиро якҷоя бо дигар нафар содир намояд. Кофӣ аст, ки дар ҳудуди кирдори дар диспозитсияи моддаи мушаххас тасвиршуда шахс якҷоя бо дигар шахсон ягон қисмати онро содир кунад, масалан, шикастани дари манзил дар ҳолате ки дигарон молу мулкро барои тасарруф мегиранд. З.А. Незнамова дар бораи ду намуди ҳамиҷрокунанда сухан меронад: ҳамиҷрокунандагони баробар ва пайдарҳам. Ҳангоми баробарии ҳамиҷрокунандагон «ҳама иштирокчиёни гуруҳ дар вақту замон баробар тарафи объективии тасарруфро пурра ё қисман иҷро менамоянд. Ҳангоми пайдарҳамӣ тарафи объективии тасарруф аз ҷониби иштирокчиёни гуруҳ ба якчанд давра тақсим шуда ҳар

---

[170] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 38.

[171] Ниг.: Практический комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под общ. ред. Х.Д. Аликперова, Э.Ф. Побегайло. – М., 2001. – С. 388; Курс уголовного права. Особенная часть. Т. 3 / Под ред. Г.Н. Борзенкова, В.С. Комиссарова. – М., 2002. – С. 425.

як шарик давраи худро иҷро мекунад»[172]. Чунин намудҳои ҳамиҷрокунандагонро дигар муаллифон низ фарқ менамоянд[173].

Аз ҷониби шахсон амалӣ гаштани дигар нақшҳо (таҳриккунанда, ёрдамчӣ, ташкилкунанда) ҳамчун асос барои татбиқ намудани аломати мазкури бандубастшаванда шуда наметавонад ва он аз рӯйи шарикӣ дар тасарруф бо истифодаи м. 36 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад[174].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар баробари ин олимоне низ ҳастанд, ки андешаҳои дигар доранд. Масалан, С.М. Кочои чунин менависад, ки маҳдуд намудани шаклҳои шарикӣ дар б «а» қ. 2 м. 158 КҶ ФР (б. «б» қ. 2 м. 244 КҶ ҶТ) бо ҳамиҷрокунандагӣ ба қонун асос наёфтааст», чунки он аломати ҳатмии танҳо гуруҳи одӣ ба ҳисоб меравад, ки дар қ. 1 м. 35 КҶ ФР (қ. 1 м. 39 КҶ ҶТ) пешбинӣ гардидааст[175].

Албатта бо чунин ақида розӣ будан мушкил аст. Зеро мафҳуми гуруҳ ҳам барои қ. 1 ва қ. 2 м. 39 КҶ ҶТ як хел буда, онҳо аз ҳамдигар танҳо бо ҷой доштан ё надоштани маслиҳати пешакӣ фарқ мекунанд. Дигараш чи тавре Г.Н. Борзенков одилона баён медорад: «Бо ҳам қиёс намудани қ. 2 бо қ. 1 м. 35 КҶ ФР (қ. 2 бо қ. 1 м. 39 КҶ ҶТ) имкон медиҳад хулоса барорем, ки аломати мазкур мавҷуд будани ду ё зиёда иҷрокунандаро дар назар дорад, ки пешакӣ барои тасарруф маслиҳат намудаанд»[176].

Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 июни 2004, таҳти №3 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» омадааст, ки «Бо назардошти мафҳуми қ. 2 м. 39 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ё роҳзанӣ, ки аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шудааст, дар ҳолатҳое

---

[172] Уголовное право. Особенная часть / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова, Г.П. Новоселов. – М., 2001. – С. 274.
[173] Ниг.: Бойцов А.И. Преступления против собственности. – СПб., 2002. – С. 573; Хилюта В. Совместное совершение хищения группой лиц / В. Хилюта // Уголовное право. – 2008. – №5. – С. 48.
[174] Ниг.: Лопашенко Н.А. Преступления против собственности: авторский курс: монография: в 4 книгах / Н.А. Лопашенко. – Москва: Юрлитинформ, 2019. – С. 248.
[175] Ниг.: Кочои С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности. – М., 2000. – С. 140.
[176] Курс уголовного права. Особенная часть. Т. 3 / Под ред. Г.Н. Борзенкова, В.С. Комиссарова. – М., 2002. – С. 425.

низ ба амал меояд, ки мувофиқи маслиҳати пешакӣ байни ҳамиштирокчиён, бевосита кашида гирифтани молу мулкро яке аз онҳо амалӣ мекунад. Агар иштирокчиёни дигар мутобиқи тақсими нақшҳо ҳаракатҳои мувофиқашударо, ки ба расонидани ёрии бевосита ба иҷрокунанда барои содир намудани ҷиноят равона шуда буданд, содир карда бошанд (масалан, шахс ба манзилгоҳ дохил нашуда, вале дар шикастани дар, қулф, панҷара иштирок карда бошад, аз рӯйи маслиҳати пешакӣ мувофиқашуда молу мулки тасарруфшударо бароварда бошад, ҳимояи дигар ҳамиштирокчиёнро аз эҳтимолияти ошкор шудани ҷинояти содиршуда таъмин карда бошад), ҳаракати содиркардаи онҳо ҳамиҷрокунадагӣ ба ҳисоб меравад ва мутобиқи қ. 2 м. 37 КҶ ҶТ бандубасти иловагиро бо м. 36 КҶ ҶТ талаб намекунад» (б. 12)[177].

Ҳамиҷрокунандагон дар ин ҷо низ бояд бевосита ҷиноят содир намоянд ё бевосита дар содир намудани он якҷоя бо дигар шахсон иштирок кунанд.

Бевосита содир намудани ҷиноят иҷро намудани тарафи объективии онро ифода мекунад, яъне дар тасарруф гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳкор ё шахси дигар. Ҳангоми ҳамиҷрокунандагӣ маҳз ҳамин ҳаракатҳоро пурра ё қисман ҳар яке аз ҳамиҷрокунадагон амалӣ месозанд.

«Ҳаркатҳое, ки ба расонидани ёрии бевосита ба иҷрокунанда барои содир намудани ҷиноят равона шудаанд» ин ёрдамчигӣ дар содир намудани ҷиноят ба ҳисоб меравад, яъне мусоидат кардан «бо маслиҳату дастур, додани маълумот, восита ё олоти содир кардани ҷиноят ё рафъи монеаҳо ба содир намудани ҷиноят» (қ. 5 м. 36 КҶ ҶТ). Ҳаракатҳои ёрдамчии дилхоҳ барои мусоидат кардан ба иҷрокунанда дар бевосита содир намудани ҷиноят равона шудааст, ки ин нақши дигар назар ба иҷрои ҷиноят ба ҳисоб меравад.

---

[177] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 37

Аз сабаби он ки муқаррароти дар Пленум ҷойдошта то андозае бо муқаррароти қонун мухолифат менамояд, бинобар ин дар қарори худ Пленум бо даровардани тағйирот қ. 5 м. 36 КҶ ҶТ–ро бо чунин тарз ифода намудааст: « Ҳаркатҳои шахсе, ки дар тасарруфи молу мулки ғайр бевосита иштирок накардаасту вале бо маслиҳату дастурҳояш ё бо пешакӣ ваъда додани пинҳонсозии осори ҷиноят, бартарафкунии монеаҳои бо расонидани ёрӣ ба иҷрокунандагони бевоситаи ҷиноят алоқаманд набуда, ба соҳибияти каси дигар додани молу мулки тасарруфшуда ва ғайраҳо дар содиршавии ин ҷиноят ёрдам додааст, бояд дар шакли ёрдамчӣ чун ҳамиштирокчӣ дар ҳаракати содиршуда бо ҳавола ба қ. 5 м. 35 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад» (қ. 2 б. 12).

Бахусус тавзеҳоти дар б.12. Қарори мазкури Пленуми Суди Олии ҶТ додашуда ба ҷинояти роҳзанӣ мувофиқат наменамояд. Чунки таркиби ҷинояти роҳзанӣ расмӣ буда он аз лаҳзаи ҳуҷум кардан хотимёфта эътироф мешавад ва худи танҳо масалан аз ҷониби шахс амалӣ намудани «аз рӯйи маслиҳати пешакӣ мувофиқшуда молу мулки тасарруфшударо баровардан» бе иштирок дар ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр ҳамиҷрокунандагӣ ба ҳисоб намеравад.

Аломати дигаре, ки ҳолати мазкури вазнинкунандаро тавсиф медиҳад ин дар **байни аъзоёни гуруҳ мавҷуд будани маслиҳати пешакӣ дар бораи якҷоя содир намудани ҷиноят** ба ҳисоб меравад.

Масалан, шаҳрванд Қ. дар чунин ҳолат ҷинояти ғоратгарӣ, яъне ошкоро тасарруф кардани молу мулки ғайр аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ва расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрвандро содир намудааст. Чунончӣ, ӯ санаи 6 апрели соли 2018 тахминан соатҳои 23.30 дақиқа бо маслиҳати пешакӣ бо ҳамроҳии Ю. ва Д. ном шахс бо мақсади ошкоро тасарруф намудани молу мулки ғайр ҳангоми дар дохили автомошинаи тамғаи «Мерседес Бенс» дар назди тарабхонаи «Сафари» автомошинашонро дар роҳи калони мошингард нигоҳ дошта, Қ. ва Ю. аз

рӯйи маслиҳати пешакӣ ба назди шаҳрванд С. Омада, аз дасти он як адад телефони мобилии «Айфон 6» бо арзиши 3500 сомониро ба тариқи ошкоро тасарруф намуда, аз ҷои ҳодиса ғайб мезананд, ки дар натиҷаи ин кирдори ҷиноятиашон ба шаҳрванд С., ба маблағи умумӣ 3500 сомонӣ зарари ҷиддии молу мулкӣ мерасонанд. Суд кирдори шахсони мазкурро аз рӯйи б.б. «б, в» қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ бандубаст намудааст[178].

Мувофиқи тавзеҳоти Пленуми Суди Олии ҶТ «Маслиҳат дар мавриде пешакӣ кардашуда ҳисобида мешавад, ки то саршавии тасарруф, дар давоми тайёрӣ ба он ё бевосита пеш аз сӯйиқасд доир гардида бошад. Фосилаи вақти байни маслиҳат ва саршавии тасарруфи молу мулки ғайр аҳаммият надорад» (б. 10 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25.06.2004, таҳти №3 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ»).

Аз рӯйи шакл маслиҳат мумкин аст хаттӣ, даҳонӣ ё бо ёрии имову ишора ва ғайра ҷой дошта бошад. Ҳамин тавр масалан судшаванда Д, дар ҳолатҳои зерин аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, бо расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрванд ва бо истифодаи зӯроварӣ барои ҳаёт ва саломати хавфнок нест ва ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ, даст ба содир намудани ҷинояти қасдонаи дараҷаи вазнин задааст. Чунончи, у санаи 13 ноябри соли 2017 тахминан соатҳои 23:55 дақиқа, аз рӯйи маслиҳати пешакӣ бо ҳамроҳии рафиқонаш бо номҳои «Б» ва «А» шахсияташон ба тафтишоти пешакӣ номаълум, бо мақсади ғоратгарӣ, яъне ошкоро тасарруф кардани молу мулки ғайр ба ноҳияи Сино, кӯчаи А. Навоӣ, назди бинои истиқоматии №8/5 ҳозир гардида, дар он ҷо аз тарафи хобгоҳи Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон омадани шаҳрванди Ҷумҳурии Ҳиндустон А. санаи таваллудаш 25 майи соли 1999, муваққатан истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н.Махсум, бинои 6/3 ҳуҷраи 7, донишҷуи курси дуюми Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба

[178] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1–3916/18 // Бойгонии суди ноҳияи Синои ш. Душанбе. – Соли 2018.

номи А.И.Синоро дида охиринро пайгарӣ карда, сипас пеши роҳашро дар назди мағозаи хуроквории «Мухаммадҷон» гирифта, бо истифодаи зӯроварӣ, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок нест ва бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ аз дасташ бо тариқи ошкоро як адад телефони мобилии тамғаи «Айфон 5–S» арзишаш 1800 сомонӣ, як адад телефони мобилии тамғаи «Самсунг Галакси Ван–7» арзишаш 3000 сомонӣ ва маблағи пули нақд ба миқдори 200 сомониро тасарруф намуда, аз ҷои ҳодиса якҷоя ғайб заданд. Дар натиҷа онҳо бо ин кирдорашон ба ҷабрдида шахрванди Ҷумҳурии Ҳиндустон А. ҷамъ ба маблаги 5000 сомонӣ зарари ҷиддӣ расонидаанд[179].

Агар ҳаракатҳои бевосита барои гирифтани молу мулк равонагардида аз ҷониби иҷрокунанда оғоз шуда бошанду баъдан дигар ҳамиҷрокунандагон бо он ҳамроҳ шуда бошанд, аломати мазкури бандубастшаванда татбиқ намегардад, чунки ҳаракатҳои ин шахсонро пешакӣ барои содир намудани ҷиноят маслиҳат намуда эътироф намудан мумкин нест.

Аломати дигари вазнинкунандаи ғоратгарӣ ин содир намудани он бо расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрвандон (б «в» қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ) эътироф мешавад. Аломати мазкур андозаи тасарруфро тавсиф дода, танҳо ба тасарруф намудани молу мулки шаҳрвандон тааллуқ дошта, ба шаклҳои дигари моликият дахл надорад. Дар ин маврид қонун дар бораи «зарар» ҳарф зада хусусияти онро ошкор намесозад. Вале чи тавре дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ишора мешавад, ин ҷо сухан танҳо дар бораи зарари моддӣ, молу мулкӣ ва маҳз зарари воқеӣ меравад, ки он фоидаи аздастрафтаро дар бар намегирад[180].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ муносибат ба ин аломати вазнинкунанда як хел нест. Олимон ба чунин хусусиятҳои манфии аломати мазкур ишора

---

[179] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1–3585/18 // Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2018.
[180] Ниг.: Рудаков С.А. Уголовная ответственность за каржу по российскому и зарубежному законодательству (теоретико–прикладной анализ): дис. … канд. юрид. наук. – Нижний Новгород, 2005. – С. 169.

менамоянд: 1) ба таври имтиёзнок ҳифз намудани танҳо як шакли моликият (хусусӣ), ки ин ба Конституцсия ФР (Конституцсияи ҶТ) мухолифат менамояд[181], хусусияти баҳододашаванда доштани он[182]; сарфи назар гаштани принсипи гунаҳкории субъективӣ ҳангоми истифода шудани аломати мазкур[183].

Вобаста ба ин пешниҳод мешавад, ки аз аломати мазкури бандубастшаванда бояд даст кашид[184].

Дар ҳақиқат мутобиқи м. 12 Конституцсияи ҶТ давлат баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад. Бинобар он ба таври алоҳида ҷудо намудани ҳифзи имтиёзнокӣ яке аз шаклҳои моликият ба муқаррароти мазкури констиступцсионӣ мувофиқат намекунад. Аз дигар тараф аз сабаби он ки қонунгузории ҷиноятӣ дар мавқеи гунаҳкоркунии субъективӣ ҳангоми муайян намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ, аз ҷумла вобаста ба андозаи зарар меистад, бинобар он танҳо аз назари вазъи молу мулкии ҷабрдида муайян намудани зарар ба ин принсип мухолифат менамояд. Чунки ҳангоми тасарруфи молу мулки шаҳрвандон зарари ҷиддии ба онҳо расонидашавандаро қасди гунаҳкор дар бар намегирад.

Айни замон мутобиқи б. 2 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ андозаи зарари ба моликияти шахсӣ расонидашуда (ҷиддӣ, калон ва махсусан калон) аз рӯйи аҳволи моддии ҷабрдида муайян карда мешавад.

Дар б. 26 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25.06.2004, таҳти №3 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, ҚаллобӣҒоратгарӣ ва роҳзанӣ» зикр мешавад, ки «дар мавриди бандубаст намудани ҳаракатҳои шахсе, ки тасарруфи моликияти шахсиро бо расонидани зарари ҷиддӣ, калон ё махсусан калон содир намудааст, ба судҳо лозим аст, ки

---

[181] Ниг.: Ахмедов Р.У. Оценочные признаки хищения и его форм в уголовном праве: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2013. – С. 8.
[182] Ниг.: Российское уголовное право. В 2 т. Т. 2. Особенная часть / Под ред. А.И. Рарога. – М., 2004. – С. 181.
[183] Ниг.: Лопашенко, Н.А. Преступления против собственности: авторский курс: монография: в 4 книгах / Н.А. Лопашенко. – Москва: Юрлитинформ, 2019. – С. 219.
[184] Ниг.: Уланова Ю.Ю. Общие признаки хищения в составе кражи. – М., Юрлитинформ, 2013. – С. 116.

банди 2 эзоҳ ба м. 244 КҶ ҶТ–ро ба роҳбарӣ гирифта, ҳолати молу мулкии ҷабрдида, арзиши молу мулки тасарруфшуда ва аҳаммиятнокии он ба ҷабрдида, андозаи музди меҳнат, нафақа, дар таъминоти ҷабрдида мавҷуд будани хурандагон, маҷмуи даромади аъзои оила, ки бо онҳо хоҷагии умумӣ мебарад ва ғайраро ба инобат гиранд[185] (б. 26).

Аломати вазнинкунандаи мазкур «танҳо дар ҳолате ба зиммаи гунаҳкор гузошта мешавад, ки агар дар натиҷаи ҷинояти содиршуда ба ҷабрдида воқеан зарари моддии ҷиддӣ расонида шуда бошад».

Аз ин ҷо ҳамчун асоси ҷудо намудани тасарруф бо расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрвандон бештар на андозаи тасарруф, балки дигар ҳолатҳои кор ба ҳисоб мераванд.

Бинобар ин ифодаи воқеии зарари ҷиддӣ барои ҷабрдидагони гуногун ҳархела буда, андозаи он вобаста ба аҳаммияти молу мулки тасарруфшуда маҳз барои ҷабрдидаи мушаххас муайян карда шавад.

Масъалаи дигар ин муносибати гунаҳкор нисбат ба зарари расонидашуда мебошад. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ оид ба тарафи субъективии ин намуди тасарруф ақидаҳои гуногун иброз шудааст. Масалан, ба андешаи Н.А. Лопашенко ҳангоми баҳо додан ба аломати мазкури бандубастшаванда муҳим он нест, ки худи ҷабрдида ба зарари расонидашуда чӣ тавр баҳо медиҳад. Ақидаи ҷабрдида ин ҷо нақши ҳалкунанда дошта наметавонад, гарчанде ба ӯ зарари ҷиддӣ расонида шуда бошад ҳам. Чунки дар ҳолатҳое ки, вақте гунаҳкор аз рӯйи ҳолатҳои кор наметавонист ин ҳолатро дарк намояд, тасарруф наметавонад ҳамчун бо расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрвандон бандубаст карда шавад. Акси ҳол гунаҳкоркунии объективиро ифода менамуд[186]. Мо бо чунин андеша розӣ ҳастем, вале таҷрибаи судиву тафтишотии мавриди омӯзиш қарордодаи мо аз он шаҳодат медиҳад, ки мақомоти тафтишот ва судӣ ҳангоми муайян

[185] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 42.
[186] Ниг.: Лопашенко, Н.А. Преступления против собственности: авторский курс: монография: в 4 книгах / Н. А. Лопашенко. – Москва: Юрлитинформ, 2019. – С. 229 – 230.

намудани зарари ба шаҳрвандон ҳангоми тасарруф, аз ҷумла ғоратгарӣ расонидашуда танҳо вазъи молу мулкии ҷабрдидаро мувофиқан ба тавзеҳоти дар б. 26 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25.06.2004, таҳти №3 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» зикршуда ба инобат гирифта, муносибати руҳии шахсро нисбат ба ҷиддӣ будан ё набудани зарари расонидашуда ба эътибор намегиранд.

Л.Д. Гаухман чунин мешуморад, ки аломати баррасишавандаи вазнинкунанда дар асоси маҳакҳои объективӣ ва субъективӣ муқаррар карда мешавад. Маҳаки объективӣ аз се лаҳза иборат мебошад: 1) арзиши молу мулки тасарруфшуда; 2) вазъи моддии ҷабрдида; 3) таносуби ҳар ду ҳолати зиркшуда. Маҳаки субъективӣ дар аз ҷониби гунаҳкор дарк шудани маҳакҳои номбаршуда ва вобаста ба ин дарк намудани зарари ба ҷабрдида расонидашуда ҳамчун зарари ҷиддӣ ифода мегардад[187].

Гуноҳи қасдона иброз медорад, С.В. Скаляров онро талаб месозад, ки қасди шахси ҷинояти қасдона содирнамуда бояд ҳам аломатҳои асосии ҷиноят ва ҳам аломатҳои вазнинкунандаи онро, ки ӯ нисбати он гунаҳкор дониста мешавад, дар бар гирад. Аз ин ҷо дар ҳолати баррасишаванда ҳангоми содиршавии тасарруф бо расонидани зарари ҷиддӣ ҷой доштани қасди бевоситаи гунаҳкор нисбати зарари мазкур бояд исбот карда шавад[188].

Олимони дигар бошанд, масалан А.И. Бойтсов чунин баён менамояд, ки дар ҷиноятҳои қасдона бо қасди гунаҳкор дар ҳақиқат бояд ҳама аломатҳои вазнинкунандаро, аз ҷумла расонидани зарари ҷиддиро фарогир бошад. Аммо ҳама вақт ҷинояткор дар бораи баҳо додан ба вазъи молу мулкии ҷабрдида (донистани музди меҳнати ӯ, мавҷуд будан ё набудани хӯрандагон ва ғайра) ва пешбини намудани он ки бо ҳаракатҳои

---

[187] Ниг.: Уголовное право. Часть Общая. Часть Особенная / Под ред. Л.Д. Гаухмана, Л.М. Колодкина, С.В. Максимова. – М., 1999. – С. 399.

[188] Ниг.: Скляров С.В. Квалификация преступлений против собственности с причинением значительного ущерба / С.В. Скляров // Имущественные отношения в Российской Федерации. – 2018. – №8 (203). – С. 60.

худ ба ӯ зарари ҷиддӣ мерасонад имконият надорад. Бинобар он, татбиқшавии аломати мазкури вазнинкунанда бештар аз ақидаи ҷабрдида дар бораи хусусияти зарари расонидашуда муайян гардида барои гунаҳкоркунии объективӣ роҳ мекушояд[189].

Ин ҷо мо ақидаи А.И. Бойтсовро ҷонибдорӣ намуда чунин мешуморем, ки дар ҳақиқат мафҳуми «зарари ҷиддӣ ба шаҳрвандон» бо сабаби он ки категорияи баҳододашаванда буда бо ҳолатҳои гуногун аз ҷумла дар тавзеҳоти зикршудаи Пленуми Суди Олии ҶТ муайян карда мешавад. Вобаста ба ин имконияти дарк намудан ва хоҳони расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрванд будани гунаҳкорро ҳама вақт исбот намудан мушкил мебошад. Ғайр аз ин таҷриба нишон медиҳад, ки гунаҳкор тасарруф содир намуда истода барои ӯ аҳаммият надорад, ки молу мулки тасарруфшуда ба вазъи молу мулкии ҷабрдида чӣ тавр таъсир мерасонад. Дар баробари ин таҳлили амалияи судӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми бандубасти кирдори шахс аз рӯйи аломати мазкури вазнинкунанда диққати асосӣ ба ҷиддӣ будани зарари ба ҷабрдида расонида шуда ҷудо гардида, масъалаҳои гуноҳи шахси чунин зарарро расонидашуда мавриди баррасӣ қарор дода намешавад, чунки дар ҳақиқат исбот намудани он ки гунаҳкор дар лаҳзаи содир намудани тасарруф аҳаммияи молу мулкро барои ҷабрдида дарк мекард, андозаи музди меҳнат ё дигар даромади ҷабрдида, мавҷуд будани хӯрандагон, маҷмуи даромади аъзои оиларо медонист, воқеан дар аксарияти ҳолатҳо ғайри имкон мебошад.

Ҳангоми содиршавии ғоратгарӣ низ қариб дар ҳама ҳолатҳои шахси гунаҳкор бо ҷабрдида шинос набуда, дар бораи вазъи молу мулкии ӯ маълумот надорад. Бинобар он гузоштани шарти он ки гунаҳкор ҳатман бояд ҷиддӣ будани зарарро дарк ва пешбинӣ намояд, амалан дар таҷриба имконияти истифода шудани аломати мазкури бандубастшавандаро истисно месозад.

---

[189] Ниг.: Бойцов А.И. Преступление против собственности. – Санкт–Петербург, 2002. – С. 504.

Масъали дигаре, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ байни олимон боиси баҳс қарор гирифтааст ин муайян намудани андозаи болоии зарари ҷиддии ба шаҳрвандон расонидашаванда ба ҳисоб меравад.

Ҳадди андозаи болоии арзиши молу мулки тасарруфшаванда, ки зарари ҷиддӣ расонидааст, – менависад Н.А. Лопашенко, – мумкин аст дилхоҳ бошад, аз ҷумла зиёда аз андозаи тасарруф ба миқдори калон ва махсусан калон. Дар ҳолати охирон ба гуноҳи шахс ҳар ду аломати бандубастшаванда (зарар ба миқдори калон ё махсусан калон ва расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрвандон) гузошта шуда, кирдор бо он қисми модда бандубаст карда мешавад, ки аломати махсусан бандубастшавандаро пешбинӣ месозад – зарар ба миқдори калон ё махсусан калон[190].

Б.В. Волженкин низ ишора месозад, ки «агар бо тасарруф ба шаҳрванд зарари ҷиддӣ расонида шавад ва дар баробари ин зарар ба миқдори калон ҷой дошта бошад, ҳангоми эълон намудани айб бояд ҳар ду аломати вазнинкунанда таҷассум кардашаванд»[191].

А.И. Бойтсов бошад, ақидаи дигар дошта чунин меҳисобад, ки арзиши молу мулки тасарруфшудаи ба шаҳрвандон тааллуқдошта, чи хеле набошад, тасарруф ба шаҳрванд зарари ҷиддӣ расонидашуда эътироф мешавад, танҳо ба шарте ки арзиши молу мулки тасарруфшуда ба андозаи маблағи барои тасарруф ба миқдори калон муқарраршуда нарасида бошад, дар акси ҳол аломати мазкури бандубасткунандаи тасарруф аломати вазнинкунандаи зарари ҷиддиро «рӯйпӯш» мекунад[192].

Ба андешаи Г.Н. Борзенков ҳадди болоии зарари ҷиддӣ бо ҳадди поёнии тасарруф ба миқдори калон мувофиқат менамояд. Дар баробари ин Г.Н. Борзенков қайд месозад, ки бо ҳам мувофиқат накардани «зарари ҷиддӣ ба шаҳрвандон» ва «зарар ба миқдори калон» дар амалия ба бархурд

---

[190] Ниг.: Лопашенко, Н.А. Преступления против собственности: авторский курс: монография: в 4 книгах / Н.А. Лопашенко. – Москва: Юрлитинформ, 2019. – С. 231.
[191] Ниг.: Практический комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Х.Д. Алекперов, Х.М. Ахметшин, Б.В. Волженкин. – М., 2001. – С. 392.
[192] Ниг.: Бойцов А.И. Преступления против собственности. – СПб., 2002. – С. 506.

оварда расонида метавонад. Баъзан бо назардошти сатҳи баланди осудаҳолии ҷабрдида суд наметавонад, зарари ба ӯ расонидашударо ҷиддӣ эътироф накунад, гарчанде арзиши ашёи тасарруфшуда аз ҳадди миқдори калон зиёд бошад ҳам[193].

Ин ҷо мо бо ақидаи олимони зикршуда розӣ буда наметавонем. Зеро қонуни ҷиноятӣ дар эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ дар бораи ду аломати вазнинкунандаи аз ҳам фарқнамоянда сухан меронад: 1) **андозаи тасарруф**, яъне миқдори калон ва махсусан калон, ки бо маблағи мушахасси арзиши молу мулки тасарруфшуда муайян карда мешавад; 2) **зарари** ҳангоми тасарруф ба ҷабрдида расонидашуда (ҷиддӣ, калон ва махсусан калон), ки мафҳуми нисбатан васеътар буда, вобаста ба аҳволи моддии ҷабрдида муайян карда мешавад. Қонуни ҷиноятӣ чи тавре мебинем, на фақат муайян намудани зарари ҷиддӣ, балки зарари калон ва махсусан калонро низ ба аҳволи моддии ҷабрдида вобаста намудааст. Бинобар он бо маҳдуд намудани ҳадди болоии зарари ҷиддӣ бо ҳадди поёнии тасарруф ба миқдори калон, чи тавре Г.Н. Борзенков иброз менамояд, розӣ буда наметавонем, зеро чунин андеша ба қонуни ҷиноятӣ асос наёфтааст. Аз тарафи дигар маънидодкунии таҳтуллафзии қонуни ҷиноятӣ нишон медиҳад, КҶ ҶТ ҳамчун аломати вазнинкунанда танҳо ба содир намудани тасарруф ба **миқдори** калон ва махсусан калон ишора намуда, бевосита ба **зарари** калон ва махсусан калони ба моликияти шахсӣ расонидашуда ишора насохтааст, новобаста аз он ки дар таҷрибаи судиву тафтишотӣ чунин зарар аз рӯйи бандҳои содир намудаи тасарруф ба миқдори калон ва махсусан калон бандубаст карда мешавад.

Вобаста ба гуфтаҳои боло бо мақсади ҳифзи баробари ҳама шаклҳои моликият, амалан татбиқшавии гунаҳкоркунии субъективӣ пешниҳод менамоем, ки ба сифати критерияи зарари ҳангоми тасарруф расонидашуда танҳо андозаи молу мулки тасарруфшуда гузошта шавад,

---

[193] Ниг.: Российское уголовное право. В 2 т. Т. 2. Особенная часть / Под ред. Л.В. Иногамовой–Хегай, В.С. Комиссарова, А.И. Рарога. – М., 2003. – С. 233.

яъне содир намудани тасарруф, аз ҷумла ғоратгарӣ ба андозаи ҷиддӣ, калон ва махсусан калон. Бо мақсади ҳифзи баробари ҳама шаклҳои моликият, амалан татбиқшавии гунаҳкоркунии субъективӣ пешниҳод менамоем, ки андозаи зарари ба моликияти шахсӣ расонидашуда (андозаи ҷиддӣ, калон ва махсусан калон) аз ҷониби қонунгузор мушаххасан вобаста ба андозаи муайяни нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шавад.

Аз қонун хориҷ намудани критерияи субъективии зарари ҷиддӣ дар намуди ба ҳисоб гирифтани аҳволи моддии ҷабрдида боз бо он асоснок карда мешавад, ки муайян намудани дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят на бояд вобаста ба вазъи молу мулкии ҷабрдида гузошта шавад[194].

Аломати дигари вазнинкунандаи ғоратгарӣ ин содир намудани **он бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок нест ва ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ (б. «г» қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ)** ба ҳисоб меравад. Зӯроварӣ ҳангоми ғоратгарӣ мумкин аст ҳам ҷисмонӣ ва ҳам руҳӣ бошад. Зӯроварии ҷисмонӣ ин таъсиррасонии ғайриқонунӣ ба ҷисми шахси дигар бархилофи иродаи ӯ ба ҳисоб меравад. Зӯроварии руҳӣ бошад ин таҳдиди истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ мебошад.

Мутобиқи Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 июни 2004, таҳти №3 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» таҳти мафҳуми зӯроварие, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок нест (б «г» қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ) бояд латукуб ё содир намудани дигар ҳаракатҳои зӯроваронае, ки бо расонидани дардҳои ҷисмонӣ ба ҷабрдида ё маҳдуд кардани озодии ӯ (бастани дастҳо, истифода намудани дастбандҳо, дар бинои маҳкам монондан ва ғайра) алоқаманданд, фаҳмида шавад.

---

[194] Ниг.: Скляров С.В. Квалификация преступлений против собственности с причинением значительного ущерба / С.В. Скляров // Журнал Имущественные отношения в Российской Федерации. – 2018. – №8 (203). – С. 62.

Дар мавридҳое, ки тасарруфи молу мулки бо таҳдиди истифодаи зӯроварие, ки хусусияти номуайян дорад, алоқаманд аст, масъалаи эътироф кардани дар ҳаракатҳои шахс ҷой доштани ғоратгарӣ ё роҳзанӣ бояд бо назардошти ҳамаи ҳолатҳои кор: ҷой ва вақти содир кардани ҷиноят, шумораи ҳуҷумкунандагон, хусусияти олотҳое, ки бо онҳо ба ҷабрдида таҳдид карда шудааст, аз ҷиҳати субъективӣ қабул кардани таҳдид, содир кардани ягон намуди ҳаракатҳои намоишкоронаи мушаххас, ки дар бораи нияти истифода намудани зӯроварии ҷисмонии ҳуҷумкунандагон шаҳодат медиҳад ва ғайра, ҳал карда шавад»[195].

Вале дар таҷрибаи судӣ ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки мақомоти тафтишот ва судӣ на ҳама вақт ба хусусиятҳои барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок будани таҳдид дуруст баҳо медиҳанд. Масалан, суди марҳилаи якум муайян намудааст, шаҳрванд А. санаи 11–уми феврали соли 2021 тахминан соатҳои 22:30 дақиқа, ҳангоми дар суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Зарафшон 2, дар наздикии кӯдакситони «Омина» қарор доштанааш бо мақсади ғоратгарӣ, яъне ошкоро тасарруф намудани молу мулки ғайр бо роҳи таҳдиди зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок нест, ба шаҳрванди Р., наздик ва ҳамсуҳбат шуда, дар ин лаҳза аз дасти охирин, як адад телефони мобилии тамғаи «Hohor A8», ки мутобиқи хулосаи экспертизаи судии молшиносӣ маблағи 850 (ҳаштсаду панҷоҳ) сомониро ташкил медиҳад, бо тариқи ошкоро тасарруф намуда, тахдид кардааст, ки бо корди бо худ доштааш ӯро мезанад ва ба ҳамин баҳона аз ҷои ҳодиса ғайб задааст. Бо ҳукми суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе шаҳрванд А., барои чунин кирдораш аз рӯйи, б.б. «в, г» қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ гунаҳкор дониста шуда, ба ӯ ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 5 (панҷ) сол, бо адо намудани ҷазо дар колонияи дорои низоми умумӣ таъин карда шудааст[196].

---

[195] Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 41.
[196] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1–190/21 // Бойгонии суди ш. Душанбе. – Соли 2021.

Ба андешаи мо ин ҷо мақомоти тафтишот ва суд ҳангоми бандубасти кирдори шаҳрванд А., бояд ба таври мушаххас ба хусусиятҳои таҳдид бо истифода аз корд баҳо медоданд. Аз маълумотҳои дар парванда ҷой дошта маълум нест, ки аз ҷиҳати субъективӣ таҳдид аз ҷониби ҷабрдида чӣ тавр қабул шудааст. Агар ҷабрдида таҳдиди истифода шудани кордро ҳамчун таҳдиди барои ҳаёт ва саломатиаш хавфнок қабул менамуд, пас кирдори мазкур бояд ҳамчун роҳзанӣ аз рӯйи б. «в» қ. 4 м. 249 КҶ ҶТ бандубаст карда мешуд.

Агар дар рафти тасарруфи молу мулки ғайр нисбати ҷабрдида маҷбуран маҳдуд кардани озодӣ истифода шуда бошад, масъалаи эътироф кардани дар ҳаракатҳои шахс ҷой доштани ғоратгарӣ ё роҳзанӣ бояд бо назардошти хусусият ва дараҷаи хавфнокии ин ҳаракатҳо ба ҳаёт ва саломатӣ, ҳамчунин оқибатҳое, ки ба амал омадаанд ё мумкин буд ба амал оянд (масалан, дар бинои хунук мондани ҷабрдидаи басташуда, маҳрум сохтани ӯ аз имконияти барои ёрӣ муроҷиат кардан), ҳал карда шавад.

Дар ҳолатҳое, ки агар бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр, бо нияти ҷабрдидаро ба ҳолати оҷизӣ овардан, ба бадани ҷабрдида бархилофи хоҳиши ӯ воситаҳои сахтаъсир ё мадҳушкунанда гузаронида шавад, ҳаракатҳои содиргардида бояд, чун роҳзанӣ бандубаст гардад. Агар бо ҳамин мақсад ба бадани ҷабрдида воситаҳое, ки ба ҳаёту саломатӣ хавфнок нестанд, гузаронида шуда бошанд, ҳаракатҳои содиркарда, бо назардошти оқибатҳои баамаломада, бояд чун ғоратгарӣ бо истифодаи зӯроварӣ бандубаст карда шавад. Хосият ва хусусияти таъсири воситаҳое, ки ҳангоми содир кардани ҷиноятҳои қайдшуда истифода шудаанд, мумкин аст бо роҳи гузаронидани экспертиза муайян карда шаванд.

Ба **сифати аломати дигари вазнинкунандаи ғоратгарӣ ин бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба манзил, бино ё дигар анборхонаҳо содир шудани он (б «д» қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ),** ба ҳисоб меравад. Хавфнокии баланди иҷтимоии ғоратгарӣ, ки бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба манзил, бино ё

дигар анборхонаҳо содир мешавад, бо он муйян мегардад, ки гунаҳкор нисбатан бебокона, даҒалона амал намуда кушиш менамояд, ки монеаҳоро барои дастрас намудани молу мулки ҒайР бартараф созад. Дар ин маврид ӯ метавонад бо шикастани дар, қулф, девор кӯшиши тасарруф намудани молу мулки ҒайРро анҷом диҳад, ба он ҳолатҳо нигоҳ накарда, ки ҷабрдида чораҳои махсусро барои таъмини нигаҳдории молу мулк андешидааст. Ҷидду ҷаҳди махсусро барои ноил шудан ба мақсади ҷиноят нишон дода истода ҷинояткор бисёр вақт чунин олот ё воситаҳои содир намудани ҒоратгариРо истифода мебарад, ки онҳо имкон медиҳанд иншоотҳои мукаммали муҳофизатӣ бартараф карда шаванд[197].

Дар таҷрибаи судӣ инчунин ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки ҳангоми ҒайриҚонунӣ дохил шудан ба манзил бо мақсади пинҳон доштани шахсияти худ гунаҳкорон аз ниқоб истифода намуда бо роҳи таҳдиди истифодаи зӯроварӣ вориди манзил мегарданд. Масалан, шаҳрванд С., ва Д., ҳангоми дар суроғаи кӯчаи Маяковский воқеъ дар шаҳри Душанбе қарор доштанашон ниқоби омоданамудаашонро ба рӯяшон кашида бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок нест ҒайриҚонунӣ ба ҳуҷраи манзили истиқоматии шаҳрванд М., ворид гардида аз ӯ мабалаҒи 1200 сомониро тасарруф намудаанд. Кирдори онҳо аз ҷониби суд мутобиқи б. «б, в, г, д» қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ бандубаст карда шудааст[198].

Мафҳуми бо роҳи ҒайриҚонунӣ даромадан ба манзил, бино ё дигар анборхонаҳо дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 июни соли 2004, таҳти №3 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, Ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» (бо таҒйиру иловаҳо бо қарори Пленум аз 30 июни соли 2011, таҳти №2) маънидод гардидааст. Мутобиқи б.20 Қарори мазкур «таҳти мафҳуми ҒайриҚонунӣ дохил шудан ба манзил, бино ё дигар анборхона бояд ба онҳо бо мақсади содир намудани дуздӣ, Ғоратгарӣ, роҳзанӣ ҒайриҚонунӣ ба таври пинҳонӣ ё ошкоро даромадан

[197] Ниг.: Севрюков А.П. Понятие и некоторые вопросы квалификации грабежа. – М., 2003. – С. 40.
[198] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1–113/18 // Бойгонии суди н. Синои ш. Душанбе. – Соли 2018.

фаҳмида шавад[199]. Дохил шудан ба сохтмонҳо ё иншоотҳои зикршуда дар ҳолате низ амалӣ гардиданаш мумкин аст, ки агар гунаҳкор бе ворид шудан ба бинои дахлдор бо ёрии ҳар гуна асбобҳои гуногун ашёи тасарруфшавандаро бигирад.

Ҳангоми бандубасти ҳаракатҳои шахсе, ки дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзаниро бо нишонаи «ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил» содир намудааст, ба судҳо лозим аст дар назар дошта бошанд, ки таҳти мафҳуми манзил – биное, ки барои ба таври доимӣ ё муваққатан зиндагонӣ кардани одамон пешбинӣ шудааст (хонаи инфиродӣ, утоқи алоҳида, ҳуҷра дар меҳмонхона, бустонсарой, боғотхона ва ғайра), ҳамчунин он қисмҳои таркибии бино, ки барои истироҳат, нигоҳ доштани молу мулк ё ин ки қонеъ гардонидани дигар талаботҳои одам истифода мешаванд (балкон, пешайвони оинабандишуда, анборхона ва ғайра) фаҳмида мешавад.

Биноҳое, ки барои доимӣ ё муваққатӣ зиндагонӣ кардан пешбинӣ ва мувофиқ карда нашудаанд (масалан, таҳхона, анбор, гараж ва дигар биноҳои хоҷагӣ, ки аз сохтмонҳои манзилӣ ҷудо мебошанд), ҳамчун манзил дониста намешаванд.

Таҳти мафҳуми биное, ки доир ба он дар қонун сухан меравад, бояд иморат, иншооте, ки барои ҷойгир кардани одамон ё арзишҳои моддӣ пешбинӣ шудааст, фаҳмида шавад. Вай метавонад чун доимӣ ва ҳамчунин муваққатӣ (масалан, анбор, гараж, корпусҳои корхонаҳо, биноҳои муассисаҳо, мағозаҳо), чун статсионарӣ ва ҳамчунин ҷойивазшаванда бошад.

Дигар анборхона – ин ҷоест, ки манзил, бино набуда, махсус барои нигоҳ доштани арзишҳои молӣ пешбинӣ шудааст, масалан, ҷойҳои муҳофизаткунандаи истгоҳҳои роҳи оҳан, платформаҳо, рефриераторҳо, сейфҳо, контейнерҳо ва амсоли инҳо. Инчунин ҳудуде, ки дар зери осмони кушод буда, бо девор, панҷара иҳота гардида, ё махсус ҳифз карда

[199] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 39.

мешавад, дигар анборхона буда метавонад. Агар нишонаҳои қайдшуда ҷой надошта бошанд, масалан, ангишти ба истгоҳҳои роҳи оҳан овардашуда тӯда – тӯда дар қитъаи кушода рехта шуда бошад, дар ин ҳолат тасарруфи ангиштро чун аз дигар анборхона тасарруфшуда бандубаст кардан мумкин нест.

Ҳудуди ҳифзшавандае, ки барои нигоҳ доштани арзишҳои моддӣ пешбинӣ нашудааст, дигар анборхона ҳисобида намешавад. Масалан, дохил шудан ба ҳудуди ҳифзшавандаи боғи мева ва тасарруфи себҳоро, тасарруф бо дохил шудан ба дигар анборхона эътироф намудан мумкин нест.

Масъалаи дар ҳаракати шахсе, ки дуздӣ, ғоратгарӣ ё роҳзаниро содир кардааст, ҷой доштани ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил, бино ё дигар анборхонаро ҳал карда истода, ба судҳо лозим аст муайян намоянд, ки гунаҳкор бо кадом мақсад дар бино (манзил, анборхона) пайдо шудааст, ҳамчунин қасди гирифтани молу мулки ғайр дар кадом вақт ба амал омадааст. Агар шахс дар он ҷо қонунан ҳузур дошта, нияти ҷиноятӣ надошта бошаду лекин баъдан дуздӣ, ғоратгарӣ ё роҳзанӣ содир карда бошад, дар ҳаракатҳои вай нишонаи зикршуда ҷой надорад.

Агар ҳаракатҳо чун дуздӣ бо дохил шудан ба манзил шуруъ шуда, ба тасарруфи ошкоро табдил ёфта бошанд, вобаста ба ҳолатҳои мушаххаси кор ҳаракатҳои содиргардида бояд чун ғоратгарӣ ё роҳзанӣ бо дохил шудан ба манзил бандубаст карда шаванд.

Дар сурати шахсро барои содир кардани тасарруфи молу мулки ғайр бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил гунаҳкор донистан, ин ҳолат бо м. 147 КҶ ҶТ бандубасти иловагиро талаб намекунад, зеро чунин ҳаракати ғайриқонунӣ худ нишонаи бандубасткунандаи дуздӣ, ғоратгарӣ ё роҳзанӣ мебошад.

Агар шахс дуздӣ, ғоратгарӣ ё роҳзаниро содир карда истода, бо роҳи шикастани дарҳо, қулфҳо, панҷараҳо ва амсоли инҳо ғайриқонунӣ ба манзил, бино ё дигар анборхона дохил шуда бошад, ҳаракати содиркардаи

вай мувофиқан бо бандҳо ва қисмҳои м.м. 244, 248 ё 249 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад ва бо м. 255 КҶ ҶТ бандубасти иловагиро талаб намекунад, чунки дар ин ҳолатҳо қасдан несту нобуд кардани молу мулки қайдшудаи ҷабрдида тарзи содир кардани тасарруф бо ҳолатҳои вазнинкунанда ба ҳисоб меравад.

Агар дар рафти содир кардани дуздӣ, ғоратгарӣ ё роҳзанӣ он молу мулки ҷабрдида, ки ашёи тасарруф намебошанд (масалан, мебел, техникаи маишӣ ва дигар молу мулк) қасдан несту нобуд ё вайрон карда шуда бошанд, ҳаракатҳои содиргардида, дар ҳолати ҷой доштани асосҳо, бояд ба таври иловагӣ бо м. 255 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад[200].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ муносибат ба аломати мазкури бандубасткунанда яксон нест. Масалан, ба андешаи С.А. Елисеев аломати мазкур дар тасвири қонунгузории тасарруф зарур мебошад, зеро чунин ҷиноятҳо самаранокии бештар дошта, дар бораи шиддатнокии баланди ангезаҳои рафтори ҷинояткор шаҳодат медиҳанд[201].

Олимони дигар бошанд, аз он эрод мегиранд, ки қонунгузор ҷавобгариро вобаста ба объекти ғайриқонунӣ дохил шудан фарқгузорӣ накардааст, яъне ҷавобгарии баробарро ҳам барои ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил ва ҳам биноҳои ғайриистиқоматӣ муқаррар намудааст. Ҳол он ки ғайриқонунӣ дохил шудан ба бино ё дигар анборхона дар фарқият аз ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил боиси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ намегардад, яъне дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ғайриқонунӣ дохил шудан ба объектҳои мазкур гуногун буда, қонунгузор ин ҳолатро ҳангоми созмон додани аломати мазкури вазнинкунанда ба инобат нагирифтааст.

---

[200] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 40.

[201] Ниг.: Елисеев С.А. Преступления против собственности по уголовному законодательству России. – Томск, 1999. – С. 153 – 154.

Бинобар он пешниҳод мешавад, ки аз доираи аломати мазкури вазнинкунанда мафҳумҳои бино ё дигар анборхона хориҷ карда шавад[202].

Ба андешаи мо содир намудани тасарруф бо роҳи ғайри қонунӣ дохил шудан ба бино ё дигар анборхона дар бисёр ҳолатҳо аз дараҷаи баланди тайёрии ҷиноятkор барои содир намудани тасарруф, бартараф намудани монеаҳо, ки барои ҳифзи молу мулки ғайр андешида шудаанд ва ғайра шаҳодат медиҳанд. Вале дар ҳақиқат дараҷаи хавфнокии тасарруф бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил ва ғайриқонунӣ дохил шудан ба бино ё дигар анборхона гуногун мебошад. Бинобар он ба мақсад мувофиқ мебуд, агар қонунгузор бо назардошти ин ҳолатҳо ҷавобгариро барои содир намудани тасарруф бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба объектҳои мазкур тафриқибандӣ менамуд. Масалан, дар б «д» қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ ғоратгарӣ бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба бино ё дигар анборхона нигоҳ дошта шуда, ҷавобгарӣ барои ғоратгарӣ бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил ҳамчун аломати махсусан бандубастшаванда дар қ. 3 м. 248 КҶ ҶТ муқаррар карда шавад.Зеро дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил назар ба ғайриқонунӣ дохил шудан ба бино ё дигар анборхона зиёдтар мебошад, ки аз ин дар моддаи алоҳидаи КҶ ҶТ муқаррар шудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил шаҳодат медиҳад (м.147 КҶ ҶТ).

Дар қ. 3 м. 248 КҶ ҶТ чунин ҳолатҳои банду бастшавандаи ғоратгарӣ муқаррар шудаанд:

а) бо истифода аз шароити офати табиӣ ё ҷамъиятӣ;

б) ба миқдори калон;

в) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил;

г) дар ҳолати ретсидиви хавфнок содир шудааст.

---

[202] Ниг.: Кочои С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности. – М., 2000. – С. 154–156; Красновский Г.Н. Некоторые проблемы оптимизации уголовного законодательства об ответственности за хищения имущества: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 1991. – С. 14; Карлов В.В. Критерии отбора законодателем квалифицированных составов преступлений: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Свердловск, 1990. – С. 14; Лопашенко Н.А. Преступления против собственности: авторский курс: монография: в 4 книгах / Н.А. Лопашенко. – Москва: Юрлитинформ, 2019. – С. 206.

Содир намудани ғоратгарӣ бо истифода аз шароити офати табиӣ ё ҷамъиятӣ (б «а» қ. 3 м. 248 КҶ ҶТ). Ҳолати мазкури вазнинкунандаи ғоратгарӣ ҷавобгариро аз он сабаб пурзур менамояд, ки содир намудани ҷиноят дар чунин шароит аз хавфи баланди ҷамъиятӣ доштани шахси онро содиркунанда шаҳодат медиҳад, чунки гунаҳкор дидаву дониста ҳолати вазнини бавуҷудомадаро барои содир намудани ғоратгарӣ истифода мебарад.

Ҳолатҳои дар банди мазкур муқарраршуда зуҳуротҳои табиӣ ва ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошанд, ки ҳангоми ҷой доштани онҳо ҳаёт, саломатӣ ва молу мулки одамони зиёд дар зери хатар қарор мегиранд.

Ба шароити офати табиӣ дохил мешаванд: заминларза, тӯфон, сӯхтор, офатҳои биологӣ, падидаҳои кайҳонӣ ва ғайра. Офатҳои ҷамъиятӣ ин ҳолати ҷангӣ, эпидемияҳои оммавӣ, садамаҳои калони нақлиётӣ ва ғайра[203].

Дар Қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС аз 23 декабри соли 1988 «Дар бораи аз ҷониби судҳо баррасӣ гардидани парвандаҳои бо содир намудани ҷиноят дар шароити офатҳои табиӣ ё дигар офатҳои ҷамъиятӣ» махсусан қайд мешуд, ки судҳо бояд онро ба назар гиранд, ки содир намудани ҷиноят бо истифода аз офатҳои ҷамъиятӣ ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарӣ ба ҳисоб меравад[204].

Мазмуни мавҷуд будани чунин ҳолат, ки бо офатҳои табиӣ ё ҷамъиятӣ алоқаманд мебошанд, содир намудани ҷиноятро осон гардонида, ба пинҳон доштани ҷинояти содиршуда имкон медиҳад.

Ҳангоми ҷой доштани ҳолати мазкур бояд зеҳни гунаҳкор мавҷуд будани офати табиӣ ё ҷамъиятиро дар бар гирифта, ӯ хоҳони содир намудани ҷиноятро бо истифодаи маҳз аз ҳолати мазкур дошта бошад[205].

---

[203] Ниг.: Т.В. Непомнящая Назначение уголовного наказания теория, практика, перспективы. – Санк Петербург, 2006. – С. 94.
[204] Ниг.: Сборник действующих постановлений Пленума Верховного Судов СССР, РСФСР и Российской Федерации по уголовным делам. – М., 1999. – С. 119.
[205] Ниг.: Воронин В.Н. Индивидуализация наказания понятие, критерии, значение: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2015. – С. 193.

Аломати дигари вазнинкунандаи ғоратгарӣ ин содир намудани ҷинояти мазкур ба миқдори калон (б «б» қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ) мебошад.

Мутобиқи б. 2 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ чун тасарруфи молу мулки давлатӣ ё дастҷамъӣ ба миқдори калон бояд тасарруфи молу мулки ғайр, ки арзиши умумии онҳо мувофиқан аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёдтар мебошад, фаҳмида мешавад. Ба миқдори махсусан калон арзиши молу мулке фаҳмида мешавад, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ду ҳазор маротиба зиёдтар мебошад.

Ғайр аз ин тасарруф ба миқдори калон ё махсусан калон бандубаст карда мешавад, агар он бо як тарз ва ҳангоми ҳолатҳое, ки аз қасди содир намудани тасарруф ба миқдори калон ё махсусан калон шаҳодат диҳад.

Бинобар он, муайян намудани критерияи фарққунонандаи тасарруфи давомдор ва маҷмуи чунин ҷиноятҳо муҳим мебошад, чунки нодуруст дохил намудани тасарруф ба ҷинояти ягонаи давомдор дар ҳолате ки воқеан гунаҳкор на як, балки якчанд тасарруфро содир менамояд, ки аз ҳамдигар вобаста ба ҷой, вақт ва усули содир намудан фарқ менамоянд, асос мешавад, барои эътироф намудани он ки ҷиноят ба миқдори калон содир шудааст, вақте ки арзиши молу мулки тасарруфшуда «зам гардида» он аз андозаи миқдори калон ё махсусан калон зиёд мегардад. Дар ҳар яке аз тасарруфҳои мазкури содиршуда қасди мустақили бавуҷудомада амалӣ мешаванд ва бинобар ин бо ҳам ҷамъ намудани арзиши молу мулки тасарруфшуда аз рӯйи ин лаҳзаҳо мумкин нест[206].

Дар мавриди ҳалли масъали бандубасти ҳаракатҳои шахсоне, ки тасарруфи молу мулки ғайрро дар ҳайати гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гуруҳи муташаккил бо нишонаи «зарари ҷиддӣ ба шаҳравандон» ё бо нишонаҳои «миқдори калон» ё «махсусан калон» содир кардаанд, бояд арзиши умумии молу мулки аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни гуруҳи ҷиноятӣ тасарруфшуда ба асос гирифт.

---

[206] Ниг.: Вакула М.М. Криминологическая характеристика и уголовно–правовые меры противодействия грабежу: дис. … канд.. юрид...наук. – СПб., 2005. – С. 137.

Миқдори молу мулки тасарруфшударо муайян карда истода, дар ин маврид бояд арзиши воқеии он дар лаҳзаи содир шудани ҷиноят ба асос гирифта шавад. Ҳангоми набудани маълумот дар бораи нарх, арзиши молу мулки тасарруфшуда дар асоси хулосаи экспертҳо муайян кардан мумкин аст (б.27 Қарори зикршуда Пленуми Суди Олии ҶТ).

Содир гардидани **ғоратгарӣ аз ҷониби гуруҳи муташаккил ҳамчун аломати вазнинкунанда дар б «в» қ. 3 м. 248 КҶ ҶТ муқаррар** шудааст.

Ғоратгарӣ аз ҷониби гуруҳи муташаккил содиршуда эътироф карда мешавад, ки агар дар он гуруҳи устувори шахсоне, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд (қ. 3 м. 39 КҶ ҶТ), иштирок карда бошанд.

Гуруҳи муташаккил ин яке аз шаклҳои хавфноктари шарики дар ҷиноят ба ҳисоб меравад. Мафҳуми умумии гуруҳи муташаккил новобаста аз хел ва намуди ҷиноят дар қ. 3 м. 39 КҶ ҶТ ошкор мешавад. Дар қ. 6 м. 39 КҶ ҶТ бошад асос, шароит ва доираи ҷавобгарии ҷиноятии шахсони гуруҳи муташаккилро таъсисдода ё ба он роҳбаринамуда, инчунин иштирокчиёни чунин гуруҳ барои ҷинояти бо чунин шакли шарикӣ содиршуда ба танзим дароварда шудааст.

Нисбати гуруҳи муташаккил ҳангоми тасарруфнамоӣ аломати устувории иттиҳодияи якчанд шахс ҳамчун хусусияти созмондиҳанда ва муайянкунандаи чунин хели иттиҳоди ҷиноятӣ бештар дар дурудароз будани фаъолияти ҷиноятии гуруҳ, тахассуси криминалии он, тақсим намудани соҳаи фаъолият бо дигар гуруҳҳои монанд, мушахассан тақсим намудани нақшҳо ва функсияҳои ҳар яке аз иштирокчиён, мавҷуд будани пешво (роҳбар, ташкилкунанда), интизоми сахти дохилӣ, банақшагирии фаъолияти ҷиноятӣ дар умум дар доираи муайяни вақт ва ҳар як амали ҷиноятӣ дар алоҳидагӣ зоҳир мегардад[207].

[207] Ниг.: Вакула М.М. Криминологическая характеристика и уголовно–правовые меры противодействия грабежу: дис. … канд. юрид. наук. – СПб., 2005. – С. 140.

Бар хилофи гуруҳи шахсоне, ки пешакӣ дар бораи якҷоя содир намудани ҷиноят маслиҳат кардаанд, гуруҳ муташаккил, аз ҷумла, аз рӯйи устувориаш, дар ҳайати он мавҷуд будани ташкилкунанда (роҳбар) ва доштани нақшаи пешакӣ тартибдодашуда фаъолияти якҷояи ҷинояткорона, тақсим намудани вазифаҳо байни аъзоёни гуруҳ ҳангоми тайёрӣ ба содир кардани ҷиноят ва амалӣ намудани қасди ҷинояткорона, тавсиф карда мешавад.

Албатта, элементҳои мазкур дар ҳар як гуруҳи муташаккил ба дараҷаи зиёд ё кам инъикос мегардад, аммо бо ин ё он таносуб онҳо барои чунин навъи фаъолияти ҷиноятӣ хос мебошанд.

Бо назардошти сатҳи баланди ташкили дохилии шакли мазкури шарикӣ назар ба масалан, гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ мутобиқи нишондоди қ. 6 м. 39 КҶ ҶТ талаботҳои нисбатан ҷиддӣ ба асос, шароит ва ҳадди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои аз ҷониби иштирокчиёни гуруҳи муташаккил содир гардидани тасарруфи молу мулки ғайр муқаррар мешавад. Аз ҷумла, ташкилкунанда ё роҳбари гуруҳи муташаккил ҳангоми ғоратгарӣ барои ҳама ҷиноятҳои аз ҷониби гуруҳ содиршуда ба сифати иҷрокунанда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, агар қасди ӯ содир намудани онҳоро дар бар гирифта бошад, новобаста аз он ки ӯ дар содир намудани онҳо бевосита иштирок намудааст. Дигар иштирокчиёни гурӯҳи муташаккил барои иштирок дар онҳо дар ҳолати пешбининамудаи моддаҳои дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ, инчунин барои ҷиноятҳое, ки дар тайёрӣ ё содир кардани онҳо ширкат варзидаанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд

Дар бораи устувории гуруҳи муташаккил на танҳо фосилаи зиёди замони мавҷудияти он, аз ҷониби аъзои гуруҳ якчанд маротиба содир гардидани ҷиноят, балки аз ҷиҳати техникӣ таҷҳизонидани он, давомнокии тайёрии ҳатто яке аз ҷиноятҳо, ҳамчунин дигар ҳолатҳо (маслан, тайёрии махсус иштирокчиёни гуруҳи муташаккил барои ворид шудан ба

анборхона барои гирифтани пул ё дигар сарватҳои моддӣ) шаҳодат дода метавонанд.

Ҳангоми содир намудани ғоратгарӣ аз ҷониби гуруҳи муташаккил содиргардида эътироф намудан, ҳаракатҳои содиргардида, бояд чун ҳамиҷрокунандагон, бе ҳавола ба м. 36 КҶ ҶТ бандубаст карда шаванд.

Агар шахс, дигар шахс ё гуруҳи шахсонро ба ташкил кардани гуруҳи муташаккил барои содир кардани ҷиноятҳои мушаххас таҳрик карда бошаду лекин дар интихоб карда гирифтани иштирокчиёни он, банақшагирӣ ва тайёрӣ ба содир кардани ҷиноятҳо (ҷиноят) ё ин ки амалӣ намудани онҳо, иштироки бевосита накарда бошад, ҳаракатҳои ӯ бояд чун ҳамиштирокчӣ дар содир кардани ҷиноят аз ҷониби гуруҳи муташаккил, бо ҳавола ба қ. 4 м. 36 КҶ ҶТ, бандубаст карда шаванд (б 17 Қарори зикршудаи Пленуми Суди Олии ҶТ)[208].

Содир гардидани **ғоратгарӣ дар ҳолати ретсидиви хавфнок ҳамчун аломати вазнинкунанда** дар б «г» қ. 3 м. 248 КҶ ҶТ муқаррар шудааст. Мутобиқи б. 28 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 июни соли 2004, таҳти №3 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Пленум таҳти аз 30 июни соли 2011, таҳти №3) ҳаракатҳои содиршударо бо нишонаи содир гардидани ҷиноят дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок, ки дар м. 244, 247, 248 ва 249 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, танҳо дар мавриди ҷой доштани шартҳое, ки дар м. 21 КҶ ҶТ нишон дода шудаанд, бандубаст кардан мумкин аст[209].

Мутобиқи қ. 1 м. 21 КҶ ҶТ ретсидиви ҷиноят кирдори қасдан содирнамудаи шахсе эътироф мешавад, ки барои ҷинояти пештар қасдан содирнамудааш доғи судӣ дорад.

---

[208] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 38.
[209] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 43.

Барои ҷинояти содиршударо дар ҳолати ретсидив эътироф намудан, бояд ҳолатҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

– ретсидивро танҳо ҷиноятҳои қасдона ташкил мекунанд;

– аз ҷониби як шахс содир намудани на камтар аз ду ҷинояти қасдона;

– доштани доғи судӣ барои ҷинояти қаблан содирнамуда.

Шартҳои ҷинояти содиршударо дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок эътироф намудан дар қисмҳои 2 ва 3 м. 21 КҶ ҶТ нишон дода шудаанд.

Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи аз тарафи судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ретсидиви ҷиноят» аз 12 декбари соли 2002[210] зикр мешавад, ки «Мақомоти тафтишоти пешакӣ ва судҳо вазифадоранд, ки ҷой доштани шартҳои дар қ.қ. 2 ва 3 м. 21 КҶ ҶТ пешбинишударо, ки барои ҷинояти содиршударо дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок эътироф намудан ҳуқуқ медиҳанд, муқаррар намуда, инро ҳангоми бандубаст намудани кирдори содиршуда ба инобат гиранд.

Масалан, бо ҳукми суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе шаҳрванд Р., аз рӯйи б. «а» қ. 4 м. 248 КҶ ҶТ гунаҳкор дониста шудааст. Суд дар ҳукми худ муайян намудааст, ки судшаванда Р., пеш шаш маротиба маҳкум гардида, охирон маротиба бо қ.1 м. 200 КҶ ҶТ ба маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати чор сол маҳкум шуда, пас аз адо кардани ҷазо озод шудааст. Аз рӯйи ин ҳолатҳо мутобиқи қоидаҳои б. «б» қ. 3 м. 21 ва 84 КҶ ҶТ доғи судӣ дошта, ҷиноятро дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок содир намудааст[211].

Дар КҶ ҶТ имконияти ҷинояти содиршударо дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок эътироф накардан пешбинӣ нашудааст, агар

---

[210] Ниг.: Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019). – Душанбе, 2019. – С. 43.

[211] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1–442/17 // Бойгонии Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе. – Соли 2017.

шахс ҷиноятро бо шартҳое, ки дар қисмҳои 2 ва 3 м. 21 КҶ ҶТ нишон дода шудаанд, содир карда бошад.

Дар қ. 4 м. 21 КҶ ҶТ меъёри басо муҳиме мавҷуд аст – қонун чунин мешуморад, ки доғи судӣ барои ҷиноятҳое, ки шахс дар синни то 18–солагиаш содир намудааст, ҳангоми эътироф намудани ретсидив ба ҳисоб гирифта намешавад. Бинобар ҳамин судҳоро лозим аст, ки ба муайян кардани ҳолати аз тарафи гунаҳкор дар кадом синну сол содир шудани ҷиноятҳо диққати махсус диҳанд.

Дар қ. 4 м. 21 КҶ ҶТ ҳамчунин махсус қайд карда шудааст, ки доғи судие, ки мувофиқи м. 84 КҶ ҶТ бардошта ё барҳам дода шудааст, ҳангоми эътироф намудани ретсидиви ҷиноят ба назар гирифта намешавад. Дар ин сурат хусусияти ҳар кадоме аз ҷиноятҳо (онҳо метавонанд айнан, якхела ва ё ҳархела бошанд), намуди ҷазои таъиншуда (ба истиснои ҳолатҳои эътироф намудани ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок, ки маҳкум кардани шахсро барои қаблан содир намудани ҷиноят танҳо ба маҳрум сохтан аз озодӣ дар назар дорад), намуди муассисаи ислоҳӣ, ки дар он маҳкумшуда пеш ҷазоро адо намудааст ё адо карда истодааст (дар ҳолати маҳкум намудан ба маҳрум сохтан аз озодӣ) ва ғайра аҳаммият надоранд. Судҳоро лозим аст ба инобат гиранд, ки доғи судӣ мумкин аст на танҳо бо тартибе, ки дар м. 84 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, балки боз бо қабули санади авф ва бахшиши ҷазо, ки дар ин бора возеҳан дар моддаҳои 82 ва 83 КҶ ҶТ гуфта шудааст, бардошта шавад.

Ба андешаи мо ба сифати аломати вазнинкунанда нигоҳ доштани содир намудани ҷиноят дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок шубҳаовар мебошад. Зеро ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷиноят бояд ҳолатҳое эътироф шаванд, ки кирдорро тавсиф медиҳанд ё дар як вақт ҳам ба ҷиноят ва ҳам ба шахсият тааллуқ доранд. Ҳолатҳое, ки танҳо ба шахсияти гунаҳкор марбут мебошад, на бояд ба сифати аломати вазнинкунанда баромад намояд. Ғайр аз ин чӣ тавре дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ишора

мешавад, ба сифати аломати вазнинкунандаи ҷиноят нишон додани ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок ба принсипи адолат мухолифат менамояд[212], чунки шахс бо назардошти ҷинояти қаблан содирнамудааш, ки аллакай барои он ҷазоро адо намудааст, боз дуюмбора сазовори ҷазои вазнинтар мегардад, ҳол он ки мувофиқи қ. 2 м. 8 КҶ ҶТ «ҳеҷ касро касро барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест». Бояд қайд намуд, ки аз ретсидиви ҷиноят ҳамчун аломати вазнинкунандаи ҷиноят КҶ қариб ҳама давлатҳои собиқ шуравӣ ба монандӣ, Қазоқистон, Қирғизистон, ФР ва дигарон даст кашидаанд. Бо назардошти ин пешниҳод менамоем, ки содир намудани ҷиноят дар ҳолати ретсиди хавфнок ва махсусан хавфнок ҳамчун аломати вазнинкунандаи ҷиноят на фақат аз м. 248 КҶ ҶТ балки аз дигар ҷиноятҳо низ хориҷ карда шавад.

Ҳамин тариқ аломатҳои вазнинкунандаи ғоратгариро баррасӣ намуда мо ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Ҳам аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо ва ҳам бо аломати вазнинкунандаи такроран бандубаст намудани ҷиноятҳо дар мавриди ҷой доштани такрории хелӣ боиси халалдор гаштани принсипи адолат мегардад. Зеро ҳамон як кирдори содирнамудаи шахс ҳангоми ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва таъин намудани ҷазо ду бор ба ҳисоб гирифта мешавад, ҳол он ки мутобиқи қ. 2 м. 8 КҶ ҶТ «Ҳеҷ касро барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест». Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки б. 3. эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, ҳангоми аз ҷониби шахс содир гардидани шаклҳои гуногуни тасарруф кирдор аз рӯйи танҳо маҷмуи ҷиноятҳо бандубаст карда шавад.

2. Аломати **содир намудани он аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ** бояд ба якчанд талаботҳо ҷавобгӯ бошад: 1) мавҷуд будани ду ё зиёда шахсон, ки ба сифати субъекти тасарруф баромад намуда

[212] Ниг.: Черненко Т.Г. Множественность преступлений по российскому уголовному праву: автореф. дис. ... д–ра. юрид. наук. – Томск, 2001. – С. 28; Кочои С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности по законодательству России: автореф. дис. ... д–ра юрид. наук. – М., 2000. – С. 11.

метавонанд; 2) иштирокчиёни гуруҳ бояд тасарруфро якҷоя содир намоянд;3) байни аъзоёни гуруҳ бояд маслиҳати пешакӣ дар бораи якҷоя содир намудани ҷиноят мавҷуд бошад.

Аломати тавсифдиҳандаи шахсони ҷиноятро дар ҳайати гуруҳ бо маслиҳати пешакӣ содиркунанда он чӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳар яки онҳо бояд аломатаҳои зарур ва кофиро барои иҷрокунандаи ҷинояти мазкур эътироф шудан дошта бошанд.

3. Пешниҳод менамоем, бо мақсади риоя шудани принсипи гунаҳкоркунии субъективӣ қ. 2 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, андозаи зарари ба моликияти шахсӣ расонидашуда (андозаи ҷиддӣ, калон ва махсусан калон) аз ҷониби қонунгузор мушаххасан вобаста ба андозаи муайяни нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шавад. Зеро муайян намудани андозаи зарари ба моликияти шахсӣ расонидашуда (ҷиддӣ, калон ва махсусан калон) танҳо аз рӯйи аҳволи моддии ҷабрдида,бе назардошти муносибати руҳии шахс ба чунин зарар амалан гунаҳкории объективиро ифода менамояд, ки ба принсипи гунаҳкорӣ (қ. 3 м. 7 КҶ ҶТ) мухолифат мекунад

4. Дараҷаи хавфнокии тасарруф бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил ва ғайриқонунӣ дохил шудан ба бино ё дигар амборхона гуногун мебошад. Бинобар он ба мақсад мувофиқ аст, ки бо назардошти ин ҳолатҳо ҷавобгариро барои содир намудани тасарруф бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба объектҳои мазкур фарқгузорӣ карда шавад. Бо ин мақсад ғоратгарӣ бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба манзил аз б. «д» қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, ҳамчун аломати махсусан вазнинкунанда дар қ. 3 м. 248 КҶ ҶТ муқаррар карда шавад.

5. Ба андешаи мо ба сифати аломати вазнинкунанда нигоҳ доштани содир намудани ҷиноят дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок шубҳаовар мебошад. Зеро ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷиноят бояд ҳолатҳое эътироф шаванд, ки кирдорро тавсиф медиҳанд ё дар як вақт ҳам ба ҷиноят

ва ҳам ба шахсият тааллуқ доранд. Ҳолатҳое, ки танҳо ба шахсияти гунаҳкор марбут мебошад, на бояд ба сифати аломати вазнинкунанда баромад намояд. Ғайр аз ин чӣ тавре дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ишора мешавад, ба сифати аломати вазнинкунандаи ҷиноят нишон додани ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок ба принсипи адолат мухолифат менамояд[213], чунки шахс бо назардошти ҷинояти қаблан содиранамудааш, ки аллакай барои он ҷазоро адо намудааст, боз дуюмбора сазовори ҷазои вазнинтар мегардад, ҳол он ки мувофиқи қ. 2 м. 8 КҶ ҶТ «ҳеҷ касро барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест».

Бо назардошти ин, пешниҳод карда мешавад, ки чунин аломати вазнинкунандаи ғоратгарӣ, ба монанди, содир намудани ҷиноят дар ҳолати ретсиди хавфнок ва махсусан хавфнок аз б. «г» қ. 3, б. «а» қ. 4 м. 248 КҶ ҶТ хориҷ карда шавад, зеро он ба чунин талаботи принсипи адолат «Ҳеҷ касро барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест» (қ. 2 м. 8 КҶ ҶТ) мухолифат менамояд.

[213] Черненко Т.Г. Множественность преступлений по российскому уголовному праву: автореф. дис. ... д–ра юрид. наук. – Томск, 2001. – С. 28; Кочои С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности по законодательству России: автореф. дис. ... д–ра юрид. наук. – М., 2000. – С. 11.

БОБИ 3. ТАШКИЛИ ПЕШГИРИИ СОДИРШАВИИ ҶИНОЯТИ ҒОРАТГАРӢ

3.1. Таҳлили сабабҳои содиршавии ҷинояти ғоратгарӣ ва тавсифи ҳуқуқӣ–иҷтимоии онҳо

Масъалаи омӯзиши сабабҳо ва шароити ҷиноят дар умум ва сабабу шароитҳои ҷиноятҳои мушаххас яке аз масъалаҳои марказии илми криминология мебошад[214]. Ҳангоми таҳлили сабабҳои ғоратгарӣ инчунин бояд ҳолатҳое ба инобат гирифта шаванд, ки ба содир намудани ин ҷиноят мусоидат мекунанд. Ба сатҳи ҷинояткорӣ пеш аз ҳама омилҳои гуногуни иҷтимоӣ таъсир мерасонанд. Методологияе, ки илми криминология оид ба сабабҳои ҷиноят ҳамчун падидаи ҷамъиятии оммавӣ коркард намудааст, ба сабабҳо ва шароитҳое, ки ба содир намудани ҷиноятӣ – ғоратгарӣ мусоидат мекунанд, пурра татбиқ мешаванд.

Чаро одамон ҷиноят содир мекунанд? Чаро ҷиноят умуман ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ҷой дорад? Саволҳое мебошанд, ки инсоният муддати тулонӣ ба онҳо ҷавоб меҷӯяд. Вобаста ба ин мавзуъ тавзеҳҳои зиёде дар адабиёти илмӣ мавҷуд мебошанд, аммо онҳо на ҳама вақт қонеъкунанда мебошанд. Ҳамзамон ҷинояткорӣ идома ёфта истода ва ҳатто баъзан «суръат мегирад». Бо вуҷуди ин гузаронидани чунин таҳлилҳо мубрам мебошанд. Зеҳни инсон дер ё зуд роҳи ҳалли тамоми мушкилотҳоро, аз ҷумла мушкилоти ҷинояти ғоратгариро ошкор хоҳад сохт. Ҳамзамон ҷустуҷӯи ҷавоб ба саволҳои гузошташуда набояд танҳо ба таври назариявӣ сурат гирад. Дар ҳолати дарёфт намудани ҷавобҳо ба саволҳои гузошташуда, криминологҳо ва сиёсатмадорон метавонанд чораҳои муассири пешгирии ҷинояткориро амалӣ намуда, қонунгузорӣ,

[214] Ниг.: Бочкарева Е.В. К вопросу о формах самодетерминации преступности / Е.В. Бочкарева // Вестник Чел ГУ. Серия право. – 2017. – Т. 2. – №4. – С. 70 – 74; Королева М.В. Криминологическая оценка современной рецидивной преступности в России / М.В. Королева // Российский криминологический взгляд. – 2015. – №1. – С. 125 – 130; Эминов В.Е. Причины преступности в России: криминологический и социально–психологический анализ. – М., 2011. – С. 121 – 124; Макаров В.В. Криминологическое исследование самодетерминации преступности: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2014. – С. 183.

механизмҳои рушди муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва идоракунии иҷтимоиро таҳия ё такмил диҳанд.

Мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ҳама вақт омӯзиши сабабҳои ҷинояткорӣ ва шароитҳои ба содир гардидани онҳо мусоидаткунандаро дар назар дорад. Дар замони шуравӣ ақидае ҳукмрон буд, ки танҳо бо сохтмони ҷамъияти сотсиалистӣ сабабҳои асосие, ки ба ҷинояткорӣ ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ сабаб шуда метавонанд, бартараф карда мешаванд. Дар баробари ин тавре В.И. Ленин дар асари худ «Давлат ва революция» қайд намуда буд, ки: «Мо медонем, ки сабаби асосии иҷтимоии зиёдаравӣ, ки аз вайрон кардани қоидаҳои ҷаёти ҷамъият иборат аст, истисмори омма, эҷтиёҷмандӣ ва қашшоқӣ мебошад. Бо бартараф кардани ин сабабҳои асосӣ, зиёдаравӣ ногузир ба «мурдан» оғоз мекунад. Мо намедонем, ки чӣ тавр ва бо кадом роҳ, аммо мо медонем, ки онҳо мемиранд. Бо марги онҳо давлат низ мемирад»[215].

Дар баробари ин таҷрибаи чандинасраи инсоният гувоҳӣ он аст, ки ҷиноят ҳамсафари абадии инсон мебошад. Тавре, А. Костенко дуруст таъкид мекунад, «ягон тамаддун бидуни имкони мавҷудияти неку бад ва аз ин рӯ бидуни ҷиноят рушд наёфтааст»[216].

Нақши криминология дар омӯзиши сабабҳои ҷиноят бузург аст. Дар ин бобат мавқеи Е. Раска тааъҷубовар мебошад, ба андешаи ӯ «барои мақсаднок таъсир расондан ба ҳолат ва сохти ҷинояткорӣ на ҳамеша тасавуроти равшан, пурра ва мукаммал доштан оид ба механизми сабабҳои он зарур аст» ва «барои ҳалли масъалаҳои амалии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, мо аз вобастагии функсионалии дар сатҳи донишҳои эмпирикӣ муқарраршуда байни ҷинояткорӣ ва шароити иҷтимоие, ки боиси он мегардад, комилан қаноатмандем[217].

---

[215] Ленин В.И. Полн. собр. соч. Т. 33. – М., 1969. – С. 91.
[216] Костенко А. Криминальный произвол. – Киев: Наукова думка, 1990. – С. 3.
[217] Ниг.: Раска Э.Э. Борьба с преступностью и социальное управление. Теоретические и методический аспекты. – Таллин: Эести раамат, 1985. – С. 33.

Бо чунин изҳорот розӣ шудан мумкин нест, зеро бе дониши аниқи «механизмҳои сабаб» оид ба детерминантҳои криминологӣ ба таври ҷиддӣ сухан рондан мумкин нест. Дар ин бобат В.В Орехов дуруст қайд менамояд, ки барои ошкор намудани сабабҳои асосии ҷинояткорӣ бояд сохти иҷтимоию иҷтисодии ҷамъият ҳамчун нуктаи ибтидоӣ таҳқиқ карда шавад[218].

Содир намудани ҷиноят ихтилофи байни шахс ва ҷомеаро ифода мекунад. Дар ин сурат сабабҳои онро дар ниҳояти кор танҳо зиддиятҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд оварда метавонанд. Шубҳае нест, ки сабабҳои бевоситаи субъективии ҷиноят бо сабабҳоии объективӣ–зиддиятҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоянд[219].

Афзоиши ҷиноятҳо бо сабабҳои дар ҷомеа мавҷудбуда асос ёфтааст. Дар баробари ин хусусияти зерини ҷиноятро қайд намудан зарур аст: ҷиноят дар навбати худ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири мутақобила расонида метавонад.

Мавриди зикр аст, ки дар адабиёти илмӣ вобаста ба сабабҳои содир гардидани ҷинояткорӣ мафҳумҳои зиёд мавҷуд мебошанд. Бо мафҳуми васеъ сабабҳои ҷинояткорӣ ҳамчун маҷмуи зуҳуроти ҳаёти ҷамъиятие фаҳмида мешавад, ки ба вуҷуд омадани ҷиноят, инчунин боиси афзоиш ё камшавии он мегарданд.

Ба ғайр аз сабабҳои ҷинояткорӣ, мафҳуми шароитҳоро низ қайд намудан зарур аст, ба содир намудани ҷиноят мусоидат мекунанд. Ба инҳо омилҳои табиӣ ва иҷтимоӣ ё техникӣ дохил мешаванд. Шароитҳо чунин падидаҳое мебошанд, ки бевосита ҷиноят ва ҷинояткориро ба вуҷуд намеоваранд, аммо ба ташаккул ва амалишавӣ сабаб мусоидат мекунанд, ба он шиддат мебахшанд[220]. Аммо шароиту сабабҳо баъзан ба ҷои якдигар

---

[218] Ниг.: Орехов В.В. Социальное планирование и вопросы борьбы с преступностью. – Л., 1972. – С. 21–23; Антонян Ю.М. Причины преступного поведения. – М., 1992. – С. 94.
[219] Ниг.: Яковлев А.М. Социология экономической преступности. – М., 1988. – С. 86.
[220] Ниг.: Криминология / Под редакцией Н.Ф. Кузнецовой и Г.М. Миньковского. – М., Издательство МГУ, 1994. – С. 173.

истифода мегарданд, ҳамон як ҳодиса дар баъзе мавридҳо сабаби ҷиноят шуда бошад, дар дигар мавридҳо танҳо ба он мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, сабабу шароитҳои ҷинояткорӣ низоми падидаҳои барои ҷамъият манфие мебошанд, ки оқибати ҷиноятро муайян мекунанд. Сабабу шароити ҷинояткорӣ аз рӯйи пайдоиш ва моҳият хусусияти иҷтимои дошта, маҷмуи зиддиятҳои иҷтимоии ҷамъиятро ифода менамоянд. Тибқи он хусусияти оқибатҳои ба вуҷудовардаи онҳо низ – ҷинояткории иҷтимоӣ мебошад.

Шароит худ аз худ сабаби ҷинояткорӣ шуда наметавонад. Аммо, бе онҳо бавуҷудоӣ ва амалишавии сабабҳои ҷиноят ғайриимкон мебошанд. Сабабҳо асосан мазмуни иҷтимоию психологӣ доранд, дар ҳоле ки шароитҳо дорои мазмуни иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва ғайра мебошанд.

Мо ақидаи олимонеро ҷонибдорӣ менамоем, ки тибқи он дар марҳилаи муосири рушди ҷамъият, бархурди манфиатҳои соҳибмулкони нав тезутунд мегарданд, зеро ҳуқуқҳои моликони амволи хусусиро ҳамаҷониба қонун таъмин намуда, баъзан манфиатҳои аҳолие ба назар гирифта намешаванд, ки ба кори кироя машғул мебошанд[221]. Ҳатто М. Гернет таъкид намуда буд, ки сабабҳои ҷинояткорӣ бо таъсиси моликияти хусусӣ робитаи наздик доранд[222]. Мувофиқи нуқтаи назари Н.Ф. Кузнецова ва И. Карпет сабабҳои ҷинояткорӣ «маҷмуи омилҳои манфии иқтисодӣ, идеологӣ, маданию тарбиявӣ, ташкилию идоракунӣ, иҷтимоию психологӣ мебошанд, ки боиси содир шудани ҷиноят мегарданд»[223].

Сабаби кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ хусусияти объективӣ доранд, ҳамзамон онҳо на танҳо аз омилҳои объективӣ, балки аз омилҳои

---

[221] Ниг.: Гернет М. Преступление и борьба с ним в связи с эволюцией общества. – М., 1916. – С. 421. Кузнецова Н.Ф. Проблемы криминологической детерминации. – М., 1984. – С. 32; Карпец И.И. Проблемы преступности. – М.: Юрид, лит., 1970. – С. 47.

[222] Ниг.: Гернет М. Преступление и борьба с ним в связи с эволюцией общества. – М., 1916. – С. 421; Кузнецова Н.Ф. Проблемы криминологической детерминации. – М., 1984. – С. 32; Карпец И.И. Проблемы преступности. – М.: Юрид, лит., 1970. – С. 47.

[223] Кузнецова Н.Ф. Проблемы криминологической детерминации. – М., 1984. – С. 32; Карпец И.И. Проблемы преступности. – М.: Юрид, лит., 1970. – С. 47.

субъективӣ низ ба амал омада метавонанд. Масалан, шароити иқтисодӣ, ба ақидаи М. Бабаева ва А. Шляпочников, – асосан имкониятҳо ва маҳдудияти объективиеро, ки дар онҳо омилҳои «дигар» (идеологӣ ва сотсиалию маданӣ) ба шахсият таъсир мерасонанд, пешакӣ муайян мекунанд. Бинобар ин, шароити номусоиди иқтисодие, ки дар шуури ҷамъиятӣ ва шахсӣ зоҳир мегардад, на танҳо ба яке аз «сарчашмаҳо»–и рафтори зиддиҷамъиятӣ табдил меёбад, балки дар сатҳи фардӣ зоҳир мегардад.

Сабабҳои муосири ҷинояткориро таҳлил намуда В.Н. Кудрявцев ба онҳо кам гардидани истеҳсолот, озод гардидани нарх, озодии робитаҳои иҷтисодии беруна, озодии савдо, спекулятсия, аз ҷумла муомилоти асъор, инчунин камбизоат гардидани кисми аҳолиро дохил менамояд[224]. Ин равандҳо бо ҷинояти ғоратгарӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ зич алоқаманданд. Ҳамин тавр, ҷиноят ҷузъи ҷудонашавандаи ҳар як ҷомеаи инсонӣ мебошад. Аз ин рӯ, саъю кӯшиши ҷомеа ва нерӯйи зеҳнии он пеш аз ҳама, бояд ба кам намудани сатҳи ҷинояткорӣ тавассути таъсири ҳамаҷониба ба он равона карда шавад. Дар ин самт, дар адабиётӣ илмӣ инкишоф додани низоми назорати ҷамъиятӣ аз болои ҷинояткорӣ ва дар амал татбиқ намудани он қайд мегардад[225].

Н.А. Стручков сабабҳои умумӣ ва сабабҳои махсуси содир гардидани ҷиноятҳои алоҳидаро таҳлил намуда ақидаеро асоснок менамояд, ки тибқи он ҷиноят ва ҷинояткорӣ ҳодисаҳои сифатан гуногун мебошанд, гарчанде ки онҳо аз ҷиҳати функсионалӣ бо ҳам алоқаманданд. Сабабҳои ҷиноят ва сабабҳои ҷиноятҳои мушаххас новобаста аз якдигар вуҷуд доранд[226].

Сабабҳои ҷиноят ба маънои васеъ, тавре М. Шаргородскиӣ қайд менамояд – ҳамаи он шароитҳоеро ҳисобидан мумкин аст, ки бе онҳо ҷиноят ба вуҷуд омада наметавонист ва вуҷуд дошта наметавонад. Аммо

---

[224] Ниг.: Кудрявцев В.Н. Контроль над преступностью. Круглый стол / // Государство и право. – М., 1993. – №10. – С. 59.
[225] Ниг.: Стручков Н.А. Вступительная статья в кн. Э. Бухгольца, Дж. Лекшаса, Р. Хартмана. Социологическая криминология. – М., 1975 – С. 15 – 16.
[226] Ниг.: Михайловская И.Б. Соотношение преступления и преступности. – М., 1981. – С. 13.

на ҳамаи ин ҳолатҳо як нақшро иҷро мекунанд. Агар баъзеи онҳо танҳо имкони воқеии ангезаҳои ҷиноятиро ба вуҷуд оваранд, дигарон ин имконро ба воқеият табдил медиҳанд. Аз ин рӯ, аввалро бояд шарт ва дувумиро сабаб донист. Сабабҳои ҷиноят, ба монанди сабабҳои умумӣ, он қувваҳои фаъоле мебошанд, ки бо амали худ боиси мавҷудияти ҷинояткорӣ мегарданд. Аз ин рӯ, сабабҳои ҷинояткории мушаххас ҳамон қувваҳои фаъоле мебошанд, ки дар субъектҳо барои содир намудани он манфиатҳо ва ангезаҳо пайдо мекунанд[227].

Ҳамин тавр, бо назардошти гуфтаҳои боло, бояд сабабҳои умумӣ ва сабабҳои мушаххаси ҷинояти ғоратгариро ҷудо намудан мумкин аст. Сабаб ва шароити содиршавии ҷиноятҳои мушаххас инҳо мебошанд:

а) муҳити носозгорӣ ё эҳтиёҷот, манфиатҳо, самтҳои арзишии шахс, ки асоси ангезаи криминогенӣ мегарданд;

б) ангезаи криминогенӣ;

в) ҳолатҳое, ки шахс дар раванди зиндагӣ ва бевосита дар ҷараёни содир намудани ҷиноят қарор дорад ва ба пайдоиш ва амалӣ гардидани ангезаи криминогенӣ дар рафтор мусоидат мекунад (шароитҳое, ки боиси содир намудани ҷиноятҳои мушаххас мегардад).

Ба андешаи А.И. Долгова, маҷмӯи сабабҳо ва шароити ҷинояткории зӯроваронаи муосир омилҳои муҳимтарини зеринро дар бар мегирад: мушкилоти демографӣ, бекорӣ, муҳоҷират, афзоиши қочоқи силоҳ, беэътиноӣ ба кӯдакон, майзадагӣ ва нашъамандӣ, мушкилоти оилавӣ ва ғайра[228].

Бо назардошти он, ки таҳқиқот ба ғоратгарӣ бахшида шудааст, аксари онҳо бо зӯроварӣ содир мешаванд, маҷмуи сабабҳои онҳоро аз ҷиҳати зӯроварии муфассалтар баррасӣ намудан зарур аст. Бояд қайд намуд, ки дар адабиёти илмӣ масъалаи муайян намудани ҷиноятҳои ғаразнок ва

---

[227] Ниг.: Шаргородский М.Д. Преступность, ее причины и условия в социалистическом обществе / Преступность и ее предупреждение. – Л., 1966. – С. 30; Агыбаев А.Н. Уголовная ответственность за должностные злоупотребления в Республике Казахстан. – Алматы: «Жети жаргы», 1995. – С. 115.

[228] Ниг.: Преступность и реформы в России / Под ред. А.И. Долговой. – М., 1998. – С. 72.

зӯроварӣ ба қадри кофӣ баррасӣ нашудааст. Бинобар ин низоми чораҳои самарабахши пешгирӣ намудани ғоратгарӣ то ҳол коркард гардида истодаанд.

Маҷмӯи сабабҳои ҷинояткории муосирро пеш аз ҳама бо ихтилофҳои дохилӣ ва берунии рушди ҷомеаи дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ қарор дошта шарҳ додан мумкин аст. Дар сатҳи тамоми ҷамъият, сабабҳоии асосии ғоратгарӣ асосан аз рӯйи низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ муайян карда мешавад.

Ғоратгарӣ ба ҷинояти бо низоми муайяни муносибатҳои моликиятӣ таҷовузкунанда алоқаманд аст. Ба хусусияти сабабҳои соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ (ташаккули сиёсати давлатӣ, мафҳумҳо оид ба моликият; фаъолияти амалии давлат дар самти моликият; муборизаи бевосита ба муқобили таҷовуз ба моликияти шахсони дигар, аз ҷумла пешгирии он) таъсир мерасонад. Ба ғайр аз ин, ба ин раванди бевосита ва бавосита инчунин вазъиятҳои таърихи халқу давлат, монанди давомнокии наслҳо, устувории психологияи иҷтимоӣ нисбат ба моликияти хусусӣ, урфу одатҳои вобаста ба муносибат ба моликияти дигарон таъсир мерасонанд[229].

Вобаста ба сабабу шароитҳои ғоратгарӣ, инчунин ҷузъҳои таркибии онҳо дар байни олимон андешаҳои зиёд вуҷуд доранд. Ҳамин тавр, бештари муҳаққиқон ин низомро ҷудо накарда, дар асарҳои худ танҳо падидаҳои умумии самти иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва ахлоқӣ–психологии ҷинояткориро тавсиф мекунанд[230]. Бо вуҷуди ин, баъзе олимон то ҳол омилҳои криминогении ҷиноятҳои ғаразнокро ба як низоми муайян гурӯҳбандӣ мекунанд. Масалан, Б.М. Головкин инҳоро чунин муайян менамоянд:

1) Муайянкунандаҳои макромуҳити зист, ки зиддиятҳоро дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, ахлоқию равонӣ, ташкилию

---

[229] Ниг.: Криминология: Учебник для юридических вузов / Под общ. ред. А.И. Долговой. – М.: НОРМА, 1999. – С. 469 – 471.

[230] Ниг.: Криминология: учебник для вузов / Под общ. ред. А.И. Долговой. 2–е изд., перераб, и доп. – Москва: Издательство НОРМА, 2002. – С. 527–532.

идоракунӣ, маишӣ ва истироҳат, варзиш ва тандурустии ҳаёти ҷамъиятӣ дар бар мегиранд;

2) Муайянкунандаҳои микромуҳити зист, ки ба онҳо чунин зуҳурот дахл дорад, аз қабили – саъӣ ва интизориҳо барои узвият ба гурӯҳҳои криминогенӣ, тарзи ҳаёти коллективии гурӯҳҳои криминогенӣ, далелҳои ҷинояткорӣ ва арзишҳои зерфарҳангӣ ва меъёрҳои рафтори чунин гурӯҳҳо;

3) Муайянкунандаҳои виктимологӣ ва вазъиятӣ.

Тавре Н.Ф. Кузнетсова қайд менамояд, омӯзиши рафтори ҷиноятӣ ва сарчашмаҳои он дар се сатҳ – умумӣ, махсус ва инфиродӣ бояд сурат гиранд. Ҳангоми омӯзиши сабабҳои ҷинояткорӣ дар сатҳҳои умумӣ (ҷинояткории умумӣ), махсус (намудҳои мушаххаси ҷиноятҳо) ва дар сатҳи инфиродӣ, кирдорҳои мушаххаси ҷиноятии шахсони алоҳида ҷудо карда мешаванд[231]. Дар сатҳи умумӣ, ғоратгарӣ бо ҳамон омилҳои криминогенӣ, ки нисбат ба дигар намудҳои ҷиноятҳо истифода мегарданд, муайян карда мешаванд.

Дар асоси таҳлили асарҳои илмӣ оид ба сабабҳо ва шароитҳои ҷинояткорӣ дар умум ва аз ҷумла марбут ба намудҳои мушахаси ҷиноятҳо, низоми сабабҳо ва шароитҳои ғоратгариро таҳлил намуда қайд намудан зарур аст, ки ин низом чунин унсурҳоро дар бар мегирад:

1) Сабабҳои умумии ғоратгарӣ (иҷтимоию иқтисодӣ, иҷтимоӣ–фарҳангӣ) ва махсуси ғоратгарӣ (ахлоқию равонӣ, фарҳангию тарбиявӣ, фарҳангию идологӣ) ҷудо мешаванд;

2) Шароитҳое, ки ба содир намудани ҷинояти ғоратгарӣ мусоидат мекунанд, (шароити номусоиди ташаккули шахсият, шароите, ки ба ноил шудан ба натиҷаи ҷиноятӣ мусоидат мекунанд).

Ба сабабҳои умумие, ки ба содир намудани ғоратгарӣ мусоидат мекунанд чунинанд:

а*) сабабҳои иҷтимоӣ–иқтисоди*:

---

[231] Ниг.: Кузнєцова Н.Ф. Проблемы криминологической детерминации / Под ред. В.Н. Кудрявцева. М., – Изд–во Моск. ун–та, 1984. – С. 52.

1) Таназзули истеҳсолот, кам будани ҷой кор, афзоиши нобаробарии сатҳи некуаҳволии моддии табақаҳои гуногуни ҷомеа. Тибқи маълумоти оморӣ, дар соли 2021 дар миёни афроде, ки даст ба ғоратгарӣ задаанд (111 нафар) мутаносибан 96,1% шахсони қобили меҳнат ҳастанд, ки дар ҳеҷ ҷо кор ва таҳсил намекунанд[232]. Тавре А.А. Курашвили дуруст қайд менамояд, «дар байни онҳое, ки ҷиноятҳои ғоратгариро содир мекунанд, паразитҳо ва оворагони зиёде ҳастанд, ки муддати дароз кор намекунанд ва ё гоҳ–гоҳ кор мекунанд»[233]. Мавриди зикр аст, ки айни замон дар кишвари мо сатҳи камбизоатӣ баланд мебошад[234]. Афзоиши шумораи оилаҳои камбизоат, бекорон, сатҳи баланди беқурбшавӣ сабаби ғайримкон гардидан ба таври қонунӣ қонеъ намудани талаботи моддии қисми зиёди аҳолӣ мегардад[235].

2) Надоштани машғулияти муайян ва ҷои кор. Масалан, аз руйи маълумотҳои дастраснамудаи мо дар соли 2020 131 ҷиноятҳои ғоратгарӣ ба қайд гирифта шудааст, 125 нафар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудааст, ки аз ин шумора 124 нафар ҷойи кори доимӣ надорад, дар соли 2021 бошад, аз шумораи умумии шахсони барои ғоратгарӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда, ки 107 нафарро ташкил медиҳанд, танҳо 2 нафар ҷойи кори доими дорад[236].

Сабабҳои иҷтимоию фарҳангӣ:

1) Паст будани фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон. Дар кишвари мо дараҷаи маълумотнокии ҳуқуқӣ хеле паст аст. Аксари шаҳрвандони мо аз ҳуқуқу уҳдадориҳои дар қонун пешбинишуда бехабаранд. Чунин камбудӣ дар тарбияи ҳуқуқӣ ва пеш аз ҳама, сиёсати давлатӣ дар ин соҳа ба амал

---

[232] Ниг.: Маълумот дар асоси мактуби Сармаркази иттилоотӣ – таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз16.03.2022, таҳти №02/632–03.

[233] Курашвили А.А. Криминологические основы предупреждения органами внутренних дел грабежей и разбоев, посягающих на личную собственность граждан: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 1987. – С. 12.

[234] Ниг.: Всемирный Банк. Бедност в Таджикистане [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.vsemirnyjbank.org/ru/news/ infographic /2021/10/15 / poverty–in–tajikistan–2021 (дата обращение: 10.10.2022).

[235] Ниг.: Криминология: Учебник для юридических вузов / Под ред. В.Н. Бурлакова, В.П. Сальнинова. – СПб.: Санкт–Петербургская академия МВД России, 1998. – С. 256.

[236] Ниг.: Маълумот дар асоси мактуби Сармаркази иттилоотӣ – таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.03.2022, таҳти №02/632–03.

меояд. Ҷавонон аз солҳои мактабхонӣ ба қадри кифоя оид ба асосҳои ҳуқуқӣ тайёрӣ намебинанд. Чунин муносибат ба қонун дар доираи оилае ба вуҷуд омада метавонад, ки дар он волидайн бо рафтори худ, яъне муносибати манфӣ нисбат ба қонун ва паст будани маданияти ҳуқуқиро нишон медиҳанд. Ҳолатҳои риоя нагардидани қонун, ба андешаи мо, оқибати бевоситаи паҳншавии ҷинояткориро ба вуҷуд меоранд. Аз ин рӯ, дар робита бо сабабҳои ғоратгарӣ ин падида дар мадди аввал меистад. Чунин омили мустақил, тоқатнопазирии афкори ҷамъиятӣ нисбат ба ҳолатҳои гуногуни ғоратгариро ба вуҷуд меорад. Самти дурусти шуури ҷамъиятӣ, тарбия, ташаккули шуури ҳуқуқӣ омили муҳимми зиддиҷиноятӣ буда, самти дигари пешгирии махсуси ҷиноятҳои баррасишавандаро нишон медиҳад.

2) Майзадагӣ ва нашъамандӣ. Вақтҳои охир аз тарафи як қисми аҳолӣ фаъолона истеъмоли машрубот ва нашъамандӣ мушоҳида карда мешавад. Манзараи истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ аз ҷониби ҷавонон хеле маъмул гаштааст, зеро ба андешаи онҳо ин ба эътиқоди аксари ҷавонон, эътибори онҳоро дар байни ҳамсолон ва аъзои як гурӯҳи муайян афзоиш медиҳад. Истифодаи маводи мухаддир то андозае камтар ба назар мерасад, пеш аз ҳама бинобар сабаби дастнорасӣ ва арзиши баланд доштан. Аммо дар мамлакати мо шумораи нашъамандон низ хеле зиёд аст. Ҳиссаи ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳое, ки дар ҳолати мастӣ ва нашъамандӣ содир шудаанд, хеле назаррас мебошад. Аз парвандаҳои марбут ба ғоратгарӣ, ки мавриди омӯзиши мо қарор гирифта буд (зиёда аз 200 парванда) маълум гардид, ки тақрибан дар 25% онҳо содир гардидани ғоратгарӣ дар ҳолатӣ мастӣ, яъне пас аз истеъмоли нушокиҳои спиртӣ содир шудааст[237]. Масалан, Д., санаи 22 – юми ноябри соли 2018–ум тахминан соати 18:30 дақиқа ҳангоми дар ҳолати мастӣ қарор доштанаш бо мақсади ғоратгарӣ, яъне ошкоро тасарруф намудани молу мулки ғайр,

[237] Ниг.: Маълумотномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омӯзиш ва ҷамбасти амалияи судӣ оидба парвандаҳои вобаста ба «Ҷиноятӣ ғоратгарӣ»«, ки аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣдар соли 2017 то соли 2021 баррасӣ шудаанд.

ҳангоми дар суроғаи ш. Душанбе н. Шоҳмансур, кӯчаи Теппаҳои Шарқи 4 – ум квартал қарор доштанаш, нисбати шаҳрванд О., зуровари намуда аз фурсати муносиб истифода бурда аз дасти шаҳрванд О., дидаю дониста телефони мобилияшро, ки тамғаи «Айфон 5–С» арзишаш 900 сомонӣ мебошад, ошкоро тасарруф намуда аз ҷойи ҳодиса ғайб зада, сипас далели шайъии бо тариқи ҷиноят ба даст овардаашро ҳамон шаб ба як қаҳвахона воқеъ дар назди бозори Роҳи оҳани Тоҷикистон бурда ба шаҳрванд И. ба маблағи 200 сомонӣ фурӯхта бо маблағи бадастовардааш нӯшокиҳои спиртӣ харидори намуда истеъмол намудааст, ки дар натиҷа ба ҷабрдида О. зарари ҷиддӣ расонидааст[238].

4) Мушкилотҳои оилавӣ ва хоҷагӣ. Тадқиқотҳои криминологӣ нишон медиҳанд, ки беш аз нисфи ҷиноятқороне, ки ҷинояти ғоратгариро содир кардаанд, муҷаррад мебошанд. Ин ба он далел аст, ки издивоҷ ва оила дорои потенсиали бузурги ахлоқӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Баръакс, муносибатҳои манфӣ байни волидон, оилаҳои нопурра, сатҳи пасти муносибатҳои фарҳангӣ дар оила; усулҳои барҷастаи авторитарии тарбия бо унсурҳои зӯроварӣ – ҳамаи ин, албатта, ба ташаккули шахсияти инсон таъсири манфӣ мерасонад.

Сабабҳои махсуси содир гардидани ҷиноятӣ ғоратгарӣ инҳо мебошанд:

1) сабабҳои ахлоқӣ–равонӣ, ки аз чунин андешаҳо ва одатҳои зидди ҷамъиятии ҷинояткор, ба монанди муфтхӯрӣ, худхоҳӣ, ки (дар баъзе мавридҳо) бо таҷовузкорӣ, сабукдӯшӣ, ҳасад, майзадагӣ, нашъамандӣ, қиморбозӣ ва ғайраро дар бар мегиранд. Муфтхӯрӣ ҳамчун майли доимӣ надоштан ба кори ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад. Чун қоида, муфтхурӣ ба одамоне хос аст, ки аз кӯдакӣ ба айшу ишрат одат кардаанд ва кор кардан намехоҳанд. Аммо омилҳои дигаре, ки муфтхӯрӣ мусоидат менамоянд, мумкин аст аз майл надоштан ба меҳнат байни ҷавонон, ҷустуҷӯи роҳҳои ғайриқонунии даромад ва бо роҳи осон ва зуд бой шудан, ба роҳ мондани

[238] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1–34/2019 // Бойгонии Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе. – Соли 2019.

тарзи ҳаёти зидди ҷамъиятӣ вобаста бошад. Шумораи зиёди ин гуна шахсон, танҳо дар ҷиноят роҳи кӯтоҳтарини ба даст овардани некуаҳволии моддии худро мебинанд.

2) Ба сабабҳои бевоситаи (махсус) ғоратгарӣ омилҳои фарҳангию тарбиявӣ низ дохил мешаванд. Чи тавре ки амалия нишон медиҳад, аксарияти ҷиноятқорон дараҷаи пасти инкишофи маданият ва чунин хислатҳо доранд: даҒалӣ, бераҳмӣ, беҳурматӣ нисбат ба шахс ва ҳуқуқи моликияти ӯ, беҳаёӣ ва ғайра.

Сабабҳои навбатие, ки ба рушди ҷиноятҳои ғаразнок махсусан ғоратгарӣ бевосита таъсир мерасонад, фарҳангӣ ва идеологӣ мебошад. Моҳияти он аз таблиғи аз ҳад зиёд ва беназоратӣ зӯроварӣ тавассути воситаҳои ахбори омма иборат аст.

Пахши доимии филму намоишҳои телевизионӣ, ки пур аз матолиби манфӣ доранд (куштор, зӯроварӣ ҳамчун воситаи ба даст овардани арзишҳои моддӣ, сухани фаҳш ва ғайра) албатта ба ташаккули сифатҳои шахсӣ, бахусус наврасон таъсир мерасонад. Ин омили бевоситаи ташаккули ҳавасмандии ҷиноятқори оянда барои пайравӣ аз «қаҳрамонон»–и филмҳои дӯстдоштаашон мебошад. Яъне, паҳншавии умумии фарҳанги ҷиноятӣ вуҷуд дорад. Дараҷаи пасти ташвиқоти идеявии қонуният ва ҳеҷангории ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ камтарин омили ғоратгарӣ мегардад. Нафаре, ки нисбат қонун беэътиноӣ мекунад, дер ё зуд онро вайрон мекунад. Дар ин маврид ғоратгарони ҷавон хадди чизеро, ки қонун иҷозат додааст, ҳис намекунанд ва ба беҷазо мондани худ пешакӣ боварӣ доранд.

Ба шароите, ки барои содир намудани ғоратгарӣ ва таҷовузҳои ғоратгарӣ мувофиқ мебошанд, тавре дар адабиёт қайд мегардад, «шароитҳои объективии ҷиноят дар ду самт зоҳир мешаванд. Якум, дар вақти содир намудани ҷиноят ё бевосита пеш аз содир шудани он пайдо мешаванд, дуюм, дар ташаккули сифатҳои шахсӣ дар ташаккули шахсият нақши ҳалкунанда мебозанд» Ҳамин тавр, шароитҳои ҷиноят ду намуд

мебошад: а) шароити ташаккули ахлоқи номусоиди шахсият; б) шароите, ки барои ноил шудан ба натиҷаи ҷиноятӣ мусоидат мекунад.

Ба навъи якум хосиятҳои ирсии ҳар як шахс, яъне он сифатҳое дохил мешаванд, ки ба кӯдак аз волидон ба таври меросӣ мондаанд. Ба инҳо бемориҳои муайяни руҳӣ, психосоматикӣ, асабӣ ва дигар бемориҳои ирсӣ, инчунин майзадагӣ ва нашъамандӣ дохил мешаванд. Ин омилҳо ба ташаккули шахсияти ҷинояткор таъсири калон мерасонанд, зеро дар аксари ҳолатҳо чунин бемориҳои шадиди психоневрологӣ ирсӣ мешаванд.

Аз ин рӯ, омӯзиши ҷинояткори эҳтимолӣ, имкон медиҳад, ки майли ӯ ба намудҳои муайяни рафтор, аз ҷумла ҷинояткорӣ муайян карда шавад. Инчунин зарур аст, ки раванди ташаккул ва инкишофи шахсияти ҷинояткор: муайян кардани шароите, ки кӯдак дар он таваллуд ва ба воя расидааст; муносибат дар оила; вазъи молиявии оила; фароғат; мактаб; фаъолияти меҳнатӣ ва дигар омилҳое, ки ба тарбия ва ташаккули инсон бевосита таъсир мерасонанд омӯхта шаванд.

Сабаби дигари содир кардани ғоратгарӣ назорати нокифояи мақомоти дахлдор аз болои шахсоне мебошад, ки ба чунин кирдорҳо майл доранд. Сухан дар бораи назорат аз болои шахсоне, ки ҷазоро бе маҳрум кардан аз озодӣ адо мекунанд ва ба ҷамъият мутобиқ шудани онҳо меравад. Дар натиҷа ин гуна шахсон, чун қоида ҷиноятҳои нави вазнинтар содир менамоянд.

Байни шароитҳое, ки ба ғоратгарӣ мусоидат мекунанд, инчунин набудани воситаҳои алоҳидаи ташкилию техникиро кайд кардан лозим аст, ки ба муборизa ва пешгирӣ кардани ин гуна ҷиноятҳо мусоидат мекунанд. Бо дарназардошти он, ки аксари ин ҷиноятҳо дар тангкӯчаҳо кӯчаву маҳаллаҳо дар торикӣ сурат мегиранд, зарурати беҳбуди таҷҳизоти ин минтақаҳо, аз ҷумла равшании мувофиқ мавҷуд аст.

Тавре Б.С. Беззуб дуруст қайд менанамояд «дар мавриди шабона содир гардидани ғоратгарӣ ба ҷинояткорон дар бештари ҳолатҳо – ҷойҳои

торикӣ, равшании нокофии кӯчаҳо, боғҳо, майдонҳо истифода мебурданд»[239]. Ҳамин тавр, шаби 04–уми ноябри соли 2020, тахминан соати 20:30, дақиқа, А., бо мақсади ғоратгарӣ, яъне ошкоро тассаруф кардани молу мулки ғайр, ҳангоми дар суроғаи шаҳри Душанбе кӯчаи Ҳаёти Нав қарор доштанаш, ба шаҳрванд Б., дарафтода, номбурдаро дар назди канали обгузари Ҳисор бе ягон асос мавриди лату куб карор дода, бо истифодаи зӯроварӣ аз ӯ як адад телефони мобилии Тамғаи «Редмӣ А–8» рангаш сиёҳ арзишаш 2500 сомонӣ ва маблағи нақд ба миқдори 200 сомониро ошкоро тасаруф намуда аз ҷойи ҳодиса ғайб мезанад, ки дар натиҷа бо ин кирдорҳои бадқасдонааш ба шаҳрванд Б., ҷамъ ба маблағи умумии 2700 сомонӣ зарари ҷиддӣ расонидаанд. Мувофиқи хулосаи суди–тиббӣ таҳти №7268 аз 19.11.2020 ҷароҳатҳои ҷисмонии бадани шаҳрванд Б., дар намуди харошаҳо ва хуномос ҳамчун ҷароҳатҳо бо расонидани зарар ба саломатӣ ҳамбастагӣ надошта мансуб дониста мешаванд[240].

Камбудиҳои ташкилию техникии ҷойҳои ҷамъиятиро низ қайд намудан зарур аст, ки дар набудани системаҳои муҳофизатӣ ва назорати видеоӣ дар биноҳои давлатӣ, аз ҷумла бонкҳо, муассисаҳои молиявӣ, мағозаҳои металлҳои қиматбаҳо ва ғайраҳо зоҳир мегардад. Мавҷуд набудани чунин системаҳои амниятӣ ва назорати видеоӣ яке аз норасоии асосии таъмини дахлнопазирии моликият ва биноҳо ба шумор меравад. Мутаассифона, бештари анборҳо, манзилҳои шахсӣ ва дигар иншоотҳо то имрӯз бо чунин васоитҳо ҷиҳозонида нашудаанд. Дар баъзе мавридҳо ҳатто ҷиноятқорон ба чунин биноҳо дастрасии бемонеа доштаанд. Яъне, соҳибон ё истиқоматкунандагони манзил ё дигар биноҳо дару тирезаҳоеро, ки бо панҷара муҷаҳҳаз нагардидаанд, кушода мемонанд, ки ин дастрасии ғоратгаронро ба объекти таҷовуз осон менамояд.

---

[239] Беззуб Б.С. Уголовная ответственность за кражу и грабеж личного имущества. (на материалах УССР): автореф. дис. ... канд. юрид. наук / АН УССР; Объединенный совет ин–та философии и права. – Киев, 1970. – 21 с. – С. 6.

[240] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1–54/21 // Бойгонии суди шаҳри Душанбе. – Соли 202.

Дар низоми ҳолатҳое, ки ба содир намудани ғоратгарӣ мусоидат мекунанд, ба ҳодисаҳо ва равандҳо, ки дар сатҳи гуруҳҳои иҷтимоии гуногун амал мекунанд (масалан, корхонаи алоҳида, фабрика, микрорайон, ва ғайра) бояд аҳаммият дода шавад. Ҳодисаҳо ва равандҳои криминогенӣ. Онҳо ҳамчун звенои мустакил дар низоми мураккаби сабабҳои ғоратгарӣ баромад карда, дар айни замон барои ташаккули ҳолатҳое, ки рафтори ҷиноятиро муайян мекунанд, асос мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки пешгирии самараноки ҷиноятҳо танҳо дар сурате имконпазир мебошад, ки агар таваҷҷуҳи зарурӣ ҳангоми таҳлил ба шахсияти ҷинояткор равона карда шавад, зеро маҳз шахсияти ҷинояткор барандаи сабабҳои содир гардидани ҷиноят мебошад. Таҳқиқоти криминологии шахсияти чинояткор асосан бо мақсади муайянсозии хислатҳо ва аломатҳои ӯ, ки сабаби рафтори ҷиноятӣ гардидааст, бо мақсади пешгирии ҷинояткорӣ гузаронида мешавад. Омӯзиши шахсияти ҷинояткор аз он ҷихат муҳим мебошад, ки хусусиятҳои криминологии он ибтидои буда, онҳо сарчашма ва сабаби субъективии кирдорҳои ҷинояти мебошанд.

Шахсияти ҷинояткор таносуби хосиятҳое мебошад, ки вайронкунандаи меъёри ҳуқуқи ҷиноятиро тавсиф мекунанд. Шахсияти ҷинояткорро гурӯҳи зерини аломатҳои дар криминология маъмултарин ташаккул медиҳанд: иҷтимоӣ–биологӣ (ҷинс, синну сол, мансубияти этникӣ); нақши иҷтимоӣ (касб, шаҳрвандӣ, вазъи оилавӣ, қобилияти корӣ); ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ (мавҷудияти доғи судӣ, рецидивисти махсусан хавфнок ва ғ.); ахлоқию равонӣ (муносибат ба риояи манъи қонуни ҷиноятӣ, муносибат ба дин); физиологӣ (мавҷудияти беморӣ, хусусиятҳои ҳолати ҷисмонӣ); дигар гурӯҳҳои аҳаммиятноки якхелаи хосиятҳо ва муносибатҳо.

Хусусиятҳои криминологии шахсоне, ки ҷинояти ғоратгариро содир мекунанд, аз рӯйи ҷинс, синну сол, ҷойи истқомат, вазъи оилавӣ, машғулият, вазъи иҷтимоӣ, маълумот ва баъзе аломатҳои дигар аҳаммияти

амалӣ дорад. Маълумот дар бораи шахсияти ҷинояткор дар асоси парвандаҳои ҷиноятӣ омӯхта мешавад.

Тибқи омори ҷиноятӣ, аксари ҷиноятҳоро мардон содир мекунанд.



Мутаносибан, ҷинояткорони ғоратгарӣ, чун қоида, мардон (то 95%) содир менамоянд. Аммо дар солҳои охир ҷиноятҳои занон низ афзоиш ёфта истодааст[241].

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки байни сокинони Тоҷикистон, ки ба ғоратгарӣ даст мезананд, аксарияти кулли онҳоро мардон ташкил медиҳанд. Занони тоҷик хеле кам ба ғоратгарӣ даст мезананд ва агар чунин ҳодисаҳо сабт шаванд, маъмулан дар ҳамдастӣ бо мардон даст ба ғоратгарӣ мезананд. Ҳамин тавр, дар соли 2021 аз 111 шахсони ошкоргардида, ки ҷинояти ғоратгарӣ содир намудаанд, ҳамагӣ 6



[241] Ниг.: Маълумот дар асоси мактуби Сармаркази иттилоотӣ – таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз16.03.2022, таҳти №02/632–03.

нафарашон занҳо буданд[242]

Синну соли ҷинояткорон яке аз меъёрҳои муайянкунандаи криминологӣ мебошад, аз ин рӯ, синну соле, ки ғоратгар ба содир намудани ин ҷиноят шуруъ мекунад, аҳаммияти бузурги криминологӣ дорад.

Тавре омор нишон медиҳад ҷинояти ғоратгарӣ асосан бештар аз ҷониби ҷавонон содир мешавад. Синну соли ҷинояткор–ғоратгар хеле гуногун буда, дар аксари мавридҳо аз 18 то 40–сола аст, вале бояд махсусан қайд намуд, ки тамоюли ҷавоншавии ин намуди ҷиноят мушоҳида мешавад. Ин махсусан ба деҳаҳои кӯҳистон дахл дорад, ки дар онҷо ҳодисаҳои ғоратгарӣ ба қайд гирифта мешавад. Дар шаҳр низ ғоратгарӣ бештар аз ҷониби ҷавонон сурат мегирад ва агар дар ҳамдастӣ бо дигар шахсон бошад, асосан дар гурӯҳи «ҳамсолон» сурат мегирад.

Таҳлили шахсияти ғоратгарон имкон медиҳад, ки баъзе хулосаҳоро қайд намоем. Ҳамин тавр, масалан шумораи ноболиғон дар соли 2021 тақрибан 21 фоизи шумораи умумии шахсони бақайдгирифташударо ташкил дод, афзоиши он дар соли 2021 18,1 фоизро ташкил дод. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ қариб ҳар панҷум ғоратгар то 18–солагӣ кирдорҳои ҷиноятӣ содир кардааст. Баландтарин сатҳи фаъолияти криминогениро шахсони аз 18 то 24–сола нишон медиҳанд (32%). Ба андешаи ҷомеашиносон, инсон дар синни 24–солагӣ аллакай ба камолоти комили иҷтимоӣ мерасад, ки он дараҷаи инкишофи шахсиятро дорад, ки ба камолоти ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоии шахсият хос аст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки қисми зиёди ҷинояткорон–ғоратгарон шахсоне мебошанд, ки комилан ташаккул ёфтаанд. Қисми боқимондаи ҷинояткорони ҷавон буда, гарчанде ки онҳо майл ба ҷинояткорӣ доранд, имконияти ислоҳ гардидани онҳо мавҷуд аст. Баъд аз 40–солагӣ эҳтимолияти содир намудани ҷинояти ғоратгарӣ кам гардида, то синни 50–солагӣ ҳадди ақал мешавад. Вобаста

[242] Ниг.: Маълумот дар асоси мактуби Сармаркази иттилоотӣ – таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз16.03.2022, таҳти №02/632–03.

ба ин, бояд тахмин намуд, ки синну соли ҷинояткорон яке аз аломатҳои муайянкунандаи криминологии ғоратгарӣ мебошад[243].

Хусусиятҳои иҷтимоию демографии шахсияти ҷинояткорро хусусиятҳои вазъи иҷтимои, маълумот, касб, ихтисос, тахассус, вазъи оилавӣ, шароити манзилию модди, инчунин як қатор дигар хусусиятҳо ташкил медиҳанд. Байни омилҳое, ки ба ташаккули шахсияти ҷинояткор таъсир мерасонанд, сатҳи маърифатӣ–фарҳангӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Аксарияти ғоратгарон дорои маълумоти миёна ва миёнаи нопурра (кариб 94 фоиз), вазни киёсии одамони дорои маълумоти олӣ ҳамагӣ 6 фоизро ташкил медихад. Чунон ки тадқиқоти омори соли 2021 нишон дод, аксарияти ҷинояткорон – ғоратгарон барои баланд бардоштани дараҷаи

[243] Ниг.: Маълумот дар асоси мактуби Сармаркази иттилоотӣ – таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз16.03.2022, таҳти №02/632–03.

маданияту маърифати худ хатто майл надоранд: 104 нафар маҳкумшудагон маълумоти миёна, 7 нафар маълумоти олӣ ва олии нопурра доштанд[244].

Нишондиҳандаи ташвишовар он аст, ки дар байни ин тоифаи ҷиноятkорон шумораи донишҷӯён ва хонандагон низ ба қайд гирифта мешавад. Ҷавонони донишҷӯ элитаи ояндаи касбии зеҳнии ҷомеа мебошанд, ки устувории кишвар аз он вобаста аст.

Омили криминогении зиёд содир шудани ҷиноятҳо байни ҷавонон нокифоя ташкил гардидани тарзи истироҳати ҷавонон мебошад. Дар Тоҷикистон 70 фоизи аҳолии ҷавонон зиндагӣ мекунанд[245], аммо тамоми кружокҳо, мактабҳои варзишӣ ихтисор карда шудаанд, ё ҳама пулакӣ мебошанд. Ҷиноятkорӣ байни донишҷӯён «захираи» ҷиноятkории умумӣ мебошад. Омӯзиши таҷрибавии ин падидаи мушаххас роҳи воқеии муайян кардани шаклҳои асосии кам намудани ҷиноят мебошад.

Шуғли шахсони содиркунандаи ғоратгариро таҳлил намуда қайд намудан зарур аст, ки хусусияти тафовуткунандаи ин категорияи ҷиноятkорон мавҷудияти шумораи зиёди бекорон мебошад. Надоштани ягон касб, набудани ҷойи кори доимӣ, ҷойи истиқомати муайян, майлу

[244] Ниг.: Маълумот дар асоси мактуби Сармаркази иттилоотӣ – таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз16.03.2022, таҳти №02/632–03.

[245] Ниг.: Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар аз 21.05.2021 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: RL.http:// president.tj /node/ 25799 (санаи муроҷиат: 21.01.2022).

хохиши доимӣ ба тарзи ҳаёти паразитӣ – чунин аст хислатҳои шахсоне, ки ғоратгарӣ содир мекунанд. Асосан, инҳо одамоне мебошанд, ки дар ягон ҷо кор намекунанд ва ё дар корҳои тасодуфӣ, муваққатӣ кор мекунанд. Чун қоида, инҳо коргарони пастихтисос мебошанд, ки доимо ҷойи коррашонро иваз мекунанд. Қисми асосии он, одамоне мебошанд, ки бо фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ машғул нестанд.

Хусусиятҳои ахлоқию психологӣ имкон медиҳанд, ки мазмуни ботинии шахсияти ҷинояткор – ғоратгар дарк карда шавад. Тадқиқотҳои криминологии шахсияти маҳкумшудагон барои ҷиноятҳои ғаразнок нишон медиҳад, ки аксарияти онҳо хусусиятҳои умумӣ доранд, аз ҷумла: хоҳиши истеъмолкунандагон ба ҳаёти орому осоишта аз ҳисоби амволи бо роҳи ҷинояткорона бадастомада; деформацияи шуур, шуури пасти ҳуқуқӣ, ҳеҷангорӣ, вайрон намудани принципҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва қоидаҳои ахлоқии ҳаёт, аз ҳад зиёд баҳо додан ба шахсияти худ; чунин иллатҳо, аз қабили майзадагӣ, истеъмоли маводи мухаддир, қиморбозӣ.

Аз дигар кирдорҳои ҷиноятӣ ғоратгарон бо дағали, бераҳми, бо зуроварӣ, бемасъулиятӣ ва сабукфикрӣ, бепарвоӣ нисбат ба меҳнат тафовут доранд. Аксари ғоратгарон майл ба суиистифода аз машрубот, баъзан маводи мухаддир доранд. Дар баробари ин, аксари онҳо аз ҷиҳати ҷисмонӣ инкишоф ёфтаанд, дорои яроқу аслиҳа (аз корд ва кастетҳо сар карда то яроқи оташфишон), инчунин асбобҳои шикастани қулфҳо, аз калидҳои одӣ сар карда то асбобҳои муосир доро мебошанд.

Маълумот дар бораи хислатҳои ҳуқуқӣ–ҷиноятии шахсияти ҷинояткороне, ки ғоратгариро содир мекунанд, аҳаммияти криминологӣ доранд. Дар бораи хусусиятҳои ҷиноятӣ–ҳуқуқии шахсияти ҷинояткор–ғоратгар сухан ронда, бояд қайд намуд, ки аз парвандаҳои мавриди таҳқиқ

қарордодаи мо дар 23 % ҳолат шахсоне ғоратгарӣ содир намудаанд, ки пештар барои содир кардани ҷиноятҳои дигар доғи судӣ доштанд[246].

Хусусияти хислатҳои криминологии шахсияти ҷинояткор–ғоратгар зӯроварӣ буда аз он иборат аст, ки ин намуди ҷинояткор тамоми аломатҳои субъекти ҷиноятҳои зӯровариро: хашмгинӣ, бераҳмӣ, таҷовузкорӣ, бедодгарӣ ва аломатҳои ғаразнокӣ, кордонӣ, паразитизм, майлу хоҳиши ба даст овардани амвол аз ҳисоби дигарон дар худ муттаҳид менамояд.

Ангезаҳои содир кардани ҷинояти ғоратгарӣ: ҳарисӣ, майли ба даст овардани сарватҳои моддӣ; васвасаи дорошавии ғайриқонунӣ; тамаъ, ҳасад, эътиқод ба қувваи пул; майл ба истифодаи мунтазами машрубот, майзадагӣ; майл ба зиндагии осон; набудани ҳисси масъулият; дигар ангезаҳо; бетаҷрибагӣ, боваринокӣ, тақлид ба дигарон ва ғайра мебошанд.

Аз рӯйи ангезаи ҷинояти ғоратгарӣ ба гуруҳҳои зерин таксим кардан мумкин аст: а) бо мақсади ба даст овардани маблаг барои эҳтиёҷоти зарурӣ, чизҳои зарурӣ содир намудани ғоратгарӣ; б) бо мақсади ба даст овардани маблағҳо барои қонеъ гардонидани манфиатҳои маҳдуди ғаразнок, аз ҷумла ба даст овардани пул барои нӯшокиҳои спиртӣ, маводи нашъаовар ва ғайра.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда шахсияти ҷинояткор–ғоратгарро чунин муайян ва тавсиф кардан мумкин аст: шахсе, ки дар аксари мавридҳо аз 18 то 40–сола буда, дорои маълумоти миёна ё тамоман маълумот надорад, мард, бе оила ва фарзанд, ниёзманд, аксар вақт бе ҷои истиқомати доимӣ, худписанд, дорои қобилияти зеҳнии паст, дорои сифатҳои ахлоқӣ рушднаёфта мебошад

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили зербоби мазкур чунин ҳолатҳоро қайд намудан зарур аст.

---

[246] Ниг.: Маълумотномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омӯзиш ва ҷамъбасти амалияи судӣ оид ба парвандаҳои вобаста ба «Ҷинояти ғоратгарӣ»«, ки аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ дар соли 2017 то соли 2021 баррасӣ шудаанд.

1. Ғоратгарӣ дорои ду аломати хос мебошад, ки онро аз дигар намудҳои фаъолияти ҷиноятӣ тафовут менамояд: аввалан, нерӯйи пешбаранда, ангеза ва мақсади ин ҷиноят манфиати шахсӣ, пулсириштӣ, манфиятҳои ғаразнокӣ молумулкӣ мебошанд. Хусусияти дуюми ин ҷиноят дар он зоҳир мегардад, ки ин ҷиноят даҳалона ва дар бештари ҳолатҳо бо зӯроварии ҷисмонӣ содир мешавад. Маҳз омезиши ин ду хусусиятҳо оид ба моҳият ва омилҳои асосии ғоратгарӣ тасаввурот медиҳанд.

2. Тамоми ҳолатҳоеро, ки сабаби ғоратгарӣ мешаванд, новобаста аз тамомои шаклҳои зоҳиршавии мушахаси худ, иртиботи ин ҳолатҳоро бо дигар падидаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии ҷамъият инъикос карда наметавонанд.

3. Сабабу шароите, ки ба содир намудани ғоратгарӣ мусоидат мекунанд, аз унсурҳои умумии иҷтимоӣ ва инфиродии тарбиявӣ иборат мебошанд. Вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба шахсият таъсири манфӣ мерасонад (бекорӣ, маоши паст, таҳрифи шуури ахлоқӣ, паст будани фарҳанги ҳуқуқӣ ва ғайра). Аммо омилҳои инфиродии тарбиявӣ (рухӣ дар оила, майзадагӣ, нашъамандӣ, тарзи ҳаёти паразитӣ) ба шахсияти ҷиноятkори эҳтимолӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Бинобар ин ҳангоми тартиб додани системаи тадбирҳои профилактикии муборизa ба муқобили ғоратгарӣ ба чораҳои индивидуалии пешгирии тарбиявӣ бештар диққат додан лозим аст.

4. Сабабҳои содир намудани ғоратгарӣ чунин падидаҳои номатлуб мебошанд, аз қабили: ташаккули ангезаи ғаразнокӣ–паразитӣ дар муҳити оилавӣ, дар ҷойи кор ва таҳсил; ташаккул ва паҳн намудани психологияи ашёпарастӣ, пулпарастӣ, тамаъкорӣ; деформатсияи манфиатҳои маишӣ, талаботҳо, одатҳое, ки дар майл доштан ба майзадагӣ, нашъамандӣ, қиморбозӣ зоҳир мегарданд, ки натиҷаи ин таназзули шахсият мебошад; муҳити зӯроварӣ; дараҷаи пасти маданият, шуур, ахлоқи шахсоне, ки ҷиноятҳои ғаразнокро содир намудаанд.

5. Шароити содир намудани ғоратгарӣ аз инҳо иборат аст: ба таври бояду шояд таъмини техникӣ гардидани манзили истиқоматӣ ва анборҳо; камбудихо дар мубориза ба муқобили фуруӯши молу мулки бо роҳи ҷиноят бадастомада; муносибати бепарвоёнаи шаҳрвандон нисбат ба нигоҳдории молу мулки худ; рафтори ҷабрдида.

6. Тавсифи криминологии шахсияти ҷинояткор–ғоратгар имкон дод, ки он чунин муайян карда шавад: шахси аз 18 то 40–сола, дорои маълумоти миёна ё тамоман маълумот надошта, мард, бе оила ва фарзанд, бекор ё дар ҷойи музди меҳнаташ паст кор мекунад, аз ҷиҳати молиявӣ таъмин набуда, аксар вақт ҷойи истиқомати доимӣ надошта, худписанд, дорои шуури пасти ҳуқуқӣ ва қобилияти зеҳнӣ.

3.2. Чораҳои умумиичтимоӣ ва махсуси пешгирии ҷинояти ғоратгарӣ

Таъмини волоияти қонун дар соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, инчунин дар дигар соҳаҳо мутаносибан аз хусусияти тадбирҳои пешгирикунанда, ки бо мақсади пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳо равона гардидаанд, вобаста аст. Аз ин рӯ, пешгирии ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт таъмини самараноки талаботи ҷомеаро кафолат медиҳад.

Манфиати ичтимоии пешгирии ҷиноят бо он муайян карда мешавад, ки он имконияти содир намудани кирдорҳои ҷиноятиро пешгирӣ менамояд ё қатъи фаъолияти ҷиноятиро дар марҳилаҳои аввали он то расидан ба натиҷаи ҷиноятӣ таъмин менамояд. Он имкон медиҳад, ки на танҳо бо воситаҳои ҳуқуқӣ, балки бо воситаҳои ичтимоию психологӣ, тиббӣ, техникӣ ва дигар воситаҳо ва усулҳо, бо сарфи хароҷоти ичтимоӣ, моддии камтарин ба муқобили ҷинояткорӣ мубориза бурда шавад[247].

Мушкилоти пешгирии ҷинояткорӣ воқеан яке аз масъалаҳои марказии илми криминология мебошад. Принсипҳои асосии пешгирии ҷинояткорӣ ва пешгирии намудҳо, категорияҳо ва гурӯҳҳои мушаххаси ҷиноятҳо аз

[247] Ниг.: Герасимов С.И. Концептуальные основы и научно–практические проблемы предупреждения преступности: автореф. дис. … д–ра юрид. наук. – М., 2001. – С. 9.

ҷониби криминологҳо муддати тулонӣ таҳия гардида, асосҳои назариявии дахлдор аллакай коркард карда шудаанд[248].

Дар адабиёти илми оид ба мафҳуми пешгирии ҷинояткорӣ, моҳияти ҳуқуқии он андешаҳо ва ақидаҳои гуногун мавҷуд мебошанд. Тибқи андешаи Г.С. Саркисов, пешгирии ҷинояткорӣ як намуди махсуси идоракунии иҷтимоӣ мебошад, ки барои таъмини амнияти арзишҳои бо қонун ҳифзшаванда пешбинӣ шудааст ва аз таҳия ва татбиқи системаи чораҳои мақсаднок, ки ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ нигаронида шудааст, иборат мебошад[249]. Пешгирӣ, – тавре Г.А. Аванесов қайд менамояд, – ин як намуди назария (вакте ки масъалаҳо бо истилоҳоти илмӣ омӯхта мешаванд) ва ҳамчун як намуди амалия (вақте ки масъалаҳои амалӣ ҳал карда мешаванд) мебошад[250].

Яке аз аввалин таърифҳои пешгирии ҷинояткорӣ аз ҷониби А.Г.Лекар дода шудааст. Тибқи таърифи додаи ӯ пешгирии ҷинояткорӣ «фаъолияти мақомоти давлатӣ (аз ҷумла мақомоти корҳои дохила) ва ташкилотҳои ҷамъиятии меҳнаткашон оид ба ошкор намудан ва бартараф намудани сабабҳое мебошад, ки сабаби ба амал омадани ҷиноятҳо ва шароитҳое мебошанд, ки ба содир шудани онҳо мусоидат мекунанд»[251].

Зери мафҳуми пешгирии ҷиноят баъзе муалифон маҷмӯуи чорабиниҳои бо ҳам алоқаманди дар қонун пешбинишуда, инчунин дар назария ва амалия таҳияшударо мефаҳманд, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ амалӣ менамоянд ва ба пешгирии ҷиноятҳо тавассути ошкор намудани ҷиноятҳо, бартараф намудани сабабу шароите, ки ба содир шудани онҳо мусоидат мекард,

---

[248] Ниг.: Теоретические основы предупреждения преступности / Антонян Ю.М., Жалинский А.Э., Звирбуль В.К., Клочков В.В., и др.; Отв. ред.: Звирбуль В.К., Клочков В.В., Миньковский Г.М. – М.: Юрид. лит., 1977. – С. 93; Блувштейн Ю.Д. Конкретные преступления: их причины и предупреждение. – Минск, 1987. – С. 44; Аванесов Г.А. Криминология и социальная профилактика. – М., 1980. – С. 170; Игошев К.Е., Устинов В.С. Введение в курс профилактики правонарушений. – Горький, 1977. – С. 98; Алексеев А.И., Герасимов С.И., Сухарев А.Я. Криминологическая профилактика: теория, опыт, проблемы. – М., 2001. – С. 114.

[249] Ниг.: Саркисов Г.С. Социальная система предупреждения преступности. – Ереван, 1975. – С. 46. Жалинский А.Э., Лекарь А.Г. Профилактика преступлений. – М., 1972. – С. 69.

[250] Ниг.: Аванесов Г.А. Криминология и социальная профилактик. – М., 1980. – С. 106.

[251] Жалинский А.Э., Лекарь А.Г. Профилактика преступлений. – М., 1972. – С. 3.

пешгирӣ кардани ҷиноятҳои мушаххас, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиромӣ қонуниятнигаронида шудаанд[252].

Хусусияти ҷинояти ғоратгарӣ ба маҷмуи мураккаби муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста аст, бинобар ин пешгирии ҷиноят дар рафъи ҷиноятҳои иқтисодӣ аҳаммияти ҷиддӣ дорад. Баъзе тадқиқотчиён аҳаммияти пешгирии ҷиноятҳои иқтисодиро махсус қайд менамоянд. Масалан, оид ба масъалаи пешгирии ҷиноятҳои иқтисодӣ З.А. Астемиров қайд менамояд, ки дар пешгирии умуми – иқтисодии ҷиноятгорӣ мавқеи асосиро тамоми низоми таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи аҳолӣ ишғол мекунад, ки бояд нисбат ба шахсони махсусан эҳтиёҷманд бештар зоҳир карда шавад ва ба баланд намудани музди меҳнат, кумакпулӣ, нафақа, шароити зиндагии аҳолӣ алоқаманд аст[253].

Аҳаммиятнокии пешгирии ҷиноятгории иҷтисодиро В.Н. Кудрявцев қайд намуда иброз менамояд, ки ба дараҷаи зарурӣ баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ омили муҳимми кам намудани ҷиноятгории иқтисодӣ мебошад[254].

Пешгирии (пешгирии) ҷиноятҳо ин ошкорсозӣ, омӯзиш ва рафъи (безарар гардонидани) сабабҳо ва шароити ҷиноят, ошкор ва омӯзиши шахсоне, ки тарзи ҳаёти зиддиҷамъиятиро ба пеш мебаранд, ба қайди дахлдор гузоштан ва ба онҳо расонидани таъсири зарурӣ мебошад.

Пешгирии ҷинояти ғоратгарӣ бояд ҳамчун таъсири мақсадноки пешгирикунанда на танҳо ба шахсоне, ки тарзи ҳаёти ғайриҷамъиятиро пеша намудаанд фаҳмида шавад, балки дар умум ба ҷиноятгорӣ ҳамчун як падида, ба манфиати шахс ва ҷомеа амалӣ карда мешавад.

Пешгирии ҷиноят як намуди муайяни фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки ба ошкор сохтан ва бартараф

---

[252] Ниг.: Березин М.Н., Кулагин Н.И., Макушненко Л.П. Профилактическая деятельность следователя. – Волгоград, 1975. – С. 4.
[253] Ниг.: Астемиров З.А. Криминология: Курс лекций. – Махачкала, 2002. – С. 155.
[254] Ниг.: Кудрявцев В.Н. Стратегии борьбы с преступностью. – М., 2003. – С. 280.

намудани сабабҳое, ки боиси ба амал омадани ҷиноятҳо ва шароитҳое, ки ба содир намудани онҳо мусоидат мекунанд, нигаронида шудааст.

Пешгирии ғоратгарӣ, мисли ҳама гуна пешгирии дигар намудҳои ҷиноят, ба умумиичтимоӣ ва махсус тақсим карда мешавад. Тадбирҳои пешгирикунанда бояд ҳам ба тағйир додани шароити объективии иҷтимоӣ ва ҳам ба тағйир додани шахсияти шахси ҷинояткор нигаронида шаванд.

Пешгирии умумии ғоратгарӣ – маҷмуи чораҳо оид ба рафъи равандҳои муайянсозӣ ва сабабнокии ҷинояткориии касбӣ, ки ба тамоми аҳолӣ ва гурӯҳҳои он таъсир мерасонад, бо меъёрҳои умумии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар меъёрҳо ҷудо карда мешавад, ки эҳтимолияти рафтори ҷиноятии қариб тамоми намояндаҳои ин гуруҳҳои иҷтимоиро ба вуҷуд меорад. Пешгирии умумиичтимоӣ тадбирҳо оид ба такмили соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавии ҷомеаро дар бар мегирад.

Пешгирии инфиродӣ ин рафъи сабабҳо ва шароитҳои рафтори ҷиноятӣ дар сатҳи инфиродӣ нисбат ба шахсони алоҳида мебошад. Он инчунин аз ошкор намудани шахсоне, ки майли рафтори зиддиҳуқуқӣ доранд ва бо онҳо гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ иборат аст. Тадбирҳои пешгирии инфиродӣ бар хилофи умумӣ бевосита ба шахсияти ғоратгар ва ҳолатҳое нигаронида шудаанд, ки муносибати зиддиҷамъиятии ӯро ташкил медиҳанд.

Дар сатҳи инфиродӣ–шахсӣ пешгирии ғоратгарӣ, аз як тараф, таваҷҷуҳ ба шахсоне равона карда мешавад, ки ин ҷиноятро ҳамчун касб ё мунтазам ба содир намудани ин намуд кирдор машғул мебошанд, ё таҳти назорати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қарор доранд, аз ҷониби дигар таваҷҷуҳ нисбат ба шахсоне равона мегардад, ки бинобар сабаби камбағалӣ, эҳтиёҷмандӣ ба ғоратгарӣ ва дигар намудҳои тасарруфи амвол майл доранд. Пешгирии инфиродӣ инчунин тағйироти мусбати низоми тамоюлҳои арзишии шахс, рафъи ақидаҳо ва муносибатҳои зиддиҷамъиятии ӯ, пешгирии содир намудани ҷиноят аз ҷониби ӯ, ки зери

назорати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қарор гирифтааст, дар бар мегирад (ин гуна пешгирӣ инчунин криминологии инфиродӣ номида мешавад).

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии пешгирии инфиродӣ ҷамъоварии маводи оперативӣ–ҷустуҷӯӣ, банақшагирӣ ва нигоҳдории маълумот дар бораи ҷиноятҳои ғоратгарии банақшагирифташуда ва омодашудаистода, маълумот оид ба шахсоне, ки қасди содир кардани онҳоро доранд, маълумот дар бораи вақт, ҷой, ҷабрдидагон ва ғайра зарур аст[255].

Дар натиҷаи таҳқиқи чораҳои пешгирӣ ғоратгарӣ ба: ҳуқуқи–ҷиноятӣ, қонунгузорӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ахлоқӣ–тарбиявӣ, ташкилию идоракунӣ, виктимологӣ, техникӣ ва тиббӣ ҷудо карда шуданд.

Чораҳои ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ. Дар пешгирии ҷиноятҳо чораҳои ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Бинобар ин, дар пешгирии ғоратгарӣ, инчунин тамоми ҷиноятҳои ғаразнок, чораҳои ҳуқуқӣ нақши муҳим доранд. Онҳо дар давраи муосири ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ аҳаммияти махсус пайдо намудаанд, зеро рушди механизми ҳуқуқӣ аз суръати инкишофи муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи иқтисодиёт хело ақиб мондааст.

Тадбирҳои ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ сабабҳои иҷтимоии ҷиноятҳои ғаразнокро пурра бартараф намекунанд, аммо бо таҳдиди татбиқи ҷазои ҷиноятӣ метавон то андозае ба шахсони майли рафтори зиддиҳуқуқӣ дошта таъсир расонида, такрор шудани кирдори ҷиноятии ғаразнокро аз ҷониби онҳо пешгирӣ намуд.

Тавассути истифодаи тамоми имконоти ҷазои ҷиноятӣ ҳадафи пешгирикунанда бо ду роҳи асосӣ амалӣ мегардад. Якум, бо роҳи озмоиши маҳкумшуда бо маҳрумиятҳое, ки мазмуни моддии ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун оқибатҳои кирдори ҷиноятии содиркардаи ӯро ташкил медиҳанд. Дуюм,

---

[255] Ниг.: Солодовников С.А. Криминологический анализ грабежей и разбоев в системе преступного насилия и их противодействие интересам личности и общества: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1997. – С. 229.

тавассути дарк намудани ногузирии ҷазои ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноят[256].

Аҳаммияти татбиқи чораҳои қонунӣ барои пешгирӣ намудани таҷовузҳои ҷиноятӣ ба моликияти шахсӣ набояд танҳо бо таъсири пешгирикунандаи ҷазо ё пурзӯр намудани назорат маҳдуд карда шавад. Чунин фаъолият ба ошкор намудан, рафъ ё безарар гардонидани сабабу шароити содир намудани ҷиноятҳои ғаразнок на танҳо тавассути истифодаи чораҳои максаднок, балки бо такмили худи чораҳои ҳуқуқӣ нигаронида шудааст.

Ҷазои боадолатона аз тадбирҳои асосии пешгирии инфиродӣ мебошад. Ҷазо ҳамчун чораи пешгирии содиршавии ғоратгарӣ ва дигар ҷиноятҳо аҳаммияти калон дорад. Он таъсири боздоранда дошта, ба ташаккул ва мустаҳкам шудани интизоми ҳуқуқ ёрӣ мерасонад. Зарурати бандубасти дурусти кирдор аввалин амале мебошад, ки суд ҳангоми таъини ҳукм ба назар мегирад. Ин ба суд имконият медиҳад, ки хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷиноятро муқаррар намояд.

Дар баробари ин ҳолатҳои тадбиқ нагардидани ҷазо зиёд гашта, он ба таъсири пешгирикунандаи қонуни ҷиноятиро хеле заиф мегардонад. Дар чунин ҳолатҳо беҷазоӣ метавонад ба омили мушаххаси криминогенӣ табдил ёбад. Аз ин рӯ, бекор намудани баъзе шартҳои қонуни ҷиноятӣ ё муқаррарот дар хусуси ҷазои ҷиноятӣ озод намудан барои содир намудани ҷиноятҳои ғаразнок яке аз ҳолатҳои муҳим ва аҳамиятноки пешгирии таҷовузи ҷинояткорона ба моликияти шахсӣ, умуман, ғоратгарӣ мебошад. Бартараф намудани он бояд бо роҳи такмил додани қонунгузорӣ дар самти интихоби дурусти объектҳои бевоситаи хифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ба назар гирифтани воқеят имкониятҳои қонуни ҷиноятӣ оид ба таъмини ҳифзи моликияти шахсӣ, рафъи шартҳои қонунгузории субъективизми ҳуқуқӣ, ба

[256] Ниг.: Адилов З.А. Потенциал уголовного наказания и проблемы его эффективности в борьбе с преступностью: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Махачкала, 2003. – С. 10.

Конституцсия мувофиқ намудани меъёрҳои мушаххаси қонуни ҷиноятӣ, такмили фаъолияти қонунгузорӣ зарур аст.

Яке аз ҳолатҳои паст гардидани таъсири умумии пешгирикунандаи ҷазои ҷиноятӣ ҳолатҳои беасос нисбат ба шахсоне, ки тибқи моддаи 248 КҶ ҶТ ҷиноят содир кардаанд, ҷазои сабук татбиқ намудан мебошад. Аз ин рӯ, дар мубориза бар муқобили ҷинояткорӣ, – тавре ки З.А. Астемиров қайд менамояд, – давлат вазифадор аст, ки сиёсати ҷиноятии худро ташаккул дода, ба амал баровардани муборизаи зидди ҷинояткориро дар асоси қонун таъмин намояд[257].

Инчунин дар ҶТ тамоюли кам гардидани таъсири ҷазо аз ҷониби судҳо мушоҳида карда мешавад. Қонунгузории ватанӣ дар самти либерализатсияи ҷазои ҷиноятӣ хело муваффақ шудааст, вақте ки вазъият ва динамикаи ҷиноят дар кишвар номусоид аст ва низоми ҷазои ҷиноятӣ аллакай заиф ва бесамар аст.

Маълумоте, ки мо дар асоси таҳлили маводи парвандаҳои ҷиноятие, ки судҳои Ҷумҳурии дар солҳои 2017–2022 баррасӣ кардаанд, нишон медиҳанд, ки ин тамоюли умуми хоси ин мавзуъ низ мебошад. Дар баробари ин, ҷазоҳое, ки ба маҳрум намудан аз озодӣ вобаста намебошанд, муассиртар кардан лозим аст, зеро дар шуури аксари аҳолӣ танҳо маҳрум кардан аз озодиро ҳамчун ҷазо барои ҷинояти содиршуда фаҳмида мешавад ва дигар намуд ҷазоҳо аз ҷумла корҳои ислоҳӣ, корҳои ҳатмӣ ва ғайраро ҳамчун озод намудан аз ҷазо мефаҳманд.

Ҳамин тариқ, нисбат ба шахсони дар содир намудани ҷиноят гунаҳкор ҳар чӣ бештар истифода намудани шартан тадбиқ накардани ҷазо, мунтазам авф намудани онҳо, васеъ истифода бурдани институти озодкунӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо шуури ҳуқуқии одамонро дигаргун менамояд ва дар низоми муборизаи зидди ҷинояткорӣ дар ҷамъият муҳити номусоиди иҷтимоию психологиро ба вуҷуд меорад.

---

[257] Ниг.: Астемиров З.А. Криминология. – Махачкала, 2002. – С. 127.

Тамоми ин аз зарурати беҳтар тафтиш намудани парвандаҳои ғоратгарӣ, инчунин баланд бардоштани самараи чораҳои ҷазо дар самти пурзуӯр намудани сиёсати ҷазо гувоҳӣ медиҳад[258].

Ҳар чи ки сабаби вайрон гардидани принсипи ногузирии ҷазои ҷиноятӣ мегардад, асосҳои адолати иҷтимоиро дар ҷамъият вайрон намуда, чунин вазъият аз 10 дар се ҳолат ба содир гардидани кирдорҳои ғаразноки зиддиҷамъиятӣ, ба рафтори хавфноки ғайриқонунии ғаразнок роҳ мекушояд. Ҳамин тавр, рафъи беҷазоӣ барои ҳама гуна кирдор, ҳуқуқвайронкуниҳо ё ҷиноятҳо бо мақсади пешгирии чунин кирдорҳои ғайриқонунӣ як масъалаи таъхирнопазир мебошад. Роҳи асосӣ бартараф намудани ҳолатҳои хунукназарӣ вобаста ба ҳифзи молу мулк; бартараф намудани ҳолатҳои пинҳонкорӣ, ки аз ҷониби роҳбарони баъзе корҳонаҳо ҳангоми содир гардидани ҷинояти ғаразнок ба миқдори на он қадар калон амалӣ мегарданд; пешгирии бадмастӣ ва майзадагӣ, ки дар асоси он бештари ҷиноятҳо ба муқобили моликияти шахсӣ содир шудааст, мебошад.

Ҷораҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ. Тамоми шаклҳои гуногуни содир гардидани ҷиноятҳои ғаразнок аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки мубориза ба муқобили онҳо танҳо аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ душвор аст. Зарур аст, ки заминаи пешгирии иҷтимоии рафтори ҷинояткорона, барномаи давлатии дастгирии тамоми мақомотҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятие, ки ба муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ машғуланд омода карда шавад. Муборизаи катъӣ ба муқобили ҷинояткорӣ, пешгирӣ кардани ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо ва муқаррар намудани сабабҳое, ки боиси ба амал омадани онҳо мегарданд, асосан бо татбиқи амалии тадбирҳои асосии умумииҷтимоӣ муайян карда мешаванд[259].

Ҷораҳои иқтисодии пешгирии ҷинояти ғоратгарӣ ба ҳалли вазифаи асосии паст намудани дараҷаи сатҳи бекорӣ, аз байн бурдани тафовут дар

---

[258] Ниг.: Селиванов И.О. Присвоение или растрата: дис. ... канд. юрид. наук. – Калининград, 2002. – С. 145.
[259] Ниг.: Маркс К., Энгельс Ф. Сочинение. – Т. 8. – М., 1961. – С. 529–536.

даромадҳои байни одамони камбизоат ва сарватманд равона гардидаанд. Мавриди зикр аст, ки дар ҷомеа муосир як табақаи одамоне ба вуҷуд омадаанд, ки манбаи даромади доимӣ надоранд– ҷиноятқорони эҳтимолӣ. Аз ин ру, баланд бардоштани дараҷаи зиндагонии ин гуруҳи одамон вазифаи аввалиндараҷа буда ва фароҳам овардани заминаҳои пешравии иҷтисодиёт мебошад.

Дар пешгирии умумии иҷтимоӣ, тамоми низоми таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи аҳолӣ мавқеи калонро ишғол мекунад, ки бояд нисбати шахсони махсусан эҳтиёҷманд бештар ғамхорӣ зоҳир намоянд. Дар баробари ин ҳалли мушкилиҳои қайдгардида аз сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат вобаста аст. Бо назардошти он, ки аксарияти ҷиноятҳои зидди моликият аз ҷониби шахсони бекор, ноболиғон содир мешаванд, тадбирҳои умумии пешгирикунандаи иҷтимоӣ бояд аз ҳифзи иҷтимоии ин шахсон, сатҳи муътадили зиндагии онҳо иборат бошад. Ба ин гуруҳ шумораи зиёди шахсоне дохил мешаванд, ки аз маҳбасҳо озод шудаанд ва ба кумак дар шуғл, рӯзгор, таъминоти моддӣ эхтиёҷ доранд, чунин дастгириро наёфта, онҳо ба осонӣ ба касби пешина (ҷиноятқорӣ) бармегарданд. Ҳамин тавр, дар пешгирӣ намудани ҳолатҳои ғоратгарӣ аҳаммияти асосӣ ба пешгирии иҷтимоӣ дода мешавад.

Дар умум чунин чораҳои пешгирикунандаи иҷтимоиро қайд намудан мумкин аст:

1) кам намудани сатҳи бекорӣ, барои ин дар навбати аввал самаранокии тадбирҳои мубориза ба муқобили коррупсия ва ҷиноятҳои иқтисодиро зиёд намудан зарур аст;

2) таблиғи ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

2) таҳия ва татбиқи чораҳо оид ба таъмини шуғли иҷтимоии наврасону ҷавонон, бекорон, гурезаҳо ва муҳоҷирон, шахсони қаблан маҳкумшуда ва дигар шахсоне, ки даромади доимӣ ва манбаи зиндагӣ надоранд;

3) ба амал баровардани чораҳо оид ба инкишофи шабакаи муассисаҳои ёрии иҷтимоӣ ба шахсони қаблан маҳкумшуда;

4) кам намудани андозбандии соҳибкорон ва фароҳам овардани имкониятҳои бештар барои соҳибкорони хурд;

5) мубориза ба муқобили майзадагӣ, нашъамандӣ, ки дар дахсолаҳои охир фаро гирифтааст, ҳамчун яке аз омилҳои асосии таназзули насли оянда ва ғайра.

Тадбирҳои ахлоқӣ ва тарбиявии пешгирии ғоратгарӣ. Чунин шаклу усулҳои махсуси таъсирасонӣ ба шахсе, ки рафтори ғаразнок дорад, ба монанди тарбияи ҳуқуқӣ ва назорати ҷамъиятии рафтори ғайриқонунии ҷинояткорон зарур аст. Ҳангоми пешгирии ҳодисаҳои тасарруфи моликият дар шакли ғоратгарӣ тадбирҳои тарбиявӣ аҳаммияти ҷиддӣ доранд. Дар ин самт ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, таъсис додани низоми хуб ва муассири таълиму тарбия зарур мебошад, ки фаъолияти он бояд ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва рафтори ҳуқуқӣ байни аҳолӣ мусоидат намояд[260]. Беҳтар намудани шароити зиндагонии аъзоёни ҷомеа бо таъсири мақсадноки тарбиявӣ ба шахс дар самти ташаккули низоми арзишҳо, муносибатҳо, эътиқодҳои ӯ, ки ба низоми меъёрӣ муқаррар шудаанд, бояд алоқаманд карда шавад.

Пешгирии ғоратгарӣ бо фаъолона ба амал баровардани фаъолияти аъзоёни оила, муассисаҳои таълимӣ, мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коллективҳои меҳнатӣ алоқаманд аст. Ҳамаи онҳо ба ташаккули дарки амиқи ягонагии ҳуқуқу уҳдадориҳо, эҳтиром ба қонуну қоидаҳо, рафъ, безарар гардонидани омилҳои манфии ташаккулёбии шахсият равона гардидаанд.

Дар шахсоне, ки дар рафтори онҳо аломатҳои нигилизми ҳуқуқӣ ба назар мерасад, эътиқод ба рафтори дурустро ташаккул додан зарур аст.

---

[260] Ниг.: Нелезина Е.П. Уголовно–правовые и криминологические меры борьбы с присвоением и растратой в кредитно–банковской системе: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2001. – С. 132; Селиванов И.О. Присвоение или растрата: дис. ... канд. юрид. наук. – Калининград, 2002. – С. 108; Севрюков А.П. Хищение имущества: криминологические и уголовно–правовые аспекты. – М., 2004. – С. 448.

Инчунин анъана, расму оин ва маърифати динӣ дар пешгирии ҷинояти ғоратгарӣ ва дигар ҷиноятҳо дар ҷумҳурӣ аҳамияти хоса дорад. Дар мероси маънавии халқҳо бисёр чизҳои ибратбахшу муфидро дидан мумкин аст. Урфу одат ва анъанаҳо (мисли бисёр халқҳои дигар) дар тули рушди тулонии таърихӣ инкишоф ёфта, аз насл ба насл мегузаранд.

Нақши муҳим дар тарбияи рафтори қонунӣ дар расму оинҳо ба оила тааллуқ дорад. Нақши оила дар ташаккули ахлоқии шахсият дар марҳилаҳои аввали инкишофи он дар асарҳои омӯзгорон, равоншиносон, ҳуқуқшиносон комилан инъикос ёфтааст[261]. Дар онҳо тавсияҳои мушаххас оид ба таълим, тавсифи усулҳои педагогии дахлдор қайд мегарданд.

Мувофиқи маълумотҳои омории дастраснамудаи мо, масалан, дар соли 2021 синну соли шахсони ғоратгарӣ содирнамуда ба 16 то 29 – солагӣ рост меояд, ки ин аз шумораи умумии шахсони чунин ҷиноятро содир намуда –74,7%–ро ташкил медиҳад[262]. Ин бори дигар аз он гувоҳӣ медиҳад, ки баҳри огоҳии ҷиноятқорӣ истифодаи воситаҳои асосии тарбия дар марҳилаи ибтидои зарур мебошад. Дар татбиқи ин тадбирҳо нақши оила, коллективҳои муассисаҳои таълимӣ ва дигар институтҳои ҷамъияти дар марҳалаҳои аввалин хеле калон аст.

Бояд қайд намуд, ки чидду ҷаҳди коллективҳои меҳнатӣ, оилаҳо ва муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳои давлатию ҷамъиятиро барои безарар намудан ё бартараф намудани омилу ҳолатҳое, ки ба одамони майли ғаразнокдошта таъсири манфӣ мерасонанд, бояд бо фаъолияти фаъолонаи ташкилотҳои гуногун, муассисаҳои маданият, муассисаҳо оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дастгирӣ карда шавад. Нақши ин субъектҳо дар кори

---

[261] Ниг.: Валуев М.В. Семья как субъект предупреждения преступности молодежи / М. В. Валуев // Правовое воспитание молодежи: семья и социум: сборник научных трудов / Международной научно–практической конференции (Москва, 30 ноября 2016 года). – Москва: Московский университет Министерства внутренних дел Российской Федерации им. В.Я. Кикотя, 2017. – С. 17–20., Марианов А.А., Заирбеков Ш.И. Семья как субъект предупреждения преступлений / А.А. Марианов, Ш.И. Заирбеков // Наука и современность / Материалы II Международной научно–практической конференции (Махачкала, 27 ноября 2015 года) / Под общей редакцией М.И. Абакарова. – Махачкала: Общество с ограниченной ответственностью «Инноватика», 2015. – С. 127–131.

[262] Ниг.: Маълумот дар асоси мактуби Сармаркази иттилоотӣ – таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз16.03.2022, таҳти №02/632–03.

пешгирӣ кардани ташаккули тамоюли ғаразноки шахс бояд хеле баланд гардад.

Тарбияи ахлоқӣ дар оила бо тарбияи меҳнатӣ робитаи зич дорад. Усулҳои асосӣ таълим, пешниҳод, талаб, таъриф ва танбеҳ мебошанд. Дар оила аз овони хурдсолӣ бо равишҳои гуногуни тарбия ба тарбия дар давраи кудакию наврасӣ, бо таъсир расондан ба соҳаи эҳсоси шахсият, бо талаби катъии калонсолон нисбат ба кӯдакон хислатҳои ахлоқӣ ва итоаткорӣ ташаккул меёфт. Ин ба ҳолатҳое тааллуқ дошт, ки амалҳои ҷиддии бадахлоқона доранд. Дар чунин мавридҳо ҳама гуна ҷазо мувофиқ дониста мешуд, ба шарте ки хоҳиши такрори кирдорро боздорад. Дар баробари ин, ҷазоҳои бераҳмона ҳамчун як таҳдиди эҳтимолӣ вуҷуд доштанд, на ҳамчун воситаи истифодаи ҳамарӯза.

Дар ташаккули ахлоқии шахс муносибати худи ӯ ба амалу кирдор, риояи меъёрҳои ахлоқии дар ҷомеа муқарраргардида аҳамияти бузург дорад. Муҳим он аст, ки худи шахс саъӣ кунад, ки меъёру қоидаҳои ахлоқиро риоя намояд.

Ҳамин тавр таъкид намудан зарур аст, ки пешгирӣ кардани таҷовузи ҷинояткорона ба моликияти шахсӣ, пеш аз ҳама, вазифаи мураккаби тарбиявӣ мебошад. Самаранокии ҳалли он аз истифодаи усулҳои гуногуни таъсири тарбиявӣ ба шах вобаста аст. Муносибати комплексӣ дар кори тарбия на танҳо ягонагии шаклҳо, роҳҳо ва воситаҳо, балки инчунин маънои то чӣ андоза самаранок ба амал баровардани таъсир ба тамоми сатҳҳои шуури шахсият, сифатҳо ва хосиятҳои онро дорад. Ба ибораи дигар, шуури шахсро бо чунин иттилооти мусбат мусаллах кардан лозим аст, ки ба инкишоф ва таҳкими самтҳои муҳимми иҷтимоӣ дар шуури ӯ мусоидат карда, таъсиреро, ки шахсиятро аз ҷиҳати ахлоқӣ деформатсия мекунад, комилан истисно намояд[263].

---

[263] Ниг.: Акаева А.А. Проблемы латентности преступлений в сфере экономики: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Махачкала, 2002. – С. 8.

Чораҳои ташкилию идоравӣ. Дар стратегияи мубориза бо ҷинояткорӣ ҷои махсусро тадбирҳои ташкилию идоракунӣ ишғол мекунанд, ки дар таъмини истифодаи дурусти шаклҳои махсуси пешгирикунанда нақши муҳим доранд[264].

Дар ин гурӯҳ метавон якчанд зергуруҳи чораҳоро қайд намудан мумкин аст:

Якум, тарбияи ҳуқуқии гуруҳи муайяни одамон. Омӯзиши донишҳои ҳуқуқӣ зинаи аввали таълими ҳуқуқӣ буда, ҳадаф аз он омӯхтани манъи қонунгузории ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, маъмурӣ ва дигар қонунҳо мебошад.

Дувум, тарбияи ҳуқуқӣ бояд аз ҳар як маҳалли истикоматӣ, ҳар як хона шуруъ карда шаванд. Ин фаъолият инчунин бояд коллективҳои меҳнатӣ ва тарбиявӣ, ташкилотҳои ҷамъиятиро фаро гирад, то ки барои содир кардани ҷиноятҳои ғаразнок шароити номусоид ба вуҷуд оварад, ақидаҳои мавҷударо дар бораи имконияти ба амал баровардани онҳо бавосита нест намояд. Бо ин мақсадҳо, аз воситаҳои ахбори оммавӣ, суҳбатҳо бо аҳолӣ, кормандони масъули корхонаю ташкилотҳо, вохӯрию лексияҳо, суҳбатҳо дар назди шаҳрвандон истифода намудан мумкин аст. Ба субъектҳои пешгирикунанда муносибати эҳтиёткорона ба вазифаи худ зарур аст–таъмини даромадан ба минтақаҳои корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо танҳо бо роҳхат; дар сурати ошкор ё пайдо шудани шахсони шубҳанок бо ҳар гуна чизҳо, аз тарафи ронандагони нақлиёти автомобилӣ (дар сурати рафтори шубҳаноки мусофирон), дар бораи таклифи харидани ягон чиз ё ашёи қиматбаҳо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар додан ва ғ.

Сеюм, чораҳои ташкилии пешгирии ғоратгарӣ бояд ба беҳтар намудани сифати сохторҳои манзилҳо, дару тирезаҳо, нав намудани қулфҳои дарҳо кумак расонанд; равшан намудани даромадгоҳҳо, кӯчаҳо,

---

[264] Ниг.: Каныгин В.И. Проблемы комплексного анализа и предупреждения преступности в регионе (по материалам Приволжского федерального округа): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Нижний Новгород, 2002. – С. 19.

ҳавлиҳо, гузаргоҳҳо, майдонҳо ва боғҳо; рушди системаи таваққуфгоҳҳои муташаккили пулакии посбондор барои автомобилҳои хусусӣ, ҷорӣ намудани навбатдории соҳибмулкони автомошинҳо дар таваққуфгоҳҳои муташаккил; ба шаҳрвандон фаҳмонда додани зарурияти мустақилона мустаҳкам намудани дарҳо, тирезаҳо ва ғайра равона гарданд.

Чорум, дар ин тадбирҳо барои ошкор намудани ҷиноятҳо ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсоне, ки ба молу мулки шахсӣ таҷовуз кардаанд васеъ аз радио, телевизион, адабиёт, ки кумаки калон расонида метавонанд, истифода бурдан даркор.

Панҷум дар асоси иштироки фаъоли шаҳрвандон, коллективҳо ва ташкилотҳо ҳалли самараноки масъалаҳои пешгирӣ намудани ҷинояти ғаразнок мумкин аст.

Яке аз мушкилотҳои асосии ташкилию идоракунии муборизаи зидди ҷинояткорӣ, аз ҷумла ҷинояткорӣ дар соҳаи иҷтисодиёт ба қайд гирифтан ва баҳисобгирии ҷиноятҳо мебошад, ки дар таъмини пуррагӣ ва объективии нишондодҳои ҳолати ҷинояткорӣ ва назорати воқеии он нақши ҳалкунанда мебозанд[265].

Такмили тадбирҳои техникии пешгирии ғоратгарӣ. Ин чораҳое мебошанд, ки ба рафъи ҳолатҳои вайрон намудани ҳуқуқи моликияти шахсӣ мусоидат мекунанд, бо истифодаи воситаҳои техникӣ ё бе истифодаи воситаҳои техникӣ содир карда мешаванд. Онҳо инчунин истифодаи компютерҳои электрониро дар бар мегирад.

Техникаи муосир барои нигоҳ доштани ахбороти васеъ ва мубрам имкониятҳои зиёдро фароҳам меорад; вақти коркард ва таҳлили ахборро кам мекунад; муҳлати иҷрои амалиёти гуногун, ки барои омӯхтани ҷинояткорӣ, иштироккунандагони ҷинояткорӣ ва дар ин асос кор карда баромадани тадбирҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки пешгирикунӣ ва ғайра заруранд, хеле кам карда мешавад. Албатта, нақши инсон аз ин кам

[265] Ниг.: Акаева А.А. Проблемы латентности преступлений в сфере экономики: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Махачкала, 2002. – С. 8.

намешавад. Маҳз инсон ҳуқуқи ягона ва бебаҳс барои қабули қарорҳои ниҳоӣ дорад. Истифодаи техникаи компютерӣ омода намудани мутахассисони баландихтисос барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз худ намудани технологияи муосир ва эҷодкорона истифода бурдани имкониятҳои фароҳамшударо тақозо мекунад.

Бо дарназардошти он ки пешгирии мақсадноки ҷинояти ғоратгарӣ як масъалаи мураккаб мебошад, ҷорӣ намудани технологияи электронии ҳисоббарории муосир боз ҳам мубрам мегардад. Он имкон медиҳад, ки дар муддати кӯтоҳ иттилооти аҳамиятнок ҷамъоварӣ карда шуда, имкон медиҳад, ки чораи мушаххаси таъсиррасонӣ ба ҷинояткорон дуруст интихоб карда шавад.

Инчунин такмили тадбирҳои техникӣ барои пешгирӣ кардани воридшавии ғайриқонунӣ ба биноҳои истиқоматӣ қайд намудан зарур аст. Ба андешаи мо бояд барои ин мақсадҳо дастгоҳҳои махсуси автоматӣ васеъ истифода бурда шаванд аз ҷумла: идора намудани дарҳои даромадгоҳҳо ба биноҳои бисёрошёна аз дохили манзилҳо, идоракунии автоматии рушноидиҳии электронӣ; домофон, аз ҷумла домофонҳо дар даромадгохи биноҳои серошёна ва инчунин қулфҳои электронӣ бо пулт. Воситаи таъсирбахш сигнали марказӣ ва автономии амниятӣ дар хонаҳо, анборҳо, инчунин сигналҳои мошинҳои шахсӣ ва биноҳо мебошад.

Истифодаи чораҳои тиббӣ дар пешгирии деформатсияи шахсият. Тавре амалия нишон медиҳад, аксарияти иштирокчиёни ҷиноятҳои ба даст овардани моликияти шахсӣ мунтазам машрубот истеъмол мекарданд, баъзеҳои онҳо майзадагони музмин буданд, тез–тез тағирёбии руҳӣ, ҳолати гуногуни бемориро аз сар мегузаронанд. Вобаста ба ин, барои рафъи деформатсияи физиологӣ ва равонии шахс нисбати онҳо дар баробари дигар усулҳои таъсиррасонӣ ва чораҳои пешгирикунандаи хусусияти тиббӣ татбиқ намудан зарур мебошад. Ҳамаи ин чораҳои пешгирикунанда, ки дар якчоягӣ тадбиқ мегарданд, натиҷаҳои мусбат медиҳанд.

Пешгирии виктимологӣ. Дар аксар маврид тадбирҳои пешгирӣ кардани ҷиноятҳо асосан яктарафа буда, пеш аз ҳама ба шахсияти ҷинояткор нигаронида шудаанд. Дар баробари ин, дар натиҷаи омӯзиши сабабу шароите, ки ба содир намудани ҷиноят мусоидат мекунанд, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки сабаби кирдорҳои ҷиноятӣ то андозае рафтори худи ҷабрдидагон низ мебошанд. Маълумоте, ки дар бораи ҷабрдида, хислатҳои шахсият ва рафтори ӯ ба даст омадааст, имкон медиҳад, ки чораҳои пешгирикунандаи виктимологӣ, ки ба иқтидори ҷабрдидагон барои пешгирии содир намудани ҷиноят нигаронида шудаанд, коркард карда шаванд[266].

Пешгирии виктимологӣ ҳамчун маҷмуи чораҳои дорои хусусияти пешгирикунанда барои таъсир расонидан ба омилҳо, падидаҳо, равандҳои виктимологенӣ, ки ҷузъҳои маҷмуи сабабҳои ҷиноятҳои мушаххас, категорияҳо ва намудҳои онҳо мебошанд, муайян карда мешавад[267].

Таҳлили имкониятҳои виктимологии пешгирии ҷинояткорӣ ва махсусан ҷиноятҳои зӯроварӣ ва ғаразнок маънои на танҳо тағйир додани нуқтаи назари пешгирӣ ҳамчун муносибат нисбат ба ҷинояткор, балки тағйир додани баҳодиҳии ҷабрдидаро ҳамчун унсури ғайрифаъоли ҳолати ҷинояткорӣ дорад. Муносибати виктимологӣ имкон медиҳад, ки чораҳои таъсири мусбат ба шахсоне, ки эҳтимоли қурбонии ҷиноятҳо мешаванд, таҳия карда шаванд. Аз ин рӯ, ҷанбаи виктимологӣ дар тамоми самтҳои пешгирии ҷинояткорӣ ҷойгоҳи худро пайдо мекунад. Аз ҷиҳати назариявӣ, ҳар як шахс метавонад қурбонии ҷиноят гардад, аз ҷумла ҷинояти ғоратгарӣ. Аз ин рӯ, дар байни аҳолӣ барои кам кардани хавфи қурбони ҷиноят шудан тадбирҳо коркард ва ба амал бароварда шаванд. Дар робита ба ин, мушкилоти таъминоти иттилоотии пешгирии ғоратгарӣ бешубҳа ба вуҷуд меорад.

---

[266] Ниг.: Адипозелов К.А. Проблемы виктимизации населения: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Махачкала, 2002. – С. 4.

[267] Ниг.: Каныгин В.И. Проблемы комплексного анализа и предупреждения преступности в регионе (по материалам Приволжского федерального округа): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Нижний Новгород, 2002. – С. 17.

Таъсири мусбат дар пешгирии виктимологӣ тавассути корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ пешбинӣ шудааст. Дар ин ҷо маълумотро дар бораи шахсоне истифода бурдан зарур аст, ки аз беэҳтиётӣ қурбони ҷиноят гардидаанд. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми хондани лексияю гузаронидани суҳбатҳо бояд ба масъалаи ҷабрдидагон аҳаммият диҳанд, одамонро ба ҳушёрӣ ва риояи қоидаҳои эҳтиёткорӣ даъват кунанд.

Байни чораҳои виктимологӣ оид ба пешгирии ғоратгарӣ маҳорати муошират, рафтор дар ҳолатҳои экстремалӣ ва криминогенӣ, ки бо таҷовузи ҷиноятӣ алоқаманд мебошанд, мавқеи муҳим дорад. Пешгирии ғоратгарӣ бо ёрии чораҳои зерини ахборотӣ ба амал бароварда мешавад: ба аҳолӣ оид ба ҳодисаҳои ғоратгарӣ дар ҷои муайян ва дар вақти муайян иттилоот додан; ба аҳолӣ фаҳмонда додани усулҳое, ки ҷиноятқорон ҳангоми содир кардани ғоратгарӣ истифода мебаранд ва ғайра.

Дар Конституцсия муқаррар карда шудааст: «Ҳар кас ҳуқуқ ба ҳаёт дорад ...», шаъну шарафи шахсро давлат ҳифз мекунад ...», «Ҳар кас ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ дорад ...», «манзили шахс дахлнопазир аст...». Чунон ки профессор З.А. Астемиров, қайд менамояд ҳифзи боэътимоди тамоми хислатҳои моддии амвол, молу мулк, асъор ва дигар сарватҳо омили муҳимми зиддикриминогенӣ ва пешгирикунанда мебошад, ки бидуни он мубориза бар муқобили таҷовузҳои ҷиноятқоронаи зидди моликиятро тасаввур намудан душвор аст[268].

Танҳо бо чораҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигар чораҳо бар зидди ғоратгарӣ самаранок мубориза бурдан душвор аст. Одатан субъекти ғоратгарӣ шахсе мебошад, ки бо такаббурӣ, ғурур, аксар вақт бераҳмӣ аз дигар ҷиноятқорҳо фарқ мекунад. Чунин ба назар мерасад, ки воситаи муассиртарин барои решакан кардани ҷиноятҳои ғаразнок, пеш аз ҳама вазнин намудани ҷазо мебошад ва дуюм ба масъалаи қонунигардонии

[268] Ниг.: Астемиров З.А. Криминология. – Махачкала, 2002. – С. 157.

аслиҳаҳои оташфишон асосан таппонча барои худмуҳофизатнамоӣ бояд таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад.

Тавре таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, шаҳрвандоне, ки барои бо худ гардондани силоҳ иҷозат доранд, нисбат ба аҳолии одӣ бештар талаботи қонунро риоя мекунанд. Таҷрибаи ин давлатҳо исбот менамояд, аҳолӣ ҳар қадар бештар мусаллаҳ бошад, ҷиноятҳо камтар содир карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, ба таври мунтазам ва ҳамаҷониба амалӣ намудани тадбирҳои зикргардида, ки бо фаъолияти пурсамари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва махсусан мақомоти корҳои дохилӣ, ки масъулияти пешгирии ғоратгариро ба уҳда доранд, ба таври назаррас такмил дода, дар амал натиҷаҳои мусбат хоҳад овард.

Пешгирии ғоратгарӣ низоме мебошад, ки объектҳои пешгирикунанда, сатҳҳо ва шаклҳои асосии он; чораҳои эҳтиётӣ; ташкилотҳое, ки ин корро анҷом медиҳанд дар бар мегирад.

Пешгирии ғоратгарӣ, мисли ҳама гуна пешгирии дигар намудҳои ҷиноят, ба умумииҷтимоӣ ва махсус тақсим карда мешавад. Тадбирҳои пешгирикунанда бояд ҳам ба тағйир додани шароити объективии иҷтимои ва ҳам ба тағйир додани шахсияти шахси ҷинояткор нигаронида шаванд.

Пешгирии умумии ғоратгарӣ – маҷмуи чораҳо оид ба рафъи равандҳои муайянсозӣ ва сабабнокии ҷинояткории касбӣ, ки ба тамоми аҳолӣ ва гурӯҳҳои он таъсир мерасонад, бо меъёрҳои умумии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар меъёрҳо ҷудо карда мешавад, ки эҳтимолияти рафтори ҷиноятии қариб тамоми намояндаҳои ин ин гуруҳҳои иҷтимоиро ба вуҷуд меорад. Пешгирии умумииҷтимоии тадбирҳо оид ба такмили соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавии ҷомеаро дар бар мегирад.

Дар натиҷаи тадқиқот чунин чораҳои махсуси пешгирии ғоратгариро ҷудо намудан мумкин аст: ҳуқуқи–ҷиноятӣ, қонунгузорӣ, иҷтимоию

иқтисодӣ, ахлоқӣ–тарбиявӣ, ташкилию идоракунӣ, виктимологӣ, техникӣ ва тиббӣ.

3.3. Ташкил ва самтҳои асосии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ оид муқовимат ба ҷинояти ғоратгарӣ

Дар низоми субъектҳои пешгирикунандаи ҷиноятҳо зидди моликият мавқеи марказиро мақомоти корҳои дохилӣ ишғол менамоянд. Ба салоҳияти мақомоти корҳои дохилӣ ҳам тадқиқот ва ҳам тафтиши ин гуруҳи ҷиноятҳо, аз ҷумла ғоратгарӣ дохил мешавад. Маҳз кормандони мақомоти корҳои дохилӣ донишу малакаи зарурӣ доранд ва то ҳадди имкон пешгирии ин ҷиноятҳои зидди моликиятро таъмин менамояд.

Бояд қайд намуд, ки муқовимат ба ҷинояти ғоратгариро нозирони минатақавии милитсия дар асоси фармонҳои идоравӣ амалӣ менамоянд. Дар сатҳи қонунгузорӣ заминаи дахлдори меъёрӣ вуҷуд надорад. Пештар аз болои шахсони қабалан судшуда назорати маъмурӣ бурда мешуд, ки он дар пешгирии содиршавии ҷиноят аз ҷониби чунин шахсон аҳаммияти муҳим дошт. Аммо дар айни замон чунин имкониятҳои мақомоти корҳои дохили дар пешгирии ҷиноятҳо истифода бурдани ин воситаи самарабахш маҳдуд мебошанд. Айни замон кормандони мақомоти корҳои дохилӣ имконияти истифода бурдани воситаи назорати маъмуриро надоранд, яъне онҳо ҳуқуқи уҳдадор намудани шахсони судшударо оид ба омада аз қайди милитсия гузаштанро соҳиб нестанд. Дар бештари ҳолатҳо санҷиш дар ҷои истиқомат ва танҳо бо розигии онҳо мумкин аст. Аммо шаҳрвандони дар гузашта ҷиноят содирнамуда, майзадаҳо ё нашъамандон, на ҳама вақт дари манзили худро ба намояндагони мақомоти корҳои дохилӣ мекушояд.

Мушкилии дигар дар самти муқовимат ба ҷинояти ғоратгарӣ ин барҳам додани низоми профилакторияҳои табобатии меҳнатӣ мебошад, ки дар низоми мақомоти корҳои дохилӣ дар замони Шуравӣ амал мекарданд ва ба пешгирии ҷиноятгорӣ дар байни одамоне, ки майли майнушӣ ва тарзи ҳаёти ғайриҷамъиятиро пеш мебаранд, таъсир мерасонид. Бо барҳам

додани профилакторияҳои табобатии меҳнатӣ, милисаҳои ваколатдори маҳаллӣ як воситаи хеле муассир дар фаъолияти пешгирикунандаро аз даст додаанд.

Ин ба мушкилоти нашъамандӣ низ дахл дорад, ки айни замон торафт байни ҷавонон зиёд гардида истодааст. Солҳои охир ягона пешравии мусбат дар ин самт он аст, ки мақомот аҳаммияти чунин мушкилотро эътироф менамояд. Ҳамин тавр, тибқи гузориши расмии, « ба ҳар 100 ҳазор нафар аҳолӣ 55 нашъаманд рост меояд[269]. Аммо, бо назардошти таъхири паҳншавии нашъамандӣ, ин рақамҳо вазъи воқеии корҳоро инъикос намекунанд. Тавре таҷриба гувоҳ мебошад шумораи воқеии истеъмолкунандагони маводи мухаддир назар ба омори расмӣ якчанд баробар зиёдтар мебошанд.

Бинобар ин, мо пешниҳод менамоем, ки муассисаҳои назорати маъмурӣ, профилакторияҳои табобатии меҳнатӣ аз нав таъсис дода шаванд, аммо, албатта, бо тағирот ба вазъи кунунии иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии давлат. Инчунин, кормандони милитсияро бо ҷойҳои кории мувофиқ муҷаҳҳаз кардан лозим аст, то онҳо дар маркази ноҳияҳои маъмурии худудӣ ҷойгир бошанд ва сокинон ба осонӣ ба кумак муроҷиат кунанд. Дар ин ҷо зарурияти алоқаи зичтари намояндагони мақомоти шаҳрӣ ва шуъбаи милитсияро қайд кардан лозим аст.

Дар низоми мақомоти корҳои дохила, ки фаъолияти пешгирикунии ғоратгариро амалӣ мегардонад сохтори муҳим шуъбаи кофтукови ҷиноятӣ ва дигар сохторҳои амаликунандаи чорабиниҳои оперативӣ–ҷустуҷӯӣ мебошад. Дар кори пешгирӣ истифода бурдани дастгоҳҳои оперативӣ бо ташкили дурусти он самараи хеле калон медиҳад. Дар ин хусус дар адабиёт қайд мегардад, ки «Таҷриба исбот менамояд, ки фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ дар воқеъ ягона воситаи таъсирбахш ба зуҳуроти криминогенӣ,

[269] Ниг.: Национальная стратегия по контролю за наркотиками в Республике Таджикистан на 2021 – 2030 годы. Приложение 1 к указу Президента Республики Таджикистан от «20» марта 2021 года, №145 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://akn.tj/ru/2021/04/15/national–drug–control–strategy–of–the–republic–of–tajikistan–for–2021–2030/ (дата обращение: 10.10.2022).

равандҳо ва амалҳои мушаххаси ғайриқонунии тоҷиноятӣ мебошад, ки безарар гардонидан ва пешгирии намудани онҳо бо ёрии тадбирҳои ҷамъиятии дороиӣ хусусияти маъмурӣ–хизматӣ, ҷиноятию процессуалӣ ва тарбиявӣ дошта ғайриимкон аст[270].

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти кормандони оперативӣ бо шахсоне, ки ба ғоратгарӣ майл доранд, омӯзиши ҳамаҷонибаи маълумотҳое мебошад, ки шахсро тавсиф мекунанд, маълумот дар бораи тарзи зиндагӣ, шароити муҳити иҷтимоӣ, ҳолатҳои содир кардани ҷиноят ва ғайра мебошад. Кор бо ашхоси каблан маҳкумшуда бояд аз шиносоӣ бо ҳукми суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардад. Агар зарур бошад, метавон бо маводи парвандаи ҷиноятӣ дар архив шинос шуд. Агар шахс ҷазоро дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ адо карда бошад, субъекти пешгирикунанда бояд бо рафтори шахси боздошташаванда ҳангоми адои ҷазо шинос шавад – аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ маълумот талаб намояд. Ин маълумотҳо имкон медиҳанд, ки зарурати чораҳои пешгирикунанда муайян карда шаванд.

Омӯзиши хусусиятҳои инфиродии шахс бояд бо пешгӯии рафтори ӯ анҷом дода шавад. Дар ин ҳолат дараҷаи эҳтимолияти содир кардани ҷиноят аз ҷониби шахс пешгирӣ карда мешавад, одатан аз ҷониби субъекти пешгирикунанда ба таври интуитивӣ дар асоси таҷрибаи кории шахсӣ муайян карда мешавад. Аммо, чунон ки тадқиқотҳо нишон медиҳанд, усулҳои пешгӯии рафтори ҷиноятӣ метавонанд ба субъектҳои пешгирикунанда кумаки назаррас расонанд. Бо истифода аз ин усул, пешгӯии рафтори шахсоне, ки қаблан маҳкум шудаанд ва барои содир кардани ғоратгарӣ ҷазоро адо кардаанд, осонтар аст[271].

Тавре, ки амалия нишон медиҳад, ин гуна муносибатҳо на ҳамеша ба таври мусоид инкишоф меёбанд. Барои босамар расонидани таъсири

---

[270] Ниг.: Лукашов В.А. Совершенствование оперативно–розыскной деятельности органов внутренних дел. – М., 1997. – С. 23.
[271] Ниг.: Овчинский, С.С., Овчинский, А.С., Овчинский, В.С. Оперативно–розыскная информация. – М.: НИЦ ИНФРА–М, 2022. – С. 130–131.

профилактикӣ, шуъбаҳои субъектҳои профилактикӣ бояд усулҳои таъсиррасониро аз худ намоянд, усулҳои боваркунонӣ ва маҷбуркуниро аз худ намоянд, онҳоро дар фаъолияти профилактикӣ дуруст истифода намоянд.

Дар фаъолияти пешгирикунандаи шуъбаҳои корҳои дохилӣ мавқеи муҳимтаринро шуъбаҳои кор бо ноболиғон ишғол мекунанд, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон» фаъолияти худро амалӣ менамояд[272].

Тибқи қонуни мазкури низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон–маҷмуи фаъолияти инфиродӣ ва дастаҷамъонаи субъектҳои низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон, мақомоти дигари давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, ки дар самти огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд. Пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон – маҷмуи чорабиниҳои дастаҷамъона ва инфиродии ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ахлоқию равонӣ, маънавӣ, фарҳангӣ ва тиббӣ, ки аз ҷониби субъектҳои низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон бо мақсади ошкор ва бартараф намудани сабабу шароити ба содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон мусоидаткунанда амалӣ карда мешаванд[273].

Таҳқиқот оид ба ташкили пешгирӣ нишон медиҳад, ки иҷрои ин вазифаҳо ба зиммаи мақомоти гуногун, аз ҷумла ҳам мақомоти давлатӣ ва ҳам мақомоти шаҳрӣ (мақомоти маъмурии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти маориф, мақомоти васояту парасторӣ, мақомоти корҳои ҷавонон, органҳои нигаҳдории тандурустӣ, органҳои бо кор таъмин

---

[272] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон» аз 2 январи соли 2020, таҳти №1658 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia. tj (санаи мурочиат: 01.05.2022).

[273] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон» аз 2 январи соли 2020, таҳти №1658 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia. tj (санаи мурочиат: 01.05.2022).

намудани аҳолӣ, органҳои корҳои дохилӣ) ва дар баробари ин ба таври бояду шояд ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо ба роҳ монда нашудааст.

Дар самти пешгирии ғоратгарӣ дар байни ноболиғон ҷойи аввалро хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ байни ноболиғон ва ҷавонони мақомоти корҳои дохилӣ ишғол менамояд, ки дар пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо байни ноболиғон иштирок намуда, инчунин дар ин самт чунин муассисаҳо кумаки зарурӣ мерасонанд: марказҳои ҷудокунии муваққатӣ ҷиноятқорони ноболиғи мақомоти корҳои дохилӣ; воҳидҳои ҷиноятии мақомоти корҳои дохилӣ; дигар шуъбаҳои мақомоти корҳои дохилӣ, ки барои пешгирӣ кардани ҷиноятқории байни ноболиғон тадбирҳо меандешанд.

Солҳои охир дар шаҳри Душанбе аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ шаклу усулҳои гуногуни самараноки пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни ноболиғон фаъолона коркард гардида истодаанд. Зарурати чунин коркард ҳанӯз ҳам дар ҳолати паст қарор доштани самаранокии шаклу усулҳои мавҷудаи чунин фаъолияти пешгирикунанда мебошад. Ба андешаи мо барномаи «Нозири мактабӣ»–ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудан зарур аст. Дар мактабҳое, ки зиёда аз 500 нафар мактаббачагон мехонанд утоқи кории чунин «Нозири мактабӣ»–ро ташкил намудан зарур аст. Ба вазифаи асосии милисаи участкавии мактаб пеш аз ҳама бояд маҷмуи тадбирҳои пешгирӣ кардани ҷиноятқорӣ дар байни хонандагону мактаббачагон, ки қариб ҳамаи онҳо ноболиғон мебошанд, сарфи назар аз синну соли мактаббача ва назорат аз болои рафтори мактаббачагоне, ки майли содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ доранд, дохил карда шаванд.

Яке аз вазифаҳои асосии мақомоти корҳои дохила сари вақт ошкор намудани ташкили гурӯҳҳои зиддиҷамъиятӣ ё ҷинояти ғаразнок ва сари вақт амалӣ намудани назорати ҷамъиятӣ мебошад. Ҳангоми ташкили ин кор на танҳо тарзи зиндагии ҳар як аъзои ин гурӯҳи ҷиноятӣ, балки талабот ва манфиатҳои онҳо, ангеза ва ҳадафҳо, самтҳо, мавҷудияти

хислатҳои мусбат ва манфӣ дар шахсиятро бояд муайян ва кард дар фаъолияти индивидуалии профилактикӣ истифода бурдани онҳо лозим аст.

Инчунин баҳри пешгирии муассири ғоратгарӣ муайян кардани ҷойҳое, ки молу мулки дуздидшуда нигаҳдорӣ ва фурӯхта мешавад, гирифтани иттилоот дар бораи омодаги ба содир намудани кирдорҳои ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим дорад. Аз ин лиҳоз, чунин ба назар мерасад, ки тадбирҳои дар ҳамкории зич бо ҷомеа андешидаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имкон медиҳад, ки тамоми имкониятҳо барои пешгирии ғоратгарӣ, аз ҷумла назорати маъмурӣ васеъ истифода бурда шаванд[274].

Фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун яке аз вазифаҳои дастгоҳи давлатӣ оид ба ҳифзи моликият аз таҷовузҳои ҷиноятӣ дорои хусусиятҳои муайяне мебошад, ки бо хусусиятҳои соҳаҳои ин фаъолият, мазмун, ташкил, шаклу усулҳои кори мақомоти корҳои дохилӣ алоқаманданд.

Мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун субъектҳои профилактикӣ:

а) чорабиниҳои профилактикиро максаднок мегузаронанд;

б) қобилияти дарк кардан ва истифода бурдани таҷрибаи системаро доранд;

в) рафтори худро мувофиқи фармонҳо ё механизми идоракунии система месозанд;

г) бо дигар субъектҳо ба таври уфуқӣ (ҳамоҳангсозӣ) ва амудӣ (тобеъият) алоқаманданд;

д) дар баробари низом қобилияти дигаргуншавиро доранд;

е) қобилияти интихоби роҳи амалро доранд, ки бо ҳолати мушаххаси субъекти таъсир ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи система муайян карда мешаванд.

---

[274] Ниг.: Криминологические проблемы профилактики правонарушений молодежи Ф.А. Лопушанский, Ю.Н. Крупка, И.К. Туркевич и др.; Отв. ред. Ф.А. Лопушанский. – Киев, 1986. – С. 124–128, Положение об административном надзоре органов милиции за лицами, освобожденными из мест лишения свободы // Ведомости Верховного Совета СССР. – 1966. – №30. – 597 с.

Вазифаҳои асосии мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирии ғоратгарӣ аз инҳо иборатанд: муқаррар намудан ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд; муайян ва таҳлили сабабҳо ва шароитҳое, ки ба таъхирнопазирии ҷиноятҳо мусоидат мекунанд, барои бартараф намудани онҳо чораҳо андешидан; таъмин намудани ҷалби фаъолонаи аҳли ҷамъият ба кори пешгирӣ намудани ҳодисаҳои таъхирнопазири ҷиноятҳо, огоҳ намудани аҳолӣ аз воситаҳо ва усулҳои муҳофизати қонунӣ аз таҷовузи ҷиноятӣ; ошкор намудани шахсоне, ки ба содир намудани ҷиноят омодагӣ мебинанд ё ба содир кардани он суиқасд мекунанд; водор намудани ин шахсон барои даст кашидан аз фаъолияти ҷиноятӣ, андешидани чораҳои пешгирии ҷиноятҳо; ошкор намудани шахсоне, ки кирдори ғайриқонунии онҳо барои татбиқи чораҳои дахлдори пешгирикунанда асос медиҳад; таъмини интизоми баҳисобгирӣ дар вақти бақайдгирии ибтидоӣ ва баҳисобгирии ҷиноятҳо ва ғайра.

Мақомоти корҳои дохилӣ ҳангоми ҳалли вазифаҳои пешгирии ҷинояткорӣ усулҳои бовар кунондан ва маҷбуркуниро васеъ истифода менамояд, ки онҳо дар баробари воситаҳои дигар ба содир намудани ҷиноят таъсири мақсадноки пешгирикунанда мерасонанд; ва дар оянда ба таъхирнопазирии он таъсир мерасонад. Корҳои оперативӣ–ҷустуҷӯӣ ва гузаронидани чорабиниҳои ҳамаҷониба оид ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ба мақомоти корҳои дохилӣ имкон доранд, ки тадбирҳои пешгирикунандаи криминологиро дар дурдасттарин равишҳои ҷинояткорӣ ба роҳ монанд. Бояд қайд намуд, ки мақомоти корҳои дохилӣ барои пешгирӣ кардани ҷиноятҳо базаи васеъ ва мукаммалтарини иттилоотӣ доранд. Он на танҳо маълумотҳои статикӣ дар бораи ҷиноятҳои бақайдгирифташуда ва шахсонеро, ки онҳоро содир кардаанд, инчунин маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии маводи тафтишотӣ, оперативӣ–ҷустуҷӯӣ ва ғайраро доро мебошад.

Мавҷудияти тобеият дар муқоиса бо дигар макомоти хифзи ҳуқуқ қатъитар масъулияти шахсони мансабдори мақомоти корҳои дохилиро, ки ба субъектҳои фаъолияти профилактикӣ роҳбарӣ мекунанд, хеле зиёд мекунад. Бинобар сабабе ки шуъбаҳои корҳои дохилӣ ба объектҳои таъсири профилактикӣ наздиктаранд, нисбат ба дигар субъектҳои пешгирикунанда маълумоти заруриро дар бораи мавҷудияти омилҳо ва соҳаҳои таъсири криминогенӣ зудтар мегиранд ва истифода мебаранд.

Инчунин баҳри пешгирии ғоратгарӣ мақомоти корҳои дохилӣ чунин чораҳоро амалӣ менамоянд: азназаргузаронии мунтазами объектҳои дар ҳудуди хидматрасонӣ ҷойгиршуда, гузаронидани амалиёти комплексӣ, рейдҳо, санҷишҳо, санҷишҳои мақсаднок ва дигар чорабиниҳо, ки ба ошкор ва бартараф намудани ҳолатҳои ба содир намудани ҷиноят мусоидаткунанда ё ошкор намудани ҷиноятҳои аллакай содиршуда, ҷавоби қонунӣ ба онҳо. Илова ба ҳадафҳои пешгирикунанда, ҳамаи инҳо инчунин дар бораи вазъияти криминогенӣ тасаввурот медиҳанд, дарки бевоситаи кормандонро дар бораи ҳолатҳое, ки метавонанд ба содир кардани ҷиноятҳо мусоидат кунанд, таъмин мекунад.

Таҳлили баъзе аз парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба ғоратгарӣ нишон медиҳад, ки кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, бахусус нозирони мантақавии он дар баъзе мавридҳо барои пешгирии содиршавии ҷинояти мазкур чораҳои заруриро амалӣ намесозанд. Масалан, С., бо ҳукми суд дар асоси б.б. «а, б, в, г» қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати панҷ сол маҳкум шудааст.

Раванди омӯзиш ва баррасии парвандаи ҷиноятӣ муайян намудааст, ки судшаванда С., ва ҳаммаслаки охирин Ш., одатан ҷиноятҳои ғоратгарӣ ва роҳзаниро рӯзи равшан дар мавзеи маркази савдои «Садбарг» содир намуда, ба саломатӣ ва молу мулки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон зиён мерасондаанд.

Ҳамаи ин ҳолатҳои дар боло овардашуда шаҳодати он аст, ки аз тарафи нозирони мантақавии шуъбаи вазорати корҳои дохилӣ №1 дар н.

Шоҳмансури ш. Душанбе дар ин самт дуруст ва пуршиддат ба роҳ монда нашудаанд, ки ин вазъият боиси содиргардии ҷиноятҳои вазнин гаштааст.

Вобаста ба ин, суд диққати роҳбарияти Шуъбаи вазорати корҳои дохилӣ дар н. Шоҳмансури ш. Душанбе дар фаъолияти кормандонашон мавҷуд будани камбудиҳо ва минбаъд барои пешгирӣ намудани қонуншиканиҳо ҷалб намудааст[275].

Мушкилоти дигар дар пешгирии ҷинояти баррасишаванда ин набудани воҳидҳои заруриии махсуси ВКД ҶТ дар самти ташкил ва амалӣ намудани пешгирии маҳз ҷиноятҳои ғоратгарӣ мебошад. Сабаби асосӣ ҳал нагардидани як қатор вазифаҳои ташкилӣ мебошад. Инчунин на дар ҳамаи мақомоти корҳои дохилӣ ба зарурияти чунин махсусгардонӣ дар пешгирӣ кардани ин ҷиноятҳо аҳаммияти зарурӣ медиҳанд. Бинобар ин набудани методологияи махсус, муттасилӣ дар чунин фаъолият ба назар мерасад. На дар ҳама вақт шахсияти ҷиноятқороне, ки ин кирдорҳо содир мекунанд омӯхта мешаванд ва ҳолатҳое, ки ҷабрдидагон қурбонии ҷинояти ғоратгарӣ мешаванд ба таври зарурӣ таҳлил мегарданд.

Андешидани тадбирҳои муассир оид ба таҳкими ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти танзимкунандаи марказӣ ва маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, сохторҳои амниятӣ ва хадамоти амниятии субъектҳои хоҷагидор зарур аст. Бо дарназардошти он, ки ин намуди ҷиноят аксар вақт хусусияти гурӯҳӣ дорад ба мақсад мувофиқ аст, ки фаъолияти хадамот бо фаъолияти воҳидҳои мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккил баррасӣ карда шавад.

Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ошкорсозии ҷиноятҳои зидди моликият ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани гунаҳкорон яке аз самтҳои ҷиддии пешгирии ҷиноятҳои ин гурӯҳ мебошад, зеро таъхири зиёд ва кам ошкор шудани ин кирдорҳо бе ҷазо мондани ҷиноятқорон ба афзудани ҷиноят мусоидат мекунанд. Татбиқи ин

[275] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1–209/16 // Бойгонии Суди н. Шоҳмансури ш. Душанбе / Таъиноти хусусии маҷлиси судӣ. – Соли 2016.

самт аз кормандони оперативӣ ва тафтишотӣ малака ва тахассуси баландро талаб мекунад[276].

Дар пешгирии сатҳи ҷиноятӣ ғоратгарӣ ба воситаҳои ахбори омма аҳамияти калон дода мешавад. Васоити ахбори омма ба баланд бардоштани нуфузи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; дуюм, таъмини алоқаи онҳо бо аҳолӣ; сеюм, огоҳонидани аҳолӣ оид ба чораҳои муборизаи зидди кирдорҳои мушаххаси ҷиноятӣ мусоидат мекунад. Тамоми ин чораҳо бояд ба бартараф намудани рафтори ҷиноятӣ ва фаъолияти гуруҳҳои ҷиноятӣ мусоидат кунад.

Аз ин рӯ, як ҷанбаи муҳимми пешгирии ғоратгарӣ бояд тадбирҳое бошанд, ки ба беҳтар намудани робитаи мақомоти корҳои дохилӣ бо васоити ахбори омма нигаронида шуда бошанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки вақте мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои пешгирии ғоратгарӣ бо расонаҳои хабарӣ ҳамкории зич доранд, натиҷаи ин гуна ҳамкорӣ метавонад хеле назаррас бошад. Огоҳонидани аҳолӣ аз усулҳои маъмултарини ғоратгарӣ бояд яке аз самтҳои муҳимми ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо ВАО гардад[277].

Ҳамин тавр, ба хулосае омадан мумкин аст, ки тамоми имкониятҳои пешгирикунандаи мақомоти корҳои дохила дар самти пешгирии ғоратгарӣ дар баъзе мавридҳо пурра истифода намегарданд. Сабаби чунин вазъият аз бисёр ҷиҳат нодуруст баҳо додан ба стратегияи пешгирӣ намудани ҷинояткорӣ буда, дар аксари ҳолатҳо диққати асосии шуъбаи милитсия ба кирдорҳои аллакай содиршуда нигаронида шудааст. Чунин ҳолатро тағйир дода, ба вазифаҳои асосии шуъбаҳои дахлдори мақомоти корҳои дохила ҳамчун субъектҳои асосии муқовимат бо ғоратгарӣ ислоҳотҳои зарурӣ ворид намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Илова бар ин, бо дарназардошти воқеияти муосир аз нав таъсис намудани профилакторияҳои табобатии меҳнатӣ, институти назорати

---

[276] Ниг.: Криминология / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой и Г.М. Минсковской. – М., 1998. – С. 335.
[277] Ниг.: Севрюков А.П. Хищение имущества. Криминологические и уголовно–правовые аспекты. – М., 2004. – С. 349.

маъмурӣ, ки дар замони шуравӣ самаранокии худро исбот намуда буданд, зарур мебошад.

Хамин тавр, роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии пешгирии ғоратгарӣ, ки бояд заминаи консептуалии фаъолияти давлат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ташкил диҳанд, инҳо мебошанд:

– пурзӯр намудани ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ ва сохторҳои ҷамъиятӣ дар пешгирии ҷиноятҳо;

– ҷалби васеи аҳолӣ ба пешгирӣ намудани ҷинояти ғоратгарӣ;

– баланд бардоштани савияи тахассусии кормандони милитсия, аз ҷумла дар самти аз худ намудани асосҳои донишҳои психологӣ ва омӯхтани тактикаи пешгирии инфиродии ҷиноятҳо;

– таъмини назорат аз болои ҷиноятҳкорони эҳтимолӣ ва маҳдуд кардани баъзе ҳуқуқу озодиҳои онҳо (манъи истифодаи алоқаи мобилӣ, нақлиёти автомобилӣ, нигоҳ доштани силоҳ, назорат аз болои ҳузури шахс дар ҷои истқомат бо истифода аз датчикҳои электронӣ);

– пурзӯр намудани профилактикаи виктимологии ҷиноятҳо ва ғайра.

ХУЛОСА

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғоратгарӣ дар марҳилаи навини ташаккули давлат ва ҳуқуқи тоҷикон бо қабул шудани КҶ ҶТ соли 1998 алоқаманд буда, дар м. 248 мустаҳкам карда шудааст. Тадқиқоти анҷомдодашуда дар самти ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ ва муқовимат бо он имкон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ кунем:

Хулосаи тадқиқоти ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ ва муқовимат бо он, ки хусусияти назариявӣ доранд:

1. Дар давраҳои аввали ҳокимияти шуравӣ консепсияи ягонаи ҷиноятҳои молу мулкӣ ҷой надошт. Дар давраи амали КҶ ҶШФР аз соли 1922, КҶ ҶШС Ӯзбекистон аз соли 1926 ва КҶ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1935 масъалаи аз ҳам ҷудо намудани ғоратгарӣ ва дуздӣ мушаххасан ҳалли худро пайдо накарда ин ду таркиби ҷиноят бо ҳам омехта карда мешуданд.

2. Сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии давлати шуравӣ дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳо ба муқобили моликият, аз ҷумла бо ғоратгарӣ сиёсати ба таври афзалиятнок ҳифз намудани моликияти сотсиалистӣ бо роҳи муқаррар намудани ҷазоҳои нисбатан вазнин барои таҷовуз ба он ба ҳисоб мерафт. Чунин самти сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ дар сатҳи қонунгузорӣ то қабули КҶ ҶТ соли 1998 идома меёбад.

3. Қонунгузории ҷиноятҳои аксарияти давлатҳои пасошуравӣ таркиби асосии ҷинояти ғоратгариро асосан ба таври якхела муайян менамоянд. Фарқияти асосӣ дар хусусиятҳои аломатҳои вазнинкунанда ба назар мерасад. Масалан, Дар КҶ Қиргизистон, содир намудани ҷиноят аз ҷониби гуруҳи шахсон, яъне бе ҷой доштани маслиҳати пешакӣ ва ба сифати ҳолати махсусан вазнинкунанда содир шудани ғоратгариро дар ҳайати иттиҳоди ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст [8–М].

4. Фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба чунин аломати вазнинкунанда, ба монанди, содир намудани ҷиноят аз ҷониби гуруҳи муташаккил дар КҶ Қирғизистон бештар асоснок ба назар мерасад. Зеро

аломати мазкур дар қ. 4 м. 206 КҶ Қирғизистон дар қатори аломатҳои махсусан вазнинкунанда мустаҳкам шуда боиси таъини ҷазои сахттар мегардад. Дар КҶ ҶТ бошад аломати содир намудани ҷиноят аз ҷониби гуруҳи муташаккил дар қ. 3 м. 248 КҶ ҶТ мустаҳкам шуда, он назар ба содир намудани ғоратгарӣ ба миқдори махсусан калон ё дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок камтар ҷазо дода мешавад.

5. Муқоисаи санксияҳо нишон медиҳад, ки қонунгузории Тоҷикистон барои ғоратгарӣ ҷазодиҳии вазнинтарро пешбинӣ намудааст (маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол).

6. Дар фарқият аз санксияи қ.1 м. 248 КҶ ҶТ қонунгузории аксарияти давлатҳои пасошуравӣ (Ҷумҳурии Белорус, Қазоқистон, ФР) барои ғорагарии одӣ дар баробари ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ доираи васеи ҷазоҳои алтернативиро пешбинӣ намудааст, ки ин имкон медиҳад бо назардошти ҳолатҳои содир намудани ҷиноят принсипи фардикунонидани ҷазо амалӣ гардонида шавад.

7. Дар аксарияти давлатҳои хориҷа ғоратгарӣ ҳамчун кирдори ҷиноятии мустақили ба муқобили моликият равонашуда одатан ҷудо карда нашудааст ва аломатҳои дахлдоре, ки аз рӯйи КҶ ҶТ ба ғоратгарӣ мансуб мебошанд, дар қонунгузории давлатҳои мазкур байни таркиби ҷиноятҳои дуздӣ ва роҳзанӣ тақсим карда шудааст. Ошкоро ситонидани молу мулки шахси дигар бе истифодаи зӯроварӣ ҳамчун дуздӣ ва ошкоро ситонидани чунин молу мулк бо истифодаи зӯроварӣ, ҳатто бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок набуда ҳамчун роҳзанӣ баррасӣ мешавад [8–М].

8. Дар қонунгузории ҷиноятии як қатор давлатҳои хориҷӣ аломатҳои вазнинкунандае муқаррар шудаанд, ки мумкин аст, барои такмил додани м. 248 КҶ ҶТ истифода шаванд, масалан ғоратгарии молу мулки шахсони пиронсол, хурдсол, ки дар КҶ Олмон муқаррар шудааст. Пешниҳод карда мешавад, ки барои такмил додани м. 248 КҶ ҶТ чунин аломати

вазнинкунанда, ба монанди, ғоратгарии молу мулки шахсони дар ҳолати оҷизӣ қарор дошта муқаррар карда шавад, зеро аз ин сабаб имконияти онҳо барои ҳифз намудани моликияти худ маҳдуд буда, чунин ҳолат дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ғоратгариро зиёд мегардонад.

9. Баҳри такмили қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳод карда мешавад, ки аз фасли XI «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» боби 26 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» хориҷ карда шуда, он дар фасли алоҳида бо номи «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» бо ҷудо намудани ду боби нав (боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият, ки бо тасарруф алоқаманданд» ва боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият бе аломатҳои тасарруф») мустаҳкам карда шавад.

10. Объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили моликият – моликият ҳамчун мафҳуми иқтисодиву ҳуқуқӣ баромад менамояд, ки он аз соҳибшавии воқеӣ ва ҳуқуқии молу мулк аз ҷониби шахси мушаххаси ҳуқуқӣ ё воқеӣ, ки нисбати чунин молу мулк ваколатҳои соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ кардан ва ҳуқуқи истисноии додани чунин ваколатҳоро ба шахси дигар дорад, иборат мебошад. Шаклҳои моликият барои бандубасти кирдор аҳаммият надорад. Ба чунин сифат метавонад шакли дилхоҳи моликияти дар қонун пешбинишуда баромад намояд.

11. Мутобиқи қ. 4 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ баробарии ҳифзи ҳуқуқии ҳама шаклҳои моликият вобаста ба м. 12 Конституцияи ҶТ чандон риоя нашудааст. Зеро ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ё дастаҷамъӣ (ғайр аз ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ) дар ҳолатҳое ба миён меояд, ки агар арзиши молу мулки тасарруфшуда аз даҳ андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки шахсӣ новобаста аз арзиши он ба миён меояд. Бинобар он, пешниҳод мешавад, ки қ. 4 Эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки

давлатӣ ё дастҷамъи новобаста аз андозаи молу мулки тасарруфшуда муқаррар карда шавад.

12. Объекти бевоситаи ҷиноятҳо ба муқобили моликият, аз ҷумла ғоратгарӣ муносибатҳои ҷамъиятие ба ҳисоб мераванд, ки дар доираи он шахс вобаста ба қонун ваколатҳои воқеии соҳибӣ кардан, истифодабарӣ ва ихтиёрдории молу мулки худро татбиқ месозад, ки онҳо дар натиҷаи содир гардидани таҷовузи мушаххаси ҷиноятӣ халалдор мегарданд.

13. Ба Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 июни соли 2004 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» илова ворид карда шуда, дар он маҳз кадом молу мулк ба сифати предмети тасарруф баромад карда метавонад, муайян карда шавад. Чунин илова мумкин аст бо мазмуни зайл ворид шавад: Предмети тасарруф молу мулки ғайр эътироф мешавад ва зери он молу мулке фаҳмида мешавад, ки дар моликият ё соҳибии қонунии гунаҳкор қарор надорад. Молу мулки ғайриманқули шахси дигар мумкин аст предмети тасарруф эътироф шавад, танҳо дар ҳолатҳое ки ҷойивазнамоии он дар фазо бе зиён ба таъиноти он амалӣ шавад» [10–М].

14. Ба андешаи мо зарурияти дар мафҳуми тасарруф дохил намудани аломати ройгон гирифтани молу мулк эҳтиёҷот нест зеро: мафҳуми луғавии ройгон «муфт ба даст даровардан», «муфт», «бепул»–ро ифода мекунад, вале дар амалияи судӣ чунин аломат ҳангоми қисман пардохт намудани молу мулки тасарруфшуда низ мавҷуд буда метавонад; аломати ройгониро аломати дигари тасарруф, ба монанди боғараз, дар бар мегирад, яъне ройгон яке аз паҳлуҳои мақсади ғаразнок ба ҳисоб меравад [9–М].

15. Аломатҳои дар қонунгузорӣ муайяншудаи тасарруф чандон муккамал ва асоснок нестанд. Бинобар он ба андешаи мо хуб мебуд, агар қонунгузор аз тариқи умумӣ муайян намудани мафҳуми тасарруф даст мекашид. Бар ивази кӯшиши дар қонунгузорӣ муайян намудани мафҳуми умумии тасарруф маҳдуд сохтани он бо мафҳуми ҷиноятҳои мушаххас:

дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва ғ–ра ба мақсад мувофиқ мебуд. Дар баробари ин имконияти дар қонун истифода шудани «тасарруф» ҳамчун мафҳуми хелие, ки асосан ҷиноятҳоеро, ки тарафи объективии онҳо тасарруфи молу мулки ғайрро дар бар мегирад, мумкин мебуд [6–М].

17. Аломати ҳатмии субъекти ҷинояти дилхоҳ, аз ҷумла ғоратгарӣ мукаллафӣ, яъне мавҷуд будани солимии руҳӣ, ки ҳангоми он шахс дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят қобилияти дарк карда тавонистани хусусиятҳои кирдори худ ва роҳбарӣ намудан ба онро дар ҳолатҳои муайян дорад

18. Ғоратгарӣ чунин ҷинояти қасдонае мебошад, ки ҳангоми содиршавии он гуноҳи шахс танҳо дар намуди қасди бевосита ифода мегардад. Ғоратгариро содир намуда гунаҳкор ба ҷамъият хавфнокии ҳаракатҳои худро, ки барои ба таври ошкоро тасарруф намудани молу мулки ғайр равона шудаанд, дарк менамояд, оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокии чунин ҳаракатҳоро дар намуди расонидани зарар ба молик ё дигар шахс пешбинӣ мекунад ва фаро расидани чунин оқибатҳоро мехоҳад. Дар ҳамин ягонагии лаҳзаи зеҳнӣ ва иродавии гуноҳи гунаҳкор зоҳир мешавад, ки ин шарти зарурии мавҷуд будани тарафи субъективии ғоратгарӣ ба ҳисоб меравад.

19. Қасди гунаҳкор ҳангоми ғоратгарӣ бояд дарк намудани онро, ки молу мулки ғайр тасарруф мешавад, дар бар гирад. Лаҳзаи иродавии қасди гунаҳкор дар хоҳиши гирифтани молу мулки ғайр ва мақсади чунин ҳаракатҳо таҷассум мешавад. Шахси ғоратгарӣ содиркунанда ҳама вақт бо мақсади ғаразнок амал менамояд. Мақсади ғаразнок аломати ҳатмии ғоратгарӣ ҳамчун шакли тасарруф ба ҳисоб меравад.

20. Ҳам аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо ва ҳам бо аломати вазнинкунандаи такроран бандубаст намудани ҷиноятҳо дар мавриди ҷой доштани такрории хелӣ боиси халалдор гаштани принсипи адолат мегардад. Зеро ҳамон як кирдори содирнамудаи шахс ҳангоми ба ҷавобгарии ҷиноятӣ

кашидан ва таъин намудани ҷазо ду бор ба ҳисоб гирифта мешавад, ҳол он ки мутобиқи қ. 2 м. 8 КҶ ҶТ «Ҳеҷ касро барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест». Бинобар он пешниҳод менамоем, ки б. 3. эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, ҳангоми аз ҷониби шахс содир гардидани шаклҳои гуногуни тасарруф кирдор аз рӯйи танҳо маҷмуи ҷиноятҳо бандубаст карда шавад.

21. Аломати содир намудани он аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ бояд ба якчанд талаботҳо ҷавобгӯ бошад: 1) мавҷуд будани ду ё зиёда шахсон, ки ба сифати субъекти тасарруф баромад намуда метавонанд; 2) иштирокчиёни гуруҳ бояд тасарруфро якҷоя содир намоянд; 3) байни аъзоёни гуруҳ бояд маслиҳати пешакӣ дар бораи якҷоя содир намудани ҷиноят мавҷуд бошад. Аломати тавсифдиҳандаи шахсони ҷиноятро дар ҳайати гуруҳ бо маслиҳати пешакӣ содиркунанда он чӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳар яки онҳо бояд аломатаҳои зарур ва кофиро барои иҷрокунандаи ҷинояти мазкур эътироф шудан дошта бошанд.

22. Пешниҳод менамоем, бо мақсади риоя шудани принсипи гунаҳкоркунии субъективӣ қ. 2 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, андозаи зарари ба моликияти шахсӣ расонидашуда (андозаи ҷиддӣ, калон ва махсусан калон) аз ҷониби қонунгузор мушаххасан вобаста ба андозаи муайяни нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шавад. Зеро муайян намудани андозаи зарари ба моликияти шахси расонидашуда (ҷиддӣ, калон ва махсусан калон) танҳо аз рӯйи аҳволи моддии ҷабрдида, бе назардошти муносибати руҳии шахс ба чунин зарар амалан гунаҳкории объективиро ифода менамояд, ки ба принсипи гунаҳкорӣ (қ. 3 м. 7 КҶ ҶТ) мухолифат мекунад.

32. Дараҷаи хавфнокии тасарруф бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил ва ғайриқонунӣ дохил шудан ба бино ё дигар амборхона гуногун мебошад. Бинобар он ба мақсад мувофиқ аст, ки бо назардошти ин ҳолатҳо ҷавобгариро барои содир намудани тасарруф бо роҳи

ғайриқонунӣ дохил шудан ба объектҳои мазкур фарқгузорӣ карда шавад. Бо ин мақсад ғоратгарӣ бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба манзил аз б «д» қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, ҳамчун аломати махсусан вазнинкунанда дар қ. 3 м. 248 КҶ ҶТ муқаррар карда шавад.

25. Ғоратгарӣ дорои ду аломати хос мебошад, ки онро аз дигар намудҳои фаъолияти ҷиноятӣ тафовут менамояд: аввалан, нерӯйи пешбаранда, ангеза ва мақсади ин ҷиноят манфиати шахсӣ, пулсириштӣ, манфиятҳои ғаразноки молумулкӣ мебошанд. Хусусияти дуюми ин ҷиноят дар он зоҳир мегардад, ки ин ҷиноят даҳалона ва дар бештари ҳолатҳо бо зӯроварии ҷисмонӣ содир мешавад. Маҳз омезиши ин ду хусусиятҳо оид ба моҳият ва омилҳои асосии ғоратгарӣ тасаввурот медиҳанд [12–М].

26. Тамоми ҳолатҳоеро, ки сабаби ғоратгарӣ мешаванд, новобаста аз тамомои шаклҳои зоҳиршавии мушаххаси худ, иртиботи ин ҳолатҳоро бо дигар падидаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии ҷамъият инъикос карда наметавонанд [5–М].

27. Сабабу шароите, ки ба содир намудани ғоратгарӣ мусоидат мекунанд, аз унсурҳои умумии иҷтимоӣ ва инфиродии тарбиявӣ иборат мебошанд. Вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба шахсият таъсири манфӣ мерасонад (бекорӣ, таҳрифи шуури ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва динӣ ва ғайра). Аммо омилҳои инфиродии тарбиявӣ (руҳия дар оила, майзадагӣ, нашъамандӣ, тарзи ҳаёти паразитӣ) ба шахсияти ҷинояткори эҳтимолӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Бинобар ин ҳангоми тартиб додани системаи тадбирҳои профилактикии мубориза ба муқобили ғоратгарӣ ба чораҳои индивидуалии пешгирии тарбиявӣ бештар диққат додан лозим аст [5–М].

28. Сабабҳои содир намудани ғоратгарӣ чунин падидаҳои номатлуб мебошанд, аз қабили: ташаккули ангезаи ғаразнокӣ–паразитӣ дар муҳити оилавӣ, дар ҷои кор ва таҳсил; ташаккул ва паҳн намудани психологияи ашёпарастӣ, пулпарастӣ, тамаъкорӣ; деформатсияи манфиатҳои маишӣ, талаботҳо, одатҳое, ки дар майл доштан ба майзадагӣ, нашъамандӣ,

қиморбозӣ зоҳир мегарданд, ки натиҷаи ин таназзули шахсият мебошад; муҳити зӯроварӣ; дараҷаи пасти маданият, шуур, ахлоқи шахсоне, ки ҷиноятҳои ғаразнокро содир намудаанд [5–М].

29. Шароити содир намудани ғоратгарӣ аз инҳо иборат аст: ба таври бояду шояд таъмини техникӣ гардидани манзили истиқоматӣ ва анборҳо; камбудихо дар мубориза ба муқобили фурӯши молу мулки бо роҳи ҷиноят бадастомада; муносибати бепарвоёнаи шаҳрвандон нисбат ба нигоҳдории молу мулки худ; рафтори ҷабрдида [6–М].

30. Ба таври мунтазам ва ҳамаҷониба амалӣ намудани тадбирҳои зикргардида, ки бо фаъолияти пурсамари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва махсусан мақомоти корҳои дохилӣ, ки масъулияти пешгирии ғоратгариро ба уҳда доранд, ба таври назаррас такмил дода, дар амал натиҷаҳои мусбат хоҳад овард. Пешгирии ғоратгарӣ низоме мебошад, ки объектҳои пешгирикунанда, сатҳҳо ва шаклҳои асосии он; чораҳои эҳтиётӣ; ташкилотҳое, ки ин корро анҷом медиҳанд дар бар мегирад [5–М].

31. Сабаби содир намудани ғоратгарӣ асосан сабабгории ҷинояткориро дар маҷмуъ инъикос намуда, пеш аз ҳама омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ (таъсири бекорӣ, табақабандии ҷомеа ба категорияҳои даромадҳои гуногун, паст будани сатҳи корҳои ахлоқию тарбиявӣ, ғ.) ва хусусияти шахсӣ (тамаъкорӣ, хашмгинӣ ва ғ.) инъикос менамояд. Омӯзиши аломатҳои криминологӣ нишон медиҳад, ки ғоратгарӣ дар аксари ҳолатҳо аз тарафи ҷавонон, ки аксаран дорои маълумоти олӣ намебошанд, содир карда шуда, як қисми ин ҷиноятҳо дар ҳолати мастӣ сурат гирифтааст. Якҷоя омӯхтани сабабҳои ғоратгарӣ ва ба назар гирифтани хусусиятҳои криминологии шахсони гунаҳкор имкон медиҳад, ки барои мубориза бо ин ҷиноятҳо чораҳои муассиртар муайян карда шаванд [8–М].

32. Дар сатҳи кишвар пешгирии умумии иҷтимоии ҷинояткорӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дорад, ки ин бо мавҷуд набудани

барномаҳои умумиҷумҳуриявӣ оид ба пешгирии ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳо дар маҷмуъ тасдиқ карда мешавад. Ҳангоми таҳияи ин гуна барномаҳо аз таҷрибаи санҷидашудаи замони шуравӣ истифода кардан бамаврид аст. Дар сатҳҳои вилоят ва шаҳрҳо барномаҳои пешгирӣ кардани ҷиноят тартиб дода мешаванд, вале онҳо камбудиҳои ҷиддии методӣ доранд. Вазъият дар бобати тадбирҳои махсуси пешгирӣ кардани ғоратгарӣ ва дигар вайронкуниҳои ҷинояти ба муқобили моликият то андозае беҳтар аст, вале дар ин ҷо низ барои он ки ин тадбирҳо муассиртар гарданд, ҷидду ҷаҳди зиёд лозим аст [6–М].

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар заминаи таҳқиқоти анҷомпазируфта чунин тавсияҳои илмӣ бо мақсади такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ғоратгарӣ масоили таними ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ ва муқовимат бо он манзур карда мешаванд:

1. Пешниҳод карда мешавад, ки барои такмил додани м. 248 КҶ ҶТ чунин аломати вазнинкунанда, ба монандӣ, ғоратгарии молу мулки шахсони дар ҳолати оҷизӣ қарор дошта муқаррар карда шавад, зеро аз ин сабаб имконияти онҳо барои ҳифз намудани моликияти худ маҳдуд буда, чунин ҳолат дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ғоратгариро зиёд мегардонад [2–М].

2. Баҳри такмили қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳод карда мешавад, ки аз фасли XI «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» боби 26 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» хориҷ карда шуда, он дар фасли алоҳида бо номи «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» бо ҷудо намудани ду боби нав (боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият, ки бо тасарруф алоқаманданд» ва боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият бе аломатҳои тасарруф») мустаҳакам карда шавад [1–М].

3. Ба андешаи мо ба сифати аломати вазнинкунанда нигоҳ доштани содир намудани ҷиноят дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок шубҳаовар мебошад. Зеро ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷиноят бояд ҳолатҳое эътироф шаванд, ки кирдорро тавсиф медиҳанд, ё дар як вақт ҳам ба ҷиноят ва ҳам ба шахсият тааллуқ доранд. Ҳолатҳое, ки танҳо ба шахсияти гунаҳкор марбут мебошад, на бояд ба сифати аломати вазнинкунанда баромад намояд. Ғайр аз ин чӣ тавре дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ишора мешавад, ба сифати аломати вазнинкунандаи ҷиноят нишон додани ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок ба принсипи адолат мухолифат менамояд, чунки шахс бо назардошти ҷинояти қаблан содирнамудааш, ки аллакай барои он ҷазоро адо намудааст, боз дуюмбора сазовори ҷазои вазнинтар мегардад, ҳол он ки мувофиқи қ. 2 м. 8 КҶ ҶТ «ҳеҷ касро касро

барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест». Бо назардошти ин пешниҳод менамоем, ки содир намудани ҷиноят дар ҳолати ретсиди хавфнок ва махсусан хавфнок ҳамчун аломати вазнинкунандаи ҷиноят на фақат аз м. 248 КҶ ҶТ балки аз дигар ҷиноятҳо низ хориҷ карда шавад [2–М].

4. Мутобиқи қ. 4 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ баробарии ҳифзи ҳуқуқии ҳама шаклҳои моликият вобаста ба м. 12 Конституцияи ҶТ чандон риоя нашудааст. Зеро ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ё дастаҷамъӣ (ғайр аз ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ) дар ҳолатҳое ба миён меояд, ки агар арзиши молу мулки тасарруфшуда аз даҳ андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки шахсӣ новобаста аз арзиши он ба миён меояд. Бинобар он, пешниҳод мешавад, ки қ. 4 Эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ё дастаҷамъӣ новобаста аз андозаи молу мулки тасарруфшуда, муқаррар карда шавад [5–М].

5. Пешниҳод менамоем, бо мақсади риоя шудани принсипи гунаҳгоркунии субъективӣ қ. 2 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, андозаи зарари ба моликияти шахсӣ расонидашуда (андозаи ҷиддӣ, калон ва махсусан калон), аз ҷониби қонунгузор мушаххасан вобаста ба андозаи муайяни нишондиҳанда барои ҳисобҳо, муқаррар карда шавад. Зеро муайян намудани андозаи зарари ба моликияти шахсӣ расонидашуда (ҷиддӣ, калон ва махсусан калон) танҳо аз рӯйи аҳволи моддии ҷабрдида, бе назардошти муносибати руҳии шахс ба чунин зарар, амалан гунаҳкории объективиро ифода менамояд, ки ба принсипи гунаҳкорӣ (қ. 3 м. 7 КҶ ҶТ) мухолифат мекунад [10–М].

6. Пешниҳод карда мешавад, ки чунин аломати вазнинкунандаи ғоратгарӣ, ба монандӣ, содир намудани ҷиноят дар ҳолати ретсидиви хавфнок ва махсусан хавфнок аз б «г» қ. 3, б «а» қ. 4 м. 248 КҶ ҶТ хориҷ

карда шавад, зеро он ба чунин талаботи принсипи адолат «Ҳеҷ касро барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест» (қ. 2 м. 8 КҶ ҶТ), мухолифат менамояд [2–М].

7. Бо мақсади дуруст фарқгузорӣ карда шудани ғоратгарӣ вобаста ба дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ пешниҳод мегардад, ки аломати содир намудани ҷиноят аз ҷониби гуруҳи мутташаккил, ки дар қ. 3 м. 248 КҶ ҶТ мустаҳакам шудааст, дар қ. 4 м. 248 КҶ ҶТ ҷойгир карда шавад, зеро дар таҳрири ҷойдошта он назар ба содир намудани ғоратгарӣ ба миқдори махсусан калон ё дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок камтар ҷазо дода мешавад [2–М].

8. Ҳам аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо ва ҳам бо аломати вазнинкунандаи такроран банду баст намудани ҷиноятҳо дар мавриди ҷой доштани такрории хелӣ боиси халалдор гаштани принсипи адолат мегардад. Зеро ҳамон як кирдори содир намудаи шахс ҳангоми ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва таъин намудани ҷазо ду бор ба ҳисоб гирифта мешавад, ҳол он ки мутобиқи қ. 2 м. 8 КҶ ҶТ «Ҳеҷ касро барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест». Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки б. 3. эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, ҳангоми аз ҷониби шахс содир гардидани шаклҳои гуногуни тасарруф кирдор аз рӯйи танҳо маҷмуи ҷиноятҳо банду баст карда шавад [2–М].

9. Дараҷаи хавфнокии тасарруф бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил ва ғайриқонунӣ дохил шудан ба бино ё дигар амборхона гуногун мебошад. Бинобар он ба мақсад мувофиқ аст, ки бо назардошти ин ҳолатҳо ҷавобгариро барои содир намудани тасарруф бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба объектҳои мазкур фарқгузорӣ карда шавад. Бо ин мақсад ғоратгарӣ бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба манзил аз б «д» қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, ҳамчун аломати махсусан вазнинкунанда дар қ. 3 м. 248 КҶ ҶТ муқаррар карда шавад [12–М].

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ

1. Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137.
2. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия». [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/index_tj.fwx (санаи муроҷиат: 30.04.2022). – 6 с.
3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Қонуният, 2012. – 488 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон» аз 2 январи соли 2020, таҳти №1658 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/index_tj.fwx (санаи муроҷиат: 30.04.2022).
5. Модельный Уголовный Кодекс. Рекомендательный законодательный акт для Содружества Независимых Государств (с изменениями от 16 ноября 2006 г.) / Принят на шестом пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств – участников Содружества Независимых Государств 17 февр. 1996 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://docs.cntd.ru/document/901781490 (дата обращения: 22.06.2022).
6. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2028 бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www. adlia. tj (санаи муроҷиат: 01.05.2022).

7. П.В. Головненков Уголовное уложение Федеративной Республики Германия – Strafgesetzbuch (StGB) – Научно–практический комментарий и перевод текста [Электроный ресус]. – Режим доступа: ile:///C:/ Users/user /Downloads/ Neuauflage_der_k ommentierten_StGB–Übersetzung_von_Pavel_Golovnenkov.pdf (дата обращение: 05.03.2022).
8. Пенитенциарный кодекс Эстонии от 20.07.2020 [Электроный ресус]. – Режим доступа: https: //docs.yandex. ru/docs/ view?tm=1644942200&tld= u&lang=ru&name= ПЕНИТЕНЦИАРНЫЙ% 20 КОДЕКС% (дата обращение: 19.10.2021).
9. Уголовный закон Латвии [Электроный ресус]. – Режим доступа: olovnij zakon latvii rus. Pd f//https:// docs.yandex.ru/docs/ view?tm=1644987356&tld=ru&lang=ru&name=golovnijzakonlatviirus.pdf&t (дата обращение: 19.10.2021).
10. Уголовный кодекс Азербайджанской Республики (утвержден Законом Азербайджанской Республики от 30 декабря 1999 года, №787–IQ) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 27.12.2021 г.) [Электроный ресус]. – Режим доступа: https:// online.zakon.kz/Documenкодект/?oc_id =30420353&doc_id2=30420353#pos=251 (дата обращение: 19.10.2021).
11. Уголовный кодекс Испании [Электроный ресус]. – Режим доступа: https: // docs.yandex.ru/docs/view?tm=1648887999&tld=ru&lang (дата обращение: 19.10.2021).
12. Уголовный кодекс Китая [Текст] / Под ред. проф. А.И. Коробеева и проф. А.И. Чучаева, пер. с китайского проф. Хуан Даосю. – М.: ООО «КОНТРАКТ», 2017 [Электроный ресус]. – Режим доступа: https: // docs.yandex.ru/docs/view?tm=1645117466&tld=ru&lang=ru&name=УК–Китая_PDF (дата обращение:19.10.2021).
13. Уголовный кодекс Кыргызской Республики от 2 февраля 2017 года, №19 [Электроный ресус]. – Режим доступа: URL: http://cbd.Minjust.gov.kg/ act/view/ru–ru/111527?Cl=ru–ru (дата обращение: 19.10.2022).

14. Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 года, №275–З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 05.01.2022 г.) [Электроный ресус]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id =30414984&doc_id2=30414984#activate _doc=2&pos= 46;–87& pos2=1874;–97 (дата обращение: 19.10.2021).
15. Уголовный кодекс Республики Казахстан [Электроный ресус]. – Режим доступа: URL: https: // online. Zakon. Kz/ document/ ? Doc _id= 31575252#pos=66;–45 (дата обращение: 19.10.2022).
16. Уголовный кодекс Республики Молдова от 18 апреля 2002 года, №985–XV (с изменениями и дополнениями по состоянию на 11.11.2021 г.) [Электроный ресус]. – Режим доступа: https: // online.zakon.kz/ Document/?doc_id=30394923&docid2=30394923#activate_doc=2&pos=264 ;–110&pos2=2378;–78 (дата обращение: 06.10.2022).
17. Уголовный кодекс Республики Узбекистан (с изменениями и дополнениями по состоянию на (12.09.2019 г.) [Электроный ресус]. – Режим доступа: URL: http: // continent–online.com/Document/? Doc_id=30421110 (дата обращение: 19.10.2022).
18. Уголовный кодекс Российской Федерации от 13.06.1996, №63–ФЗ (ред. от 16.10.2019) [Электроный ресус]. – Режим доступа: URL: http: // www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_10699 / (дата обращение: 19.10.2022).
19. Уголовный кодекс Швейцарии [Электроный ресус]. – Режим доступа: СПб Издательство «Юридический центр Пресс», 2002. https: // www.studmed.ru/ugolovnyy–kodeks–shveycarii_1a1ab322d3f.html (дата обращение: 19.10.2021).
20. Уголовный кодекс Шветции [Электроный ресус]. – Режим доступа: http: // lawlibrary.ru/izdanie2068051.html (дата обращение: 19.10.2021).
21. Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1988. – 215 с.

22. Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон бо тағйироту иловаҳо то 1 июни соли 1975 [Матн]. – Душанбе, 1975. – 77 с.
23. Ведемостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Матбааи якуми Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба матбуот, 1982. – №3 (812). – 119 с.
24. Ведимостҳои Совети Олии ҶТ [Матн]. – Душанбе: Матбааи якуми Комитети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба матбуот, 1992. – №24 (1033). – м. 345. – 154 с.
25. Ведомости Верховного Совета СССР [Текст]. – 1947. – №19. – 471 с.
26. Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР, 1953–1991 гг. [Текст] / Сост. Н.С. Захаров, В.П. Малков. – Казань: Изд–во Казанского ун–та, 1992. – Ч. 1. – 304 с.
27. Сборник документов по истории уголовного законодательство СССР и РСФСР, 1917–1952 гг. [Текст] / Сост.: проф. А.А. Герцензон; Под ред. [и с предисл.] проф. И.Т. Голякова. – Москва: Госюриздат, 1953. – 464 с.
28. Сборник постановлений Верховного Суда СССР и Верховного Суда РСФСР [Текст]. – 1946–1957. – М., 1958. – 280 с.
29. Сборник действующих постановлений Пленума Верховного Судов СССР, РСФСР и Российской Федерации по уголовным делам [Текст]. – М., 1999. – 278 с.
30. Собрание узаконений РСФСР [Текст]. – 1919. – №27. – Ст. 301.
31. Собрание узаконений РСФСР [Текст]. –1919. – №58. – Ст. – 549.
32. Положение об административном надзоре органов милиции за лицами, освобожденными из мест лишения свободы [Текст] // Ведомости Верховного Совета СССР. – 1966. – №30. – 597 с.
33. Уголовный кодекс Грузии [Текст]. – Спб.: Юридический центр Пресс, 2002. – 409 с.
34. Уголовный кодекс Узб. ССР 1926 г. [Текст] // Собрание Узаконений УзССР. – 1926. – №11 – 12. – Ст. 54.

II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ

35. Аванесов, Г.А. Криминология и социальная профилактика [Текст] / Г.А. Аванесов. – М., 1980. – 526 с.
36. Агыбаев, А.Н. Уголовная ответственность за должностные злоупотребления в Республике Казахстан [Текст] / А.Н. Агыбаев. – Алматы: «Жети жаргы», – 1995. – 230 с.
37. Адоевская, О.А. Дифференциация ответственности за кражу по уголовному праву России [Текст] / О.А. Адоевская. – Самара, 2009. – 227 с.
38. Азизов, У.А. Эволюция преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко–правовое исследование: монография [Текст] / У.А. Азизов. – Душанбе, 2015. – 413 с.
39. Алексеев, А.И., Герасимов, С.И., Сухарев, А.Я. Криминологическая профилактика: теория, опыт, проблемы [Текст] / А.И. Алексеев, С.И. Герасимов, А.Я. Сухарев. – М., 2001. – 496 с.
40. Антонян, Ю.М. Причины преступного поведения [Текст] / Ю.М. Антонян. – М., 1992. – 207 с.
41. Астемиров, З.А. Криминология: Курс лекций [Текст] / З.А. Астемиров. – Махачкала: ИПЦ ДГУ, 2002. – 195 с.
42. Безверхов, А.Г. Имущественные преступления [Текст] / А.Г. Безверхов. – Самара, 2002. – 395 с.
43. Березин, М.Н., Кулагин, Н.И., Макушненко, Л.П. Профилактическая деятельность следователя [Текст] / М.Н. Березин, Н.И. Кулагин, Л.П. Макушненко. – Волгоград, 1975. – 87 с.
44. Блувштейн, Ю.Д Конкретные преступления: их причины и предупреждение [Текст] / Ю.Д. Блувштейн. – Минск, 1987. – 68 с.
45. Бойцов, А.И. Преступление против собственности [Текст] / А.И. Бойцов. – СПб., 2002. – 755 с.
46. Бондарь, А.В., Старков, О.В., Упоров, И.В. Мошенничество как вид преступного посягательства против собственности и особенности его

проявления в сфере банковской деятельности [Текст] / А.В. Бондарь, О.В. Старков, И.В. Упоров. – Сыктывкар, 2003. – 203 с.
47. Владимиров, В.А. Квалификация похищений личного имущества [Текст] / В.А. Владимиров. – М., Юрид. лит., 1974. – 208. с.
48. Владимиров, В.А., Ляпунов, Ю.И. Ответственность за корыстные посягательства на социалистическую собственность [Текст] / В.А. Владимиров, Ю.И. Ляпунов. – М., Юридическая литература, 1986. – 244 с.
49. Владимиров, В.А., Холостое, А.И. Ответственность за грабеж и личность грабителя [Текст] / В.А. Владимиров, А.И. Холостое. – М., ВНИИ МВД СССР, 1975. – 256 с.
50. Вышинская, З.А. Об уголовной ответственности за хищение государственного и общественного имущества [Текст] / З.А. Вышинская. – М., 1948. – 36 с.
51. Галиакбаров, Р.Р. Борьба с групповыми преступлениями. Вопросы квалификации [Текст] / Р.Р. Галиакбаров. – Краснодар, 2000. – 198 с.
52. Гаухман, Л.Д., Максимов, С.В. Уголовная ответственность за преступления в сфере экономики [Текст] / Л.Д. Гаухман, С.В. Максимов. – М., ЮрИнфоР, 1996. – 290 с.
53. Гернет, М. Преступление и борьба с ним в связи с эволюцией общества [Текст] / М. Гернет. – М., 1916. – 493 с.
54. Елисеев, С.А. Преступления против собственности по уголовному законодательству России [Текст] / С.А. Елисеев. – Томск, 1999. – 337 с.
55. Ераксин, В.В. Ответственность за грабеж [Текст] / В.В. Ераксин. – М., Юрид. лит., 1972. – 128 с.
56. Жалинский, А.Э. Лекарь, А.Г. Профилактика преступлений [Текст] / А.Э. Жалинский, А.Г. Лекарь. – М., 1972. – 104 с.
57. Журавлева, М.П., Никулина, С.И. Российское уголовное право. Особенная часть [Текст] / М.П. Журавлева, С.И. Никулина. – М.: Спарк, 1998. – 495 с.

58. Иванов, Н.Г. Уголовное право. Общая часть. Учебник для академического бакалавриата [Текст] / Н.Г. Иванов. – М., 2016. – 275 с.
59. Игошев, К.Е., Устинов, В.С. Введение в курс профилактики правонарушений [Текст] / К.Е. Игошев, В.С. Устинов. – Горький, 1977. – 93 с.
60. Карпец, И.И. Проблемы преступности [Текст] / И.И. Карпец. – М., Юрид. лит., 1970. – 168 с.
61. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / Ю.И. Скуратова, В.М. Лебедева. – М., ИНФРА–М–Норма, – М., Юристъ. 1996. – 592 с.
62. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации в 2-х т. [Текст] / Под ред О.Ф. Шишова. – М., 1998. – 760 с.
63. Костенко, А. Криминальный произвол [Текст] / А. Костенко. – Киев: Наукова думка, 1990. – 148 с.
64. Кочои, С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности [Текст] / С.М. Кочои. – М., 2000. – 288 с.
65. Кошаева, Т.О. Судебная практика по уголовным делам о краже чужого имущества [Текст] / Комментарий судебной практики / Под ред. К.Б. Ярошенко. – М., 2012. – Вып. 17. – 217 с.
66. Криминологические проблемы профилактики правонарушений молодежи [Текст] / Ф.А. Лопушанский, Ю.Н. Крупка, И.К. Туркевич и др.; Отв. ред. Ф.А. Лопушанский. – Киев, 1986. – 206 с.
67. Криминология [Текст] / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой и Г.М. Минсковской. – М., 1998. – 566 с.
68. Криминология [Текст] / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой и Г.М. Миньковского. – Москва: Издательство МГУ, 1994. – 415 с.
69. Криминология: учебник для вузов [Текст] / Под общ. ред. А.И. Долговой. 2–е изд., перераб. и доп. – Москва: Издательство НОРМА, 2002. – 848 с.
70. Криминология: Учебник для юридических вузов [Текст] / Под общ. ред. А.И. Долговой. – М.: НОРМА, 1999. – 779 с.

71. Криминология: Учебник для юридических вузов [Текст] / Под ред. В.Н. Бурлакова, В.П. Сальнинова. – СПб.: Санкт–Петербургская академия МВД России, 1998. – 608 с.
72. Кругликов, Л.Л., Спиридонова, О.Е. Юридические конструкции и символы в уголовном праве [Текст] / Л.Л. Кругликов, О.Е. Спиридонова. – СПб., 2005. – 336 с.
73. Кудрявцев, В.Н., Наумов, А.В. Российское уголовное право. Особенная часть: учебник [Текст] / В.Н. Кудрявцев, А.В. Наумов. – М.: Юристъ, 1997. – 496 с.
74. Кузнецова, Н.Ф. Проблемы криминологической детерминации [Текст] / Под ред. Н.Ф. Кузнецова. – М., Изд–во Моск. ун–та, 1984. – 208 с.
75. Курс уголовного права. Особенная часть. Т. 3 [Текст] / Под ред. Г.Н. Борзенкова, В.С. Комиссарова. – М., 2002. – 470 с.
76. Лейкина, Н.С. Личность преступника и уголовная ответственность [Текст] / Н.С. Лейкина. – Л., 1968. – 128 с.
77. Ленин, В.И. Полн. собр. соч. [Текст] / В.И. Ленин. – Т. 33. – М., 1969. – 433 с.
78. Лопашенко, Н.А. Преступления против собственности: авторский курс: монография: в 4 книгах [Текст] / Н.А. Лопашенко. – Москва: Юрлитинформ, 2019. – 405 с.
79. Лукашов, В.А. Совершенствование оперативно–розыскной деятельности органов внутренних дел [Текст] / В.А. Лукашов. – М., 1997. – 123 с.
80. Мальцев, В.В. Ответственность за преступления против собственности [Текст] / В.В. Мальцев. – Волгоград, 1999. – 80 с.
81. Маркс, К., Энгельс, Ф. Сочинение [Текст] / К. Маркс, Ф. Энгельс. – Т. 8. – М., 1961. – 745 с.
82. Михайловская, И.Б. Соотношение преступления и преступности [Текст] / И.Б. Михайловская. – М., 1981. – 13 с.
83. Муллаев, М.М. История уголовного права Таджикской ССР [Текст] / М.М. Муллаев. – Сталинабад: Идв–во Таджик, гос. Ун–та, 1960. – 156 с.

84. Назаренко, Г.В. Невменяемость: Уголовно–релевантные психические состояния [Текст] / Г.В. Назаренко. – СПб., 2002. – 207 с.
85. Непомнящая, Т.В. Назначение уголовного наказания теория, практика, перспективы [Текст] / Т.В. Непомнящая. – СПб., 2006. – 781 с.
86. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ) [Матн] / Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И, Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. – Душанбе, 2020. – 223 с
87. Овчинский, С.С., Овчинский, А.С., Овчинский, В.С. Оперативно–розыскная информация [Текст] / С.С. Овчинский, А.С. Овчинский, В.С. Овчинский. – М.: НИЦ ИНФРА–М, 2022. – 415 с.
88. Орехов, В.В. Социальное планирование и вопросы борьбы с преступностью [Текст] / В.В. Орехов. – Л., 1972. – 133 с.
89. Ответственность за хищение огнестрельного оружия, боевых припасов и взрывчатых веществ по советскому уголовному праву [Текст] / В.П. Тихий. – Харьков: Вища шк. Изд–во при Харьк. ун–те, 1976. – 129 с.
90. Павлов, В.Г. Субъект преступления [Текст] / В.Г. Павлов. – СПб., 2001. – 318 с.
91. Постатейный Комментарий к Уголовному кодексу РФ 1996 г. [Текст] / Под ред. А.В. Наумова. – М.: «Гардарика», Фонд «Правовая культура», 1996 г. – 592 с.
92. Практический комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / Под общ. ред. Х.Д. Аликперова, Э.Ф. Побегайло. – М., 2001. – 859 с.
93. Преступность и реформы в России [Текст] / Под ред. И. Долговой. – Москва, 1998. – 408 с.
94. Рарог, А.И. Настольная книга судьи по квалификации преступлений [Текст] / А.И. Рарог. – М., 2006. – 220 с.
95. Раска, Э.Э. Борьба с преступностью и социальное управление. Теоретические и методический аспекты [Текст] / Э.Э. Раска. – Таллин: Эести раамат, 1985. – 216 с.

96. Российское уголовное право. В 2 т. Т. 2. Особенная часть [Текст] / Под ред. А.И. Рарога. – М., 2004. – 872 с.
97. Российское уголовное право. В 2 т. Т. 2. Особенная часть [Текст] / Под ред. Л.В. Иногамовой Хегай, В.С. Комиссарова, А.И. Рарога. – М., 2003. – 233 с.
98. Саркисов, Г.С. Социальная система предупреждения преступности [Текст] / Г.С. Саркисов. – Ереван, 1975. – 159 с.
99. Сафаров, А.И., Саидов, Ш.Н., Қудратов, Н.А. Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ. Воситаи таълимӣ [Текст] / А.И. Сафаров, Ш.Н. Саидов, Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2013. – 175 с.
100. Севрюков, А.П. Хищение имущества. Криминологические и уголовно–правовые аспекты [Текст] / А.П. Севрюков. – М., 2004. – 352 с.
101. Сериков, А.П. Понятие и некоторые вопросы квалификации грабежа [Текст] / А.П. Сериков. – М., 2003. – 176 с.
102. Советское уголовное право. Часть Особенная: Учебник [Текст] / Под ред. А.А. Герцензона и З.А. Вышинской. – М., 1951. – 431 с.
103. Солиев, К.Х., Рахимов, Р.Х. Комментарий к преступлениям в сфере экономики. Теория и практика уголовного права [Текст] / К.Х. Солиев, Р.Х. Рахимов. – Душанбе, 2001. – 275 с.
104. Стручков, Н.А. Вступительная статья в кн. Э. Бенгальца. Дж. Лукаса. Р. Гартмана. Социологическая криминология [Текст] / Н.А. Стручков. – М., 1975. – 272 с.
105. Теоретические основы предупреждения преступности [Текст] / Антонян Ю.М., Жалинский А.Э., Звирбуль В.К., Клочков В.В., и др.; Отв. ред.: Звирбуль В.К., Клочков В.В., Миньковский Г.М. – М., Юрид. лит., 1977. – 256 с.
106. Уголовное право России: части Общая и Особенная: учеб. [Текст] / Под ред. А.В. Бриллиантова. – М., 2010. – 531 с.
107. Уголовное право Российской Федерации. Особенная часть: учебник [Текст] / Ю.В. Грачева [и др.]; Под ред. Л.В. Иногамовой Хегай, А.И. Рарога, А.И. Чучаева. 2–е изд., испр, и доп. – М., 2009. – 800 с.

108. Уголовное право Российской Федерации: Особенная часть: учеб. [Текст] / Под ред. Г.Н. Борзенкова, В.С. Комиссарова. – М., 1997. – 246 с.
109. Уголовное право. Общая часть [Текст] / Под ред. В.И. Радченко. – М., 2004. – 576 с.
110. Уголовное право. Общая часть. Учебник для бакалавров [Текст] / Отв. ред. А.Н. Тарбагаев. – М., 2016. – 448 с.
111. Уголовное право. Особенная часть [Текст] / И.Я. Козаченко, Г.П. Новоселова. – М., 2016. – 351 с.
112. Уголовное право. Особенная часть [Текст] / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова, Г.П. Новоселов. – М.: ИНФРА–М–НОРМА, 2001. – 960 с.
113. Уголовное право. Особенная часть: учебник [Текст] / Н.И. Ветрова, Ю.И. Ляпунова. – М., Новый Юрист, 1998. – 767 с.
114. Уголовное право. Особенная часть: учебник для вузов [Текст] / И.Я. Козаченко. – М., ИНФРА–М–НОРМА, 1998. – 768 с.
115. Уголовное право. Часть Общая. Часть Особенная [Текст] / Под ред. Л.Д. Гаухмана, Л.М. Колодкина, С.В. Максимова. – М., 1999. – 784 с.
116. Уголовный кодекс Российской Федерации. Научно–практический комментарий [Текст] / Под общей ред. Х.Д. Аликперова, Э.Ф. Побегайло. – М., Юридическая литература, 1998. – 824 с.
117. Уланова, Ю.Ю. Общие признаки хищения в составе кражи [Текст] / Ю.Ю. Уланова. – М., Юрлитинформ, 2013. – 304 с.
118. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – Душанбе, 2008. – С. 329 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ravshanfikr.tj/lu-atnoma-o.raw?task=download&fid=222 (санаи муроҷиат: 27.11.2022). – Душанбе, 2008. – 1091 с.
119. Ҳуқуқи граждани [Матн] / Қисми 1 Қ.Ш. Қурбонов, И.Ғ. Ғаффорзода. – Душанбе, 2017. – 327 с.

120. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ): китоби дарсӣ [Матн] / Зери таҳрири доктори илми ҳуқуқ Р.Ҳ. Раҳимзода ва доктори илми ҳуқуқ И.Ҳ. Бобоҷонзода. – Душанбе: Эр–граф, 2019. – 550 с.
121. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ):китоби дарсӣ. [Матн] / Зери таҳрири номзади илми ҳуқуқ, дотсент Ғаффорова. Ҳ.С. ва номзади илми ҳуқуқ, дотсент Н.А. Салимов. – Душанбе: Зинат, 2011. – 344 с.
122. Шарипов, Т.Ш., Сафарзода, А.И., Камолов, З.А., Холиқов, Ш.Л. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ): курси мухтассари лексияҳо [Матн] / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов, Ш.Л. Холиқов. – Душанбе, 2018. – 223 с.
123. Эминов, В.Е. Причины преступности в России: криминологический и социально–психологический анализ [Текст] / В.Е. Эминов. – Москва, 2011. – 128 с.
124. Яковлев, А.М. Социология экономической преступности [Текст] / А.М Яковлев. – М., 1988. – 256 с.

III. Мақолаҳо ва маърӯзаҳо

125. Бахриддинзода, С.Э. Вопросы соблюдения техники уголовного законодательства в современных условиях в Республике Таджикистан [Текст] / С.Э. Баҳриддинзода // Правовая жизнь. – 2017. – №2. (18). – С. 98–102.
126. Бодаевский, Д.П., Сафонов, Д.В. О проблеме понятийного аппарата объектов преступлений против собственности [Текст] / Д.П. Бодаевский, Д.В. Сафонов // Уголовно–правовые и криминологические направления противодействия преступности Материалы I региональной научно–практической конференции профессорско–преподавательского состава, аспирантов и студентов. – 2018. – С. 278–281.
127. Борзенков, Г. Преступления против собственности [Текст] / Г. Борзенков // Человек и закон. – 1998. – №7. – С. 26–31.

128. Бочкарева, Е.В. К вопросу о формах самодетерминации преступности [Текст] / Е.В. Бочкарева // Вестник ЧелГУ. Серия: Право. – 2017. – Т. 2. – №4. – С. 70–74.
129. Валуев, М.В. Семья как субъект предупреждения преступности молодежи [Текст] / М.В. Валуев // Правовое воспитание молодежи: семья и социум: сборник научных трудов Международной научно–практической конференции (Москва, 30 ноября 2016 года). – Москва: Московский университет МВД РФ им. В.Я. Кикотя, 2017. – С. 17–20.
130. Голоднюк, М.Н., Костарева, Т.А. Квалифицирующие признаки в новом уголовном законодательстве [Текст] / М.Н. Голоднюк, Т.А. Костарева // Вестник Моск. ун–та. – 1995. – Серия 11. – №5. – С. 54–64.
131. Желудков, М.А. Содержание дефиниции «собственность», «право собственности» и «имущество» в аспекте выявления объекта защиты от корыстных преступлений против собственности [Текст] / М.А. Желудков // Современное право. – 2010. – №11. – С. 62–65.
132. Исмагилов, Р. Объект и предмет кражи [Текст] / Р. Исмагилов // Законность. – 1999. – №8. – С. 49–52.
133. Кладков, В.А. Уголовно–правовая охрана права собственности [Текст] / В.А. Кладков // Труды МГЮА. – 1999. – №4. – С. 109–110.
134. Клепицкий, И.А. Недвижимость как предмет хищения и вымогательства [Текст] / И.А. Клепицкий // Государство и право. – 2000. – №12. – С. 11–19.
135. Клепицкий, И.А. Собственность и имущество в уголовном праве [Текст] / И.А. Клепицкий // Государство и право. – 1997. – №5. – С. 74–80
136. Королева, М.В. Криминологическая оценка современной рецидивной преступности в России [Текст] / М.В. Королева // Российский криминологический взгляд. – 2015. – №1. – С. 125–130.
137. Кудрявцев, В.Н. Контроль над преступностью. [Текст] / В.Н. Кудрявцев / Круглый стол // Государство и право. – 1993. – №10. – С. 59–64.

138. Лысов, М.Д. Логико–структурный анализ понятий и признаков преступлений в действующем Уголовном кодексе РФ [Текст] / М.Д. Лысов // Государство и право. – 1997. – №12. – С. 74–78.
139. Марианов, А.А., Заирбеков, Ш.И. Семья как субъект предупреждения преступлений [Текст] / А.А. Марианов, Ш.И. Заирбеков // Наука и современность – 2015: Материалы II Международной научно–практической конференции (Махачкала, 27 ноября 2015 года) / Под общ. ред. М.И. Абакарова. – Махачкала: ООО «Инноватика», 2015. – С. 127–131.
140. Рузевич, О.Р., Андрюхин, С.В. Преступления против собственности: проблема определения объекта [Текст] / О.Р. Рузевич, С.В. Андрюхин // Вестник Владимировского юридического института. – 2013. – №2 (27). – С. 116–119.
141. Семик, А.А. Уголовно–правовая характеристика предмета хищения чужого имущества в форме грабежа [Текст] / А.А. Семик // Экономика. Право. Печать. Вестник КСЭИ. – 2019. – №4 (84). – С. 15–18.
142. Скляров, С.В. Квалификация преступлений против собственности с причинением значительного ущерба [Текст] / С.В. Скляров // Журнал Имущественные отношения в Российской Федерации. – 2018. – №8 (203). – С. 58–63.
143. Скляров, С.В. Уголовная ответственность за хищение недвижимого имущества [Текст] / С.В. Скляров // Российская юстиция. – 2001. – №6. – С. 52–53.
144. Халиков, Ш.Л. Причины и условия преступлений в сфере финансово–кредитных отнношений [Текст] / Ш.Л. Халиков // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «700–солагии Мир Сайид Алии Хамадонӣ», «Соли оила» ва Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» солҳои 2005 – 2015. – Душанбе, 2015 – С. 559–560.
145. Хилюта, В.В. Совместное совершение хищения группой лиц [Текст] / В.В. Хилюта // Уголовное право. – 2008. – №5. – С. 48–53.

146. Хилюта, В.В. Толкование гражданского законодательства при установлении юридического признака предмета хищения [Текст] / В.В. Хилюта // Вектор науки ТГУ. – 2010. – №2. – С. 176–178.
147. Чернышева, Л.В. Уголовно–правовая характеристика предмета грабежа [Текст] / Л.В. Чернышева // Юридическая наука и правоохранительная практика. – 2010. – №2 (12). – С. 71–77.
148. Шаповалов, Ю.Н. К вопросу об объекте и предмете хищения [Текст] / Ю.Н. Шаповалов // Рос. следователь. – 2008. – №20. – С. 24–26.
149. Шаргородский, М.Д. Преступность, ее причины и условия в социалистическом обществе [Текст] / М.Д. Шаргородский // Преступность и ее предупреждение. – Л., 1966. – С. 20–58.

IV. Диссертатсия ва авторефератҳо

150. Адилов, З.А. Потенциал уголовного наказания и проблемы его эффективности в борьбе с преступностью [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Адилов Заур Адилович. – Махачкала, 2003. – 27 с.
151. Адипозелов, К.А. Проблемы виктимизации населения [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Адигюзелов Киясудин Ахмедович. – Махачкала, 2002. – 28 с.
152. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко–правовое исследование [Текст]: дис. … д–ра юрид. наук: 12.00.01 / Азизов Убайдулло Абдуллоевич. – Душанбе, 2015. – 413 с.
153. Акаева, А.А. Проблемы латентности преступлений в сфере экономики [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Акаева Аминат Абдурахмановна. – Махачкала, 2002. – 41 с.
154. Алишейхов, Г.М. Уголовно–правовые и криминологические аспекты грабежа (по материалам Республики Дагестан) [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Алишейхов Гаджимурад Магомедович. – Махачкала, 2006. – 212 с.

155. Анисимов, В.Ф. Ответственность за преступления против собственности с признаками хищения: состояние, сущность и проблемы квалификации [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Анисимов Владимир Филиппович. – Санкт–Петербург, 2007. – 381 с.
156. Ахмедов, Р.У. Оценочные признаки хищения и его форм в уголовном праве [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Ахмедов Руслан Умалатович. – Краснодар, 2013. – 27 с.
157. Беззуб, Б.С. Уголовная ответственность за кражу и грабеж личного имущества. (на материалах УССР) [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Беззуб Борис Степанович. – Киев. 1970. – 21 с.
158. Вакула, М.М. Криминологическая характеристика и уголовно–правовые меры противодействия грабежу [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Вакула Максим Михайлович. – Санкт–Петербург, 2005. – 170 с.
159. Вишнякова, Н.В. Объект и предмет преступлений против собственности [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Вишнякова Наталья Валерьевна. – Омск, 2003. – 27. с.
160. Воронин, В.Н. Индивидуализация наказания понятие, критерии, значение [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Воронин Вячеслав Николаевич. – М., 2015. – 252 с.
161. Герасимов, С.И. Концептуальные основы и научно–практические проблемы предупреждения преступности [Текст]: автореф. дис. … д–ра юрид. наук: 12.00.08 / Герасимов Сергей Иванович. – М., 2001. – 93 с.
162. Каныгин, В.И. Проблемы комплексного анализа и предупреждения преступности в регионе (по материалам Приволжского федерального округа) [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Каныгин Вячеслав Иванович. – Нижний Новгород, 2002. – 21 с.
163. Карлов, В.В. Критерии отбора законодателем квалифицированных составов преступлений [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Виктор Васильевич Карлов. – Свердловск, 1990. – 16 с.

164. Кочои, С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности по законодательству России [Текст]: дис. … д–ра юрид. наук: 12.00.08 / Кочои Самвел Мамадович. – М., 1999. – 343 с.
165. Красновский, Г.Н. Некоторые проблемы оптимизации уголовного законодательства об ответственности за хищения имущества [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Красновский Григорий Николаевич. – М., 1991. – 25 с.
166. Кудратов, Н.А. Уголовная ответственность за преступления, связанные с банкротством: проблемы теории, практики и законодательства [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Кудратов Некруз Абдунабиевич. – М., 2012. – 28 с.
167. Курашвили, А.А. Криминологические основы предупреждения органами внутренних дел грабежей и разбоев, посягающих на личную собственность граждан [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Курашвили Анастасия Александровна. – Москва, 1987. – 21 с.
168. Мазуренко, Е.А. Объект и предмет уголовано–правовой охраны преступлений против собственности: современные проблемы квалификации [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Мазуренко Елена Александровна. – М., 2003. – 248 с.
169. Макаров, В.В. Криминологическое исследование самодетерминации преступности [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Макаров Виктор Владимирович. – Москва, 2014. – 183 с.
170. Малькова, И.Ю. Грабеж: вопросы квалификации, дифференциации ответственности и индивидуализации наказания [Текст]: дис. … канд юрид. наук: 12.00.08 / Малькова Ирина Юрьевна. – Саратов, 2009. –186 с.
171. Нелезина, Е.П. Уголовно–правовые и криминологические меры борьбы с присвоением и растратой в кредитно–банковской системе [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Нелезина Елена Петровна. – М., 2001. – 158 с.

172. Пинаев, А.А. Проблемы дальнейшего совершенствования советского уголовного законодательства об ответственности за хищения [Текст]: автореф. дис. … д–ра юрид. наук: 12.00.08 / Пинаев Анатолий Алексеевич. – Киев, 1984. – 32 с.
173. Раджабов, К.Д. Уголовно–правовые и криминологические проблемы борьбы с вымогательством [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Раджабов Комрон Давлатович. – Душанбе, 2018. – 175 с.
174. Рахимзода, Р.Х. Оперативно–розыскная политика по обеспечению экономической безопасности Республики Таджикистан: проблемы теории, методологии и практики (историко–правовой и общетеоретический анализ) [Текст]: автореф. дис. … д–ра юрид. наук: 12.00.01 / Рахимзода Рамазон Хамро. – Душанбе: 2018. – 72 с.
175. Раҳмонзода, М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.08 / Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед. – Душанбе, 2020. – 157 с.
176. Рудаков, С.А. Уголовная ответственность за каржу по российскому и зарубежному законодательству (теоретико–прикладной анализ) [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Рудаков Сергей Александрович. – Нижний Новгород, 2005. – 239 с.
177. Савкин, Д.Е. Хищение в формах присвоения и растраты: уголовно–правовые и криминологические аспекты [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Савкин Дмитрий Евгеньевич. – Уфа, 2006. – 210 с.
178. Саидзода, Ш.Н. Мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқ: 12.00.08 / Саидзода Шоҳин Нуриддин. – Душанбе, 2018. – 181 с.
179. Сафарзода, А.И. Уголовно–правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан [Текст]: дис. ... д–ра юрид. наук: 12.00.08 / Сафарзода Анвар Ислом. – Душанбе, 2018. – 396 с.
180. Селиванов, И.О. Присвоение или растрата [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Селиванов Игорь Олегович – Калининград, 2002. – 178 с.

181. Скрипников, Д.Ю. Присвоение и растрата как способ изъятия и обращения чужого имущества, вверенного виновному [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Скрипников Денис Юрьевич. – М., 2009. – 203 с.
182. Солодовников, С.А. Криминологический анализ грабежей и разбоев в системе преступного насилия и их противодействие интересам личности и общества [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Солодовников Сергей Александрович. – М., 1997. – 274 с.
183. Тенчов, Э.С. Охрана собственности – институт уголовного права: социальная обусловленность, структура, функционирование [Текст]: дис. … д–ра юрид. наук: 12.00.08 / Тенчов Эдуард Соломонович. – Иваново, 1990. – 332 с.
184. Халиков, Ш.Л. Уголовная ответственность за умышленное причинение тяжкого вреда здоровью по законодательству Республики Таджикистан [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Халиков Шерали Лоик. – Душанбе, 2017. – 178 с.
185. Черненко, Т.Г. Множественность преступлений по российскому уголовному праву [Текст]: автореф. дис. … д–ра юрид. наук: 12.00.08 / Черненко Тамара Геннадьевна. – Томск, 2001. – 367 с.
186. Шарипов, Р.И. Уголовная ответственность за мошенничество по законодательству Республики Таджикистан [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Шарипов Рустамджон Исмоилхонович. – М., 2012. – 21 с.
187. Шульга, А.В. Объект и предмет преступлений против собственности в условиях рыночных отношений и информационного общества [Текст]: автореф дис. … д–ра юрид. наук: 12.00.08 / Шульга Андрей Владимирович. – Волгоград, 2008. – 63 с.
188. Шульга, А.В. Объект и предмет преступлений против собственности в условиях рыночных отношений и информационного общества [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Шульга Андрей Владимирович – Краснодар, 2008. – 367 с.

189. Щербакова, Е.О. Грабеж чужого имущества: проблемы уголовно–правового регулирования и противодействия: на материалах Южного федерального округа [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Щербакова Екатерина Олеговна. – Краснодар, 2008. – 191 с.
190. Ярмолик, В.И. Ответственность за имущественные хищения, сопряженные с асилием:автореф [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Ярмолик Валерий Иванович. – М, 2005. – 27 с.

V. Захираҳои электронӣ [электронный ресурс]

191. Всемирный Банк. Бедност в Таджикистане [Электроный ресус]. – Режим доступа: https://www.vsemirnyjbank.org/ru/news/ (дата обращение: 14.06.2022).
192. Национальная стратегия по контролю за наркотиками в Республике Таджикистан на 2021–2030 годы. Приложение 1 к указу Президента Республики Таджикистан от «20» марта 2021 года, №145 [Электроный ресус]. – Режим доступа: https: // akn.tj/ru/2021/04/15 /national–drug–control–strategy–of–the–republic–of–tajikistan–for–2021– 030/ (дата обращение: 01.05.2022).
193. Нишасти матбуотии Вазири корҳои дохилӣ оид ба фаъолияти хизматии кормандони милитсия дар соли 2021 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: // www.vkd.tj/index.php/tj (санаи муроҷиат: 5.03.2022).
194. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26 декабри соли 2018 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http: // www.president.tj/node/194 (санаи муроҷиат: 24.09.2022)
195. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар аз 21.05.2021 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: RL.http:// president.tj /node/ 25799 (санаи муроҷиат: 21.01.2022).

VI. Маводҳои таҷрибаи судӣ ва омор

196. Маҷмӯаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019) [Матн]. – Душанбе, 2019. – 449 с.

197. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – 2008. – №6 (1391). – М. 445.

198. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – 2004. – №5 (1342). – М. 346.

199. Постановление Пленума Верховного Суда СССР «Об усилении охраны личной собственности граждан» от 22 августа 1947 г., №12/8 [Текст] // Сборник постановлений Верховного Суда СССР и Верховного Суда РСФСР, 1946 – 1957. – М., 1958. – 346 с.

200. Маълумот дар асоси мактуби Сармаркази иттилоотӣ – таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.03.2022, таҳти №02/632–03 [Матн].

201. Маълумотномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омӯзиш ва ҷамбасти амалияи судӣ оид ба парвандаҳои вобаста ба «Ҷиноятӣ ғоратгарӣ», ки аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ дар соли 2017 то соли 2021 баррасӣ шудаанд.

202. Парвандаи ҷиноятии №1–209/16 // Бойгонии Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе / Таъиноти хусусии маҷлиси судӣ. – Соли 2016.

203. Парвандаи ҷиноятии №1–442/17 // Бойгонии Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе. – Соли 2017.

204. Парвандаи ҷиноятии №1–208/18 // Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2018.

205. Парвандаи ҷиноятии №1–20390/18 // Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2018.

206. Парвандаи ҷиноятии №1–512/18// Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2018.

207. Парвандаи ҷиноятии №1–105/18// Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2018.
208. Парвандаи ҷиноятии №1–383/2018// Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2018.
209. Парвандаи ҷиноятии №1–3916/18 // Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2018.
210. Парвандаи ҷиноятии №1–3585/18 // Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2018.
211. Парвандаи ҷиноятии №1–113/18 // Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2018.
212. Парвандаи ҷиноятии №1–4429/19 // Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2019.
213. Парвандаи ҷиноятии №1–34/19 // Бойгонии Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе. – Соли 2019.
214. Парвандаи ҷиноятии №1–54/21 // Бойгонии суди шаҳри Душанбе. – Соли 2021.
215. Парвандаи ҷиноятии №1–190/21 // Бойгонии суди шаҳри Душанбе. – Соли 2021.

ФЕҲРИСТИ
ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1–М]. Мирзоев Қ.Х., Миралиев Э.Б. Баъзе аз масъалаҳои таснифи ҷиноятҳо ба муқобили моликият [Матн] / Қ.Х. Мирзоев, Э.Б. Миралиев // Қонунгузорӣ. – 2019. – №1 (33). С. 117–122; ISSN 2410-2903.

[2–М]. Мирзоев Қ.Х., Шарипов Т.Ш. Масоили бандубасти ҷинояти ғоратгарӣ. [Матн] / Қ.Х. Мирзоев, Т.Ш. Шарипов // Паёми Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – 2020. – №7. – С. 275–278; ISSN 2413-5151.

[3–М]. Мирзоев Қ.Х. Масоили пайдоиши ҷинояти ғоратгарӣ дар қонунгузории Тоҷикистон [Матн] / Қ.Х. Мирзоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – 2022. – №8. – С. 324–330; ISSN 2413-5151.

[4–М]. Мирзоев Қ.Х. Тарафи объективии ғоратгарӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қ.Х. Мирзоев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №1 (25). – С. 197–208; ISSN 2414-9217.

II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

[5–М]. Мирзоев Қ.Х. Табиати ҳуқуқӣ – ҷиноятии ғоратгарӣ. [Матн] / Қ.Х. Мирзоев // Маволи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмиллалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018–2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140–солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70–солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2018. – С. 382–387.

[6–М]. Мирзоев Қ.Х. Ғоратгарӣ ҳамчун як шакли тасарруф [Матн] / Қ.Х. Мирзоев // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ–назариявӣ дар мавзуи: бахшида ба 20–солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва «Сиёсати ҷиноятӣ дар ҷодаи тамоюлҳои муосири ҷаҳонӣ». − Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2018. – С. 164– 168.

[7–М]. Мирзоев Қ.Х. Субъект ва тарафи субъективии ҷинояти ғоратгарии молу мулки ғайр [Матн] / Қ.Х. Мирзоев // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ–назариявӣ дар мавзуи: «Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25–солагии

қабули Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70–солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». − Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2019. – С. 592–595.

[8–М]. Мирзоев Қ.Х. Таҳлили ҳуқуқӣ–ҷиноятии ғоратгарӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия [Матн] / Қ.Х. Мирзоев // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019–2021)» ва «400–солагии Миробид Сайидои Насафӣ». − Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2019. – С. 172–173.

[9–М]. Мирзоев Қ.Х. Мафҳум ва моҳияти ҷиноятӣ ғоратгари тибқи қонунгузории ҶТ [Матн] / Қ.Х. Мирзоев // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ–амали бахшида ба таҷлили рузи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо». − Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2019. – С. 376–382.

[10–М]. Мирзоев Қ.Х. Масоили муайян намудани объекти ҷиноятӣ ғоратгарӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қ.Х. Мирзоев // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илми–амалӣ дар мавзуи «Муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: роҳҳо ва натиҷаҳои он». – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2020. – С. 50–52.

[11–М]. Мирзоев Қ.Х. Таҳлили ҳуқуқӣ–ҷиноятии ғоратгарӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Белорус [Матн] / Қ.Х. Мирзоев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500 солаги Саразми бостони», «700–солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолагии омузиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзиӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020–2040)». − Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2020. – С. 276–277.

[12–М]. Мирзоев Қ.Х. Фарқи ҷинояти ғоратгарӣаз дигар ҷиноятҳо ба муқобили моликият [Матн] / Қ.Х. Мирзоев // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илми–амалӣ дар мавзуи «Роҳҳои муосири мубориза бо коррупсия дар Тоҷикистон». − Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2021. – С. 61–68.